ҶОН БИВЕР
МУАЛЛИФИ ШОҲАСАРҲО

# ТАРС НАЗДИ ХУДО

ТАРЗИ АҶИБИ
ТАБДИЛЁБИИ ҲАЁТ
ТАВАССУТИ ТАРСИ СОЛИМ АЗ ХУДО

Дӯсти азиз!

Тарсро ҳамчун эҳсосоти иззату эҳтироме, ки бо тарсу ҳайрат омехтааст, тасвир менамоянд. Ин тарси солим, боэҳтиром ва муқаддас назди Худост, ки ҳар як хизматгузор бояд онро ҷӯяд, зеро маҳз эҳтиром назди Худо, дар асоси ҳар як ваъдаи Худо қарор дорад.

Фоидаи ин тарс бузург аст, он дар худ ҳикмати амиқ, наздикӣ бо Худо, дарозумрӣ, шараф, амният ва эҷоди мероси пойдорро дар бар мегирад. Дар Навиштаҳо равшан дар бораи он гуфта мешавад, ки чӣ тавр Худо ба онҳое, ки устуворона ба назди Ӯ дар итоаткорӣ ва ҳақиқат саъю кӯшиш мекунанд, наздик мешавад. Исо ин фазилатро аз ҳама бештар қадр мекард – ва аз ҷониби мо низ чунин рафтор кардан оқилона мебошад.

Ман шуморо ба он даъват мекунам, ки ҳаётро дар дини масеҳии тираву дилгиркунанда бо муносибатҳои наздик, дарозмуддат, пурмазмун, пурсамар ва пурра бо Худо, ки аз дигар тарсу изтироб маҳрум аст, иваз намоед.

Бародари шумо дар Масеҳ,



Ҷон
JohnBevere@ymail.com

MessengerX

Messenger
INTERNATIONAL

# ТАРС
## НАЗДИ
# ХУДО

ТАРЗИ АҶИБИ
ТАБДИЛЁБИИ ҲАЁТ
ТАВАССУТИ ТАРСИ СОЛИМ АЗ ХУДО

ҶОН БИВЕР

**The Awe of God**, Tajik, by John P. Bevere
Copyright © 2024 Messenger International
www.MessengerInternational.org
Originally published in English as The Awe of God
ISBN: 978–1–400–33670–8
Author photo © Meshalli Mitchell
Additional resources in Tajik are available for free download and video streaming at **MessengerX.com** and on the **MessengerX** App
To contact the author: JohnBevere@ymail.com

This book is a gift from Messenger International and is NOT FOR SALE

**«Тарс назди Худо»** Ҷон Бивер, бо забони тоҷикӣ
Copyright © 2024 Messenger International
www.MessengerInternational.org
Аввал бо забони англисӣ бо номи «The Awe of God» нашр шудааст
ISBN: 978–1–400–33670–8
Муалифи акс © Meshalli Mitchell
Манбаъҳои иловагӣ аз Ҷон ва Лиза Бивер ба забони тоҷикӣ барои зеркашӣ ва пахши ройгон дар **MessengerX.com** ва дар барномаи **MessengerX** дастрас аст.
Суроғаи электронӣ барои тамос бо муаллиф:
JohnBevere@ymail.com

Ин китоб — тӯҳфа аз хизматгузории «Messenger International» ва БАРОИ ФУРӮШ НЕСТ.

Зеркашӣ дар App Store
Инро гиред Google Play

App Store тамғаи молии Apple Inc. мебошад, ки дар ИМА ва давлатҳои дигар ба қайд гирифта шудааст. Google Play ва логотипи Google Play тамғаҳои молии Google LLC мебошанд.

*Ба зани аҷиби ман, дӯсти беҳтарин ва муҳаббати бебаҳоям – Лиза Бивер.*

«Зане ки аз Худованд метарсад, сазовори ситоиш аст». Масалҳо 31:30

*Ман ин китобро дар соли чилсолагии ҳаёти оилавии мо навиштаам. Ҳар сол бо ту танҳо беҳтар мешавад ва агар ба ман имконият медоданд, ман боз бе чунучаро бо ту издивоҷ мекардам. Суханон кофӣ нестанд, ки рӯҳбаландӣ ва хурсандиеро, ки ба қалби ман мебахши, ба ту изҳор намоям. Агар муҳаббат ва дастгирии ту намебуд, ман имрӯз он марде намебудам, ки ҳастам. Ту боҳикмат, шодон, дилрабо, тавоно, далер ва дилбар ҳастӣ. Ман то абад туро дӯст медорам.*

# МУНДАРИЧА

Чӣ тавр аз рӯи ин китоб бояд сафар кард ........ IX
Муқаддима ........ XIII

## ҲАФТАИ 1. ХУДОИ ТАВОНО

1. Ганҷи Худо ........ 3
2. Тарсҳои қутбӣ ........ 9
3. Тарси муқаддас аз Худо чист? ........ 15
4. Ҳузури моддии Худо ........ 21
5. Шоми фаромӯшнашаванда ........ 27
6. Андеша дар бораи Худо ........ 33
7. Ҷалоли Худо ........ 39

## ҲАФТАИ 2. ЧӢ ХЕЛЕ КИ ҲАСТ, ҲАМОН ТАВР ОШКОРАНД

8. Арзиши шумо ........ 47
9. Бархӯрди марговар ........ 53
10. Худо маро фаромӯш кард ........ 59
11. Тарс ва ларз ........ 65
12. Риёкории гузаранда ........ 71
13. Се сурат ........ 77
14. Қарорҳои абадӣ ........ 83

## ҲАФТАИ 3. МУҚАДДАСИИ РАДНОПАЗИР

15. Тарс назди одам ........ 91
16. Ҳуқуқ ........ 97
17. Аз бадӣ дур шавед ........ 103
18. Дарозумрӣ ........ 109
19. Худро пок созем ........ 115
20. Ҳадафи мо ........ 121
21. Хоҳиш ва қудрат ........ 127

## ҲАФТАИ 4. ҶАВОБИ МО БА КАЛОМИ ХУДО

22. Тарс назди Каломи Худо ........ 135
23. Бетаъхир ........ 141
24. Дар ин ягон маъно вуҷуд надорад ........ 147
25. Ҳеҷ ягон нафъи аён ........ 153
26. Дарди нек ........ 159
27. Иҷро шуд ........ 165
28. Виҷдони худро чӣ тавр бояд хомӯш кард ........ 171

## ҲАФТАИ 5. НАЗДИКӢ БО ХУДО

29. Наздикӣ дар куҷо оғоз мегардад ........ 179
30. На ҳамон Исо ........ 185
31. Ман шуморо намешиносам ........ 191
32. Сирри Худованд ........ 197
33. Маълумоти махфӣ ........ 203
34. Рӯ ба рӯ ........ 209
35. Шумо дӯстони ман ҳастед ........ 215

## ҲАФТАИ 6. ФОИДА АЗ ГАНҶ

36. Тасдиқи ваъдаҳои Ӯ ........................................................ 223

37. Тарсе, ки дигар тарсҳоро бартараф мекунад ........................ 229

38. Мерос ............................................................................ 235

39. Аз ҳама муҳимтарин......................................................... 241

40. Ҳаёти муваффақ ............................................................... 249

41. Марҳилаи хотимавӣ ........................................................ 255

42. Ба даст овардани ганҷ ...................................................... 261

*Замима. Назаре ба бузургии Худо* ............................................ 271

# ЧӢ ТАВР АЗ РӮИ ИН КИТОБ БОЯД САФАР КАРД

Хонандаи азиз!

Ин на танҳо паёми навбатӣ аст, балки як паёми муҳимест, ки агар шумо бовар кунед ва мувофиқи он амал кунед, шуморо абадан табдил хоҳад дод. Ман ба ин боварӣ дорам, зеро ин ҳақиқатҳо ҳаёти ман ва ҳаёти одамони зиёдеро тағйир додаанд. Ҳар боре, вақте ки аз ман маслиҳат мепурсанд – хоҳ оиди масъалаҳои издивоҷ, оила ё хизматгузорӣ, – ман дарҳол ба он чизе, ки дар ин китоб навишта шудааст, муроҷиат мекунам.

Бо назардошти он, ки ин паём аҳамияти калон дорад, ман вақти зиёдеро дар дуои андешамандона сарф кардам, то ки онро ба шумо расонам. Тарз ва набзи ҳаёти муосирро ба назар гирифта – талабот ба ҷадвал ва суръати тезе, ки мо дар он ҳаракат дорем, – ман зарурияти мутобиқ сохтан ва интиқол додани ин ҳақиқатҳоро дар ҳаҷми хурд, эҳсос намудам, то шумо оиди ин матнҳои кӯтоҳ андешаҳои чуқур дошта бошед.

Дар назари аввал, шояд чунин фикр кунед, ки ин китоб дар бораи андешаҳои кӯтоҳи библиявӣ барои ҳар рӯз аст, аммо ман шуморо бовар мекунонам, ки ин тавр нест. Иҷозат диҳед фаҳмонам. Китоби андешаҳои библиявӣ одатан барои ҳар рӯз мавзӯъҳои гуногунро пешниҳод мекунад, ки на ҳамеша бо паёми кӯтоҳ ва систематикӣ якҷоя карда шудааст. Гарчанде, ки ин китоб метавонад ба китоби андешаҳои кӯтоҳи библиявӣ монанд бошад, бо вуҷуди он ҳар рӯз дар як боби рӯзи қаблӣ сохта шудааст, ки одатан онро дар китоби пурраи ғайрибадей

ёфтан мумкин аст. Бартариаш дар он аст, ки шумо метавонед қарор кунед, ки онро шумо чӣ тавр хондан мехоҳед. Аниқ аст, ки онро дар як ё ду рӯз хондан мумкин аст; агар хоҳиш дошта бошед, аммо, ман хеле тавсия медиҳам, ки онро шаш ҳафта (як боб дар як рӯз) ё се ҳафта (як боб дар субҳ ва як боб дар шом) бихонед.

Дар охири ҳар боб, дар боби «Инро шахсӣ кунед", шумо панҷ воситаеро пайдо мекунед, ки ба шумо барои афзун гардонидани фоидаи хониши шумо, кӯмак мерасонанд. Дар он панҷ нуқтаи зерин номбар шудаанд:

1. **Ояти Китоби Муқаддас**. Ман як порчаеро аз Навиштаҳои Муқаддас меорам, ки дар заминаи паёми рӯз муҳим аст. Шояд он дар матни асосии боб набошад, вале маънои онро қавӣ мегардонад. Ман хеле тавсия медиҳам, ки ин порчаҳоро аз ёд намоед.
2. **Маъно**. Ин фикри асосии боби мазкур аст ва таъкидшуда аст, то муҳимияти онро расонанд. Такрор намудан, самаранокии онро қавитар мегардонад, вақте ки шумо бармегардед ва бобро дида мебароед.
3. **Мулоҳиза.** Ин бениҳоят муҳим аст. Забурнавис мегӯяд: "Дар бораи фармудҳои Ту фикру хаёл мекунам ва ба роҳҳои Ту назар меандозам" (Забур 118:15). Мо андеша меронем, бо фикри он, ки Каломи Худо ба ҳолати ҳозираи мо, чӣ гуна татбиқшаванда аст. Навишта шудааст, ки бо чунин рафтор мо мешукуфем ва комёб мешавем (ниг. Еҳушаъ ибни Нун 1:8, Забур 1 ва Тимотиюс 4:15).
4. **Дуо**. Ғайр аз он, дуое оварда мешавад, ки таълимоти ин бобро инъикос мекунад. Бисёр муҳим аст, ки Худо овози моро шунавад ва мо ба Ӯ иҷозат диҳем, ки моро мувофиқи Каломи Ӯ тағйир диҳад.
5. **Эътироф**. Навишта шудааст, ки *мамот ва ҳаёт* дар дасти сухани гуфтаи мо аст. (ниг. Масалҳо 18:21) Вақте ки мо он чизеро, ки Ӯ дар бораи мо, дар бораи рӯҳ, ҷон ва ҷисми мо тасдиқ мекунад, мо ба иродаи Ӯ нисбати мо мувофиқат мекунем ва ин роҳи собитшудаи эҳсосоти пуррагии ҳаёт аст.

Ман бори дигар шуморо даъват мекунам, ки барои мутолиаи ин китоб вақт ҷудо кунед, то ҳақиқатҳои Каломи Худо ба дил ва ақли шумо ворид шаванд. Агар шумо дар ҳафтаҳои оянда, ҳар рӯз дар бораи ин ҳақиқатҳо андеша кунед, онҳо то шуури шумо расида, дар ҳаёти шумо реша меронанд. Ин танҳо маълумот нест, ин роҳи ба Худои мо наздик шудан аст. Ман инчунин ба шумо тавсия медиҳам, ки бобҳоро хонед ва ҳар яке аз панҷ қадами қисмати «Инро шахсӣ кунед»–ро

гузаред ва зери даст дафтари қайдҳо дошта бошед. Ҳар рӯз фикрҳо ва дуоҳои худро дар дафтар нависед, то ки дертар ба он баргашта, шумо он чиро, ки Рӯҳулқудс ба ақли шумо кушод, ба хотир оварда тавонед.

Тавсияҳои иловагӣ: Дар аввал, бо ёрии смартфон ё соати дастӣ вақтро қайд кунед, ки ба шумо барои хондани боб, кор бо қисмати «Инро шахсӣ кунед» ва дафтари қайдҳо чӣ қадар вақт лозим мешавад. Шитоб накунед, ин рақобат нест. Қайд кардани вақт, барои он лозим аст, ки пас аз чанд боб шумо тавонед бо назардошти вақти миёнаи худ, хондани бобҳои ояндаро оқилона ба нақша гиред.

Сонияи, кӯшиш кунед, ки одатеро инкишоф диҳед ва ба ягон чиз иҷозат надиҳед, ки шуморо, дар вақти барои кор бо китоб ҷудошуда, парешон кунад. Ман бо умед дуо мекунам, ки ҳангоми ин китобро хондани шумо, Худо ҳамаи он бахшоишҳоеро, ки дар тӯли чиҳил соли охир ба ман дода буд, ба шумо диҳад.

Сеюм, нома ҳамеша натиҷаи бисёртар медиҳад, вақте ки ман онро таълим медиҳам ё онро дар иҳотаи дӯстон таҳқиқ мекунам. Якчанд дӯстони наздики худро интихоб кунед ва бо онҳо кор кунед. Пас аз омӯзиши мустақилонаи боб дар танҳоӣ бо худ ва Рӯҳулқудс, бо дӯстон ҷамъ шавед, то он чизеро, ки Ӯ ба шумо нишон додааст, мубодила кунед. Инро мунтазам иҷро кунед.

Ман оиди он дуо мекунам, ки шумо ҳангоми саёҳат дар мавзӯъи "Тарс назди Худо" дар наздикшавӣ ба Худо инкишоф ёбед. Муҳим аст, ки шумо муқаддимаро хонед, на балки шиносоиро бо китоб якбора аз боби якум оғоз кунед, чунончи он дили шуморо ба мавзӯи муҳокимакунӣ мекушояд. Ва ҳангоме, ки шумо хонданро ба итмом мерасонед, ман мехоҳам ҳикояҳои шуморо дар бораи он, ки чӣ тавр имони шумо мустаҳкам шуд ва ҳаёти шумо тавассути тарси муқаддаси Худо тағйир ёфт, бишнавам.

Бо самимият,
Ҷон Бивери шумо

P.S. Бори дигар ба шумо хотиррасон мекунам: муқаддимаро аз даст надиҳед! Ман дуо мекунам, ки он дар ботини шумо оташеро афрӯзад ва шумо аз тарси муқаддас пур шуда, рост ба ин нома ғӯта занед.

# МУҚАДДИМА

Тарс. Одамон тӯли солҳои дароз кӯшиш мекарданд, ки аз он халос шаванд. Онҳо таҳқиқот мегузарониданд, бар зидди он мубориза мебурданд ва барои аз ҳаёти мо дур кардани таъсири он, таблиғ мекарданд. Ҳатто иқтибоси машҳури президент Франклин Д. Рузвелт таваҷҷӯҳро ба он ҷалб мекунад: “Ягона чизе, ки мо аз он бояд битарсем, – ин худи тарс аст”. Дар ҳар як платформаҳо овозҳо фарёд мезананд, ки мо бояд роҳҳои бартараф кардани тарсро пайдо кунем ва мо метавонем садҳо, ҳатто ҳазорҳо китобҳои худёрирасониро пайдо кунем, ки махсус барои ин мақсад навишта шудаанд. Аз охири солҳои 1980–ум одамон дар ҳама ҷо ягон либосе мепӯшиданд, ки дар он шиори далеронаи «Тарс нест» навишта шуда буд. Чунин ба назар мерасад, ки мо дар хоҳиши худ устувор ҳастем, ки ҳама тарсро аз ҳаёти худ дур кунем.

Ин ҷанги муқаддас асоснок, оқилона ва олиҷаноб ба назар мерасад ва гарчанде ки дар бисёр ҷабҳаҳояш чунин аст, дар бисёр ҷабҳаҳои он ҳақиқат дар он аст, ки *на ҳама гуна тарс бад аст*. Ман фикр мекунам, ки ин васвоси, аз он бармеояд, ки ҳама тарсҳо одатан ба як категорияи калон бо номи “зараровар” якҷоя карда шудаанд. Вале ин тахмин оё дар ҳақиқат дуруст аст?

Аввалан, эътироф кардан муҳим аст, ки тарсу ҳаросҳои *харобиовар* албатта вуҷуд доранд, ҳатто агар онҳо ба назар асоснок намоянд. Агар мо аз гум кардани тамоми пул ва тамоми дороии худ битарсем, эҳтимолан мо дар васвоси онҳо ҳастем ва метавонем ба хасисон ва хазинадороне, ки ба пулу дороии худ саҷда мекунанд, табдил ёбем. Агар мо аз гум кардани шавҳар ё зани худ битарсем, ба ӯ аз ҳад зиёд мечаспем ё ба ҳар як амали ӯ бо шубҳа муносибат мекунем. Дар ҳарду

ҳолат, ин ба радшавӣ оварда мерасонад ва баъдан ба муносибатҳо зарар мерасонад. Агар дар мо тарси амиқи аз даст додани ягон чиз вуҷуд дошта бошад, он метавонад моро маҷбур созад, ки эҳсосоти нав ва таҷрибаҳои навро ҷустуҷӯ кунем, лекин аз ҳисоби муоширати солим, робитаҳои қавӣ ва осоиштагии аҷибе, ки бо ӯҳдадорӣ меояд. Агар мо барои бехатарии фарзандони худ битарсем, эҳтимол аст, ки тавассути пахш кардан ё ташвиқ кардани рафтори исрофкоронаи онҳо, мо барои ба воя расидани онҳо монеъа мешавем. Чунин ба назар мерасад, ки ин рӯйхат беохир аст.

Аз тарафи дигар, тарсҳои *фоидаовар* ба мо имкон медиҳанд, ки равшан фикр кунем. Тарси аз сахраи баландиаш ду ҳазор фут афтодан, ба мо ҳикмат медиҳад, ки ба канораш наздик нашавем, то налағжем. Тарси афтодан ба чанголи хирси гризли ба мо ҳикмат медиҳад, ки хирсмодар ва хирсбачаҳои ӯро зери хатар нагузорем. Тарси нагирифтани сӯхтании дараҷаи сеюм ба мо ҳикмат медиҳад, ки ҳангоми аз танӯр берун кардани табақи гарм дастпӯшакҳои махсус пӯшем.

Бо вуҷуди ин, тарси фоидаовар, сарфи назар аз ҳама манфиатҳои муфиди худ, метавонад вайроншуда бошад ва ҳаёти моро бадтар кунад. Ҳамин тариқ, тарси идоранашавандаи афтидан моро аз сафар бо ҳавопаймо бозмедорад ва ба ин васила моро ба замин фуруд меорад. Тарси идоранашаванда аз хирси гризли моро аз лаззати сайругашт дар ҷангал маҳрум мекунад ва тарс аз сӯхтан метавонад дар мо тарси даргирондани танӯр ва пухтани кулчаҳои хуштаъми хонагиро инкишоф диҳад.

Саволи аслие, ки мо бояд диҳем – ин аст: *мо аз чӣ бештар метарсем?* Ин назар ба он, ки диққати худро ба он, ки чӣ тавр аз тарси харобиовар бояд халос шавем ё мубориза бурдан бо тарсҳои фоидаовар, муҳимтар аст. Ин саволи оқилона аст ва агар ба он, бо тарзи зарурӣ ҷавоб диҳем, он ҳамаи тарсҳои дигарро ба ҷои дуюм мегузорад ва сифати ҳаёти моро – чи хеле ки ҳозир ва ҳам дар абадият, баланд мегардонад. Он роҳи ҳаёти хубу пурраро равшан месозад. Дар Китоби Муқаддас дар бораи тарс бисёр гуфта шудааст ва хулоса ин аст: “Худотарсӣ ибтидои дониш аст” (Масалҳо 1:7). Ин на танҳо ҳикмат, балки ҳикмати Худо аст, барои шурӯъ кардан ҷои бад нест.

Инак, фикр кунед: чӣ мешуд, агар тарси дуруст равонашуда – ин *фазилат* бошад? Чӣ мешуд, агар тарс аз Худо – ин роҳи ғайриоддӣ барои муносибатҳои ҳақиқӣ бо Ӯ бошад? Ва чӣ мешуд, агар маҳз

ҳамин тарси муқаддас ба мо пуррагии ҳаётеро, ки пайравони Масеҳ дар тӯли садсолаҳо ба даст меоваранд, ошкор созад? Чӣ мешуд, агар маҳз ҳамин тарс моро аз ҳама тарсҳои дигар раҳо кунад – тарс аз оғози тиҷорати худ, тарс аз амали ҳукумат, тарс аз он ки бо фарзандони шумо чизе рӯй доданаш мумкин, тарсе, ки аз он гипохондрик азоб мекашад, тарсе, ки боиси бемории рӯҳӣ ё депрессивӣ мегардад (рӯйхатро беохир идома додан мумкин аст)?

Пеш аз он ки мо саёҳати худро оғоз кунем, ба ман иҷозат диҳед, ки ба шумо чор тасдиқоти ҳақиқатро диҳам.

1. Мо инсонем ва тарсу ҳаросро эҳсос мекунем.
2. Тарсу ларз аз Худо, назар ба он ки аксарият ба худ барои тасаввур кардан ҳам ҷуръат намекунанд, хеле амиқтар, зеботар ва наздиктар аст.
3. Тарс аз Худо тамоми тарсҳои харобиоварро дар худ фаро мегирад.
4. Тарс аз Худо – ибтидои ҳамаи некиҳост.

Баъзе одамон дуруст ба мо хотиррасон мекунанд, ки Китоби Муқаддас тахминан 365 маротиба "натарс" мегӯяд, аз ин рӯ бисёр масеҳиён хулоса мекунанд, ки Худо намехоҳад, ки мо тарсем. Аммо ин оятҳо ба тарси *харобиовар* тааллуқ доранд. Зиёда аз он, ман метавонам тақрибан 200 оятро аз Китоби Муқаддас иқтибос орам, ки моро ба "аз Худо тарсидан" даъват мекунад. Ва аламовараш он аст, ки: дар саъю кӯшиши нест кардани ҳама гуна тарс аз ҳаёти мо (аз ҷумла фазилати тарси Худо), ин соҳаи имони мо омӯхтанашуда, номаълум боқӣ мемонад ва фоида намеоварад.

Тарс аз Худованд пуршарафтар аст ва аз оне, ки мо тасаввур карда метавонем, он ба мо бештар тарс ва ҳатто хурсандӣ бахшида метавонад. Баъдан, ман мехоҳам ба шумо нишон диҳам, ки чӣ тавр тарси дуруст равонашуда – яъне фазилати тарси Худо – роҳи ҳаётеро мекушояд, ки аз ҳамаи он чизе, ки шумо ягон вақт ба худ тасаввур карда будед, болотар аст. Ва танҳо дар он сурат мо метавонем ба ҳама чизе, ки ҳаёт ба мо пеш меоварад далерона ҷавоб диҳем. Ба ибораи Чарлз Сперҷен: "Тарс аз Худо – ин марги ҳама гуна тарси дигар аст; мисли шери тавоно он таъқиб мекунад ва ҳама тарсҳои дигарро меронад".

Умед дорам, ки ҳангоми мутолиаи ин китоб, шумо ба ин фазилат амиқтар ворид хоҳед шуд, ниқоби динии он чизеро, ки вай нест,

мекашед ва барои худ некии он чиро, ки пойҳои моро ба замини мустаҳкам мегузорад, боз хоҳед кард. Бале, аз бадӣ натарсед, аммо бифаҳмед, ки чӣ гуна фазилати нодуруст фаҳмидани тарс аз Худованд, ҳаёти шуморо ба нашъунамо кардани як чизи аҷибу зебо водор месозад.

Биёед аз омӯхтани он оғоз кунем, ки то чӣ андоза Худои мо боқудрат аст, Ӯ илҳоми тарси мӯътабар мебахшад.

Мо таҳқиқоти худро «Тарс назди Худо» номгузорӣ мекунем!

# Худои

# ТАВОНО

## ҲАФТАИ 1

Тарси Худованд – ин ганҷи Ӯ мебошад, санги қиматбаҳоест, ки танҳо ба... хеле маҳбубон дода шудааст.

– ҶОН БУНЯН

# 1| ГАНҶИ ХУДО

Чӣ мешуд, агар ба шумо дар бораи як фазилати махфӣ нақл мекарданд, ки он аслан калид барои тамоми ҳаёт аст? Он ҳадафи мавҷудияти шуморо ошкор мекунад ва ҳузур, ҳифз ва таваҷҷуҳи Офаридгори шуморо ҷалб мекунад. Ин решаи хислати наҷиб, асоси хушбахтӣ ва калиди тағйиротҳои зарурӣ дар ҳама ҳолатҳои ногуворе мебошад, ки шумо шояд бо он дучор мешавед. Доштани фазилати қавӣ метавонад умри шуморо дароз кунад, саломатии бардавом бахшад, муваффақият ва амниятро таъмин созад, камбудиҳоро аз байн барад ва мероси арзандаро кафолат диҳад.

Хеле афсонавӣ садо медиҳад? Шояд шумо фикр кардед, ки дар дасти худ китоби дар жанри бадеӣ навишташуда доред? Ин чунин нест. Ман шуморо бовар мекунонам, ки ман ҳақиқати мутлақро гуфтам.

Аксарияти одамон, ки бо чунин воқеият рӯ ба рӯ шуда, метавонанд табассум карда ва сахт эътироз кунанд: "Чунин фазилат вуҷуд надорад!" Бо вуҷуди он, ҳар як ваъдаи дар боло овардашуда, бешубҳа аз тарафи яке аз шахсони хирадмандтарине, ки як вақтҳо дар рӯи замин зиндагӣ кардааст, навишта шудааст, зиёда аз ин, он аз тарафи ӯ бо илҳоми Офаридгори мо навишта шудааст – ва суханони Ӯ бехато мебошанд!

Ба ҳар ҳол, Сулаймон қабл аз ҳаёти заминӣ рафтанаш, аз хушбахтие, ки дар бораи он навишта буд, дур шуд, зеро дили ӯ Сарчашмаи ҳикмати ӯро тарк намуд ва ӯ тадриҷан аз роҳи дурусти ҳаёт дур шуд.

Ба ман иҷозат диҳед мухтасар таърихи ӯро нақл кунам. Ҳанӯз дар овони кӯдакӣ Сулаймон таълим гирифта, ин фазилатро қабул карда буд. Вай бо хислати қавӣ ва олиҷаноб ва фаҳмиши инкишофёфта ба воя расид. Вай зуд малакаҳои роҳбариро пайдо кард ва баъдан ҳокими миллионҳо одамон гардид. Пас аз ба Худо рӯ овардани худ, ӯ ҳикмати

бебаҳо ба даст овард, барои фаҳмиши ӯ ягон чизи душвор набуд. Ӯ ҳазорон суханани боҳикмат навишта, садҳо суруд эҷод намудааст: “Ва ӯ дар бораи дарахтон сухан рондааст, — аз арзе ки дар Лубнон аст, то зуфое ки бар деворҳо мерӯяд; ва дар бораи чорпоён ва мурғон ва ҳашарот ва моҳиён сухан рондааст” (3 Подшоҳон 4:33).

Ин шахси хирадманд чунин дараҷаи комёбӣ, хушбахтӣ ва шӯҳратеро ноил гардид, ки бо он на пештар ва на баъд аз ӯ касе баробар набуд. Подшоҳону маликаҳо, сафирон ва шахсони воломақом роҳҳои дурударозро тай менамуданд, то ки дар паҳлӯи ӯ бошанд, фикрҳои ӯро шунаванд, шоҳиди бузургӣ ва ягонагии ҳамфикрони ӯ гарданд ва ба таъсири он навовариҳое, ки ба халқаш қувваю сарвати бузург бахшиданд, дучор гарданд. Вай одамонро чунон мутаассир мекард, ки як малика ба ҳикояҳое, ки пеш аз ташрифаш ба назди ӯ шунида буд, бовар накарда буд. Аммо дертар, пас аз чанд муддати бо ӯ буданаш, вай хитоб кард: “Вале ман ба суханон бовар накарда будам, то даме ки омада, бо чашмони худ дидам; ва инак, нисфаш ба ман маълум нашуда будааст: ҳикмат ва ҷалоли ту аз овозае ки ман шунида будам, бештар аст. Хушо одамони ту, хушо ин навкарони ту, ки ба ҳузури ту ҳамеша меистанд ва ҳикмати туро мешунаванд!” (3 Подшоҳон 10:7, 8).

Аз порчае, ки мо хондем мефаҳмем, ки мардум дар давраи ҳукмронии ӯ хушбахтона зиндагӣ мекарданд ва дар фаъолияти худ самаранок буданд. Камбағалӣ вуҷуд надошт; ҳар як оила дар давраи подшоҳии ӯ хона ва боғи худро дошт. Таърих хабар медиҳад, ки “мехӯрданд ва менӯшиданд ва хурсандӣ мекарданд” (3 Подшоҳон 4:20). Онҳо дар шароити сулҳу амонӣ зиндагӣ мекарданд.

Вақт мегузашт ва ин ҳокими шариф оҳиста–оҳиста аз роҳе, ки сарчашмаи тамоми дастовардҳои ӯ буд, дур шуд. Вай дар пеши чашмони худ хирадманд шуд ва дигар ба ҳикмати ин фазилат гӯш доданро нолозим меҳисобид. Ӯ роҳашро гум кард ва баъдан ба як беҳаёи талхгӯй табдил ёфт. Аз ин иштибоҳ на танҳо худи ӯ, балки онҳое низ, азоб мекашиданд, ки ӯро пайравӣ мекарданд.

Барои ӯ зиндагӣ бемаънӣ шуд. Вай чунин ибораҳои паст–занандае навиштааст, ба монанди “Ҳама чиз – дилгиркунанда, дилгирии пурра, ҳеҷ кас дар он ягон маъное пайдо карда наметавонад” ва “Таърих танҳо такрор мешавад, зеро дар зери офтоб чизи наве нест”. Вай инчунин мисраҳои пурмазмунтар навиштааст: “Рӯзи марг беҳтар аз рӯзи таваллуд аст”, “Он чи каҷ аст, рост намешавад ва он чиро, ки нест, ҳисоб карда намешавад”.

Воқеан, ӯ як китоби пуррае навишт, ки дар он ҳамаи бемаъногии

мавҷудияти ҳаётро тасвир кардааст; барои ӯ ҳама чиз ботил буд. Ин шахс дар як муддати нисбатан кӯтоҳ аз қуллаи муваффакиятҳо ба умқи пессимизми даҳшатнок афтод. Имрӯз, бисёре аз равоншиносон ба ӯ ташхиси «шакли шадиди психози маникалӣ–депрессивӣ»–ро мегузоштанд. Чӣ тавр як нафар метавонад ба чунин ифротӣ равад?

Хабари хуш ин аст, ки таърихи ӯ дар умқи ноумедӣ хотима намеёбад. Баъдан, ӯ ба фазилати аз ҳама муҳимтарини ҳаёт баргашт. Мо намедонем, ки ӯ чанд моҳ ва ҳатто солҳоро барои навиштани ин китоби тира сарф кардааст, аммо боби охирини он барои шифо ёфтани ӯ умед мебахшад. Ӯ аз он оғоз мекунад, ки онро ҳафт маротиба дар ин ё он шакл менависад: “Офаридгорро дар хотир дор” ва бо ин суханон анҷом медиҳад:

> “Акнун, ки ҳамааш шунида шуд, хулоса ин аст: *аз Худо битарс* ва аҳкоми Ӯро риоя намо, зеро ин ҳама дар бораи инсон аст [мақсади аввалиндараҷаи офариниши ӯ, ҳадафи пешгӯии Худо, решаи хислат, асоси ҳама гуна хушбахтӣ, тағйирот дар ҳама ҳолатҳои ногувор ва шароити зери офтоб) *ва* дар ин тамоми [ӯҳдадории] ҳар як инсон аст” (Воиз 12:13, тарҷума аз англисӣ).

Фазилати баландарзиш – ҷуз *тарси Худо* чизе нест. Муаллиф, подшоҳ Сулаймон, мегӯяд, ки ин шарти ҳатмӣ барои зиндагии пурфайзу фаровон аст. Дар Навиштаҳои Муқаддас мо мехонем: “Кист он касе ки аз Худованд *метарсад?* Варо ӯ ба *роҳе* ки интихоб намудааст, ҳидоят хоҳад кард” (Забур 24:12). Ин роҳ ғайриоддӣ аст, зеро мутаассифона, бисёриҳо мисли подшоҳ Сулаймон дар лаҳзаҳои ториктарини ҳаёти худ боварӣ доранд, ки хирадмандии худашон ба онҳо муваффақият ва хушбахтӣ меорад. Тарси муқаддас муносибати моро бо ҳикмати Офаридгори мо нигоҳ медорад – Ҳамон Ягонае, ки медонад, ки чӣ моро қувват медиҳад ва чӣ моро пахш мекунад.

Аҳамияти тарси муқаддас аз тамоми фазилатҳои дигар ончунон бартарӣ дорад, ки Навиштаҳо онро хурсандии Исо меноманд (Ишаъё 11:3, ТНР) ва айнан ҳамон тавр аҷоиб мегӯяд: “Тарси Худованд – ганҷ [Худо] аст” (Ишаъё 33:6, ТНР). Таваққуф кунед ва фикр кунед: тарс аз Худованд ин *хурсандӣ ва ганҷи* Худои бузург аст. Аҷиб! Пас аз чанд лаҳза, мо ин воқеъияти аҷибро амиқтар меомӯзем, аммо аввал мо ба подшоҳ Сулаймон бармегардем.

Барои чӣ ман ин паёмро аз андешаҳо дар бораи муваффақият, суқут ва барқароршавии ниҳоии ӯ оғоз мекунам? Солҳои аввали хизматгузории ман, суханони як пешвои хирадманд диққатамро ба худ ҷалб намуданд ва то абад бо ман монданд. Ӯ гуфт: “Ман ба худ

як қоидаро гирифтам, ки аз ба вазифаи роҳбарикунанда пешбарӣ кардани шахси дорои обрӯи бенуқсони корӣ, худдорӣ намоям".

Ба саволи ман "Чаро?" дар ҷавоб ӯ гуфт: "Ман бештар хислати одамро аз муносибаташ ба нокомӣ мефаҳмам. Оё вай масъулиятро ба дӯш гирифт, тавба кард ва ба шарофати ин таҷриба вай рушд кард? Ё ӯ танҳо рафтори худро сафед карда, айбро ба гардани каси дигар гузошт? Нокомиҳо нишон медиҳанд, ки оё шахс қодир аст масъулиятро ба ӯҳдаи худ гирад". Ман фаҳмидам, *ин оиди он мегӯяд, ки одам ҳикматро бештар аз ҳама қадр мекунад ё не*.

Сулаймон арзиши тарси пурҷалолро пурра дарк намекард, гарчанде ки вай онро зери илҳоми Рӯҳулқудс таълим медод! Барои ҳамин ҳам чунин шуд, ки ӯ ин тарсро тарк кард. То суқути ӯ тарси парҳезгорӣ, ганҷ ва хурсандии ӯ набуд; он таҳкурсии вайроннашавандаи мақсаду амалҳои ӯ набуд. Вақте ки Сулаймон пешпо хӯрд, беақлиро дар ҷонаш эҳсос кард ва ниҳоят барқарор шуд, ӯ миқёси бузургии қудрати ин тарсро пурратар дарк кард.

Ҳаввории Павлус бо чунин тарз навишта буд:

> "Не, ман ҷисмамро машқ медиҳам, онро ба худ мутеъ мегардонам, зеро *метарсам*, ки ҳангоми ба дигарон мавъиза кардани Инҷил ва ҳама чизҳое, ки бо он алоқамананд, ман худам маҳрум набошам [аз озмоиш нагузарам, розигӣ нагирам ва ҳамчун қалбакӣ рад карда нашавам]" (1 Қӯринтиён 9:27, тарҷума аз англисӣ).

Павлус дарк мекард, ки қадр намудани ҳикмате, ки Рӯҳи Худо ба ӯ боварӣ кардааст чӣ қадар муҳим аст ва ба ҳамон хатогии фоҷиавие, ки подшоҳ Сулаймон содир кардааст, на бояд роҳ диҳад. Ба ӯ ҳақиқатҳои махфии аҳди Худо ошкор шуда буданд, ки барои одамони бисёр озодӣ мебахшиданд, агарчи ӯ дар *тарси* пурҷалол ганҷи бебаҳо ва заруриятро намедид, ӯ низ ниҳоят бепарвои ноумед – нолоиқ, беарзиш ва радшуда, ҳамчун қалбакӣ мешуд.

Қабули тарси пурҷалол, ҳамчун гаронбаҳотарин ганҷ, ба мо қувват мебахшад, ки дар итоаткорӣ ба ҳақиқат бимонем ва ҳамин тариқ моро дар роҳи ҳаёте нигоҳ медорад, ки мукофотҳои аҷибе хоҳад овард.

Вақте ки бештари одамон тарсро як чизи бефоида ва ҳатто зиёновар меҳисобанд, шояд ба назар чунин менамояд, ки барои эътироф кардани *тарс аз Худованд* ҳамчун як фазилати судманд ва арзишманд, асос вуҷуд надорад. Бо вуҷуди он дар асоси мақоми Навиштаҳои Муқаддас, ман шуморо бовар мекунонам, вақте ки мо онҳоро қабул мекунем, мо қувват ва қобилияти нигоҳ доштани худро дар роҳи ҳаёт хоҳем дошт. Бо ин роҳ мо бо Худо наздикии ҳақиқиро

эҳсос хоҳем кард ва манфиатҳоеро ба даст меорем, ки ба шарофати он ҳаёти мо тағйир меёбад, аз ҷумла – ба шакли Исои Масеҳ табдил ёфтан. Бинобар он, биёед саёҳати худро аз ҷустуҷӯи тарси эҳтиромона дар назди Худо оғоз кунем.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** "Ва айёми ту бо ганҷи наҷот, ҳикмат ва дониш устувор хоҳад шуд; тарси Худованд махзани он хоҳад буд" (Ишаъё 33:6).

**Маъно.** Тарси муқаддас – ин ганҷи Худо аст; он бояд аз они мо бошад.

**Мулоҳиза.** Ҳамчун ганҷ қадр кардани тарси муқаддас чӣ маънои амалӣ дорад? Ман бо он чӣ гуна бояд муносибат кунам? Бо он чӣ тавр бояд рафтор кард? Чӣ тавр ман ӯро аз даст надиҳам?

**Дуо**. Падари Осмонии азиз, ман аз Ту хоҳиш мекунам, ки ба ман дар ин сафар дар ҷустуҷӯи тарси Худованд, иҷозат деҳ, ки то онро бишносам, бо он зиндагӣ кунам ва аз он лаззат барам. Бигзор он ганҷи ман шавад, чунон ки он барои Ту аст. Бигзор, он ба ман ҳикмат ва донише диҳад, ки барои зиндагии ғанӣ ва муваффақ, ки дар назари Ту писанд мебошад, зарур аст. Ва бигзор ҳама аҳли хонадонам ва дӯстонам хабардор бошанд, ҳар касе, ки бо ман муошират мекунад, қадри онро бидонад. Ман инро ба исми Исои Масеҳ, Худованд ва Наҷотдиҳандаи ман, хоҳиш мекунам. Омин.

**Эътироф.** Ман қадр намудани тарси муқаддасро ҳамчун ганҷи бузург дар ҳаёт интихоб мекунам ва бо чунин рафторам, ман барои дар роҳи ҳаёт боқӣ мондан, қувват мегирам.

Аз Худо битарсед,
бале, лекин аз
Ӯ ҳаросон нашавед.

– Ҷ. А. СПЕНДЕР

# 2| ТАРСҲОИ ҚУТБӢ

Тобистони соли 1994 маро ба калисое дар ҷанубу–шарқии Иёлоти Муттаҳида даъват карданд. Ин калисои калоне буд, ки ду сол пештар ҳангоми хизматгузории башоратдиҳанда, ки ба он ҷо барои чор ҳафта ташриф оварда буд, ламси пурқуввати Худоро эҳсос карда буд. Бедоршавӣ иҷозат дод, ки файз, муҳаббат ва хурсандии Худо эҳсос карда шавад, он ба ҳаёти бисёр одамон ба таври мӯъҷизавӣ таъсир расонд. Аммо мутаассифона, Калисо дар ҳамон хавотириҳое, ки давраи бедоршавӣ гирифта буд қарор дошт ва минбаъд дили Худоро дарк накард. Аслан, одамон дар он дармонданд ва мувозинати худро гум карданд.

Дар он вақт ман бо омӯзиши мавзӯъи тарси муқаддас машғул будам. Ман мефаҳмидам, ки тарси Худованд муҳим аст, аммо ман ҳанӯз то охир дарк накардаам, ки он чӣ аст, бинобар он омода набудам, ки дар ин бора аз минбар мавъиза кунам. Ба он нигоҳ накарда, ман ҳис мекардам, ки ман бояд тамоми тарсҳои худро як сӯ гузошта, дар ҷамъомади шоми аввал дар бораи тарси Худованд мавъиза кунам.

Ман ба саҳна баромадам ва дар асоси фаҳмиши маҳдуди ин мавзӯъ ба ҷамъомад муроҷиат намуда, шурӯъ кардам. Нигоҳҳои холии одамон дар толор ва бепарвоии комили онҳо боварии маро афзун намекард. Ба назар чунин мерасид, ки суханони ман бе диққат монданд. Аммо ман ҳақ будам ва ба зудӣ фаҳмидам, ки барои чӣ.

Бегоҳии дигар, пас аз он, ки мадҳкунӣ ба охир расид, пастори калон ба саҳна баромад, то ки чӣ хеле, ки ман фикр мекардам, сухангӯӣ ҷамъомадро муаррифӣ кунад, аммо ман хато кардам. Дар давоми понздаҳ дақиқа ӯ он чизеро, ки ман дар хизматгузории қаблӣ мавъиза карда будам, ислоҳ мекард. Қайдҳои ӯ ин буд, ки тарс аз Худованд

танҳо ба замони Аҳди Қадим тааллуқ дорад ва ба масеҳиён, чӣ хеле, ки дар Номаи дуюми Тимотиюс навишта шудааст, “рӯҳи тарс” дода нашуда буд (1:7).

Ман дар сафи пеш қарор доштам ва дар ҳайрон будам. Ман худро ҳамчун дар хоби бад ҳис мекардам. Ҳар қадаре, ки ӯ гап мезад, ман ҳамон қадар худро ноороҳат ҳис мекардам. Баъд ӯ гуфт: «Дар Аҳди Ҷадид гуфта шудааст: “Дар муҳаббат ҳаросе нест, балки муҳаббати комил ҳаросро бадар меронад” [1 Юҳанно 4:18]. Бинобар он, чизе ки Ҷон бегоҳии рӯзи гузашта таълим дод, – хатогӣ аст ва ман мехоҳам шуморо аз он огоҳ кунам». Баъдан ӯ чанд дақиқаи дигар ислоҳ намудани паёми маро идома дод.

Тааҷҷубовараш барои ман он буд, ки вақте ӯ тамом кард, маро муаррифӣ карда барои маъвиза намудан, ба саҳна даъват кард. Ман то ҳол дар хотир дорам, ки чӣ гуна бархоста, ба худ фикр мекардам: «Чӣ гуна пас аз ҳамаи он чизе, ки ӯ кард, ман метавонам ба ин одамон хизмат кунам? Ин ғайриимкон аст». Аммо ин рӯй медод ва ман маҷбур будам, ки тамоми қувваамро ҷамъ кунам, вақте ки ягона чизеро, ки кардан мехостам – ин гурехтан буд. Барои ман ҷамъ кардани фикрҳоям душвор буд, илова бар ин мавъиза кардани паёме, ки ҳаёти одамони дар толор нишастаро тағйир диҳад.

Вақте ки ман мавъиза мекардам, фикрам ба ислоҳкунии ӯ бармегашт, ман наметавонистам аз суханони ӯ озод шавам. Эҳсосот даҳшатнок ва бемаъно буданд. Ман маҷбур мешудам, ки дар давоми мавъиза чанд маротиба фикрамро боздорам, то риштаи паёмро аз даст надиҳам. Ман бо эҳсосоте, ки ба ман мегуфтанд, мубориза мебурдам: «Инро фаромӯш кун, сухангӯиро бас кун ва аз ин ҷо баромада рав». Ман худро нохуш ҳис мекардам. Пас аз як паёми кӯтоҳ ман ҷамъомадро ба ӯ супоридам ва дарҳол ба меҳмонхона баргашта, комилан озурда ва худро рондашуда ҳис намуда, дар рӯи кат хобидам.

Субҳи рӯзи дигар ман аз меҳмонхона берун шудам ва ҷои хилватеро ёфтам, ки дар он нафаре аз кормандон набуданд ва мунтазири ислоҳи Худо шуда, аз таҳти дил дуо кардам. Ман самимона пурсидам: «Худовандо, наход ман калисои Туро озор дода бошам? Наход, ки ман дурӯғ таълим додам? Наход ки ман дар ҳақиқат халқи Туро занҷир занам?»

Ман дуо хонданро давом додам ва пас аз муддате фаҳмидам, ки калимаҳои дуои ман тағйир меёфтанд. Ман шубҳа карданро ба паёме, ки он шаб мавъиза карда будам, бас кардам ва эътибор додам, ки аз қаъри дили худ аз Худо илтиҷо мекардам, ки ба ман дар бораи тарси

муқаддас фаҳмиши бештаре диҳад. Ман аз он чӣ рӯй дод, ҳайрон шудам. Ман ҳис намекардам, ки Худо аз ман нороҳат аст, баръакс ҳис мекардам, ки аз он чӣ ки ман кардам Ӯ хушнуд аст. Вай ба ман порчаҳои сершумореро аз Аҳди Ҷадид, дар бораи тарси Худованд хотиррасон кардан гирифт. Ман фаҳмидам, ки дигар дар ғазаб нестам, балки овозамро баланд карда, бо тамоми қуввати худ бо ноумедӣ фарёд задам: "Эй падар, ман мехоҳам бидонам, ки тарси Худованд чист ва дар он ҳузур дошта бошам!"

Муаллифони Аҳди Ҷадид дар ҳақиқат суханонеро, ки пастор иқтибос овард, навиштаанд, аммо онҳо инчунин матнҳои дигареро низ навиштаанд.

- Ҳаворӣ Павлус навиштааст: «*бо тарсу ларз* наҷоти худро ба амал оваред» Филиппиён 2:12).
- Дар ҷои дигар ӯ дастур медиҳад: "Пас, эй маҳбубонам, дар сурате ки чунин ваъдаҳо дорем, худамонро аз ҳар гуна наҷосати ҷисм ва рӯҳ тоза карда, қудсияти худро *дар тарси Худо* мукаммал намоем" (2 Қӯринтиён 7:1).
- Муаллифи Нома ба Ибриён менависад: "Пас… файзро маҳфуз хоҳем дошт ва бо он Худоро ба таври писандида *бо таъзиму такрим ва тарс ибодат хоҳем кард*" (Ибриён 12:28).
- Ҳаворӣ Петрус менависад: "Ва агар шумо Ӯро Падар мехонед, ки бе рӯйбинӣ ҳар касро аз рӯи аъмолаш доварӣ мекунад, пас замони ғурбати худро *бо худотарсӣ* бигзаронед" (1 Петрус 1:17).
- Ҳаворӣ Яҳудо мегӯяд: "Бо ваҳм наҷот диҳед" (Яҳудо, ояти 23).
- Исо моро огоҳ мекунад: "Ва аз кушандагони ҷисм, ки ба куштани рӯҳ қодир нестанд, натарсед; балки аз Ӯ ҳаросон бошед, ки қодир аст ҳам ҷисм ва ҳам рӯҳро дар дӯзах нобуд кунад" (Матто 10:28).

Ман метавонистам ва инро баъдтар дар китоб идома медиҳам, аммо ман умедворам, ки шумо маъноящро дарк кардед: *тарси муқаддас* – ин ҳақиқати Аҳди Ҷадид аст. Инҳо танҳо баъзе аз оятҳое ҳастанд, ки Худованд ҳангоми дуо гуфтан бар дили ман гузоштааст.

Он субҳ ман фаҳмидам, ки пастор "рӯҳи тарс"– ро бо "тарси Худованд" омехта кардааст. Байни онҳо фарқияти калон вуҷуд дорад ва ин, дар он дида мешавад, ки вақте Мӯсо қавми Исроилро ба кӯҳи Сино барои вохӯрӣ бо Худо бурд.

Вақте ки тамоми мардум ҷамъ шуданд, Мӯсо ба кӯҳ мебароянд, то аввал бо Худо рӯ ба рӯ вохӯрад. Худованди мутаъол ҳадаферо, ки паси озодии бузурги Ӯ истода буд, ошкор мекунад:

> "Ба хонадони Яъқуб чунин бигӯ ва ба банӣ-Исроил хабар бидеҳ: Шумо он чиро, ки Ман ба мисриён кардам, дидед, ва Ман шуморо бар болҳои уқобон бардоштам, ва *шуморо назди Худ овардам*" (Хуруҷ 19:3, 4).

Сабаби асосии озодии тавонои Худо ин буд, ки *тамоми мардумро* назди Худ ҷамъ кунад. Ӯ ташнаи онҳо буд ва вохӯриро мехост, то онҳо низ Ӯро мисли Мӯсо шиносанд. Аммо, пас аз се рӯз, вақте ки Худо барои ошкор кардани Худ аз кӯҳ фуруд омад, мардум зуд пароканда мешуданд. Аз даҳшат ба Мӯсо фарёд мезананд: "Ту бо мо сухан бигӯ, ва мо хоҳем шунид, вале Худо бо мо сухан нагӯяд, мабодо бимирем" (Хуруҷ 20:19). Пешво барои ором кардани онҳо чунин ҷавоб медихад: "Натарсед, зеро ки Худо барои озмудани шумо омадааст, то ки тарси Ӯ пеши рӯи шумо бошад, ва шумо гуноҳ накунед" (Хуруҷ 20:20).

Дар назари аввал чунин ба назар мерасад, ки Мӯсо бар хилофи худаш мегӯяд: "Натарсед", зеро Худо омадааст, ки "тарси Ӯ дар пеши рӯи шумо бошад". Оё вай ба худаш мухолифат мекунад? Дар ҳеҷ сурат. Мӯсо танҳо ду мафҳумро ҷудо мекунад: "тарс аз Худо" ва доштани "тарси Худованд". Такрор мекунам: дар ин фарқияти калон вуҷуд дорад.

Ба одаме, ки аз Худо метарсад, чизи пинҳоние дорад. Ба хотир оред, ки дар боғ, вақте ки Одам гуноҳ кард, ӯ ва Ҳавво аз ҳузури Худованд пинҳон шуданд. Чунин аксуламалро мо на танҳо дар онҳо мебинем; чунин рафторро дар дигар қаҳрамонони Китоби Муқаддас дидан мумкин аст, ки ба торикӣ ақибнишинӣ карданд.

Аммо касе, ки аз Худо метарсад, чизи пинҳонӣ надорад. Метарсад, ки аз Худо дур шавад. Ин дар мисоли Мӯсо дида мешавад, вақте ки ҳама мардум аз кӯҳ ақибнишинӣ карданд, ӯ дар он вақт ба Худо наздиктар шуд. Шахсе, ки аз Худо метарсад, ба худ намегӯяд: "Чӣ қадар метавонам ба хатти гуноҳ наздик шавам, ки ба он наафтам". Не, ӯ мегӯяд, ки: «Ман мехоҳам ба Худо чунон наздик бошам ва аз ин хат ҳамон қадар дур бошам, ки ҳатто онро набинам».

Пеш аз он ки мафҳуми тарси муқаддасро муайян кунем ва ба муҳокимаи ин мавзӯъ гузарем, биёед аввал аниқ кунем, ки он чӣ нест. *Тарси муқаддас – ин маънои онро надорад, ки аз Худо тарсидан лозим ва аз ин рӯ бояд аз Ӯ дур шуд*. Чӣ тавр мо аз шахсе, ки метарсем, аз наздикӣ бо ӯ лаззат бурда метавонем? Худо намехоҳад, ки мо аз Ӯ дур шавем, баръакс. Дар таронаҳо навишта шудааст: "Дилам аз ҷониби Ту мегӯяд: «Ҷӯёи рӯи Ман бошед»; ва ман, эй Худованд, ҷӯёи рӯи Ту хоҳам буд" (Забур 26:8). Оё шумо даъватро барои наздикшавӣ мешунавед? Ӯ мехоҳад, ки шуморо ба Худ ҷалб кунад, бо шумо сӯҳбат кунад,

якҷоя хандад, мубодила ва зиндагӣ кунад. Дар ҷои дигар забурнавис менависад: “Сирри Худованд бо тарсгорони Ӯст” (24:14). Як чиз аниқ аст: Худо мехоҳад бо мо робита ва наздикӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, итминони комил дошта бошед, ки тарси муқаддас хомӯш нахоҳад шуд, балки баръакс, танҳо муносибатҳои моро бо Худо мустаҳкам мекунад.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “Натарсед, зеро ки Худо барои озмудани шумо омадааст ва дар шумо тарси мӯътабар амиқ ва ларзиш гузорад, то шумо гуноҳ накунед” (Хуруҷ 20:20, тарҷума аз англисӣ).

**Маъно.** Тарси муқаддас – маънои аз Худо тарсидан ва аз ин рӯ аз Ӯ дур шуданро надорад. Аммо маънои ин тарс, ин бо Ӯ гум кардани робитаро дорад.

**Мулоҳиза.** Мақсади асосии Худо аз Миср озод кардани Исроил дар чӣ буд? Мақсади асосии Худо, ки маро барои он аз ғуломӣ ва занҷирҳои дунёи заминӣ озод кардааст, дар чист?

**Дуо.** Падари Осмонии азиз, ташаккур, ки маро аз рӯҳи тарс ба воситаи Худованди ман Исои Масеҳ озод кардӣ. Ман аз Ту хоҳиш мекунам, ки дар ман тарси муқаддас гузор, то бар зидди Ту гуноҳ накунам, зеро дар ин сурат ман робитаи наздикро бо Ту, ки Ту бо ман мехоҳӣ ва ман бо ту мехоҳам аз даст хоҳам дод. Ман аз ту ба исми Исо хоҳиш мекунам. Омин.

**Эътироф.** Худо маро даъват кардааст, ки бо Ӯ муносибати наздик дошта бошам; Аз ин рӯ, ман аз Худо наметарсам, аммо мехоҳам тарси Худовандро дошта бошам, то гуноҳ накунам.

Доштани тарс аз Худованд –
яке аз аввалин
ва калонтарин масъулияти
махлуқи бшуури Ӯ мебошад.

– ЧАРЛЗ ИНГЛИС

# 3| ТАРСИ МУҚАДДАС АЗ ХУДО ЧИСТ?

Мафҳуми тарси муқаддаси Худоро дар як ҷумла, параграф ё боб маънидод кардан ғайриимкон аст. Ин ба он монанд аст, ки ба фаҳмонидани пуррагии муҳаббати Худо кӯшиш кунем. Ин бобҳои зиёдеро талаб мекунад ва ҳатто дар ҳамин ҳолат ҳам, мо дар фаҳмиши худ оиди он дур мемонем. Зиёда аз он, ман фикр мекунам, ки мо кашфи умқи ҳам муҳаббати муқаддас ва ҳам тарси муқаддасро дар абадияд идома хоҳем дод.

Бинобар ҳамаи гуфтаҳои болоӣ, иҷозат диҳед ба шумо мафҳуми тарси муқаддасро дар шакли умум, пешниҳод кунам. Ба хотир оред, ки чӣ гуна шумо дар кӯдакӣ бо қаламҳои рангоранг расмҳоро дар китоби–рангоранг ранг мекардед. Шумо албомро мекушодед, саҳифаеро интихоб мекардед ва дар пеши назари худ контурҳоро медидед, ки онҳоро бояд бо рангҳо пур кард. Ин боб ба ҳамин монанд ба мо консепсияи умумии чизҳоро медиҳад, аммо барои бо ранг пур кардани онҳо, қисми боқимондаи китоб лозим аст. Агар шумо танҳо ҳамин як бобро хонда бошед, шумо оиди тарси муқаддас фаҳмиши умумӣ пайдо мекардед, аммо шумо ҳақиқатҳои тағйирдиҳандаи онро аз даст медодед.

Дар боби қаблӣ гуфта будем, ки тарси Худованд моро аз ҳузури Худо дур намекунад – балки баръакс. Тарси солими зебои Худованд моро ба сӯи Ӯ ҷалб мекунад ва муҳим аст, ки пеш аз он, ки давом диҳем, мо ин таҳкурсии мустаҳкамро гузорем.

Баъзе одамон мегӯянд, ки тарс аз Худованд танҳо маънои ба Худо бо тарс ибодат намуданро дорад. Ман мешунавам, ки хизматгузорони

машҳур аз минбар, дар сӯҳбатҳо ва дар атрофи миз бо пешвоёни дигар чунин мегӯянд. Бо вуҷуди он, ин мафҳум – танҳо ибтидои тасвири бузург аст, аммо на ҳамааш. Ин ба он монанд аст, ки ба муҳаббати Худо ҳамчун "пуртоқат ва бошафқат" маҳфум дода шавад (1 Қӯринтиён 13:4). Аммо агар дар ин ҷо бозистем, хато мекунем ва ба мақсад намерасем.

Вақте, ки мо бо Лиза аз чилсола болотар будем, домоди як пешвои хеле мӯҳтарам ба хонаи мо омад, то дар бораи имкони сармоягузорӣ ба ширкати ӯ нақл кунад. Қариб ду соат сӯҳбат кардем, ман самимият ва сабру тоқати ӯро нисбат ба мо равшан дар хотир дорам. Рафтори ӯро мушоҳида карда, шумо низ мегуфтед, ки ӯ инсони меҳрубон аст. Бо вуҷуди ин, пас аз чанд рӯзи дуо, ман ва Лиза ҳис кардем, ки мо набояд сармоягузорӣ кунем. Ҳоло, пас аз солҳои зиёд, ман шодам, ки мо ин корро накардем, барои он, ки ӯ барои ташкили як пирамидаи азими молиявӣ, солҳои зиёдеро дар маҳбас гузаронид.

Оё ин шахс пурсабр ва меҳрубон буд? Бешубҳа. Оё ӯ муҳаббат зоҳир кард? Аниқ не. Охир, Навиштаҳо ба мо мегӯяд: "Зеро муҳаббат ба Худо ҳамин аст, ки мо аҳкоми Ӯро риоят кунем" (1 Юҳанно 5:3). Луздӣ табиатан худхоҳ аст ва аҳкоми Худоро дар бораи муҳаббат вайрон мекунад. (ниг. Эфсӯсиён 4:28). Таҷовузгари хурдсолон метавонад шахси меҳрубон ва ҳатто пурсабр бошад, аммо ҳамзамон метавонад ҳаёти кӯдакони хурдсолро барбод диҳад. Оё ӯ ин кӯдаконро дӯст медорад? Албатта не!

Айнан бо чунин тарз, агар мо тарси муқаддаси Худовандро бо ибодати эҳтиромона маҳдуд кунем, мо метавонем аз мақсад дур гардида, роҳгум занем. Пас, биёед хатти ҷудокунандаро кашида, баъдтар бо таълим ва овардани мисолҳо аз Навиштаҳои муқаддас ва ҳикояҳо, дар бобҳои баъдӣ ранг илова кунем. Пеш аз он, ки мо оғоз кунем, ман мехоҳам шуморо огоҳ кунам, ки дар мафҳуми тарси муқаддас шумо калимаҳоеро хоҳед дид, ки метавонанд шуморо битарсонанд, аммо ман шуморо бовар мекунонам, ки ҳеҷ ҷои тарс нест. Тамоми паёмро то охир хонед ва шумо хоҳед фаҳмид, ки тарси муқаддас аз Худо – ин бахшоиши муҳаббат ва муҳофизатест, ки аз ҷониби Офаридгор ба мо дода шудааст, ки дар бораи мо ғамхории амиқ дорад ва ташнаи мост.

Дар Аҳди Ҷадид оятҳои зиёде ҳастанд, ки шояд аз онҳо оғоз намуд, аммо ман боварӣ дорам, ки ояти зерин оҳанги дурустро муқаррар хоҳад кард.

"Пас мо малакутеро, ки ба ларза намеафтад, қабул намуда, файзро маҳфуз хоҳем дошт ва бо он Худоро ба таври писандида бо *таъзиму такрим ва тарс* ибодат хоҳем кард, чунки Худои мо оташи фурӯбаранда аст" (Ибриён 12:28, 29).

Агар шумо бодиққат нигоҳ кунед, шумо мебинед, ки дар ин оят сухан дар бораи ду истилоҳ меравад: *таъзиму такрим ва тарс*. Ин дарҳол моро ба он фикр мебарад, ки тарси Худоро танҳо бо таъзиму такрим маҳдуд кардан мумкин нест, вагарна муаллиф калимаи дуюмро илова намекард. Дар ин ҷо на танҳо ду калимаи гуногун ба забони англисӣ навишта шудаанд, балки онҳо дар забони юнонӣ низ гуногунанд: “айдос” ва “евлабея”.

Эҳтиром (таъзиму такрим) – тарҷумаи зебои калимаи юнонии аввал аст. Мувофиқи «Луғати пурраи омӯзиши калимаҳо» (Complete Word Study Dictionary), “эҳтиром” – “хусусан иззат ва эҳтироми амиқ, пур аз саҷда”аст. Ман ин суханонро пай дар пай диданро дӯст медорам, дар бораи ҳар яки онҳо алоҳида мулоҳиза намуда, мо ба зинаи нави фаҳмиши худ мебароем!

Калимаи дуюм – «тарс» маънои тарси муқаддасро дорад. Дар ҷустуҷӯи мафҳуми «тарси муқаддас» ман ба нашри аслии луғати Ноа Уебстер аз соли 1828, назар кардам. Ва ана он чизе, ки ман дарёфт кардам: «тарс, даҳшат, ки аз чизи бузург ва даҳшатнок илҳом гирифтааст; бо тарсу ларз зарба задан. Тавассути тарс, даҳшат ва эҳтиром таъсир намудан». Бигзор калимаҳои «даҳшатнок» ва «ваҳшат» шуморо натарсонанд. Ҳарчанд дар луғати юнонӣ низ ин вожаҳо истифода мешаванд, дар хотир доред, ки тарси муқаддас на таъсири нафратангез, балки таъсири ҷалбкунанда дорад. Инак, мо бояд пурсем: оё ин суханон паҳлӯи рӯҳбаландкунанда ва солим дорад? Ман боварӣ дорам, ки Навиштаҳо нишон медиҳанд: ҳаст ва мо онро баъдтар, вақте ки ранг илова мекунем, хоҳем дид.

Биёед бо назардошти маҳфумҳои мо, оғоз мекунем. Тарси Худоро доштан – маънои дар *таъзиму такбир* ва *тарси* муқаддас дар назди Худо буданро дорад.

Тарси Худоро доштан – маънои *иззату эҳтироми муқаддаси* Худоро дорад. Иззату эҳтироми муқаддас – маънои “изҳори эҳтироми бузург”– ро дорад.

Тарси Худоро доштан – маънои Худоро аз ҳар кас ва ҳар чизе бештар қадр кардан, эҳтиром кардан, иззат кардан, парастиш кардан ва дӯст доштанро карданро дорад.

Вақте ки мо аз Худо метарсем, мо дили Ӯро ҳис мекунем. Мо он чиро, ки Ӯ дӯст медорад, дӯст медорем ва аз он чизе ки Ӯ нафрат дорад, нафрат дорем. (Аҳамият диҳед, ки ман наменависам, ки мо ба он, чи ки Ӯ нафрат дорад “нописандиро ҳис мекунем”, балки ҳамчун Ӯ «нафрат дорем».) Он чизе, ки барои Ӯ муҳим аст, барои мо муҳим мешавад. Он чизе, ки барои Ӯ муҳим нест, барои мо номуҳим мешавад.

Тарси Худоро доштан – ин аз гуноҳ нафрат доштан аст.

Тарси Худоро доштан – ин аз беадолатӣ нафрат доштан аст.

Тарси Худоро доштан – ин аз бадӣ,аз ҳама ҷиҳат дур шудан аст: дар фикр, суханон ва амалҳо. Ин маънои онро дорад, ки – аз суханони бардурӯғ худдорӣ намудан аст. Бо он чӣ ки ба дил ва фикри мо нафратовар аст розӣ нашудан ва дар бораи он сухан нагуфтан аст. Тарси Худо рафтори зоҳирии моро ба андешаҳо, ниятҳо ва эътиқоди ботинии мутобиқ мегардонад.

Тарси Худоро доштан – ин дар назди Худо ва мардум дар фурӯтании ҳақиқӣ қарор доштан аст.

Тарси Худоро доштан – ин ба Ӯ ҳамду сано хондан, миннатдорӣ ва парастиш намудан аст, ки Ӯ сазовори он аст.

Тарси Худоро доштан – ин ба Ӯ ҳама чизеро, ки ба Ӯ тааллуқ дорад, додан аст.

Тарси Худоро доштан – ин бо ҳайрат ва мафтунӣ назди Ӯ дар тарс будан аст. Тамоми диққати худро ба Калом ва ҳузури Ӯ равона кардан аст.

Тарси Худоро доштан – ба Ӯ итоат кардан аст. Ин на танҳо хоҳиш, балки қувваи ботиние аст, ки новобаста аз он, ки ба мо чӣ арзише дорад, ба иҷрои иродаи Ӯ нигаронида шудааст. Мо аз таҳти дил, бо майл ва дарҳол итоат мекунем, гарчанде ба назари мо чунин менамояд, ки ин ба фоидаи мо нест, ё ин ки маъное надорад, мо иҷро мекунем.

Тарси Худоро доштан – ин аз ҳар гуна шикояту шиква ва ғур–ғур худдорӣ намудан аст.

Тарси Худоро доштан – ин эҳтиром, иззату икром кардан ва итоат намудан ба ҳокимияти бевосита ва ваколатдоршуда мебошад. Ин ҳамчунин маънои итоат кардан ба ин ҳокимиятро дорад, ғайр аз ягона истисное, ки: агар ин ҳокимият моро ба гуноҳ кардан амр кунад.

Тарси Худованд, нияту андеша, гуфтору амалҳои моро ташаккул медиҳад.

Акнун биёед қисман бартариҳои тарси муқаддасро номбар кунем. Ана баъзе аз ваъдаҳои зиёди Китоби Муқаддас, ки ба онҳое, ки дар он амал мекунанд, дода шудаанд.

Тарси Худованд – ин нуқтаи ибтидоии муносибати наздик бо Худо мебошад. Мо дӯстони Ӯ мешавем ва асрори Ӯ ба мо ошкор мешавад.

Тарси Худованд – ин ибтидои ҳикмат, фаҳмиш ва дониш аст. Он ба мо дурандешӣ ва роҳнамоии равшани илоҳиро медиҳад.

Тарси Худованд – ин кафолати инкишофи мо дар наҷот ва табдил ёфтан ба симои Исо мебошад.

Тарси Худованд пок аст, он дар ҳаёти мо муқаддасии ҳақиқиро ба

вуҷуд меорад. Дар тарси Худованд қарор доштан – маънои барои худ мероси абадиро таъмин намуданро дорад.

Тарси Худованд эътимод, нотарсӣ ва амниятро ба вуҷуд меорад. Он тамоми тарсҳои дигарро, аз ҷумла тарс назди одамро фурӯ мебарад.

Тарси Худованд муҳофизати фариштагонро ваъда медиҳад, хоҳишҳои моро иҷро мекунад, ба мо комёбӣ, шаъну шараф, таъсир, умри дароз, рӯзҳои серкор, лаззат ва хушбахтӣ дар зиндагӣ, хушнудӣ аз кор, шифоии тан ва бисёр чизҳои дигарро медиҳад.

Тарси Худованд то абад боқӣ мемонад – он ҳеҷ гоҳ аз байн намеравад. Тарс аз Худованд – ин тӯҳфаи бебаҳо аз ҷониби Падари Осмонии мост.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “Пас мо малакутеро, ки ба ларза намеафтад, қабул намуда, файзро маҳфуз хоҳем дошт ва бо он Худоро ба таври писандида бо таъзиму такрим ва тарс ибодат хоҳем кард, чунки Худои мо оташи фурӯбаранда аст” (Ибриён 12:28, 29).

**Маъно.** Тарси Худованд – ин дӯст доштани он чизе, ки Ӯ дӯст медорад, ва аз он чизе ки Ӯ нафрат дорад, нафрат доштан аст. Он чизе, ки барои Ӯ муҳим аст, барои мо муҳим мешавад. Он чизе, ки барои Ӯ муҳим нест, барои мо номуҳим мешавад.

**Мулоҳиза.** Худоро аз ҳар кас ва ҳар чизе бештар қадр кардан, эҳтиром кардан, иззат кардан, парастиш кардан ва саҷда кардан, амалан барои ман чӣ маъно дорад?

**Дуо.** Падари азизи Осмонӣ, ман аз Ту хоҳиш дорам, ба ман тарсро назди исми Худ, Калом, ҳузур ва ҳама чизеро, ки Ту ҳастӣ, таълим деҳ. Ба ман ёрӣ деҳ, ки тарси муқаддасро дӯст дорам ва дар он хушнудиро дарёфт намоям. Рӯҳулқудс, дар тӯли ин сафар ба ман роҳҳои Худоро таълим деҳ ва онҳоро дар ман ошкор кун; ҳангоми хондани ин китоб ба ман кӯмак намо, ки на танҳо маълумот гирам, балки бигзор ин суханон ҳаёти маро ба симои Худованди ман Исои Масеҳ табдил диҳанд. Ман ҳамаи инро ба исми Исо хоҳиш мекунам. Омин.

**Эътироф.** Бигзор суханон ва андешаҳои дили ман дар назари Худо писандида бошанд.

Тамоми хислати Ӯ ба мо такбир мебахшад, зеро Ӯ ба дараҷаи олӣ муқаддас аст ва исми Ӯ барои мо – каломе аст, ки боиси тарси муқаддас мегардад, ки онро ҳеҷ гоҳ сабукфикрона зикр кардан ва бидуни андешаи ҷиддӣ ва диле, ки дар назди Ӯ мағлуб аст, иқтибос овардан мумкин нест.

– Ч.Г.СПЕРҶЕН

# 4| ҲУЗУРИ МОДДИИ ХУДО

Тавре ки дар боло гуфта шуда буд, тарси Худо ба назар ғайримантиқӣ мерасад. Ҳангоми садо додани калимаи «тарс», дар ақли мо тасаввуроти бо як чизи харобиовар ва зараровар алоқамандбуда, пайдо мешавад. Аммо ман шуморо бовар мекунонам, ки дар асл тарси Худованд – тавонотарин қувваи эътимод, тасаллӣ ва муҳофизатест, ки барои ҳар як инсон дар олам дастрас аст. Мо ин ҳақиқатро вобаста аз идомаи сафарамон ошкор хоҳем кард. Дар аввал қайд менамоем, ки тарси муқаддасро ба ду категорияи асосӣ тақсим кардан мумкин аст:

1. Тарс дар ҳузури Худо.
2. Тарс назди Каломи Ӯ.

Мо ҳардуро муҳокима хоҳем кард ва биёед аз якумаш оғоз мекунем. Забурнавис мегӯяд: "Худо дар шӯрои бузурги муқаддасон *арҷманд* аст, ва барои ҳамаи онҳое ки гирдогирди Ӯ ҳастанд, *саҳмгин* аст" (Забур 88:8, ТНР). Эътибор диҳед: дар ин ҷо на танҳо навишта шудааст, ки Худо *тарсовар* аст, балки "*саҳмгин*" аст. Ҳақиқати пок: ин аст, ки шумо ҳеҷ гоҳ ҳузури аҷоиби Худоро дар фазое эҳсос нахоҳед кард, ки Ӯро он ҷо ҳурмат намекунанд ва назди Ӯ тарсгор нестанд.

Барои ман, ин моҳи январи соли 1997 воқеият шуд. Маро барои мавъиза намудан дар конфронси миллӣ дар пойтахти Бразилия даъват карданд. Ман аз ин пеш, ҳеҷ гоҳ имконияти дар он ҷо буданро надоштам ва ман бо хушҳолӣ барои рафтан ба ин кишвари бузург тайёрӣ медидам.

Ҳавопаймо субҳи барвақт ба Бразилия фуруд омад ва ман барои дуо хондан, омодагӣ дидан ва дар утоқи меҳмонхона истироҳат кардан, тамоми рӯзро доштам. Ҳамон бегоҳирӯзӣ, ҳангоми наздик шудан ба варзишгоҳ, шумораи зиёди мошинҳоеро, ки ҳанӯз пеш аз омадани мо кӯчаҳоро пур карда буданд, пай набурда наметавонистам. Тавре ки интизор будем, дар таваққуфгоҳ ҷойи холӣ вуҷуд надошт ва ин маънои онро дошт, ки дар конфронс хеле одамони зиёд хоҳанд буд.

Маро ба варзишгоҳ гусел карданд ва баъди вохурӣ бо якчанд пешвоён ман дарҳол ба саҳна баромадам. Ман интизори он лаҳзае будам, ки метавонам бо ҳазорон имондорон, ки пур аз ташнагии ба Ӯ мебошанд, ба ибодати Худо шурӯъ кунам. Аммо, ҳамон лаҳзае, ки ман пай бурдам, ки дар фазо ҳузури Худо вуҷуд надорад, хушнудии ман дарҳол аз байн рафт. Ман ошуфта шуда будам охир ба конфронс имондорон омада буданд ва дастаи мадҳкунандагон дар кишвар яке аз беҳтаринҳо буданд. Пас чаро ҳузури Ӯ набуд?

Пеш аз он ки идома диҳам, иҷозат диҳед якчанд сухан дар бораи ҳузури Худо бигӯям. Навиштаҳои Муқаддас ду намуди онро ҷудо мекунад. Якум – мавҷудияти Ӯ дар ҳама ҷост. Довуд чунин шаҳодат медиҳад: “Аз Рӯҳи Ту куҷо равам? Ва аз ҳузури Ту куҷо гурезам? Агар ба осмон бароям, он ҷо Ту ҳастӣ, ва агар дар гӯр бистар андозам, он ҷо низ Ту ҳастӣ… Аммо торикӣ низ аз Ту пинҳон нахоҳад кард, ва шаб мисли рӯз равшан хоҳад шуд: хоҳ торикӣ бошад, хоҳ рӯшноӣ” (Забур 138:7, 8, 12). Ин ҳузури Худост, ки ваъда медиҳад: “Туро тарк нахоҳам кард ва туро нахоҳам партофт” (Ибриён 13:5).

Шакли дуюми ҳузури Худо – ҳамонест, ки Исо оиди он мегӯяд: “Ман вайро дӯст ҳоҳам дошт ва Худро ба вай зоҳир хоҳам сохт”. (Юҳанно 14:21). “зуҳур хоҳам сохт” калимаи юнонии “эмфаниз” буда, маънои “ҳозир шудан…барои аз наздик шинохтани худ ва фаҳмидан, иҷозат доданро дорад”. Ин вақте рӯй медиҳад, ки Худо Худро барои ақл ва узви эҳсосоти мо ошкор мекунад. Исо мегӯяд: “Зеро дар ҷое ки ду ё се кас ба исми Ман ҷамъ шаванд, Ман дар миёни онҳо ҳастам” (Матто 18:20). Аён аст, ки Ӯ ҳузури Худоро  на дар ҳама ҷо дар назар дорад, вагарна ба Ӯ барои чӣ инро қайд кардан лозим буд? Эҳтимолан, Ӯ дар бораи ҳузури ошкори Ӯ сухан мегуфт. Ҳамин ҳузур он бегоҳ дар варзишгоҳ вуҷуд надошт. Албатта инро дониста, ман чашмонамро пӯшидам ва аз Рӯҳулқудс пурсидам: “Ҳузури Ту куҷост?”

Сипас ман чашмонамро кушодам ва дар чанд сония ман чизи бениҳоят равшанро мушоҳида кардам, аммо онро ман дарҳол надида будам. Аксарияти одамон дар парастиш иштирок намекарданд.

Баъзеҳо даст дар киса меистоданд ё дасташонро сари сина гузошта, бепарво ба атроф менигаристанд ва дилгир менамуданд. Занҳо дар сумкаҳои дастии худ гӯё чизеро мекофтанд, бисёриҳо бемаънӣ дар толор овора мегаштанд ё барои аз бар харидани газакҳо берун мерафтанд. Баъзе меҳмонон хандида, бо якдигар сӯҳбат мекарданд. Рафтори онҳо аз бисёр ҷиҳат анбӯҳи одамонеро ба хотир меовард, ки интизори оғози намоишнома буданд. Ман фикр кардам: *ин, албатта, зуд қатъ мешавад ва мардум ба парастиш шурӯъ мекунанд.* Аммо ман хато мекардам.

Ба ҳайрати бузурги ман, вақте ки сурудҳои парастишӣ ба охир расиданд ва яке аз пешвоёни ҷунбиш барои хондани матн аз Навиштаҳои Муқаддас ба саҳна баромад, чизе тағйир наёфт, ғайр аз он, ки садои мусиқӣ қатъ шуд ва садои пасти овозҳо равшантар шунида мешуд. Ман ҳама чизҳои рӯйдодаистодаро дида истода, ба чашмони худ бовар намекардам, дар ботини ман хашм афзоиш меёфт.

Сипас ман шунидам, ки Рӯҳи Худо дар дилам оҳиста гуфт: “Ман мехоҳам, ки ту ба ин муқобилат намоиˮ.

Вақте, ки маро муаррифӣ намуданд, ман бо тарҷумонам ба саҳна баромадам. Ман тасмим гирифтам, ки чизе нагӯям ва танҳо ба толор нигоҳ кунам. Ман ба хулосае омадам, ки ягона роҳи ба худ ҷалб кардани таваҷҷӯҳи мардум, ин боздоштани ҳамаи амалҳо дар саҳна буд. Ин таъсир кард, як дақиқаи пурраи сукут диққати ҳамаро ба худ ҷалб кард. Одамон дар гирду атрофи толор гаштугузор карданро бас карда, ба сӯи саҳна рӯ оварданд ва дар фазо хомушӣ ҳукмфармо шуд. Акнун ман медонистам, ки ҳар як нафари дар толор буда, чашмонашро ба мане, ки дар саҳна истода будам, дӯхт.

Он бегоҳ ман нагуфтам: “Чӣ гуна дар Бразилия будан хуш астˮ ё “Ташаккур, барои он ки маро даъват намудедˮ. Ман дар бораи худам нақл накардам, аммо ба онҳо сахтгирона бо чунин савол муроҷиат кардам: “Наход ба шумо маъқул бошад, агар шахсе, ки бо ӯ дар сари дастархон нишастаед ва сӯҳбат мекунед, ба шумо аҳамият надода, ба шифт нигоҳ кунад, гӯё мароқе надошта бошад ё бо касе, ки дар паҳлӯяш нишастааст сӯҳбат кунад?ˮ

Камтар хомӯш истода, ман ба саволи худ ҷавоб додам: “Ин ба шумо маъқул намешуд, дуруст аст?ˮ

Сипас ман илова намудам: «Чӣ мешуд, агар ҳар боре, ки ба хонаи ҳамсояат омада, бо нигоҳи бепарвои ӯ рӯбарӯ шавӣ ва шунавӣ, ки бо овози якранг ба ту мегӯяд: “Ҳа, ин танҳо ту ҳастӣ...ˮ Оё шумо шумо боз ба наздаш меомадед?»

Боз камтар хомӯш истода, ҷавоб додам: «Ҳеҷ гоҳ!»

Сипас илова кардам: “Наход, шумо фикр кунед, ки Подшоҳи Олам ҳузури худро дар ҷое, ки Ӯро ҳурмат намекунанд ва ҷалол намедиҳанд, зоҳир кунад ё сухан гӯяд?”

Ин дафъа ман ба ин савол ҷавоби қатъӣ додам: «Ҳеҷ гоҳ!»

Сипас илова намудам: “Агар президенти кишвари шумо дар ин саҳна қадам мезад, шумо ба ӯ таваҷҷӯҳ ва эҳтироми комил зоҳир мекардед. Ё ин ки, агар яке аз футболбозони дӯстдоштаи шумо ба саҳна мебаромад, аксарияти шумо бо ҳаяҷон дар канори курсиҳои худ нишаста, ҳар як сухани ӯ бодиққат гӯш мекардед. Валекин як дақиқа пештар инҷо Каломи Худоро хонданд ва шумо ягон хел аҳамият надодед, барои шумо ин танҳо садо буд”!

Баъд аз он ман ба одамони ҷамъомада, якуним соати дигар дар бораи тарси Худованд мавъиза кардам. Дар толор ягон садое шунида намешуд. Ба назар чунин менамуд, ки онҳо аз мазаммат ошуфта шуда бошанд ҳам, аммо бовуҷуди он, бо диққат гӯш мекарданд.

Дар охири маъвиза, ман даъват кардам: “Агар шумо имондор бошед, аммо шумо тарси муқаддас надошта бошед ва шумо ба тавба кардан омода бошед, бархезед!”.

Бе фикру хаёл ҳафтоду панҷ фоизи аҳли толор аз ҷой бархостанд. Ҳамон лаҳза, пеш аз он ки ман дар ҳаққи онҳо дуо кунам, ҳузури равшани Худо варзишгоҳро пур кард. Вақте ки ҳузури мӯъҷизавии Худо ба ҳаёти онҳо таъсир мерасонид, одамон нола ва гиря мекарданд. Тарси муқаддас онҳоро аз Худо наметарсонид, баръакс, онҳоро ба сӯи Ӯ ҷалб мекард.

Пас аз он, яке аз воқеаҳои аҷибе рӯй дод, ки ман дар тӯли чиҳил соли хизматгузорӣ медидам. Аммо пеш аз он, ки мо ба ин ҳикоя гузарем, биёед бо суханони зерин хотима бахшем:

> “Ва садои гуфторашро шунидам; ва чун садои гуфторашро шунидам, ман дар ҳолати мадҳушӣ рӯйнокӣ афтода, рӯй бар замин хобидам. Ва инак дасте ба ман расида, маро бар зонуҳо ва кафи дастҳоям *ларзон-ларзон* бархезонд. Ва ӯ ба ман гуфт: Эй Дониёл, *марди дилписанд*, суханонеро, ки ман ба ту мегӯям, бифаҳм, ва бар пойҳои худ биист, зеро ки алҳол назди ту фиристода шудаам. Ва чун ин суханонро ба ман гуфт, ман бархостам, дар ҳолате ки ларзон будам” (Дониёл 10:9–11, ТНР).

Дониёлро Худо хеле дӯст медошт, вале ӯро тарс фаро гирифта, ба

замин афтод. Ҳатто вақте ки ба ӯ кӯмак карданд, ки ба зону шинад, баъд барои ба по истоданаш, вай ҳама вақт меларзид. Агар ин кор дар ҳузури фиристодашуда – фаришта рӯй диҳад, вақте, ки Худи Худо ояд чӣ мешавад?

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** **“**Худо дар шӯрои бузурги муқаддасон арҷманд аст, ва барои ҳамаи онҳое ки гирдогирди Ӯ ҳастанд, саҳмгин аст” (Забур 88:8, ТНР).

**Маъно.** Мо ҳузури ошкори Худоро танҳо дар фазое хоҳем ёфт, ки дар он ба Ӯ эҳтироми бузург муносибат мекунанд.

**Мулоҳиза.** Дар назди Худо ларзидан чӣ маъно дорад? Чӣ тавр инро амалан иҷро кунам, вақте ки ман танҳо ё бо дӯстонам дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ё дар хизматгузортӣ дар калисо ҳастам?

**Дуо.** Падари Осмонии азиз, ман аз Ту хоҳиш мекунам, барои он ҳолатҳое, ки ман бо муносибати бепарвоёна вориди муҳити парастиш мегардидам, маро бубахш. Ман тавба мекунам, ки нисбати ҳузури Ту ба ҳамчун як чизи муқаррарӣ муносибат менамудам ва онро ҳамчун як чизи оддӣ қабул мекардам. Бигзор хуни Исо маро пок созад. Дар назди Ту фурӯтанам ва файз мехоҳам, то тағйир ёбам. Ман мехоҳам, ки дар ҳар ҷое, ки набошам ва ҳар коре накунам, ҳузури Туро дарк намоям ва эҳтиром кунам. Ман дар назди Ту мехоҳам ҳама вақт дар тарси боэҳтиром зиндагӣ кунам. Ман инро ба исми Исо хоҳиш мекунам. Омин.

**Эътироф.** Ман ҳамеша диққати худро ба Каломи Худо хоҳам дод ва ҳузури Худоро дар ҳар сухан ва рафторам эҳтиром хоҳам кард.

Пеш аз дуо кӯшиш кунед, ки дарк кунед, ки шумо ба Кӣ наздик мешавед ва бо Кӣ сӯҳбат карданӣ ҳастед, дар хотир доред, ки ба Кӣ муроҷиат мекунед.

– ТЕРЕЗА АВИЛСКАЯ

# 5| ШОМИ ФАРОМӮШНАШАВАНДА

Дар Инҷили Марқӯс навишта шудааст, ки Исо бо шогирдонаш кор карда, “бо аломоти баъдина каломро собит мегардонд” (Марқӯс 16:20). Ин кори муштарак ҳамин ки Исо ба осмон сууд кард, оғоз ёфт ва дар ҳеҷ ҷои Навиштаҳо навишта нашудааст, ки он пеш аз бозгашти Ӯ ба охир мерасад.

Инак биёед ба он шом дар Бразилия баргардем. Вақте ки мардумро ба тавба аз бепарвоии худ даъват кардам, ҳафтоду панҷ фоизи ҳозирин аз ҷо бархостанд. Ман сарамро хам карда, бо овози баланд дуо гуфтам: “Худовандо, Каломи Худро, ки имрӯз мавъиза шуд тасдиқ намо”.

Дарҳол дар байни мардум садои гиря шунида шуд. Пас аз чанд дақиқа мавҷи ҳузури Худо фазоро пур карда, қалби ҳозиринро тароватнок ва пок сохт. Ҳатто вақте, ки он аз байн мерафт, эҳсоси олиҷанобии осоиштагӣ боқӣ монд.

Одамон бо овози баланд бахшиш намепурсиданд ва дуо намехонданд, аммо ҳузури Худо ба шарофати дилҳои тағйирёфтаи онҳо омад. Баъдтар, дар ин бора андеша намуда, фаҳмидам, ки падари писари гумроҳшуда, пеш аз давидан ба сӯи ӯ, интизори бахшишпурсии писараш набудааст. Вақте ки ҳолати дили писараш дигар шуд ва тасмим гирифт, ки ба хона баргардад, падар ба пешвозаш давида, ӯро ба оғӯш гирифт ва бӯсид. Чунин ба назар мерасид, ки дар варзишгоҳ низ ҳамин чиз рӯй дода истодааст.

Мо лаҳзаҳои махсусро медидем; одамон дар оромии эҳтиром меистоданд, дилҳояшон пур аз меҳр буд. Ба назарам чунин намуд, ки

ин як лаҳзаи басо муносибе буд, то дуои тавбаро гузаронем ва барои пайхас кардани он, ки суханони онҳо самимона ва аз дили пок буданд, фаҳмиши чандон амиқ лозим набуд. Пас аз дуо мавҷи нави ҳузури ошкорои Худо варзишгоҳро пур кард. Ман боз шунидам, ки одамон гиряву нола мекарданд, аммо ин дафъа сахттар. Ин ҳузур аҷиб буд, аммо пас аз чанд дақиқа он низ байн рафт.

Ман барои он таровате, ки ҳамаи мо пас аз ду мавҷи ҳузури олиҷаноб ва осоиштае, ки Худо ба мо нишон дод, эҳсос кардем, миннатдор будам. Мо ҳама мунтазири он будем, ки осоиштагии илоҳӣ фазоро пур кунад. Дар хомӯшӣ ман шунидам, ки Рӯҳи Худо дар дили ман оҳиста гуфт: “Ман бармегардам, то бори дигар Худро ошкор кунам”.

Ман инро бо овози баланд гуфтам; аммо, ҳеҷ кадоме аз мо тасаввур намекард, ки минбаъд чӣ мешавад, – ҳузури комилан нав ба мо ташриф овард. Он чизеро, ки ба зудӣ рӯй дод, баён кардан душвор аст, зеро калимаҳо воқеаи рӯйдодаро ба таври кофӣ тасвир карда наметавонанд. Он чизе, ки ман ҳоло менависам, шояд муболиғашуда, ҳатто ғайривоқеӣ ба назар расад, аммо ҳоло ҳам, пас аз бист сол, бисёриҳо воқеаи рӯйдодаро тасдиқ мекунанд.

Тасаввур кунед, ки шумо дар ҷангал истодаед ва ногаҳон шамоли сахт мевазад. Садои баланди онро Шумо дар болои байни дарахтон мешунавед. Он вақт дар майдон ҳамин гуна садои шамол шунида шуда буд. Мо онро ҳис намекардем, аммо мешунидем. Қариб дар баробари ин, аз даҳони мардум бо гиря дуои самимӣ мебаромад. Овозҳои онҳо бо як ғурриш омехта шуда, мисли раъд садо медоданд, аммо садои шамол ҳамаро мепӯшонид. Ман аз ҳузури Ӯ дар ҳайрат, тарс ва қариб ваҳм меистодам. Ман ҳаракат карда наметавонистам, сухан гуфта наметавонистам, дар тамоми баданам мурғак медамид. Дар фазо чунин қудрате эҳсос мешуд, ки ман пештар ҳеҷ гоҳ вонахӯрда будам. Ман фикр кардам: *ин ҳузури Аббо Падар нест; ин Шоҳи муқаддас, тавоно ва пурқудрати мост!*

Ғурриши шамол қариб навад сония давом кард. Вақте ки оҳиста–оҳиста паст шуд, он бедоршавиро боқӣ гузошт – одамон гиря мекарданд, баъзеҳо аз ҳуш рафтанд, баъзеҳо ба тахтапушти курсии дар пеш истода афтоданд, вале мо ҳама ларзон ва тарсон будем. Мо дар ин фазои муқаддас тақрибан даҳ дақиқаи дигар қарор доштем. Ман чизе гуфта наметавонистам: ҳама дар хомӯшии комил истода будем. Баъд ман ҷамъомадро ба пешво супоридам ва дар роҳбаладии хизматгузорон оромона ба сӯи мошин равон шудам.

Пешвои мадҳкунӣ ва шавҳараш чанде пас аз ман ба мошини мо нишастанд. Вай дарҳол пурсид:

– Шумо шамолро шунидед?

Ман дарҳол эътироф кардан намехостам, ки ин шамол буд. Ман мехостам тасдиқи ҳодисаи рӯйдодаро аз забони шахси дигар бишнавам. Бинобар он ман ҷавоб додам:

– Шояд ин самолёти реактивӣ буд, ки аз болои бино парвоз мекард?

(Дар ин бино дар байни бом ва шифт барои вентилятсияи ҳаво фосилаи калон мавҷуд буд, аз ин рӯ садоҳо аз кӯча назар ба бинои маҳкам, хеле беҳтар шунида мешуданд).

Вай дар курсии пеш нишаста буд ва ба ақиб нигариста, бо чеҳраи ҳайратангезаш эътироз кард:

– Не, ин Рӯҳи Худо буд!

Шавҳари ӯ, ки марди оромтар ва ботамкинтар буд, низ гуфт:

– Не, ҷаноб, ин ҳавопаймои реактивӣ набуд.

Ман пурсидам:

– Шумо аз куҷо медонед?

Ӯ ҷавоб дод:

– Дар беруни деворҳои бино  кормандони шӯъбаи бехатарӣ ва полис меистоданд, аксари онҳо – одамони беимонанд. Вақте ки онҳо садои шамолро шуниданд, ба дарун давиданд ва аз бачаҳои тими мо дар бораи садои баланди шамоли сахт, ки аз дохили бино буд пурсон шуданд. Ғайр аз он, ман дар паси дастгоҳи садопардозии асосӣ будам (ӯ дар он ҷо буд, то ки ҳангоми сурудхонии ҳамсараш садои хубро танзим кунад). Аз системаи садопардозӣ ягон садое намеомад; дар вакти вазидани шамол децибелметрҳо чизеро кайд накардаанд.

Баъд ҳамсараш боз ба сухан даромад, ашк аз рухсораҳояш равон мешуданд.

– Ман гирдобҳои оташро дидам, ки ба бино мефаромаданд ва дар ҳама ҷо ҳузури фариштаҳоро ҳис кардам.

Ман хоҳиш кардам, ки маро рост ба меҳмонхона баранд. Мо тамоми роҳро дар хомӯшӣ тай кардем. Дертар бегоҳии ҳамон рӯз ман чанд соат дар долони ҳуҷраам нишастам; ман танҳо метавонистам Худоро парастиш кунам. Аз воқеаи он бегоҳирӯзӣ руйдода ман дар ҳайрат будам.

Субҳи рӯзи дигар, вақте ки мо вориди толор шудем, фазо тамоман дигар буд. Ҳузури Худое, ки шоми гузашта ҷамъомади мо ташриф оварда буд, ҳанӯз ҳам дида мешуд. Тарси Худованд дар қалби мардум барқарор шуда буд ва онҳо ҳузур ва файзи Худоро ба таври аҷиб эҳсос мекарданд.

Тавре қайд гардида буд, чанд нафар ҳодисаи он шомро тасдиқ карданд ва оиди таъсири он дар ҳаёти онҳо дар мактубҳо, почтаи электронӣ ва шахсан мубодила карданд. Соли 2016 ман барои мавъиза ба ҷамъомаде рафтам, ки дар он дувоздаҳ ҳазор пешвоён ҳузур доштанд, ба шаҳри Гоянияи Бразилия. Суханони аввалини пастори калисои мизбон ҳангоми даст фишурдани ӯ чунин буданд: “Ман бист сол пеш дар Бразилия дар як ҷамъомаде будам, ки шамол мевазид. Ҳамсари ман аз ҳамон лаҳза ҳеҷ гоҳ ба мисли пештарааш набуд”. Вай ба як шабакаи калисоҳое роҳбарӣ мекунад, ки дар тӯли танҳо шонздаҳ сол, шумораи одамонаш ба сесад ҳазор нафар расидааст.

Вақте, ки ҳамсари ман соли 2019 дар конфронс дар Бразилия хизмат мекард, яке аз пешвоёни хизматгузории дигар ба ӯ гуфт, ки вай зиёда аз бист сол пеш, дар он ҷамъомаде буд, ки дар он шамол вазида буд. Вай инчунин тасдиқ кард, ки ҳаёти ӯ аз он вақт то абад тағйир ёфтааст.

Дар ҳузури Худо будан барои саломатии рӯҳонии ҳар як имондор муҳим аст. Як вақтҳо дар вақти дуо, ворид шудан ба ҳузури Худо ба ман хеле душвор буд. Аммо рӯзе ман ба коре шурӯъ кардам, қариб тасодуфан. Ман тасмим гирифтам, ки дуоро бо ҳамду сано ё бо талаффуз кардани ягон суханон оғоз накунам. Ман танҳо дар бораи бузургӣ ва муқаддасии Худои мо андеша мекардам. Қариб дарҳол ман бо ҳузури Ӯ иҳота мешудам. Рӯзи дигар ман қарор додам, ки ҳамон тавр кунам ва ҳамон гуна натиҷа гирифтам. Ин воқеа дар рӯзи сеюм боз руй дод.

Ман дар хиҷолат  шудам ва пурсидам: “Худовандо, чаро дар се рӯзи охир ба ҳузури Ту омадан бароям ин қадар осон буд?”

Ман шунидам, ки Рӯҳи Худо гуфт: “Чӣ тавр Исо ба шогирдонаш дуо гуфтанро таълим дод?”

Ман ба дуои “Эй Падари мо”–ро шурӯъ кардам: “Эй Падари мо, исми Ту муқаддас бод...” Ман фарёд задам: “Аниқ! Исо ба шогирдонаш таълим дод, ки бо тарси муқаддас ва эҳтиром ба ҳузури Худо биёянд!” Акнун ҳама чиз барои ман комилан равшан шуд.

Довуд ин ҳақиқатро бо суханони зерин тасдиқ мекунад: “*бо тарси Ту* ба қасри қудси Ту саҷда хоҳам кард” (Забур 5:8). Худо – Падари мост, Исо – Худованд ва Наҷотдиҳандаи мост, Рӯҳи Худо моро хеле дӯст медорад. Аммо инчунин дар хотир доред, ки дар Аҳди Ҷадид дар бораи Худо навишта шудааст, ки Ӯ “оташи фурӯбаранда” аст (Ибриён 12:29). Юҳанно, ҳаввории маҳбуб, ки ба Исо аз ҳама наздиктар буд, мисли мурда ба пойҳои Ӯ меафтад (Ваҳй 1:17) ва Рӯҳи Худо – Оне, ки қудрати Худоро зоҳир мекунад, то диққати тамоми

шаҳрро ба худ ҷалб кунад (Аъмол 2), биноҳоро ба ларза меорад (Аъмол 4) ва бисёр чизҳои аҷиби дигарро мекунад.

Ин аст ҳақиқати асосӣ: *ҷое ки назди Худованд тарсгорӣ мекунанд, ҳузури Ӯ он ҷо зоҳир мешавад.*

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** "Ва ман дар заъф ва дар тарсу ларзи бузурге назди шумо будам. Ва калому мавъизаи ман на дар суханони исботкоронаи ҳикмати инсон, балки дар зуҳури рӯҳ ва қувват буд. То ки имони шумо на бар ҳикмати инсон, балки бар қуввати Худо қарор ёбад" (1 Қӯринтиён 2:3–5).

**Маъно.** Тарс аз Худованд фазоро дигаргун месозад. Ӯ шароите фароҳам меорад, ки қудрати Рӯҳулқудс ҳаёти мо ва ҳаёти дигаронро тағйир диҳад.

**Мулоҳиза.** Оё ман интизорӣ ва боварӣ дорам, ки ҳузур ва қудрати Худо ошкор мегардад? Вақте ки ман бо тарси муқаддас назди Ӯ меоям, ҳаёти дуохонии ман чӣ гуна тағйир меёбад? Чӣ тавр ман метавонам ин гузаришро анҷом диҳам?

**Дуо.** Падари Осмонии азиз, агар ман зуҳури ҳузури Туро бо сабаби таҷрибаҳои гузашта маҳдуд карда бошам ё маҳдудиятҳои дигарон ба он чизе ки Ту карда метавонӣ, таъсир расонида бошанд, хоҳиш мекунам, маро бубахш. Ман бо тарси муқаддас ба ҳузури Ту ворид мешавам ва ҳеҷ гуна маҳдудияте бар Ту намегузорам. Ман аз Ту хоҳиш мекунам, ки аз ҳама чизҳое, ки қудрати Туро ошкор сохта, ман метавонам аз ту хоҳиш кунам, фикр ва умед мекунам, бартар бош. Ман аз Ту хоҳиш мекунам, ки инро барои ҷалол додани Худованди ман Исо ва ба одамон дар доираи таъсири ман хизмат намудан, иҷро намо. Ман инро ба исми Исо хоҳиш мекунам. Омин.

**Эътироф.** Ҳама чиз имконпазир аст, агар ман танҳо бовар кунам ва бо тарси муқаддас ба назди Худо биёям.

Вақте ки мо Ӯро дар тамоми
қудсияти олиҷаноб ва ҷалоли
дурахшонаш рӯ ба рӯ мебинем,
ба назари мо аҷиб менамояд, ки
ба сари мо ягон вақт фикри оддӣ
нисбат ба Ӯ омада буд.

– ҶОЙ ДОУСОН

# 6| АНДЕША ДАР БОРАИ ХУДО

Тарси муқаддаси мо дар баробари фаҳмиши мо оиди бузургии Худо меафзояд. Аммо воқеият чӣ гуна аст: “бузургии Ӯ беҳадду беканор аст” (Забур 144:3), зеро ҷалоли Ӯ бо ақл даркнашаванда аст. Шаъну шарафи ӯ беандоза, беканор, бузург ва нофаҳмо аст. Бо вуҷуди ин, мо бояд кӯшиш кунем, ки дар фаҳмиши худ афзоиш ёбем.

Дар соли марги шоҳ Узиё, тахминан соли 742 пеш аз милод, пайғамбар Ишаъё ба осмон сууд карда буд. Ӯ Худовандро бо тамоми ҷалоли Ӯ, дар тахти баланд ва болобардошта дид. Кибриёи Ӯ маъбади бузургеро пур мекард, ки – бинои он эҳтимолан як миллиард мавҷудоти зиндаро ҷойгир карда метавонист.

Ишаъё на танҳо аз дидани Офаридгор шод ва дар ҳайрат буд, балки ӯро фариштаҳои тавоно бо номи сорофиён, ки дар болои тахти Худо парвоз мекарданд, мафтун карданд. Аз забони ин махлуқони ҳайратангез Ишаъё шунавид:

> “Қуддус аст, қуддус аст, қуддус аст Худованди лашкарҳо! Тамоми замин аз ҷалоли Ӯ пур аст!” (Ишаъё 6:3).

Ба бисёрии мо гимни классикӣ шинос аст: “Қуддус аст, қуддус аст, қуддус аст”, ки дар асоси ин оятҳои Китоби Муқаддас соли 1800 аз ҷониби Ҷон Бахус Дайк навишта шудааст. Тӯли зиёда аз дусад сол дар Калисо ин гимни асосӣ буд ва сипас ба суруди парастишии ором табдил ёфт. Аммо, ин аз он чизе ки Ишаъё дида буд, дур аст.

Ин махлуқони азим суруди аҷибро барои писанд омадан ба Худо намесароянд; онҳо эҳтимол ба он чизе ки мебинанд, бештар эътибор

медиҳанд! Дар пеши назари онҳо ҷиҳатҳои нави ғайриодии бузургии Ӯ доимо кушода мешаванд, ки онҳо танҳо “Қуддус аст, қуддус аст, қуддус аст...” хитоб карда метавонанд.

Сорофиён се маротиба “қуддус аст”–ро такрор намекунад. Вақте ки нависандаи қадимаи ибрӣ ба монанди Ишаъё роҳи қайд кардани калимаро меҷуст, вай онро ду маротиба навишт. Мо инро дар суханони Исо мебинем: “На ҳар касе ки ба Ман: „Худовандо! Худовандо!“ мегӯяд, ба Малакути Осмон дохил хоҳад шуд” (Матто 7:21). Агар шумо Маттое мебудед, ки нишаста Исоро гӯш мекард, шумо ҳангоми гуфтани калимаи “Худовандо” хеле баланд шудани оҳанги овози Ӯро мушоҳида мекардед. Барои махсус қайд кардани баланд шудани овози Исо, Матто ин калимаро ду маротиба навишт. Дар забони англисӣ барои ҷақд намудани баланд будани фикр мо шрифти ғафс ё курсиврο истифода мебарем.

Муаллифи қадимаи ибрӣ барои махсус қайд намудани маъно, танҳо баъзан як калимаро се маротиба менавишт. Дар асл, он танҳо ду ё се маротиба дар Навиштаҳо дида мешавад. Ҳамин тариқ, мо дараҷаи баландтарини баланд бардоштани маънои калима ёибораро мебинем. Дарвоқеъ, садоҳои ин фариштагон ба мисли раъд, чунон тавоно садо медод, ки дар ин бинои азим чорчӯбаи дарҳо ба ларза омаданд.

Вақте, ки ман ва оилаи ман ба Флорида кӯчидем, мо фаҳмидем, ки аз сабаби хеле баланд будани сатҳи об, онҳо дар хонаҳо таҳхона намесохтаанд. Сохтмончии хонаи мо ба ман гуфт: “Агар дар маҳаллаи шумо тӯфон таҳдид кунад, дар зери чорчӯбаи дари ҳуҷраи даруни хона пинҳон шавед, зеро ин қисми боэътимоди сохтмон аст”. Ҳатто аз як фикри он, ки Ишаъё махсусан қайд кардааст, ки дар ин арсаи азими осмонӣ чӣ гуна чорчӯбаҳои дарҳо меларзиданд, майнаам ба таркиш меояд. Агар ин чунин бошад, пас шояд тамоми бино аз ин нидоҳои тавонои фариштагон меларзид!

Ишаъё ба дидани ҷалоли Худо чӣ гуна посух дод? Вай нагуфт: “Вой, ана худи Худаш!”

Не, дод зад: «Вой бар ман! Ман тамом шудам! Ман шахсе бо забони нопок ҳастам» (Ишаъё 6:5, ТНР). Тасаввур кунед, ки ин воқеият: ин марди парҳезгор, паёмбарест, ки дар боби қаблии китобаш нидо мекунад: “Эй вой бар онҳое ки бадиро некӣ, ва некиро – бадӣ меноманд, онҳое ки мағруранд, онҳое, ки шароб менӯшанд!” (Ишаъё 5:20–22, ибораи муаллиф). Ва акнун пас аз як боб бузургии Худоро мебинад, дигар «Вой бар гунаҳкорон!» намегӯяд, балки фарёд мезанад: «Вой бар ман, тамом шудам!» Ӯ гумон мекард, ки медонад, вале ҳоло

бештар дарк мекунад, ки Худои Мутаъол кист. Ӯ инчунин хуб мефаҳмад, ки ӯ дар назди ин Худои Муқаддас кист. Ин вохӯрӣ ба ба он оварда расонд, ки тарси муқаддаси ӯ ба дараҷаи муайян хеле зиёд шуд!

Дар тамоми Навиштаҳои Муқаддас мо чунин муносибатҳоро дар одамоне мебинем, ки Худовандро дар ҷалоли Ӯ диданд. Биёед Айюбро ба ёд орем. Худованди мутаъол дар бораи ӯ мегӯяд: "Оё ба бандаи Ман Айюб диққат додӣ, ки мисли ӯ марди беайб ва росткор ва худотарсе ки аз бадӣ дур мешавад, бар замин нест?" (Айюб 1:8). Оё шумо ба худ тасаввур карда метавонед, ки Худо дар бораи шумо ё ман чунин суханонро гӯяд? Мо аз шодӣ меҷаҳидем! Аммо ин шахс ҷалоли Худоро дида, нидо кард: "То ҳол ман овозаи Туро шунида будам, ва акнун чашмонам Туро дидааст, Бинобар ин аз суханонам нафрат дорам, ва дар хок ва хокистар пушаймон мешавам" (Айюб 42:5, 6).

Хизқиёлро ба ёд меорем. Ӯ Худовандро дида, навиштааст: "Ин рӯъё дар бораи ҷалоли Худованд буд. Инро дида, ман рӯй ба замин афтодам" (Ҳизқиёл 2:1).

Дар бораи Иброҳим чӣ? Мо медонем, ки вақте ки ӯ Худоро дид, «Абром рӯй ба замин афтод" (Ҳастӣ 17:3).

Вақте, ки Худо дар ҷалоли Худ дар Сино зоҳир шуд, "ва ин манзара он қадар даҳшатангез буд, ки Мӯсо гуфт: «Ман тарсону ларзон шудам" (Ибриён 12:21).

Ҳаввориӣ Юҳанно, кадомеро, ки Исо ӯро дӯст медошт, дар бораи вохӯрии ӯ бо Исои ҷалоли мо менависад: "Ва ҳангоме ки Ӯро дидам, бар пойҳояш мисли мурда афтодам" (Ваҳй 1:17).

Мисолҳои дар боло овардашуда – рӯйхати пурра нестанд. Дар Навиштаҳо бисёр ҳолатҳои ба ин монанд сабт шудаанд.

Нисбатан ба наздикӣ дар таърихи Калисо, тақрибан дар давраи аз 1266 то 1237, Фома Аквинский "Ҳосили теология"–ро –китоберо навишт, ки ӯ муҳимтарин кори худ меҳисобид. Аммо рӯзе ӯ бо Худо вохӯрии бениҳоят пурқуввате дошт, ки нуқтаи назари ӯро абадан тағйир дод ва ӯ дарҳол навиштанро бас кард. Дӯсташ Реҷиналд ӯро барои давом додани кори худ ташвиқ мекард, ки Фома Аквинский ба ӯ ҷавоб дод: "Меҳнатҳои ман ба охир расиданд. Зеро ҳар он чи навиштаам, дар муқоиса бо он чӣ, ки ба ман ошкор шуд, ба назарам мисли коҳ аст".

Дар баъзе лаҳзаҳои таърихи Исроил Худо мехост, ки дар байни халқи худ тарси муқаддасро аз нав барқарор кунад ва Ӯ якчанд саволҳои мушаххас медиҳад. Ишаъё, ки ҷалоли Худовандро дида буд, мепурсад: "Кист, ки рӯҳи Худовандро андоза намудааст, ва мушовири Ӯ гардидааст, ва Ӯро таълим додааст? Ӯ бо кӣ машварат кардааст, ва

кист, ки ба Ӯ хирад бахшидааст, ва тариқи адлу инсофро ба Ӯ таълим додааст, ва ба Ӯ дониш омӯхтааст, ва роҳи дурустиҳоро ба Ӯ ёд додааст?... Пас, Худоро ба кӣ монанд мекунед? Ва чӣ гуна ташбеҳро ба Ӯ баробар медонед?” (Ишаъё 40:13, 14, 18).

Пас Худованд бевосита мепурсад: “Пас, Маро ба кӣ монанд мекунед, то ки Ман ба вай баробар бошам?” (Ишаъё 40:25). Агар дар таърих замоне ҳам буд, ки вақте дар бораи ин саволҳо чуқур фикр кардан лозим буд, аммо на фақат руякӣ шинос шудан, пас ин вақт ҳолост. Дар ин рӯз ва дар ин соат бисёре аз мо бо ҷараёни иттилооте, ки пайваста зеҳни моро пур мекунад, чунон банд ҳастем, ки барои андеша дар бораи ин масъалаҳои муҳим на ҷой ва на вақт дорем. Чизе ба мо халал мерасонад, ки дар рӯҳи мо тарси муқаддасро ҷойгир кунем ва аз ин рӯ, бисёре аз имондорон худро осебпазир мебошанд ва ба осонӣ ба системаи ҷаҳонии васвасаҳо, фоида ва мағрурӣ аз дастовардҳои инсонӣ моил мешаванд.

Ба ин тартиб, мо ҳамеша таҳти ғавғои таърифкунии варзишгарони боистеъдод, ситораҳои барҷастаи Ҳолливуд, рассомони боистеъдоди мусиқӣ, коршиносони тиҷорат, пешвоёни харизматик ва дигар шахсони муҳим, қарор мегирем. Шӯҳрати онҳо дар телевизион, васоити ахбори иҷтимоӣ, васоити ахбори омма ва бисёр платформаҳои дигари ҷамъиятӣ боло бардошта мешавад. Воқеияти фоҷиаовар он аст, ки ин пораҳои ба назар безарар будани иттилоот ва дастовардҳои инсонӣ моро парешон мекунанд ё ҳатто аз даъвати аҷоиби наздик шудан ба Худо ва андеша дар бораи Ӯ бозмедоранд.

Агар мо танҳо истода, ба ботин нигарем ва бузургии Ӯро назора мекардем, мо ғанитар, қавитар гардида ва дар осоиштагӣ қарор мегирифтем. Ба мо ваъда дода шудааст:

> “Зеро Худое ки гуфт: «Аз зулмот нур бидурахшад», — Ҳамон аст, ки дар дилҳои мо бидурахшид, то ки бо дониши ҷалоли Худо дар шахси Исои Масеҳ моро мунаввар созад” (2 Қӯринтиён 4:6).

Дар хомӯшии ҷони худ, дар иттифоқ бо Рӯҳулқудс, мо метавонем ҳангоми мулоҳиза оиди Каломи Ӯ , Исоро бинем. Дидани ҷалоли рӯи ӯ, ҷалоли Худоро дар дилҳои мо равшан мегардонад ва бо ин роҳ *тарси муқаддаси* моро боз сахттар мегардонад.

Мо мисли Ишаъё ва дигар бузургони дар боло номбаршуда мегардем, ки Ӯро вохӯрданд, бо Ӯ роҳ мерафтанд, ба Ӯ писанд меомадаанд, ваъдаҳои аҳдро мегирифтанд ва роҳи худро ба некӣ анҷом додаанд. Муҳимтар аз ҳама, ба мо ваъда дода шудааст, ки вақте ки мо дар бораи Ӯ мулоҳиза мекунем, мо “ба ҳамон сурат аз ҷалол ба

ҷалол табдил меёбем, Ҷалоли Ӯ дар мо меафзояд” (2 Қӯринтиён 3:18).

Ба симои кӣ, шумо кӯшиш мекунед, ки мувофиқат кунед – ба шахсиятҳои машҳури муосир ё Шахсе, ки Оламро офаридааст? Оқилона интихоб кунед ва ба он чизе, ки мешунавед ва эътибор медиҳед, бодиққат бошед.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби муқаддас.** “Ба Худованд дар шавкати қудсият саҷда кунед. Пеши Ӯ биларзед, эй тамоми аҳли замин!” (Забур 95:9).

**Маъно.** Тарси муқаддаси Худо дар мо мутаносибан ба фаҳмиши мо дар бораи бузургии Худо меафзояд.

**Мулоҳиза.** Агар ман рӯзе се маротиба даҳ дақиқа тамоми таъсироти беруниро хомӯш карда, дар бораи бузургии Худо андеша мекардам, чӣ рӯй медод? Оё барои ин вақт сарф кардан меарзад? Оё ман метавонистам дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ бо зиёд кардани тарси муқаддаси худ, ки ниҳоят маро боҳикматтар мекунад, самараноктар шавам?

**Дуо.** Падари азизи Осмонӣ, ман аз ту хоҳиш мекунам, ки ба ман дар бораи Исо назари тозае деҳ. Каломи Ту ваъда медиҳад, ки вақте ки ман Ӯро дар дили худ мебинам, ман аз як сатҳи ҷалол ба сатҳи дигар ба симои Ӯ табдил меёбам. Бигзор тарси муқаддаси ман ҳамон қадар зиёд шавад, ки ҷалоли Ӯ воқеитар мешавад. Ман аз ту ба исми Исо хоҳиш мекунам. Омин.

**Эътироф**. Ман аз ҷалол ба ҷалол ба симои Исо табдил ёфта истодаам.

Одамон дар назди
якдигар тарсгоранд,
аммо на дар назди Худо.

– ГЕНРИ ДЭВИД ТОРО

# 7| ҶАЛОЛИ ХУДО

Бидуни таваҷҷӯҳ *ба ҷалоли Худо,* дар бораи тарси муқаддас сӯҳбат кардан ғайриимкон аст. Дар боби қаблӣ мо оиди ин мавзӯъ гуфта гузашта будем, акнун биёед давомашро дида мебароем.

Ҷисми миранда дар ҳузури ҷалоли Худо истода наметавонад. Пайғамбар Хабаққуқ дар хаққи вай чунин гуфта буд: “Ва дурахши Ӯ мисли найир аст, шуоъҳо аз дасти Ӯст, ва ниҳонгоҳи ҷалоли Ӯ дар он ҷост” (3:4). Павлус менависад, ки Исо дар нури дастнорас сокин аст, “Ӯро як нафар ҳам аз одамон надидааст ва дида наметавонад” (1 Тимотиюс 6:16). Дар баробари ин сатрҳо мо дар Нома ба Ибриён мехонем, ки *Худо оташи фурӯбаранда аст* (ниг. 12:29).

Вақте, ки шумо чунин ибораҳоро мешунавед, гумон накунед, ки Ӯ мисли оташест, ки дар оташ ҳезум месӯзад ва ҳарчанд онро фурӯ мебарад, ба шумо имкон медиҳад, ки ба он наздик шавед. Баръакс, биёед як оташи равшантар ва ҳамаро фурӯбаранда, масалан офтоберо, ки замини моро равшан мекунад, тасаввур кунем. Он ҳама чизро фурӯ мебарад, аммо дастнорас аст, аммо ҳатто ин мисол аз ҳақиқат дур аст, зеро навишта шудааст: “Худо нур аст, ва дар Ӯ ҳеҷ зулмоте нест” (1 Юҳанно 1:5). Офтоб ҳар қадар равшан бошад хам, доғи тира дорад. Илова бар ин, Павлус менависад: “эй подшоҳ, дар нисфи рӯз дар роҳ нуреро аз осмон дидам, ки равшантар аз офтоб буд, ва давродаври ман дурахшид” (Аъмол 26:13).

Павлус чеҳраи Исоро намебинад, вай танҳо нуреро мебинад, ки аз Ӯ бармеояд, ки аз нури дурахшони шарқи наздик болотар аст. На офтоби саҳарӣ ё баъд аз нисфирузӣ, балки офтоби нисфирузӣ.

Ман зуд–зуд ба кишварҳои гуногуни ҷаҳон сафар мекунам. Гоҳ–гоҳ бо худ айнаки офтобӣ гирифтанро фаромӯш мекунам. Ман метавонам бе онҳо дар аксари кишварҳо зиндагӣ кунам, аммо на дар Шарқи

Наздик. Ҳангоми сафари аввалини худ ба он ҷо ман фаҳмидам, ки айнаки офтобӣ ба ман сахт зарур аст; бе онҳо ман ҳамеша маҷбур будам, ки чашмонамро нимпӯш кунам. Дар он ҷо он аз се сабаб, хеле равшантар аст: иқлими хушк, рангҳои равшан, хусусиятҳои табиии он минтақа (регҳои биёбон, кӯҳҳо) ва ҷойгиршавиаш, ба экватор наздик. Ва агар равшании офтоб дар саҳар ва шом назар ба рӯз камтар бошад, пас нисфирӯзӣ агар ба берун бе линзаҳои муҳофизатӣ бароед, ба назар мерасад, ки он чашмонро нобино месозад.

Акнун биёед дар бораи он чизе, ки худи ҳозир хондем, мулоҳиза кунем. Павлус менависад, ки нуре, ки аз Исо меояд, аз офтоби нисфирӯзии Шарқи Наздик равшантар аст! Шӯҳрати Ӯ аз нури офтоб чандин маротиба болотар аст.

Ин мефаҳмонад, ки чаро Юил ва Ишаъё мегӯянд, ки он рӯзе, ки Исо ба замин бармегардад, офтобу моҳ тира хоҳанд шуд ва ситораҳо рӯшноӣ нахоҳанд дод (Ишаъё 13:9, 10; Юил 2:31, 32). Иҷозат диҳед равшанӣ андозам. Вақте ки мо дар шаби софу равшан роҳ мегардем, мо чиро мебинем? Осмони пур аз ситораҳоро. Аммо, вақте ки офтоб тулӯъ мекунад, чӣ рӯй медиҳад? Ситораҳо нопадид мешаванд. Мо бояд бипурсем, ки оё ҳамаи ситораҳо ҳангоми тулӯи офтоб аз осмон зуд мегурезанд ва ҳангоми фурӯ рафтани он ногаҳон ба осмони шаб бармегарданд? Албатта, ҷавоб ба ин савол – "не" аст. Чӣ рӯй медиҳад? Ҷалоли ситорагон – ин як сатҳ аст, аммо ҷалоли офтоб – сатҳи хеле баландтар аст. Аз ин рӯ, вақте ки офтоб тулӯъ мекунад, рӯи ситораҳоро мегирад, зеро аз онҳо хеле равшантар аст.

Вақте ки Исо бармегардад, ҷалоли Ӯ аз офтоб хеле равшантар хоҳад буд. Вай рӯи онро мегирад гарчанде ки он ба мисли пештара медурахшад! Акнун шумо чӣ будани ҷалоли Ӯро беҳтар тасаввур мекунед? Ба фикрам, аз ҳамин сабаб навишта шудааст, ки тамоми одамони рӯи замин фарьёд хоханд кард: "ба кӯҳу сангҳо: бар мо биафтед ва моро аз ҳузури Нишинандаи тахт ва *аз ғазаби* Барра *пинҳон* кунед" (Ваҳй 6:16).

Инак, ҳоло саволи асосӣ ба миён меояд: ҷалоли Худованд чист? Барои ҷавоб додан ба ин, биёед ба хоҳиши Мӯсо менигарем: "*Ҷалоли* Худро ба ман нишон деҳ" (Хуруҷ 33:18).

Ба забони ибрӣ ҷалол – ин "кавод" аст. Мувофиқи луғати Китоб муқаддаси Стронг, ин маънои "вазнини, вазн"–ро дорад. Он инчунин дар бораи бузургӣ (кибриё) ва шараф мегӯяд. Аз ин рӯ, Мӯсо хоҳиш мекунад: "Худро бо *тамоми* ҷалоли худ ба ман нишон деҳ". Бодиққат хонед, ки Худо ба ӯ чӣ ҷавоб медиҳад:

> “Ман тамоми *ҷалолати Худро* аз пеши ту мегузаронам (дар забони англисӣ “некӯӣ”. – *Нам.тарҷ.*) *исми* Худовандро пеши ту *мехонам*” (Хуруҷ 33:19).

Ба хоҳиши Мӯсо, ки ба ӯ ҷалолро нишон диҳад, Худо ҷавоб медиҳад, ки ба ӯ тамоми “некӯи”–и Худро нишон медиҳад. Дар забони ибрӣ ин калима маънои “хубро ба маънои аз ҳама васеъаш” дорад. Ба ибораи дигар, ҳамааш, бе боқимонда.

Худо дар давомаш мегӯяд: “Ман исми Худовандро назди ту эълон хоҳам кард”. Дар салтанатҳои рӯи замин, пеш аз он ки подшоҳ ба толори тахти худ ворид шавад, аввал муждадиҳанда номи ӯро эълон мекунад. Баъд аз он, бо садои карнай подшоҳ бо тамоми шукӯҳу шаҳомати худ вориди толори тахт мешавад. Бузургии ӯро ҳама мебинанд, дар дарбор ҳеҷ шакке нест, ки инҷо подшоҳ кист. Аммо, агар монарх дар кӯчаи кишвари бузурги худ бо либоси оддӣ, бидуни ҳамроҳии ҳамроҳонаш қадам занад, ӯ метавонист беэътибор монад.

Дар боби гузашта мо фаҳмидем, ки ҷалоли Худованд назди чеҳраи Исои Масеҳ зоҳир мешавад. Бисьёр одамон шаҳодат медиҳанд ки Исо дар рӯъё назди онҳо омадааст. Шояд чунин бошад, аммо на дар пуррагии ҷалоли Ӯ. Павлус инро чунин тасвир мекунад: “Зеро ки мо ҳоло дар оина, ба таври муаммо мебинем, лекин он вақт рӯ ба рӯ хоҳем дид” (1 Қӯринтиён 13:12). Ҷалоли Ӯ гӯё дар паси абри тира пинҳон аст, чунон ки дар Аҳди Қадим, зеро ҳеҷ ҷисме, ки ҷалоли ниқобнашудаи Ӯро дида, зинда монда наметавонад.

Аввалин шахсе, ки Исо баъд аз эҳё шуданаш бо ӯ сухан гуфт, Марями Маҷдалия буд, гарчанде вай фикр мекард, ки Ӯ боғбон буд (Юҳанно 20:15, 16). Шогирдон дар соҳили кӯл бо Исо субҳонаи моҳӣ мехӯрданд, аммо дар аввал Ӯро нашинохтанд (Юҳанно 21:9, 10). Ду шогирд ҳамроҳи Исо дар роҳ ба сӯи Аммоус мерафтанд, лекин “чашмони онҳо баста буд” (Луқо 24:16). Ҳамаи онҳо рӯи Ӯро диданд, зеро Ӯ тамоми ҷалоли Худро ошкор намекард.

Дар Аҳди Қадим низ одамоне буданд, ки Худовандро медиданд, лекин Ӯ тамоми ҷалоли Худро ба онҳо ошкор намекард. Худованд дар булутзори Мамре ба Иброҳим зоҳир шуд, аммо на дар тамоми ҷалоли Худ (ниг. Ҳастӣ 18:1, 2). Яъқуб бо Худо мубориза мебурд, аммо Худо он вақт дар тамоми ҷалоли Худ набуд (ниг. Ҳастӣ 32:24).

Ёҳушаъ ибни Нун, ки дар наздикии деворҳои Ериҳӯ буд, Худовандро бо шамшери кашидашуда дид ва аз Ӯ ҷавоб талаб кард, ки оё вай дар тарафи Исроил аст, ва чун фаҳмид, ки ин Худованд аст, рӯй ба замин афтода, ба Ӯ саҷда кард. Рӯйхатро Ҷидъӯн, волидони Шимшӯн ва бисёр дигарон идома медиҳанд.

Назар ба онҳо ҳамаи онҳо, Ҳавворӣ Юҳанно Худовандро дар Рӯҳ, дар тамоми ҷалоли Ӯ дар ҷазираи Патмос дид. Юҳанно намуди зоҳирии Ӯро ба дурахши офтоб бо тамоми қудраташ муқоиса кард ва мисли мурда афтод. Чӣ тавр Юҳанно ба Ӯ нигоҳ карда тавонист? Ӯ дар ҷисм набуд, ӯ дар Рӯҳ буд. Ҳамчунин – Ишаъё ва баъзеи дигарон. Мӯсо бошад, баръакс чеҳраи Худоро дида наметавонист, зеро ӯ дар ҷисми мирандаи худ буд.

Ҷалоли Худованд – ана ин аст, ки Худоро Худо мекунад. Ҳамаи сифатҳо, қудрат, қувват ва ҳикмати Ӯ – ба маънои аслӣ вазн ва бузургии беандозаи Худост. Ҳеҷ чиз пинҳон ё нигоҳ дошта намешавад! Ӯ бо ангуштони худ ситораҳоро дар осмон ҷойгир кард ва ба ҳар яки онҳо ном гузошт. Ӯ афлокро бо ангуштони дасти Худ – кафи Худ чен кардааст. Ӯ тамоми Заминро мисли донаи рег гирифта метавонад; Ҳар қатраи обро дар кафи Худ баркашид; Ӯ замину кӯҳҳоро дар тарозуи худ баркашид. Ӯст, ки мо метавонем дар дилҳои худ андеша кунем ва тадриҷан ба сурати Ӯ, аз ҷалол ба ҷалол табдил ёбем!

Ӯ моро бениҳоят амиқ дӯст медорад, чунон ки Ӯ барои гуноҳҳои мо нархи даҳшатбор пардохт карданро қарор кард, то ки мо узви оилаи Ӯ бошем. Ман шуморо намедонам, аммо ин маро комилан шод мегардонад!

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** "...Подшоҳи подшоҳон ва Худованди худовандон дар вақти Худ нишон хоҳад дод, ки танҳо Ӯ Ҳайи лоямут буда, дар нури дастнорас сокин аст, ва Ӯро як нафар ҳам аз одамон надидааст ва дида наметавонад. Ӯро то абад шавкат ва қудрат бод! Омин" (1 Тимотиюс 6:15, 16).

**Маъно.** Ҷалол – он чизест, ки Худоро Худо мекунад. Ҳамаи сифатҳо, қудрат, қувват ва ҳикмати Ӯ – ба маънои аслӣ вазн ва бузургии беандозаи Худост. Ҳеҷ чиз пинҳон ё нигоҳ дошта намешавад!

**Мулоҳиза.** Тасаввур кунед, ки нури чашмгиранда ва покизае, ки дар паҳлӯяш на торикӣ, на сояҳо, на пардаҳо ва на тирагӣ вуҷуд дошта наметавонанд. Чаро ман ногаҳон чизеро аз Ӯ пинҳон кунам? Ҳатто тасаввур кардан ғайриимкон аст.

**Дуо**. Падари азизи Осмонӣ, ман аз Ту хоҳиш мекунам, ки ба ман дарки амиқи ҷалоли Худро бидеҳ. Ман намехоҳам ба он ҳамчун ба як чизи маъмулӣ ва оддӣ нигоҳ кунам, чизе ки ман танҳо гоҳ–гоҳ дар бораи он фикр мекунам; Ман мехоҳам, ки бузургии ҷалоли Ту барои ман, назар ба ҷаҳони гирду атрофам намоёнтар ва воқеитар гардад. Бигзор ҷалоли Ту ҳамеша дар дилу ақли ман бошад. Ман инро ба исми Исо хоҳиш мекунам. Омин.

**Эътироф.** Дар Масеҳ ман нури ҷаҳон ҳастам, ки ҷалоли Ӯро ба ҳар касе, ки вохӯрам, инъикос мекунам.

# ЧӢ ХЕЛЕ КИ ҲАСТ, ҲАМОН ТАВР ОШКОРАНД

ҲАФТАИ 2

Мо бояд аз Худо
аз рӯи муҳаббат битарсем,
на аз рӯи тарс Ӯро
дӯст дорем.

– ФРАНСИСК САЛСКИИ МУҚАДДАС

# 8| АРЗИШИ ШУМО

Ин қисм дар худ, баъзе мавзӯъҳои нисбатан вазнин ва эҳтимолан маҳкумкунандаро дарбар мегирад. Бинобар он, пеш аз он, ки идома диҳем, биёед дар фаҳмиши амиқи муҳаббати аҷиби Худо таваққуф кунем ва ворид гардем. Ман бо суханони сахт ва қариб даҳшатноки Исо оғоз хоҳам кард, ки қисми муҳими муколамаи моро дар ин бахш ишғол мекунанд. Агар онҳо бидуни контекст хонда шаванд, онҳоро шояд нодуруст фаҳманд ва шояд тарси носолим эҷод кунанд, бинобар он, аз шумо хоҳиш дорам, ки онҳоро бо дили пур аз фурӯтанӣ ва эҳтиром ба Худои мо бихонед.

> "Ман ба шумо мегӯям, ки аз кӣ *тарсидан* лозим аст: аз *Худо*, ки қудрати на танҳо ҷисми шуморо нобуд сохтанро дорад, балки ҷони шуморо низ ба дӯзах андозад; оре, ба ман бовар кунед, ба шумо мегӯям, ана аз Кӣ шумо бояд би*тарсед*"(Луқо 12:5, ТНР).

Исо ба мо мегӯяд, ки аз *Худо битарсед* ва Ӯ ин корро на як бор мекунад; Ӯ ин фармонро, бо такрори он мустаҳкам мекунад. Он чизе, ки диққати бештарро ба худ ҷалб мекунад, суханони ҳайратангези Ӯст, ки "ҷонро ба дӯзах андозад". Ин суханони сахт аст! Бо вуҷуди он, ба иборае, ки баъд аз ин мегӯяд нигаред:

> "Оё панҷ гунҷишк ба ду фулус фурӯхта намешавад? Ва ягонтои онҳо аз назари Худо намеафтад. Ва ҳатто ҳамаи мӯйҳои сари шумо шумурда шудааст. Пас, *натарсед:* шумо аз бисьёр гунҷишкон бартарӣ доред" (Луқо 12:6, 7).

Аҳамият диҳед, ки ман ибораи "тарсидан аз Худо"–ро дар ояти 5 ва "натарсед"–ро – дар ояти 7 таъкид кардам. Мо бори дигар

фарқияти байни тарси *муқаддас ва ғайримуқаддасро* мебинем. Мехоҳам такрор ба такрор бигӯям, ки тарси муқаддас – ин маънои аз Худо тарсиданро надорад ва ҳамин тариқ аз Ӯ дур шуданро надорад, ин *тарси нопок* аст. Мо танҳо бояд ин фарқиятро донем ва дар ҳамин ҳақиқат тасдиқ ёбем.

Исо бо як изҳороти ҷолиб ва қариб даҳшатовар оғоз мекунад, вале Ӯ ҳамин фикрро давом дода, дар бораи *арзиши* бебаҳои мо барои Худо сухан меронд. Аслан, Ӯ ошкор мекунад, ки Худо дар бораи мо ғамхории амиқ дорад ва барои ҳамин Ӯ ба мо бахшоиши тарси муқаддасро ато кардааст. Ин бахшоиш моро муҳофизат мекунад ва моро ба Офарандаи ҳаёт наздик нигоҳ медорад ва аз ҳар чизе, ки моро нобуд карда метавонад, дур нигоҳ медорад: аз тарс назди одамон – баръакси пурраи тарси муқаддас. Дар баҳси минбаъдаи худ мо дар бораи ин ду намуди тарс бисёр сӯҳбат хоҳем кард, аммо пеш аз идома додан аввал дар бораи *арзиши* худ сӯҳбат мекунем.

Мувофиқи суханони Исо, Худо шуморо бениҳоят қадр мекунад, Ӯ ҳатто шумораи мӯйҳои сари шуморо медонад. Тибқи маълумоти илмӣ, аксарияти одамон дар сари худ ба ҳисоби миёна тақрибан сад ҳазор тори мӯй доранд. Агар шумо даҳ ҳазор нафарро ба як толор овардед, оё шумо метавонед бигӯед, ки кадоме аз онҳо 99 569 тори мӯй дорад?

Ҳатто агар шумо дуруст тахмин кунед, шумо дар тӯли дақиқаҳо хато мекунед, зеро одам дар як рӯз ба ҳисоби миёна аз 50 то 100 тори мӯйро гум мекунад. Худо шумораи аниқи торҳои мӯйи ҳар яки моро дар ҳар як дақиқа, медонад! Ин маънои онро дорад, ки мо он қадар азизем, ки Ӯ ҳамеша дар бораи шумо фикр мекунад. Дэвид менависад:

> “Чӣ гуна гаронбаҳост барои ман андешаҳои Ту, эй Худо, чӣ гуна бузург аст миқдори онҳо! Агар онҳоро дар шумор оварам, аз рег зиёдтар аст; вақте ки бедор мешавам, ҳанӯз бо Ту ҳастам” (Забур 138:17, 18).

Ҳамаи рег! Тасаввур кунед, ки ҳама реги рӯи замин – дар ҳама соҳилҳо, биёбонҳо ва майдонҳои голф. Ин шумораи бузург аст! Мутахассисони математика ва физика ба мо мегӯянд, ки вобаста ба ҳаҷм ва зичии рег, дар як метри мукааби рег, тақрибан аз панҷсад *миллион* то *миллиард* дона рег мавҷуд аст[12]. Ақли мо бо душворӣ тасаввур карда метавонад, ки танҳо дар соҳилҳои Флорида, чӣ қадар беандоза донаҳои рег мавҷуданд. Аммо тасаввур кунед, ки ҳатто агар шумо ҳамаи донаҳои регро дар сайёра ҷамъ кунед, боз ҳам фикрҳои Худо дар бораи шумо зиёдтар хоҳанд буд!

Аз худ бипурсед: шумо бештар дар бораи чӣ фикр мекунед? Шумо

дар бораи он чизе, ки шумо қадр намекунед, камтар фикр мекунед. Ман ва Лиза чизҳое дорем, ки ман ҳар сол ҳангоми дидани қуттии муайяни ҷевонам, дар он чизҳоеро, ки барои Мавлуди Исо нигоҳ дошта мешаванд, дарёфт мекунам. Ман мегӯям: *дарёфт* мекунам, зеро фаромӯш мекунам, ки мо онҳоро дорем. Ман тамоми сол дар бораи онҳо фикр намекунам, зеро онҳо барои ман арзише надоранд. Бо вуҷуди ин, агар ман тамоми фикрҳои худро дар бораи Лиза дар тӯли чиҳил соли ҳаёти издивоҷамон ҳисоб кунам, ман миқдори регеро медоштам, ки нисфи қуттии пойафзолро пур карда метавонист. Ин тақрибан дусад миллион фикр аст, ки як фикр дар ҳар 6,3 сония баробар аст. Шавҳаре, ки дар бораи занаш зуд–зуд фикр мекунад, чунин ҳисобида мешавад, ки ба ӯ муҳаббати амиқ дорад.

Фикрҳои Худо дар бораи шумо аз тамоми донаҳои регҳои сайёра зиёдтаранд! Оё шумо инро мефаҳмед? Аҷиб ин аст, ки Худо наметавонад муболиға кунад! Дар атрофи мо одамоне ҳастанд, ки муболиға мекунанд ва чизҳои дур аз ҳақиқатро мегӯянд, аммо Худо як миллиметрр ҳам аз ҳақиқат дур буда наметавонад; Ӯ дурӯғ гуфта наметавонад. Пас, вақте ки Ӯ мегӯяд, ки фикрҳои Ӯ дар бораи шумо аз регҳои сайёра зиёданд, ин маънои онро дорад, ки Ӯ миқдори зиёди онҳоро доро мебошад!

Биёед идома диҳем ва дар бораи он ки арзиши мо маҳз дар чӣ аст гуфтугӯ мекунем? Арзишро харидор муайян мекунад. Писари ман ба музоядаи варзишӣ ташриф намуда буд, зеро ширкати ӯ ба харидани футболкаеро, ки Билл Рассел ҳангоми бозии чемпионат дар солҳои 1960 пӯшида буд, шавқманд буд. Онҳо харидори намуданро рад карданд, зеро нархи баландтарин ба як миллион чилу чор ҳазор доллар расид! Чӣ қадаре ки Билл Рассел бозингари бузург набошад, ман шахсан барои футболкаи ӯ ё либоси варзишии ягон бозингари NBA беш аз дусад доллар намедодам. Инҳо танҳо либос мебошанд.

Савол дар он нест, ки мо назди одамон чӣ арзише дорем, зеро он хислати тағйирёбанда дорад. Гузашта аз ин, ҷаҳон дар қадр кардани одамон чандон хуб нест. Миллионҳо тифлон дар батни модаронашон кушта шуда буданд. Оё одамон ҳаёти ин тифлонро қадр мекарданд? Дар бораи духтарон ва заноне, ки дар тиҷорати–ҷинсӣ ба ғуломӣ фурӯхта мешаванд, чӣ гуфтан мумкин аст? Агар арзиши онҳоро бо он одамоне, ки онҳоро ба он ҷо фиристодаанд, чен кунем, он ҳамагӣ ба чандсад доллар мерасад.

Меъёри воқеии арзишро дар олам Худо муқаррар мекунад, на инсон. Ва ҳатто дар бораи он чизҳое, ки мо қадр мекунем, Исо ба мо хотиррасон мекунад: “он чи дар назари мардум олидараҷа аст, пеши

Худо зишт аст” (Луқо 16:15, ТНР). Ӯ боз як изҳороти муҳимеро баён мекунад: “Ба одам чӣ фоида дорад, ки агар вай тамоми дуньёро ба даст оварад ва ба ҷони худ зиён расонад? Ё ки одамизод ба ивази ҷони худ чӣ фидияе медиҳад?” (Мат 16:26).

Як лаҳза дар бораи тамоми сарвати дунё фикр кунед. Дар бораи қасрҳои бисёрмиллиондолларӣ, амволи ғайриманқули боҳашамат, сангҳо ва металлҳои қимматбаҳо, мошинҳои гаронбаҳо, яхтаҳо ва ҳавопаймоҳо фикр кунед. Тасаввур кардан қариб ғайриимкон аст. Дар натиҷаи таҳқиқоти ба наздикӣ гузаронидашуда, муайян гардид, ки маҷмӯи маҳсулоти ҷаҳонӣ ба 84,97 триллион доллар баробар аст. Ин маблағи тасаввурнашаванда аст. Бо вуҷуди ин, Исо мегӯяд, ки агар шумо ҳаёти худро ба ҳамаи ин иваз намоед, шумо созишномаи бефоида мебастед!

Пас арзиши шумо чӣ қадар аст? Павлус менависад: “Зеро ки шумо ба нархи гарон ҳарида шудаед” (1 Қӯринтиён 6:20). Шарти Худо барои шумо – нархи эълонкардаи Ӯ – дар ин суханон аст: “Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро *дод*” (Юҳанно 3:16). Вой! Ин назар ба футболкаи Билл Рассел хеле зиёдтар аст. Худо арзиши моро бо оне, ки барои Ӯ аз ҳама қимматбаҳо буд, баробар медид. Ҳақиқати аҷиб дар он аст, ки агар арзиши мо дар назди Худо ба як пенни аз арзиши Исо камтар мебуд, ин мубодила сурат намегирифт, зеро Худо як созишномаи бефоида намебаст, Ӯ ба ивази чизи камарзиш чизи гаронбаҳоро намедод. Шумо мефаҳмед, ки барои Худованд, чӣ қадар гаронбаҳо ҳастед? Муҳаббати Худо ба шумо то чӣ андоза бузург аст?

Дар дуои худ Исо суханони аҷибтаринро мегӯяд:

> “Ва ҷаҳон бидонад, ки Ту [Худо] Маро фиристодӣ ва онҳоро дӯст доштӣ, *чунон* ки Маро [Исои Масеҳро] дӯст доштӣ” (Юҳанно 17:23).

Фаҳмидани он қариб ғайриимкон аст! Худо шуморо ҳамон қадар дӯст медорад, ки Исоро дӯст медорад! Шумо ба ҳар ҳол шояд фикр кунед, ки Ӯ танҳо дар бораи шогирдон сухан меронад. Ин дуруст нест, зеро Исо мефаҳмонад: “Танҳо барои онҳо илтимос намекунам, балки низ барои касоне ки ба василаи каломи онҳо ба Ман имон хоҳанд овард” (Юҳанно 17:20). Агар шумо ба Исои Масеҳ бовар кунед, шумо бевосита ё ба воситаи шаҳодати шогирдон бовар мекунед. Умқи муҳаббати Худо нисбат ба шумо ва то чӣ андоза пурарзиш будани шумо дар назди Ӯ, бебаҳост.

Акнун, ки мо дар ин ҳақиқат устувор гардидем, биёед таҳқиқотро идома медиҳем, ки барои чӣ бахшоиши тарси муқаддас, дар муносибатҳои мо бо Ӯ он қадар муҳим аст.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** "Касе ҳаргиз барои бародараш фидия намедиҳад; кафораи худро низ ба Худо адо намекунад, чунки фидияи ҷонашон гаронбаҳост ва он ҳаргиз муяссар намешавад" (Забур 48:7–9, ТНР).

**Маъно.** Ягон одами солимфикр ба созишномаи бефоида розӣ намешавад, ба ивази чизи камарзиш чизи гаронбаҳотар намедихад. Айнан ҳамин тавр, Худо ҳеҷ гоҳ мубодилаи бефоида намекунад. Ҳаёти Писари ягонаи Ӯ он нархе буд, ки Худо барои шумо пардохт кардааст, яъне Ӯ шуморо ҳамон қадар сахт қадр мекунад, ки Исоро чӣ қадар қадр мекунад. Ин ҳамчунин маънои онро дорад, ки Ӯ одамони гирду атрофи шуморо низ ҳамон қадар сахт қадр мекунад, ки Исоро чӣ қадар қадр мекунад.

**Мулоҳиза**. Дар бораи арзиши бузурги ҳаёти худ, ки Исо тасдиқ намудааст, фикр намоед, мо ҳоло ба худ бояд чӣ гуна назар кунем? Ин чӣ гуна ба назари ман, ба худам ва муносибати ман бо одамоне, ки ман ҳар рӯз вомехӯрам, таъсир мерасонад?

**Дуо.** Падари Осмонии азиз, ташаккур барои он, ки ҳаёти маро он қадар қадр мекунӣ, ки тайёр буди, ки Исоро ба ҷои ман, ба марг супорӣ. Исо, ташаккур, ки нишон додӣ, ки Ту маро ҳатто аз худат бештар қадр мекунӣ, вақте ки Ту ҷои маро гирифтӣ ва маҳкумияти маро гирифтӣ. Рӯҳулқудс, ман аз Ту хоҳиш мекунам, ки ба ман, дар дилу ақли ман дарки онро деҳ, ки чӣ қадар маро дӯст медорӣ ва қадр мекунӣ ва ба ман деҳ, ки дигаронро айнан ҳамин тавр дӯст дорам. Ба исми Исо. Омин.

**Эътироф.** Ман дигаронро айнан ҳамон тавре дӯст медорам ва қадр мекунам, ки Худо маро дӯст медорад ва қадр мекунад.

Вақте ки мо муҳаббати Худоро мавъиза мекунем, хатари фаромӯш кардани он вуҷуд дорад, ки Китоби Муқаддас пеш аз ҳама на муҳаббати Худоро, балки қудсияти амиқ ва дурахшони Худоро бо муҳаббати Ӯ дар маркази ин қудсият, нишон медиҳад.

– ОСВАЛД ЧЕМБЕРС

# 9| БАРХӮРДИ МАРГОВАР

Дар бахши аввал мо дар бораи ҷалоли Худо сӯҳбат кардем ва танҳо рӯ-рӯи мавзӯъро дахл намудем. Дар ин боб мо ба қудратҳои гуногуни ҳузури Худо таваҷҷӯҳ мекунем. Биёед аз он шурӯъ мекунем, ки ба даврае бармегардем, ки Худои мутаъол дар хайма зиндагӣ карданро интихоб карда буд, вақте, ки халқи Исроил дар биёбон зиндагӣ мекарданд.

Баъди кори пурҷӯшу хурӯш, ки вақти зиёдеро талаб карда буд, як гурӯҳ коргарон сохтмони хаймаро ба охир расонданд. Он мувофиқи нақшаи аниқе, ки Худо ба Мӯсо дар кӯҳ дода буд, сохта шуда буд ва намунаи ноҳамвори хаймаи осмонӣ буд (Ибриён 8:1–5). Ҳамон даме, ки корҳо ба анҷом расиданд, Худо Худро дар ҳузури пурҷалоли Худ зоҳир намуд.

> “Ва абр хаймаи ҷомеъро пӯшонид, ва ҷалоли Худованд масканро пур кард; ва Мӯсо натавонист ба хаймаи ҷомеъ дохил шавад” (Хуруҷ 40:34, 35).

Худо бори дигар Исроилро аз ҷалоли Ӯ бо абр пӯшонд. Ӯ омода буд, ҳамроҳи халқи маҳбуби Худ тавре бошад, ки онҳо тоқат карда метавонистанд.

Танҳо ба саркоҳин иҷозат дода шуда буд, ки дар як сол як маротиба тавассути хуни ҳайвонот ба Қудси Қудсҳо ворид гардад. Ин вазифаро Худо таъин карда буд, аввалин саркоҳин Ҳорун шуд, бародари Мӯсо.

Дар рӯзи муайян, ду писари Ҳорун, ҳамчунин коҳин буданд, ба хайма даромада, “ба ҳузури Худованд оташи *бегонаро*, ки Ӯ ба онҳо

амр нафармуда буд, наздик оварданд” (Ибодат 10:1). Оиди ҳолати рӯйдода, фикрҳои гуногун вуҷуд доранд, аммо барои асоси масъаларо дарк кардан, биёед аз амали онҳо даргузашта, ба ангезаи он таваҷҷӯҳ кунем. Яке аз таърифҳои калимаи “бегона” – “муносибати беэҳтиромона ба ягон чизи муқаддас аст”. Ин чунин маъно дорад: нисбат ба муқаддас ҳамчун чизи оддӣ ва муқаррарӣ муносибат кардан. Дар асл, писарони Ҳорун ба ҳузури пурҷалоли Худо бе эҳтиром ворид шуданд. Он чизе, ки баъд рӯй медиҳад, ҳушёр мегардонад ва ҳатто тарсовар аст.

> “Ва оташе аз ҳузури Худованд берун омада, онҳоро сӯзонид; ва онҳо ба ҳузури Худованд мурданд” (Ибодат 10:2).

Ин ду нафар, ки барои ворид шудан ба ҳузури Худо ба онҳо иҷозат дода шуда буд, аз барои беадабии худ дарҳол мурданд. Худо ба онҳо бераҳмона ҳамла кард? Не, худи онҳо худро дар хатар гузоштанд. Тасаввур кунед: Замин аз Офтоб дар масофаи 93 миллион мил ҷойгир шудааст. Барои аксари одамон офтобпарастӣ дар соҳил як – лаззати бузург аст, аммо агар шумо қарор кунед, ки дар радиуси даҳ ҳазор мил аз худи ҳамон Офтоб офтобпарастӣ кунед, шумо фавран ба марг дучор мешавед.

Онҳо хатогӣ карданд, ки бо ҳузури муқаддас ва пурҷалоли Худо аз ҳад зиёд ошногӣ карданд ва ба ҳамин тавр ба сари худ фалокат оварданд.

Гӯш кунед, ки Мӯсо ба Ҳорун дарҳол пас аз марги писаронаш чӣ гуфт:

> “Ин аст он чи Худованд сухан ронда, гуфтааст: Ба воситаи наздиконам қудсияти Худро зоҳир хоҳам сохт, ва дар назари тамоми қавм ҷалол хоҳам ёфт. Ва Ҳорун хомӯш монд” (Ибодат 10:3).

Он чизе, ки Мӯсо гуфтааст, – ин қарори универсалӣ ва абадӣ аст. Универсалӣ маънои онро дорад, ки он ба ҳар махлуқот дахл дорад: хоҳ одам ва хоҳ фаришта. Абадӣ маънои онро дорад, ки ҳамеша хоҳад буд, он тағйирнопазир аст. Шумо метавонед ба ҳузури Ӯ танҳо бо эҳтиром ва дили кушод ворид шавед.

Биёед ба шоми ман дар Бразилия бармегардем. Аз ҳузури тавонои Худо, вақте ки шамол мевазид, маро тарси муқаддас фаро гирифт. Як фикр аслан дар майнаам метапид: “Ҷон Бивер, як ҳаракати нодуруст кунӣ, як калимаи нодуруст гӯӣ, ту мурдӣ!”

Ман намедонам, ки оё ин воқеан рӯй медод, аммо як чизро аниқ гуфта метавонам: як мард ва як зан дар Аҳди Ҷадид дар фазои ба ин

монанд як ҳаракати нодуруст карданд ва ҳарду афтода ҷон доданд. Бале, “ҷон доданд” маънои онро дорад, ки онҳо дар қаъри шаш фут дар зери замин дафн шудаанд (Аъмол 5:1–10). Ин ҳамсарон дар назди пешвоёни калисои худ ва дигар имондорон қурбонӣ оварданд. Аммо онҳо дарҳол ҳалок гардиданд ва худи ҳамон рӯз дафн карда шуданд. Вақте ки ин ҳодиса рӯй дод, дигар имондорон чӣ гуна муносибат карданд?

> “Тамоми аҳли калисо ва ҳамаи онҳое ки инро шуниданд, ба *ҳароси азиме* афтоданд” (Аъмол 5:11).

Якчанд тафсилотро қайд кардан бамаврид аст. Дар он гуфта нашудааст, ки “ҳароси азим тамоми шаҳрро фаро гирифт”, балки “ҳароси азиме тамоми калисоро фаро гирифт”. Дуюм, аҳамият диҳед, ки он танҳо “ҳарос” навишта нашудааст, балки “ҳароси азим”. Муаллифони қадими ибрӣ, чи хеле, ки аксар вақт мо дар фарҳанги ғарбӣ мекунем, муболиға накарданд. Агар дар Навиштаҳо “азим” гуфта шуда бошад, ин дараҷаи хеле баланди тарси муқаддас аст.

Дар боби дуюми Китоби Аъмол, вақте ки Рӯҳулқудс аввалан дар Пантикост фуруд омад, баъзе аз одамоне, ки дар он ҷо истода буданд, ба хулоса карданд, ки шогирдон соати нӯҳи саҳар аз шароб маст буданд. Танаффус гиреду як дақиқа фикр кунед, одаме, ки ҳушёр нест чӣ гуна рафтор мекунад? Одатан, вай барои орому ботамкин будан кӯшиш намекунад, баръакс, бештар дар он ҷое, ки одамон менӯшанд, садои ханда шунида мешавад ва хурсандӣ эҳсос мешавад. Фазои он рӯзи муҳимро ҳамин тавр бояд тасвир кард. Ҳузури Худои меҳрубони мо тароватбахш ва гуворо буд. Аммо вақте, ки ҳузури саҳмгин ва ҳатто даҳшатноки Ӯ барои доварӣ дар байни худи ҳамон одамон зоҳир шуд, тамоми калисоро тарсу ларзиши бузург фаро гирифт. Ин воқеъа фаҳмиши онҳоро дар бораи муқаддасии Худо хеле зиёд кард.

Аксар вақт аз ман мепурсанд: “Чаро одамон дар ҷаҳони муосир афтода ҷон намедиҳанд?” Саволи хуб ва асоснок аст. Ин ҳамсарон ба Петрус ва дар ниҳоят ба Рӯҳулқудс дурӯғ гуфтанд. Дар асри 21 пасторҳои зиёде ҳастанд, ки одамон – ба онҳо дурӯғ мегӯянд, пас чаро онҳое, ки дурӯғ мегӯянд ба ҳамин сарнавишт дучор намешаванд? Биёед мебинем, ки дарҳол пас аз марги ин ҳамсарон чӣ рӯй дод:

> “…беморонро ба кӯчаҳо баровარда, болои бистарҳо ва катҳо мегузоштанд, то ки дар вақти гузашта рафтани Петрус ақаллан сояи ӯ бар баъзеи онҳо биафтад… ва ҳамаи онҳо шифо меёфтанд” (Аъмол 5:15, 16).

Вақте ки оиди ин фикр мекунӣ, ақл инро қабул намекунад. Аҳамият диҳед, ки дар ин ҷо "кӯчаҳо" (дар шакли ҷамъ) гуфта шудааст! Ва на танҳо баъзеҳо шифо ёфтанд, балки "ҳама"! Биёед ин расмро дар шакли муосир тасаввур мекунем. Гӯё Ҳаввории Петрус вориди беморхона асосӣ гардид ва тамоми катҳоро дар ҳамаи ошёнаҳо, танҳо дар долонҳо роҳ гашта, тоза кард. Чунин бузургии қудратро танҳо дар фазои ҷалоли Худо пайдо кардан мумкин аст.

Барои тасдиқ, боз як мисол аз Навиштаҳои Муқаддас меорем. Садҳо сол пас аз ҳодисаи нохуш бо ду писари Ҳорун, писарони дигар – Ҳофнӣ ва Финҳос, – ки онҳо низ коҳин буданд, бо заноне, ки дар назди дари ҳамон хайма ҷамъ омада буданд, зино карданд. Шояд ин дар масофаи камтар аз навад фут, аз он ҷое ки писарони Ҳорун мурданд, рӯй дода бошад! Аммо ин барои онҳо басанда набуд, онҳо инчунин аҳли калисоро тарсонида, қурбониҳоро аз дасти онҳо бо зӯрӣ мегирифтанд. Онҳо "шахсони нобакор буданд: Худовандро намешинохтанд ва вазифаи коҳинонро нисбати мардум намедонистанд" (1 Подшоҳон 2:11–13). Худо дар бораи ин одамон гуфт: "дар ҳаққи хонадони Элӣ қасам хӯрдаам, ки гуноҳи хонадони Элӣ бо қурбонӣ ва ҳадия то абад кафорат нахоҳад шуд" (1 Подшоҳон 3:14). Шумо ҳеҷ гоҳ намехоҳед ин суханонро аз даҳони Худои Мутаъол шунавед!

Рафтори онҳо назди Худо бениҳоят таҳқиромез буд ва нисбат ба рафтори писарони Ҳорун чанд маротиба бештар беэҳтиромонатар буд, бо вуҷуди он, ин одамон дар ҳамон хайма ногаҳон намурданд. Чаро? Ҷавоб дар ин суханон аст: "Каломи Худованд дар он айём камёфт буд, ва рӯъё ҳанӯз маъмул набуд" (1 Подшоҳон 3:1). Норасоии рӯъё оиди ваҳйи Каломи Худо аз набудани ҳузури Ӯ шаҳодат медиҳад; он вуҷуд надошт, айнан ҳамон тавре, ки дар хизматгузорӣ дар Бразилия. Аммо дар айёми Мӯсо он ба пуррагӣ вуҷуд дошт.

Мо аз ин мисолҳо чӣ гуна хулоса гирифта метавонем? Ҳар қадаре, ки ҷалоли Худо бештар зоҳир гардад, ҳамон қадар қавитар ва тезтар, доварӣ барои беэҳтиромӣ хоҳад омад. Аз ин рӯ, доварии ба таъхир гузошташуда – доварии бекоршуда нест. Аз ин сабаб Павлус менависад:

> "Гуноҳҳои баъзе касон ошкор аст ва рост сӯи маҳкумият мебарад, лекин гуноҳҳои баъзеи дигарон баъдтар ошкор мешавад" (1 Тимотиюс 5:24).

Ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ ягон ҳолат ба муносибати беэҳтиромӣ, тасодуфӣ ва ошноӣ нисбат ба Худо роҳ надодан – маънои оқилона рафтор карданро дорад. Дар асл, вақте ки ҷалоли Ӯ зоҳир намешавад, боз

ҳам хатарноктар аст. Чаро? Зеро аз барои эътиқоди фиребанда, ки ту қабул шудаӣ, барои он ки доварӣ нест, ба ҳолати беэҳтиромӣ афтодан осонтар аст. Агар чунин ҳолат рӯй диҳад, мо метавонем ба осонӣ фикр кунем, ки Худо нисбати беэҳтиромии мо парвое надорад, чуноне, ки мо дар боби оянда мебинем.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “Ба воситаи наздиконам қудсияти Худро зоҳир хоҳам сохт ва дар назари тамоми қавм ҷалол хоҳам ёфт” (Ибодат 10:3).

**Маъно**. Ҳар қадаре, ки ҷалоли Худо бештар зоҳир шавад, доварӣ барои беэҳтиромӣ ҳамон қадар қавитар ва тезтар хоҳад омад. Аз ин рӯ, доварии ба таъхир гузошташуда – доварии бекоршуда нест.

**Мулоҳиза.** Чӣ тавр ман метавонам дар дуо, дар калисо, дар парастиш, ҳангоми мавъиза кардани Каломи Худо ё дар ҳаёти ҳаррӯза, ба назди Худованд биёям? Оё ман ҳангоми наздик шудан ба Ӯ муносибати оддӣ пайдо накардаам? Оё ман воқеиятро аз назар дур накардаам, ки Ӯ на танҳо Падари Ман, балки Худои муқаддасест, ки оташи фурӯбаранда аст?

**Дуо.** Падари Осмонии азиз, ман аз Ту бахшиш мепурсам, ки ба ту бо муносибати оддӣ ва беэҳтиромона наздик мешавам. Ман аз назарам дур кардам, он чиро, ки Ту Кӣ ҳастӣ, ва бо Ту ошноӣ кардам. Ман пушаймон ҳастам ва дигар ба Ту ҳамчун “рафиқ” нигоҳ намекунам, балки Туро ҳамчун Худои муқаддасе, ки Ту ҳастӣ, эҳтиром мекунам. Ташаккур, барои он, ки Ту некӯкор ва раҳим ҳастӣ ва беадабии маро мебахшӣ. Ба исми Исо ман дуо мекунам. Омин.

**Эътироф.** Ман Худоро новобаста аз он, ки Ӯ ҳузури Худро қавӣ ё заиф зоҳир мекунад, эҳтиром хоҳам кард.

Зеро ки роҳҳои одамизод
ба Худованд кушода аст,
ва Ӯ ҳамаи пайроҳаҳои вайро
мушоҳида мекунад.

– МАСАЛҲО 5:21, ТНР

# 10| ХУДО МАРО ФАРОМӮШ КАРД

Тавре ки аллакай гуфта шуд, тарси муқаддас дар мо мутаносибан ба фаҳмиши мо дар бораи ҷалоли Худо меафзояд. Баръакс ин низ дуруст аст: чӣ қадаре ки мо аз Худо камтар тарсем, ҳамон қадар бузургии Ӯро то дараҷае коҳиш медиҳем, ки Ӯро ба қобилиятҳои инсонии худ маҳдуд месозем.

Сохти дунё ба ҷараёни дарё монанд аст, ки бо қувваи бузург баланд шуда, дар кӯшиши гирифтани ҷалоли Худо, ба равонии одам зарбаи сахт мезанад. Моҳияти ин дарё дар сухан, андеша, тасвир, навор ва дигар васоити ахбори омма аст, ки метавонад инсони мирандаро аз ҳисоби паст задани бузургии Офаридгорамон, болобардор намояд.

Шахсе, ки тарси муқаддас надорад, ба осонӣ ба ин нерӯ таслим мешавад ва дар фикри он, ки Худо ба ӯ аҳамият намедиҳад ва ба он ки ӯ чӣ кор мекунад аҳамият намедиҳад, ба уқёнуси андешаҳо меафтад. Дар сараш чунин андешаҳо пайдо мешаванд: *"Ман аз қоида истисно ҳастам, ман озод ҳастам, ки ҳар чӣ ки хоҳам онро бикунам, аз аксари дигарон фарқият надорам, барои Худо нияту суханон ва амалҳои ман муҳим нестанд, ва ниҳоят дар ҷаҳон бисёр чизҳое рӯй медиҳанд, барои Ӯ душвор аст, ки ҳамаро пайгирӣ кунад".*

> «Одами шарир дар дили худ мегӯяд: «Худо маро фаромӯш кардааст, рӯи Худро ӯшидааст, ҳаргиз инро нахоҳад дид»» (Забур 9:32, ТНР).

Ин навъи тафаккури хато ва хатарнок, якчанд вариантҳо доранд, аммо ҳамаи онҳо ба дарк кардани қобилиятҳои Худо нисбат ба оне,

ки дар асл онҳо ҳастанд, ноқистаранд. Ин дарккунӣ ба он монанд аст, ки шахс дар бораи падару модар, сардор, муаллим, мураббӣ ё ягон роҳбари дигар, ки шояд ба рафтори мо эътибор надиҳад ва ё аҳамият надиҳад, фикр мекунад. Одамоне, ки ба ин дом афтодаанд, худро бо фикрҳое тасаллӣ медиҳанд, ки аз паси ҳама ҷузъиёт, аз сабаби барзиёд будани онҳо назорат карда намешавад ва аз ин рӯ, аз қобилиятҳои Худо паст мезананд.

Биёед як қадам ба пеш гузорем. Агар шахс дар ин нишебии лағжишнок роҳ гаштанро, бидуни тарси муқаддас идома диҳад, зиёда аз он, дар умуман набудани он, ӯ худро таҳти хатари эътиқоди шайтонии "*Худо нияту суханон ва амалҳои маро намебинад*" мегузорад. Фикр кардани он, ки Худо фаромӯш кардааст – як чиз аст ва чизи дигар он, ки – Ӯ *қодир* нест, ки бубинад! Ин умуман як сатҳи дигари беэҳтиромист.

Аз одамон метавон суханон, амалҳо ва ниятҳоро пинҳон кард. Метавон дар торикӣ, ҳатто дар соя, пинҳонӣ коре кард, ки то дигарон пай набаранд. Аммо агар мо фикр кунем, ки фикру ақидаҳои худро аз Худои Муттаъол пинҳон карда метавонем, худамонро фиреб медиҳем. Ин тахмини нодуруст, бошуурона аст ё не, он дар ҷоне, ки аз тарси муқаддас маҳрум аст, қарор дорад. Дар Навиштаҳои Муқаддас навишта шудааст:

> "Эй вой бар онҳое ки қарори худро аз Худованд бағоят амиқ пинҳон медоранд, ва аъмолашон дар торикист, ва онҳо мегӯянд: «Кист, ки моро бубинад? Ва кист, ки моро бидонад?» " (Ишаъё, 29:15).

Дар назари аввал, шояд фикр кард, ки Ишаъё дар бораи одамони бадкор – дар бораи беимононе мегӯяд, ки ба калисо намедароянд ва даромадани ҳам нестанд ва барои хизматгузорӣ ҷамъ намешаванд. Бо вуҷуди ин, ин суханон аз китоби пайғамбар Ишаъё аниқ дар бораи *одамоне навишта шудаанд, ки худро имондор меноманд*. Ин дуруст аст, зеро каме болотар аз ин сатрҳо чунин навишта шудааст:

> "Ва Худованд гуфт: азбаски ин қавм бо даҳони худ ба Ман наздик мешаванд ва бо лабҳои худ Маро ҷалол медиҳанд, вале дили худро аз Ман дур кардаанд, ва тарси онҳо аз Ман натиҷаи омӯхтани аҳкоми инсонист" (Ишаъё 29:13).

Биёед ман ба забони муосир тарҷума кунам. Ин одамон эътироф мекунанд, ки онҳо бо Исо муносибат доранд, зеро онҳо бо файзи Ӯ наҷот ёфтаанд. Бо суханон онҳо Ӯро эҳтиром мекунанд, дар конфронсҳои

масеҳӣ иштирок мекунанд, дар смартфони худ мусиқии рӯҳонӣ гӯш мекунанд, аммо дар як ҷои қаъри дили худ, онҳо чунин меҳисобанд, ки Худованд ба дидан ва шунидани он чиро, ки онҳо фикр ё амал мекунанд, *қодир нест*. Ҳолати ақли онҳо аз бисёр одамоне, ки умуман ба Исо пайравӣ намекунанд, бадтар аст. Онҳо ба дурӯғ бовар мекунанд ва боз бадтараш он аст, ки онҳо бепарвогии худро дарк намекунанд.

Шумо метавонед эътироз кунед: "Чунин буда наметавонад!" Биёед ба ҷуфти Аҳди Ҷадид, ки мо дар боби қаблӣ дар бораи он сӯҳбат карда будем, – Ҳанониё ва Сафира аз нав бармегардем (Аъмол 5). Барои фаҳмидани рафтори нодурусти ин ҷуфт, донистани замина муҳим аст. Солномаи оилавии онҳо аз боби чорум оғоз меёбад.

> "Юсуф, ки ҳаввориён ба ӯ лақаби Барнаббо, яъне «ибни тасаллӣ» — ро дода буданд, ва ӯ аз сибти Левӣ, аз аҳли Қаприс буд, замине дошт, ва онро фурӯхт ва пулашро оварда, дар ихтиёри ҳаввориён гузошт" (Аъмол 4:36, 37).

Он вақт Кипр ҷазираи бойе буд, ки дар он сангҳои қимматбаҳо, маъдани мис ва оҳан, чӯб дар фаровонӣ истихроҷ карда мешуданд. Он бо гулу мева, май ва равганаш машҳур буд. Агар шахс дар Кипр замини шахсии худро дошта бошад, пас эҳтимоли зиёд аст, ки ӯ сарватманд буд.

Тасаввур кунед: як левити сарватманд аз ҷазираи Кипр аз фурӯши қитъаи замини худ маблағи калон меорад ва онро дар пеши назари тамоми калисо ошкоро медиҳад. Баъдан чӣ рӯй медиҳад?

> "Аммо Ҳанониё ном шахсе, бо ҳамсараш Сафира, мулки худро фурӯхт…" (Аъмол 5:1).

Ба ибораи "ном шахсе" диққат диҳед. Он алоқамандӣ ва идомаи фикри дар ояти пештара баёншударо нишон медиҳад. Азбаски ин оят боби нав мекушояд, мо метавонем ба осонӣ аз тавсифи умумии ҳикоя берун равем.

Ин одами сарватманд ба калисо меояд ва дар пеши назари ҳама маблағи назаррасро ҳадя мекунад. Бахшоиши ӯ дар ин ҷуфт аксуламали муайянеро ба вуҷуд меорад. Онҳо фавран моликияти худро мефурӯшанд ва...

> "…бо огоҳии ҳамсараш, гирифта нигоҳ дошт ва боқии онро оварда, дар ихтиёри Ҳаввориён гузошт" (Аъмол 5:2).

Чӣ чунин аксуламалро ба миён овард? Оё чунин буда метавонад,

ки ин ҳамсарон дар он вақт обрӯю эътибори саховатмандтарин ҳадягузорандаҳоро дар калисо доштанд? Агар чунин бошад, оё ин таваҷҷӯҳи ҳокимон ва одамонро ва ба худ ҷалб намекард? Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки қурбонӣ кардан – ин тӯҳфа кардан аст, ба монанди он, ки чӣ хеле, ки бисёриҳо эътибор медиҳанд ва ҳатто бо бахшоишҳои гуногун фахр мекунанд аз қабили хизматгузорӣ, мавъиза, меҳмондорӣ, таълимдиҳӣ, пешвоӣ ва ғайра, саховатмандӣ – низ истисно нест, ин бахшоиш сазовори таваҷҷӯҳ аст (2 Қӯринтиён 9:12, 13). Оё ин ҷуфт аз эҳтиром ва таваҷҷӯҳ ҳаловати аз ҳад зиёд мегирифтанд? Ва ҳис карданд, ки шахси нав метавонад аз онҳо бартарӣ дошта бошад? Ҳамаи ин одамон аз хайрияи саховатмандонаи ӯ фахр мекарданд, зеро бо кӯмаки ӯ метавон одамони зиёдеро дастрас намуда, камбағалонро ғамхорӣ кард. Ҳамин тавр, Ҳанониё ва занаш таваҷҷӯҳи пештараро намегирифтанд.

Эҳтимол, ин ҷуфт ташнаи ба худ баргардонидани эътибори аз даст дода буданд, аз ин рӯ онҳо тасмим гирифтанд, ки қитъаи заминро – шояд, муҳимтарин амволи худро фурӯшанд. Онҳо фикр мекарданд: "Ин аз ҳад пули зиёд аст, ки аз он ҷудо шаванд. Аммо мо мехоҳем *вонамуд кунем*, ки ҳама чизро фурӯхтем. Аз ин рӯ, биё танҳо як қисми онро медиҳем, аммо ба ҳама эълон мекунем, ки ин ҳама маблағи даромад аз фурӯш аст". Шояд ин фикрҳои бардурӯғ бо далелҳо асоснок мешуданд, ки ҳадяи онҳо метавонад дигаронро ба қурбонӣ намудани маблағҳои калон илҳом бахшад.

Аёният аз ҳақиқат дида муҳимтар буд ва бинобар он ба фиреб водор месохт. Чӣ тавр ин ҷуфт ҳатто фикр карда тавонистанд, ки Худо инро намебинад?

Онҳо дар ин бора фикр карда, мулоҳиза карда, байни худ ин нақшаро мувофиқа карданд. Бо боварии он ки онҳо метавонанд нақшаи худро аз Худованд пинҳон кунанд, онҳо рафтори бади худро дар торикӣ анҷом доданд! Ва дар ҷое дар қаъри ҷон умед доштанд, ки *Худованд аз он чӣ рӯй дода истодааст, хабардор намешавад*! (қариб иқтибоси бевосита аз Ишаъё 29:15). Ҳардуи онҳо ҷони худро бохтанд, ҳардуро худи ҳамон рӯз гӯрониданд!

Чӣ гуна ду марди имондор, ки дар бобҳои қаблӣ шоҳиди муъҷизаҳои назаррас буданд, – чӣ хеле, ки шамол аз осмон вазида ва таваҷҷӯҳи тамоми шаҳрро ба худ ҷалб намуд, ҳазорон нафар дар ҷамъомадҳо наҷот ёфтанд, ки пешакӣ касе эълон накарда буд, марди ланг ба таври мӯъҷизавӣ ба роҳ гаштан даромад, бино аз қудрати Худо ба ларза омад ва дигарон, – метавонистанд бовар кунанд, ки ниятҳои худро аз Худои Мутаъол пинҳон мекунанд?

Ё чӣ тавр Одаму Ҳавво, ки дар боғ бо Худо сайругашт мекарданд,

бовар карда тавонистанд, ки пас аз гуноҳи худ аз Ӯ пинҳон шуда метавонанд (Ҳастӣ 3:8)?

Чӣ тавр исроилиён гуфта тавонистанд: “Худованд намебинад!” (Ҳизқиёл 9:9)?

Дар бораи ин суханони ҳайратангез чӣ гуфтан мумкин аст: «Оё ту, эй писари одам, он чиро, ки пирони хонадони Исроил дар торикӣ, ҳар яке дар ҳуҷраҳои бутпарастии худ мекунанд, дидӣ? Зеро ки мегӯянд: „Худованд моро намебинад, Худованд ин заминро тарк кардааст“» (Ҳизқиёл 8:12).

Чанд вақт мо аз беақлӣ фикр мекунем, ки дилҳои сарди худро аз Худованд пинҳон карда метавонем?

Умуман, ҳамаи ин сенарияҳо як решаи умумӣ дорад, ки боиси ба амал омадани чунин иштибоҳи дағалона – набудани тарси муқаддас, мегардад. Дар сари худ мо қобилиятҳои Худоро ба дараҷае паст мезанем, ки аз Ӯ наметарсем ва бадтаринаш он аст, ки мо аз аҳволи худ бехабарем, фаҳмиши мо торафт кунд мешавад.

Мо дар бораи ин ҳолат дар якчанд боби оянда мулоҳиза хоҳем кард.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “…ва ҳамаи калисоҳо хоҳанд донист, ки Ман Имтиҳонкунандаи дилҳо ва ботинҳо ҳастам, ва ба ҳар яке аз шумо мувофиқи аъмолаш подош хоҳам дод” (Ваҳй 2:23).

**Маъно.** Худованд на танҳо корҳои моро медонад, балки мақсад ва ниятҳои дар паси он истодаро низ медонад.

**Мулоҳиза.** Оё ман дар ҳаёти худ дарки онро мекунам, ки Худо фикрҳо, нияту мақсадҳои ботинии маро медонад? Чӣ тавр ман метавонам бештар аз ин ҳақиқатро кашф кунам?

**Дуо.** Падари Осмонии азиз, ман аз Ту хоҳиш мекунам, ки бигзор нияту мақсадҳои ман мисли нияту мақсадҳои Исо пок бошанд. Бигзор ман тамоми фикру хоҳиш, гуфтору рафтори худро дарк намоям, ки Ту ҳамеша роҳҳои маро назорат мекунӣ. Бигзор ман ҳеҷ гоҳ ин ҳақиқатро дар тасаввуроти худ дар бораи Ту паст назанам. Ба исми Исо ман дуо мекунам. Омин.

**Эътироф.** Бо донистани он, ки Худо аз ҳамаи ниятҳо, фикрҳо, гуфтору рафтори ман бохабар аст, ман зиндагӣ хоҳам кард.

Пас чаро ин қавм,
аз ман рӯй гардонданд?

– ИРМИЁ 8:5

# 11| ТАРС ВА ЛАРЗ

Ҳузури ҳайратангези Худо ва баъдан маҳкум кардани Ҳанониё ва Сафира ба Калисо «тарси бузург» овард. Бори дигар бояд қайд намуд, ки сухан дар бораи *шаҳр* не, балки дар бораи *Калисо* – ҷамъомади муқаддасон меравад. Агар мо калимаҳои юнонии "тарси бузург"–ро тафтиш кунем, мо таҳкими ин ақидаро мебинем.

Калимаи аввал – *бузург* – калимаи юнонии "мегас" буда, маънои "дараҷаи баландтарини миқёс... дараҷаи бузург, шадид, даҳшатнок"–ро дорад. Аз ин ҷо як қисми калимаҳои мураккаби "мега" пайдо шудааст. Маънои ин ибора ҳеҷ шакке намегузорад ва онро метавон ҳамчун "мегатарс" тарҷума кард. Дар хотир доред, ки муаллифони Навиштаҳои Муқаддас муболиға намекунанд.

Калимаи дуюм – *тарс* – бо забони юнонӣ "фобос" аст, он аксар вақт дар маънои тарси муқаддас дар тамоми Аҳди Ҷадид истифода мешавад. Маънояш "тарс, даҳшат, ҳурмат, эҳтиром, шараф"аст. Мувофиқи маълумоти дигар, он маънои "эҳтироми амиқ ва тарс назди Худо – ҳурмат, тарси ботакбир"–ро дорад. Мо боз бо калимаҳои *тарс* ва *даҳшат* дучор мешавем, ки дар он дараҷаи назарраси тарс ифода мешавад.

Павлус ҳангоми навиштан айнан ҳамон калимаро истифода мебарад:

> "Пас, эй маҳбубонам, модоме ки шумо ҳамеша фармонбардор будед, аз ин рӯ — на танҳо дар ҳузури ман, балки боз ҳам зиёдтар алҳол, дар вақти набудани ман, — бо тарсу ларз наҷоти худро ба амал оваред" (Филиппиён 2:12).

Наҷоти мо на бо *муҳаббат ва меҳрубонӣ*, балки бо *тарс ва ларз* ба даст меояд, ки мо онҳоро баъдтар бодиққат таҳқиқ мекунем. Инҷо мо боз як дараҷаи навбатии шиддатнокиро мебинем, ки дар ин порча бо

калимаи нави *ларз* ифода ёфтааст. Ин калимаи юнонии “тромос” буда, маънои “ларзидан аз тарс, ваҳшат, даҳшат... ё ҳурмат ва эҳтироми амиқ”–ро дорад. Ин ҳолати ягонаи истифода шудани ин ибора нест, Павлус онҳоро дар Аҳди Ҷадид чор маротиба якҷоя истифода мебарад.

Мо ҳоло тарси муқаддасро то охир таҳқиқ накардаем, аммо аллакай фикр кардан мумкин аст, ки чӣ тавр баъзе муаллимони Каломи Худо метавонанд, онро бо “парастиши эҳтиромона” маҳдуд намоянд. Танҳо дар ин боб фақат ячанд оятҳои интихобшударо таҳлил намуда, калимаҳоеро, ки тобиши баёнию–эхсосӣ доранд, равшан мебинем. Онҳоро бори дигар номбар мекунем: мегатарс, тарси ботакбир, даҳшат, эҳтироми амиқ, ларзиш ва ваҳшат.

Инҳо на танҳо калимаҳое мебошанд, ки барои тавсифи як ҷанбаи хурди ҳаёти мо дар Масеҳ истифода мешаванд; балки онҳо инъикосгари онанд, ки *наҷоти мо чӣ гуна амалӣ* мегардад. Ин вақте рӯй медиҳад, ки кӯшишҳои мо дар ҳамкорӣ бо Рӯҳи Муқаддас ва зери таъсири қудрати Ӯ он чизеро, ки Исо ба мо муфт медиҳад, ба камолот мерасонад.

Аз ин ҷо ва дар идома, мо бо чунин тарз хоҳем гуфт: *наҷоти мо ба воситаи тарсу ларз ба камолот мерасад.*

Аз худ бипурсед, ки чаро дар калисоҳо, гурӯҳҳои хурд ва мактабҳои библиявӣ тарси муқаддаси Худоро ҳамчун яке аз ҳақиқатҳои асосӣ таълим намедиҳанд? Оё мумкин аст, ки аз барои ҳамин дар ҷаҳони ғарб масеҳиёни бесамар ва ширгарм ин қадар зиёданд? Ва оё мумкин аст, ки маҳз аз ҳамин сабаб Навиштаҳои Муқаддас моро оиди “тарки имон”–и бузург аз имон дар ин рӯзҳои охир огоҳ мекунад? Павлус менависад, ки зиддимасеҳ ошкор нахоҳад шуд “то даме ки писари ҳалокат аввал наояд [яъне исёни бузург, тарки имон аз ҷониби хизматгузорони масеҳӣ]” (2 Таслӯникиён 2:3, Тарҷумаи васеъ). Оё мумкин аст, ки тарки имон аз сабаби он рӯй медиҳад, ки мо садои тарси муқаддасро пасттар мекунем? Ман чиҳил солро дар дуо, омӯзиш ва хизматгузорӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва дар шаст кишвари ҷаҳон сарф кардам ва бовар дорам, ки ин чунин аст.

Биёед як қадами дигар ба пеш гузорем. Яке аз таълимоти аслӣ ё асосии Калисо – ин таълимот дар бораи рӯзи доварӣ ё доварии абадӣ мебошад.

Ин калимаҳоро бодиққат хонед:

> “Бинобар ин, таълимоти *ибтидоии* Масеҳро монда, сӯи камол шитоб кунем ва аз нав *асос* нагузорем… оид ба доварии ҷовидонӣ” (Ибриён 6:1, 2).

Гап дар он аст, ки мо ҳама дар бораи он ки чӣ гуна зиндагӣ кардаем, ҳисобот медиҳем. Он чизе ки дар ин доварӣ ошкор мешавад, то абад боқӣ хоҳад монд ва абадӣ хоҳад буд! Барои шахси имондор, ин макон "Курсии доварии Масеҳ" номида мешавад.

Биёед ду калимаи бо курсив ифода шударо, муҳокима кунем. Дар аввал, *ибтидоӣ*. Дар мактаби ибтидоӣ ба кӯдакон чиро таълим медиҳанд? Хондан, навиштан, ҷамъу тарҳ кардан ва дигар малакаҳои асосӣ. Аслан, мо хиштҳои бинокории барои таҳсилоти минбаъдаамон заруриро мегирем. Зеро шумо ба худ таҳсилоти минбаъдаро дар мактаби миёна ё донишгоҳ бе қобилияти хондан, навиштан ва бе малакаи ҷамъу тарҳ тасаввур карда наметавонед!

Ман мебинам, ки бисёре аз имондорон намефаҳманд, ки рӯзе онҳоро ба доварӣ ҳозир хоҳанд кард. Дар беҳтарин ҳолат, онҳо бо ин ифода шиносанд, аммо онро бодиққат наомӯхтаанд. Ин монанди он аст, ки агар онҳо медонистанд, ки малакаҳои ибтидоии дар мактаби ибтидоӣ омӯхташуда заруранд, лекин худашон онҳоро ҳеҷ гоҳ наомӯхтаанд. Саволи хеле муҳим ба миён меояд: чӣ гуна имондорон бидуни ин ҳақиқати *ибтидоӣ* ҳаёти худро дар Масеҳ бунёд мекунанд?

Акнун биёед ба калимаи навбатии бо курсив ифодашуда – *асос* мегузарем. Оё шумо биноеро, ки бе пойдевор сохта шудааст, тасаввур карда метавонед? Дар ҳавои соф он истода ва наафтида метавонад. Аммо дар тӯфони сахт он вайрон мешавад! Тарки имонро метавон чунин тасвир кард. Тадқиқотҳои The Barna Group нишон доданд, ки зиёда аз чил миллион амрикоиҳо аз соли 2000 то 2020 аз имони худро тарк крданд! Нисфи онҳо ҳоло худро масеҳӣ наменоманд – онҳо атеистҳо ё агностикҳо мебошанд. Оё мумкин аст, ки норасогии таълимот дар бораи асосҳои имон ба ин омори даҳшатовар мусоидат кунад?

Биёед кӯтоҳ дида бароем, ки бо доварии мо чӣ вобастааст.

> "Пас зиндадил ҳастем ва афзал медонем, ки аз ҷисм берун рафта, назди Худованд макон гирем" (2 Қӯринтиён 5:8).

Мо аниқ медонем, ки Павлус танҳо ба имондорон муроҷиат мекунад. Вақте ки беимон бадани худро тарк мекунад,ӯ ба ҳузури Худо ворид намешавад.

> "Ва ба ин сабаб саъю кӯшиш менамоем, ки хоҳ дар ин макон бошем ва хоҳ набошем, ба Ӯ мақбул афтем" (2 Қӯринтиён 5:9).

Вақте ки писарони мо наврас буданд, мо бо Лиза имконият

меҷустем, ки онҳоро дар парҳезгорӣ шогирд созем. Дар тарбия кардани онҳо барои мо муҳим буд, ки онҳоро аз муносибати вайроншуда, ки дар онҳо пайдо шуда метавонад, муҳофизат кунем.

Як бегоҳ ман ба онҳо гуфтам:

– Бачаҳо, шумо ҳеҷ коре карда наметавонед, ки мо бо модаратон шуморо камтар ё бештар аз он ки ҳоло дӯст медорем, дӯст дорем.

Муҳаббати беандозаи мо нисбат ба онҳо бетағйир монд. Аммо пас аз чанд сония ман илова кардам: “Аммо шумо барои он масъулед, ки мо то чӣ андоза аз шумо қаноатмандем”.

Ин барои онҳо як зарбае буд.

Ана ҳақиқат дар чист. Мо ҳеҷ коре карда наметавонем, то Худо моро бештар ё камтар дӯст дорад, аммо мо барои он ки Ӯ аз мо то чӣ андоза қаноатманд аст, масъулем. Ана барои чӣ Павлус мегӯяд, ки ҳадафи ӯ “писанд омадан” аст. Чаро?

> “Зеро ҳамаи мо [имондорон ] бояд пеши курсии доварии Масеҳ ҳозир шавем, то ки ҳар яке ба бадали амале, ки дар ҳаёти ҷисми худ кардааст, хоҳ нек бошад ва хоҳ бад, бигирад. Пас, мо, ки тарси Худовандро медонем, ба мардум насиҳат медиҳем” (2 Қӯринтиён 5:10, 11).

Дар ин ҷои доварӣ мо барои гуноҳҳое, ки барои он тавба кардаем, доварӣ карда намешавем, онҳо аллакай бо хуни Исо шуста шудаанд. “Ба андозае ки шарқ аз ғарб дур аст, ҷиноятҳои моро ба ҳамон андоза [Худо] аз мо дур кардааст” (Забур 102:12). Дар ҷои дигар Ӯ ҳамчунин мегӯяд: “гуноҳҳо ва шароратҳои онҳоро дигар ба ёд нахоҳам овард” (Ибриён 8:12).

Доварӣ бар мо аз он иборат хоҳад буд, ки ҳама *некиву бадие*, ки мо кардаем ва чӣ гуна мо ҳамчун имондор зиндагӣ мекардем, тафтиш карда мешавад.

Барои муҳокимаи ҳозираи мо муҳим аст, ки Павлус курсии доварии Масеҳро бо “тарси Худованд” баробар мекунад. Чӣ хеле, ки дар боло гуфта шуда буд, дар забони юнонӣ калимаи “тарс” мисли “фобос” садо медиҳад, ин калима аксуламали калисоро ба доварии Ҳанониё ва Сафира тасвир мекунад. Ҳамин тавр мо ба ба саволи муҳим меоем: оё мумкин аст, ки ин воқеъаи ҷуфти бадбахт ба мо тасвири пешакии довариро аз болои имондорон нишон диҳад?

Мо ин эҳтимолиятро дар якчанд боби оянда муҳокима хоҳем кард.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас**: “Ба тавре ки муносиби Худованд рафтор намуда, аз ҳар ҷиҳат ба Ӯ писанд оед, ва дар ҳар кори нек самара диҳед, ва дар дониши Худо нашъунамо ёбед” (Қӯлассиён 1:10).

**Маъно.** Шумо ҳеҷ коре карда наметавонед, то Худо моро бештар ё камтар дӯст дорад, аммо мо барои он, ки Ӯ аз мо то чӣ андоза қаноатманд аст, масъулем.

**Мулоҳиза**. Оё зиндагии ман ба Худо писанд аст? Чӣ тавр бифаҳмам, ки чӣ Ӯро хурсанд ва чӣ ғамгин мекунад?

**Дуо.** Падари Осмонии азиз, ман аз Ту хоҳиш мекунам, ки ба воситаи Каломи Худ ва Рӯҳи Худ ба ман ошкор намоӣ, ки он чӣ ба Ту писанд аст ва чӣ писанд нест. Ба ман дил ва ақл бидеҳ, ки бештар кӯшиши фаҳмидани онро кунад, ки чӣ ба Ту хурсандӣ ва ҳаловат меорад. Бигзор ман ҳамин тавр ба шинохтани дили Ту шурӯъ кунам ва Туро тамоми умр эҳтиром кунам. Бигзор он чизе, ки аз Ту талаб мекунам, маро барои он омода созад, ки то рӯзе дар назди доварӣ аз болои имондорон истам ва мукофотҳои абадиеро, ки Ту мехоҳӣ ба ман бидиҳӣ, гирам. Ба исми Исо ман дуо мекунам. омин.

**Эътироф.** Ба Худо писанд омадан –ин афзалияти аввалиндараҷа дар ҳаёти ман аст. Ӯ дар ман амал мекунад, то ман хоҳиш амал кардан пайдо кунам ва чунин рафтор кунам, ки сазовори Худо бошад ва дар ҳама чиз ба Ӯ писанд оям.

Дар Худо аҷибаш он аст, ки вақте аз Ӯ метарсед, шумо аз ҳеҷ чиз наметарсед, дар ҳолате, ки агар аз Худо натарсед, шумо аз ҳама чиз метарсед.

– ОСВАЛЬД ЧЕМБЕРС

# 12| РИЁКОРИИ ГУЗАРАНДА

Нисбати он ҷуфти бадбахт, ки риштаи ҳаёти онҳо дар китоби Аъмол канда шудааст, як ҷузъи муҳимро таъкид кардан лозим аст. Мушкилӣ на дар амалҳои Ҳанониё ва Сафира буд, онҳо танҳо ба ҷамъомади калисо қурбонӣ овардананд. Овардани тӯҳфаи молиявӣ барои кори Худо – ин парҳезгорӣ, муқаддас ва аҷиб аст. Гуноҳ ин нияти онҳо буд – хоҳиши ба худ диққат ҷалб намудан буд.

Ҳамин тавр, як саволи муҳиме ба миён меояд: оё дар тахти доварӣ танҳо гуфтору кирдори мо баррасӣ мешавад ё дар баробари онҳо – нияту андешаҳои мо?

Биёед аз он оғоз мекунем, ки огоҳиеро, ки Исо ба шогирдонаш дода буд, мехонем:

> “Дар ин миён, вақте ки ҳазорон одамон ҷамъ омаданд, ба тавре ки якдигарро фишор медоданд, Ӯ ба сухан оғоз намуда, аввал ба шогирдони Худ гуфт: аз хамиртуруши фарисиён, ки *риёкорист*, ҳазар кунед. Ҳеҷ чизи ниҳоне нест, ки ошкор нагардад, ва ҳеҷ чизи махфие нест, ки маълум нашавад” (Луқо 12:1, 2).

Ин ду оят маънии зиёдеро доро мебошад. Тасаввур кунед, ки шумо хизматгузори Инҷил ҳастед ва барои шунидани сухани шумо анбӯҳи зиёди одамон, якчанд “ҳазорҳо” одамон ҷамъ шудаанд. Ин орзуи аксари воизон аст! Аммо Исо чӣ кор мекунад? Вай ба дастаи худ пичиррос намезанад: “Гӯш кунед, бачаҳо, ман дар ин ҷо бахри онҳо ҳастам. Дар канор истед, вақте, ки ман кори Худро мекунам!” Баръакс, ба ҷои ин, Ӯ се корро мекунад.

Аввалан, Ӯ аз фурсат истифода мебарад, то ба онҳо тасаввуроти визуалие диҳад, ки чӣ гуна *зери қудрати лаҳзаи айни замон гузарданда наафтанд*. Ӯ пешвоёни ояндаро бо нишон додани ибрат ва додани таълим оиди *риёкорӣ,* огоҳ менамояд. Ин калимаи юнонии “ҳюпокритес” аст, ки маънояш “оиди мақсад ва ниятҳои ягона гузоштани таассурот, вақте дар асл дигар чиз дар назар дошта мешавад”.

Фарисиён дар соҳаи риёкорӣ мутахассисони ҳақиқӣ буданд – онҳо бисёр корҳоро барои намоиш мекарданд ва вонамуд карданро медонистанд. Исо огоҳ мекунад, ки ба ин дом наафтода, дар андешаҳои худ бояд пок монд. Дар асл, Ӯ мегӯяд, ки ба маъруфият ва эътирофи одамон набояд иҷозат дод, ки шуморо идора кунад, балки дар роҳнамоии Руҳулқудс буда, дар ҳақиқат, таълимот ва ҳаёт бояд содиқ монд.

Дуюм, Исо ба он диққат медиҳад, ки то чӣ андоза риёкорӣ зуд паҳн шуда метавонад. Ӯ онро ба хамиртуруш муқоиса мекунад, яъне хамиртуруше, ки дар хамир ҳал шуда, онро мерасонад. Мисоли равшане, ки Исо овардааст, нишон медиҳад, ки риёкорӣ сирояткунанда аст, аммо назар ба хамиртуруш, он ба некӯаҳволии мо таъсири хеле бад мерасонад.

Сеюм, Ӯ таъкид мекунад, ки риёкорӣ наметавонад пинҳон бимонад. Бешубҳа, ниятҳое, ки паси гуфтору кирдор меистанд дер ё зуд маълум мешавад. Сипас Ӯ мефаҳмонад, ки аз ниятҳои нопок муҳофизат хоҳад кард.

> “Ва Ман ба шумо, эй дӯстонам, мегӯям: аз кушандагони ҷисм, ки қодир нестанд баъд аз он ягон кори дигаре бикунанд, натарсед; Лекин ба шумо нишон медиҳам, ки аз кӣ тарсидан лозим аст: аз Ӯ ҳаросон бошед, ки баъд аз куштан қодир аст ба дӯзаҳ андозад; оре, ба шумо мегӯям, ки аз Ӯ тарсед” (Луқо 12:4, 5).

Исо боз калимаи дорои мазмуни эҳсосии қавии *битарседро* истифода мебарад. Ин калимаи “фобео” аст, ки бо калимаи “Фобос”, ки аллакай дар боби гузашта таъкид шуда буд, ҳамоҳанг аст. Маънои “фобео” ин “ба тарс андохтан, хӯсонидан, ба тарс андохтан” мебошад. Исо далели ба дӯзах андохта шуданро бо поймол кардани тарси муқаддас мепайвандад. Ин фикри даҳшатовар аст ва нисбати он набояд сабукфикрона рафтор намуд. Мо бори дигар мебинем, ки чӣ қадар тарси муқаддас муҳим аст ва бори дигар мо тасдиқи онро мебинем, ки он танҳо ситоиши ботакбир нест.

Исо моро даъват мекунад, ки аз Худо битарсем, на аз одамон. Ба

ибораи дигар, *тарси Худо моро аз тарси одамон озод мекунад, аммо тарс аз одамон, қобилияти тарси Худоро аз мо гирифта, моро ғулом мегардонад.* Ба хатогӣ роҳ надиҳед, тарс аз одамон албатта ба ангезаҳои мо таъсир мерасонад. Дар бораи тарс аз одамон фикр кунед, ҳамон тавре, ки шумо дар бораи тарси Худо фикр мекунед. Тарс аз одамон – маънои аз одамон гурехтанро надорад, балки ин маънои хоҳиши ба одамон писанд омаданро дорад, ки дар зери шуур доштани ангезаи қаноатмандӣ, муҳофизат ё манфиати шахсиро дорад. Тарс аз одамон моро аз хамиртуруши риёкорӣ пур карда, маҷбур месозад, ки баҳри ризоияти мардум зиндагӣ кунем.

Ба назар мерасад, ки амалҳои Ҳанониё ва Сафира бенуқсон буданд, онҳоро барои рафторашон таъна кардан мумкин нест, аммо онҳо бо хоҳиши ба ҷомеаи худ таассуроти муайян гузоштан, мурданд.

Одамон метавонанд амалҳои парҳезгорона кунанд ва суханҳои ба назар поквиҷдонона бигӯянд, аммо агар тарси муқаддас надошта бошанд, онҳо бо ниятҳои худ гуноҳ мекунанд.

Вақте ки ман дар калисои маҳаллӣ дар солҳои 1980–ум хизмат мекардам, ман аз одамон тарси даҳшатнок доштам ва то он даме ки Рӯҳулқудс ба ман ангезаи маро нишон надод, ман онро дарк намекардам. Он вақт ман дар мегакалисои мо мавқеи намоёнро ишғол мекардам ва ҳамеша бо одамоне, ки бо онҳо муошират мекардам, меҳрубон будам ва ба онҳо саховатмандона таъриф медодам, гарчанде на ҳамеша самимона. Ман аз ихтилофот нафрат доштам ва аз онҳо ба мисли аз вабо мгурехтам. Дере нагузашта то ман овозаҳое расиданд, ки ман яке аз одамони меҳрубон дар калисо будаам. Ин ба ман хурсандӣ ва қаноатмандӣ меовард.

Рӯзе дар дуо ман шунидам, ки Худованд гуфт: “Писарам, одамон мегӯянд, ки ту одами меҳрубон ва раҳмдил ҳастӣ”. Ман равшан дар хотир дорам, ки чӣ тавр Ӯ ба дили ман гуфт; ман дар оҳанги Ӯ ягон розигиро ҳис накардам ва боэҳтиёт ҷавоб додам:

– Бале, мегӯянд.

Сипас Ӯ гуфт:

– Оё ту медонӣ, ки чаро ту ба одамон таърифу суханони хуш мегӯӣ, ҳатто агар ин рост ҳам набошад?

– Чаро?

– Зеро ту аз рад шудан метарсӣ. Пас, дар маркази муҳаббати ту кист, ту ё онҳо? Агар ту дар ҳақиқат одамонро дӯст медоштӣ, ту ҳақиқатро мегуфтӣ, аммо на дурӯғ, ҳатто таҳти хавфи рад шудан.

Ман шах шудам. Ҳама маро шахси меҳрубон меҳисобиданд, аммо ҳақиқати воқеӣ тамоман дигар буд. Айнан ҳамин тавр, аъзоёни калисои ибтидоӣ эҳтимол Ҳанониё ва Сафираро ҳамчун одамони парҳезгор меҳисобиданд, хусусан вақте ки онҳо ба пастори худ дар пеши назари тамоми ҷамъомад тӯҳфаи муҳиме тақдим намуданд. Ангезаҳои ман низ ба ҳамон дараҷа ба пешбарии худам, ҳимояи худам ва мукофотонидани худам, равона карда шуда буданд. Дар асл рафтори ман риёкорона буд.

Дар пеши назари ҳама, ки аз паси шумо назорат мекунад, парҳезгории худро ба намоиш гузоштан ва бо корҳои хайриявӣ машғул шудан, ҳамзамон нияти ғаразноки худро пинҳон намудан, осон аст. Ба одамон бо паёми бузурге оиди Хушхабар таъсир расонидан мумкин аст, аммо ботинан аз шӯҳратпарастии худхоҳона дар гирифта (Филиппиён 1:15, 16). Ба камбағалон ҳадяҳои калон кардан мумкин аст, аммо бе муҳаббат (1 Қӯринтиён 13:3). Одамонро ба ситоиш роҳнамоӣ намудан мумкин аст, аммо бо доштани ниятҳои пинҳонии машҳур ва номдор шудан. Дар муомила бо одамон меҳрубон буда, аммо ботинан нисбати онҳо айбҷӯӣ намуда, онҳоро танқид кардан мумкин. Метавон ҳамдардии худро нисбати пасторе изҳор намуд, ки аз сабаби нокомии ахлоқӣ аз ӯ хоҳиш карданд, ки хизматгузориро тарк кунад, аммо дар ботини худ аз он шод шудан мумкин аст, ки ӯ ҷазои сазовор ирифт. Намуди одами фурӯтанро гирифта, гуфтан мумкин аст, ки: "Ҳамаи ҷалол ба Исои Масеҳ", дар ҳоле, ки ботинан мо эътироф ва таърифро дӯст медорем. Ҳамаашро номбар кардан мумкин нест.

Ҳақиқати сахт ин аст, ки аввалан, ягон ангеза ва ниятро аз Худо пинҳон карда намешавад, дуюм, рӯзе ҳамаашон ошкор хоҳанд шуд. Саволи муҳим ба миён меояд: оё онҳо аз мо ниҳонанд? Тарс аз Худованд ба мо кӯмак мекунад, ки хоҳишҳои рӯҳии худро аз даст надиҳем, ки ин хеле муҳим аст, зеро набудани онҳо моро ба фиреб ва риёкорӣ осебпазир мегардонад.

Мардуми калисо аз маҳкумияти Ҳанониё дар ҳайрат буданд, аммо на бештар аз худи Ҳанониё ва сипас Сафира. Надоштани тарси муқаддас дар ин ҳамсарон, онҳоро нобино гардонда буд, ки онҳо нопок будани хоҳишҳои худро намедиданд. Мо бояд бори дигар савол диҳем: оё саргузашти онҳо саршавии доварии Худо бошад? Мо оиди ин, дар боби оянда хоҳем фаҳмид.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “Зеро ки каломи Худо зинда ва таъсирбахш ва аз ҳар шамшери дудама тезтар аст… андеша ва ниятҳои дилро месанҷад” (Ибриён 4:12).

**Маъно.** Тарс аз Худованд ниятҳои дили моро барои мо ошкор мекунад, ки ин хеле муҳим аст, зеро набудани он моро ба фиреб ва риёкорӣ осебпазир мегардонад.

**Мулоҳиза.** Чӣ тавр ман ба хоҳиши писанд омадан ба одамон, ки бо ангезаи ботинии ба даст овардани қаноатмандӣ, ҳимоя ва фоидаи шахсӣ асос ёфтааст, таслим шавам? Таҳти фишор қарор дошта, оё ман дар чизе таслим мешавам? Дар кадом соҳаҳо ин маро маҷбур мекунад, ки бо виҷдонам созиш кунам?

**Дуо.** Падари Осмонии азиз, ман аз Ту хоҳиш мекунам, ки маро бубахш, ки ба манфиати худам, кӯшиши ба одамон писанд омаданро мекунам. Рӯҳулқудс, ман аз Ту хоҳиш мекунам, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти маро фош кунӣ, куҷое, ки ман ба ин фишор ба осонӣ таслим мешавам. Ман тавба мекунам, ки ман одамонро манбаи шодӣ ва хушбахтии худ мегардонам, аммо на Исоро. Аз ту хоҳиш мекунам, ки диламро аз тарси муқаддас пур намо, то ҳамеша дигаронро дар ҳақиқат дӯст дорам ва ба риёкорӣ дода нашавам. Ба исми Исо ман дуо мегӯям. Омин.

**Эътироф.** Ман одамонеро, дӯст медорам, ки бо онҳо муошират мекунам, ба онҳо рост гуфта, ба манфиати онҳо кӯшиш мекунам, аммо на баҳри худам.

Зеро ҳамаи мо бояд
пеши курсии доварии
Масеҳ чуноне, ки ҳастем ҳозир
шавем ва ошкор бошем.

– 2 ҚӮРИНТИЁН 5:10
(ТАРҶУМАИ ВАСЕЪ)

# 13| СЕ СУРАТ

Бодиққат ибораи “чуноне, ки ҳастем, ошкор бошем”–ро дар ояти Китоби Муқаддас дар саҳифаи қаблӣ хонед. Ҳар як шахс дорои се сурат аст: *даркшуда, пешбинишуда ва воқеӣ.*

Тасвири даркшуда – он аст, ки одамон моро чӣ гуна мебинанд. Пешбинишуда – он аст, ки чӣ гуна мо мехоҳем, ки дигарон моро бубинанд. Сурати воқеӣ – он аст, ки мо дар ҳақиқат чӣ гуна ҳастем. Ва ҳарчанд ин сурат барои дигарон ниҳон ва ноаён бошад ҳам, дар назари Худо он комилан намоён аст. Айнан ҳамин тавр, мо дар назди ҳама дар курсии доварӣ ҳозир хоҳем шуд.

Акнун Исоро дида мебароем. Ӯро нодуруст фаҳмиданд, бардурӯғ айбдор карданд, майзада ва пурхӯр меҳисобиданд, бидъаткор меномиданд ва ҳатто дар доштани дев айбдор карда буданд. Воизони диндор ва дигар одамон Ӯро рад мекарданд. Сурати даркшудаи Исо дар назари бисёриҳо, махсусан одамони шариф, манфӣ буд.

Бародарони Исо, ки дар он вақт шубҳа доштанд, ба Ӯ фишор меоварданд, ки дар сурати *пешбинишуда* зиндагӣ кунад. Ана дар бораи онҳо чӣ навишта шудааст: “Пас бародаронаш ба Ӯ гуфтанд: «Ин ҷоро тарк карда, ба Яҳудо равона шав, то ки шогирдонат низ он аъмолеро, ки Ту ба ҷо меоварӣ, бубинанд; Зеро касе ки мехоҳад машҳур шавад, дар пинҳонӣ амал намекунад; <…> Худро ба ҷаҳон нишон деҳ” (Юҳанно 7:3, 4, ТНР). Онҳо таҳти назорати тасаввуроти дигарон буданд ва кӯшиш мекарданд, ки Исоро низ ба ҳамон ғуломӣ – тарс аз одамон ворид созанд.

Бо вуҷуди ин, сурати *воқеии* Исо аз он ки чӣ гуна одамон Ӯро *дарк мекарданд*, фарқ мекунад, зеро “Ӯ сурати намоёни Худои нонамоён аст” (Қӯлассиён 1:15, ТНР). Ҳангоме ки шумораи зиёди одамон Ӯро рад мекарданд, Худои Муттаъол ба ҳама шунаво эълон

кард: “Ин аст Писари Маҳбуби Ман, ки ҳусни таваҷҷӯҳи Ман бар Ӯст” (Матто 3:17). Ба озмоиши вақт на сурати *даркшудаи* Исо, балки сурати *воқеии* Ӯ тоб овард.

Дар замин қарор дошта, Ӯ аз маъруфияти Худ ва ҳар кӯшиши ҷалол додани Худ эҳтиёткор буд. Ҳангоми шифо додани як мӯҳтоҷ Ӯ аксар вақт мегуфт: “Зинҳор, касе аз ин огоҳӣ наёбад” (Матто 9:30). Ӯ аз маъруфият, ошкорбаёнӣ, таъриф ва дар ба мардум писанд омадан эҳтиёткор буд. Вақте, ки ӯро подшоҳ кардани буданд, Ӯ худро барканор кард. Ӯ барои худ “фасад” намеофарид, тасаввуроти бардурӯғ надошт, ба фиреб бегона буд. Ӯ дар тарси Худованд шодӣ пайдо мекард ва ба шарофати ин диққаташ ба Падар нигаронида шуда буд.

Мо низ бояд сурати Исоро инъикос кунем. Инсон вақте озод аст, ки дар ботини худ мувофиқи ҳақиқат зиндагӣ мекунад ва ҳамзамон аз худпешбарӣ вахуд муҳофизаткунӣ худдорӣ мекунад. Рафторе, ки ба худ нигаронида шудааст аз Одаму Ҳавво сарчашма мегирад. Ана дар бораи лаҳзаи суқути онҳо чӣ навишта шудааст: “...Ва чашмони ҳар дуи онҳо воз шуд, ва донистанд, ки бараҳнаанд” (Ҳастӣ 3:7). Нигоҳашон аз Худо ба сӯи худи онҳо нигаронида шуд ва акнун онҳо дар ҷустуҷӯи он буданд, ки чӣ гуна камбудиҳоеро, ки дар худ ошкор кардаанд, пинҳон кунанд. Дар аввал ин ҷуфт кӯшиш карданд, ки бараҳнагии худро *пӯшонанд*. Мо метавонем онро ба таври гуногун ошкор кунем, аммо решаи мушкилот ҳамон тавр боқӣ мемонад. Агар диққати ман ба худи ман нигаронида шуда бошад, ман кӯшиш мекунам, ки суратеро эҷод кунам, ки камбудиҳои намоёни маро *пӯшонад*. Исо ҳаёти Худро дод, то ки моро аз ин ғуломӣ озод кунад. Павлус менависад: “Зеро ки мо ҷуръат намекунем худро бо касони худсито муқоиса намоем ё баробар кунем: онҳое ки худро бо худ андоза мекунанд ва худро бо худ муқоиса менамоянд, хирад надоранд” (2 Қӯринтиён 10:12).

Агар мо дар зери фишори муқоисаи худ бо одамони дигар ҷанг кунем, мо камбудиҳои худро маълум менамоем ва кӯшиши худпешбарӣ ва худмуҳофизаткунӣ хоҳем кард, аммо ҳамааш аз ангезаҳо ва ниятҳои мо оғоз мешавад. Дар ҷаҳони муосир, сурати *даркшуда* назар ба сурати *воқеӣ* вазни бештаре дорад. Ба ибораи дигар, мо обрӯи худро ҳифз мекунем, ҷидду ҷаҳди худро ба намуди зоҳирӣ, мақом, маъруфият, қабул кардан, обрӯ ва ғайра равона мекунем, барои он, ки ҳамаи ин камбудиҳои моро *рӯйпӯш* мекунад.

Дар вақти доварӣ, на инҳо ошкор ва баррасӣ хоҳанд шуд; балки сурати *воқеии* мо, ки дар маркази он ангезаҳо ва ниятҳои мост.

> “Бинобар ин ба ҳеҷ ваҷҳ пеш аз вақт, яъне то даме ки Худованд биёяд, ҳукм накунед, ки маҳз Ӯ чизҳои *дар торикӣ пинҳонро* равшан ва ниятҳои дилҳоро ошкор хоҳад кард, ва он гоҳ ҳар кас аз ҷониби Худо *таҳсин* хоҳад ёфт” (1 Қӯринтиён 4:5).

Бисёр одамон ба ин ояти Навиштаҳои Муқаддас эътибори ҷиддӣ намедиҳанд, фикр мекунанд, ки он ба доварии беимонон дахл дорад. Умуман не, зеро ягон беимон дар доварӣ таъриф нахоҳад гирифт. Ин оят метавонад танҳо дар бораи имондорон сухан гӯяд.

Вақте шумо мешунавед, ки “чизҳои дар торикӣ пинҳонбуда” ва “ниятҳои дил” назди тамоми калисои осмонӣ ошкор хоҳанд шуд, шумо эҳтимолан тарси солимро ҳис мекунед. Шояд ин яке аз сабабҳои он бошад, ки Павлус доварии имондоронро “тарси Худованд меномад”. Огоҳии мо аз воқеияти мазкур тарси муқаддасро ба вуҷуд меорад, ки дар навбати худ моро бозмедорад ва ба мо имкон медиҳад, ки мувофиқи сурати *воқеии* мо зиндагӣ кунем. Аммо, баръакси он низ дуруст аст: ҳар қадаре, ки мо тарси Худовандро надошта бошем, ҳамон қадар бештар ба сурати *даркшуда* такя мекунем.

Ҳананиё ва Сафира ба ин доми марговар афтоданд. Онҳо бештар ба он шавқу ҳавас доштанд, ки одамоне, ки дар онҳо рақибони худро медиданд – дӯстон, пайравони калисо ва воизон, онҳоро чӣ гуна *қабул мекарданд*.

Барои боз ҳам фаҳмотар шудани саргузашти онҳо, биёед роҳеро, ки ба суқути онҳо оварда расонид, тавре тасаввур мекунем, ки он гӯё дар ҷаҳони муосир рӯй дода бошад. Калисо на бештар аз чанд моҳ вуҷуд дошт. Ҳавориён ва пайравони калисо ҳамаро бодиққат назорат мекарданд, то пешвоёни потенсиалии хизматгузориҳои гуногунро бубинанд.

Барои ин ҳамсарон рӯзи хушбахт, ин рӯзе буд, ки вақте онҳо Исоро қабул карданд ва бахшиши гуноҳҳои худро гирифтанд. Онҳоро муҳаббати Худо ва ҷомеаи бародарону хоҳарон иҳота мекард.

Бо вуҷуди ин, оҳиста–оҳиста маркази диққати онҳо ҷои худро иваз мекард. Хеле ҷолиб аст, ки дар ибтидо Худо бешубҳа тавассути онҳо амал мекард – шояд онҳо ҳадя меоварданд, оиди дастурҳо нақл мекарданд, дар дастаи мадҳкунӣ суруд мехонданд – вариантҳо зиёданд. Онҳо аз изҳори миннатдорӣ барои хизматгузориашон ва эътирофи хизматҳои шоистаашон ҳаловат мебурданд. Истеҳсоли эндорфинҳо зиёд мешуд ва эҳсоси ҳаяҷонбахши хушбахтӣ ва қаноатмандиро меовард. Эътирофи онҳо афзун мешуд. Аммо барои нигоҳ доштани ин обрӯи тозатаъсис ба онҳо лозим меомад, ки рафтори шубҳаноки худро

бо гуфтор ва рафторҳои зоҳиран безарар *рӯйпӯш* кунанд. Эҳтимол, онҳо ба ихтилофоти ҷиддии ботинӣ ҷалб шуданд, ки баъд аз он муҳорибаи шадид сар зад. Хашму ғазаб ва баҳси онҳо беш аз пеш зишт мегардид ва дуру дароз мешуд, аммо чун вақти бо имондорон ҷамъ омадан фаро расид, онҳо якбора рафтори худро тағйир доданд, то ки камбудиҳои худро *рӯйпӯш* кунанд. Ҳамсарон намехостанд, ки дигарон ихтилофҳо ва ҷанҷолҳои онҳоро бубинанд, кадоме, ки метавонист ба сурати *даркшудаи* онҳо таҳдид кунад, аз ин рӯ онҳо нисбати якдигар муносибати ғамхор ва меҳрубононаро *тасвир* карданд.

Онҳо аксҳо ва видеоҳоро дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва TikTok нашр карданд, ки онҳо дар он якдигарро ба оғӯш мегирифтанд, табассум мекарданд ва якҷоя вқти хуш мегузарониданд. Аксҳои онҳо ин ё он паёмро дар бар мегирифт: “ҳаёте, ки ман орзу мекардам” ё “ба даст овардани ҳамдигарфаҳмӣ” ё “ман ҳаёти худро бо ӯ дӯст медорам!” Нашрияҳои зиёде буданд, ки зиндагии муваффақро (дар воқеъ мушкилро), тиҷорати рӯ ба тараққиро (ки воқеан – дар таназзул буд), кӯдакони зеборо (рафторашон душвор, мағрур ва худхоҳона буд) ва дигар навъҳои дастовардҳои худро тасвир мекарданд. Чунин ба назар мерасид, ин амалӣ шуд, барои он, ки шумораи пайравони онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ босуръат афзоиш меёфт. Ҳанониё ва Сафира дар доми нигоҳ доштани сурати қавии *пешбинишуда*, парешон шуданд. Ҳама чиз безарар менамуд, лекин тарси парҳезгоронаи онҳо, бо ҳар як амали нави риёкоронаашон оҳиста–оҳиста об мешуд. Онҳо дар дурӯягии худ фош нашуданд. Ҳамааш хуб ба назар мерасид; онҳо обрӯи бенуқсон доштанд, қисман аз он сабаб, ки онҳо дар калисо ҳадягузорони саховатманд буданд.

Рӯзе фаро расид, ки Барнаббо қурбонии худро ба калисо овард. Ногаҳон таваҷҷуҳи бародарон ва хоҳарони онҳо ба нафари дигаре нигаронида шуд, ки аз онҳо болотар буд ва сурати *даркшудаи* онҳо зери таҳдид қарор гирифт. Мутаассифона, дар он вақт таъкид ба сурати худи онҳо аллакай хуб ташаккул ёфта буд. Боқимондаашро Шумо медонед.

Чунин ба назар мерасид, ки ҳама чиз барои одамони дигар безарар ва илҳомбахш буд, аммо он ба роҳи хатарноки харобиовар оварда расонд. Наход, Рӯҳулқудс дар Навиштаҳо дар бораи сарнавишти ин ҷуфт ба мо нақл кард, то ки моро огоҳ кунад ва ба мо тамоми муҳимият ва ногузир будани доварии Худоро нишон диҳад? Павлус менависад:

> “Гуноҳҳои баъзе касон ошкор аст (барои ҳама фош аст) ва рост сӯи маҳкумият (ҷои доварӣ) ва эълони ҳукми онҳо мебарад,

> лекин гуноҳҳои баъзеи дигарон баъдтар ошкор мешавад [аз паси вайронкор бо бинои суд мераванд ва дар он ҷо назди ҳама ошкор мешаванд ]” (1 Тимотиюс 5:24, Тарҷумаи васеъ).

Дар он рӯзи хотирмон гуноҳи Ҳанониё ва Сафира ба ҳама ошкоро фош карда шуд. Хукм пешакӣ бароварда шуда буд. Аммо ташвиши калонро бояд он чизе ба амал оварад, ки гуноҳҳои одамони зиёд дертар ошкор мегардад. Лутфан дар хотир дошта бошед: ҳукми Худо ба ангезаи махфии онҳо дахл дошт, аммо на ба амалашон.

Хабари хуш дар он аст, ки мо метавонем дар ниятҳои торики худ тавба кунем ва Худо на танҳо мебахшад, балки агар мо бо тарси муқаддас ба Ӯ муроҷиат кунем ва ақли худро тавассути Навиштаҳо нав кунем, мо метавонем бо ниятҳои пок баракатёфта мегардем.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас:** “Зеро ҳеҷ чизи ниҳоне нест, ки ошкор нагардад, ва ҳеҷ чизи махфие набошад, ки маълум ва зоҳир нашавад” (Луқо 8:17).

**Маъно.** Ҳар як шахс се сурат дорад: *даркшуда, пешбинишуда ва воқеӣ.*

**Мулоҳиза.** Ман ба кадом сурат майл дорам? Оё ман дар нури ҳақиқат зиндагӣ мекунам ё барои ҳифзи обрӯю эътибори худ фиреб дода, изҳороти бардурӯғ паҳн мекунам? Оё ман бо одамоне, ки бо онҳо муошират мекунам, ростқавлона ва мустақим муносибат мекунам?

**Дуо.** Ман тавба мекунам, ки ба сурати пешбинишуда ва даркшудаи худ аҳамияти калон медиҳам, аммо на ба сурати воқеии худ. Ман бо ростқавлии худ гузашт мекардам ва барои ин аз Ту бахшиш мехоҳам. Андешаҳо ва ниятҳои маро пок гардон. Бигзор дар маркази таваҷҷӯҳи ман Исо ва одамон бошанд, аммо на худи ман.

**Эътироф.** Ман ба шамшери дудамаи Каломи Худо иҷозат медиҳам, ки фикрҳо ва ниятҳои дили маро фош кунад.

Тарси марг ва доварӣ вақте аз мо берун мешавад, ки тарси ҳақиқии Худо ворид гардад ва ин тарс азоб нест, балки юғи равшан ва сабук барои рӯҳ аст, ки ба мо оромиш мебахшад ва моро хаста намекунад.

– А.У.ТОЗЕР ВА ГЭРРИ ВЕРПЛОЙ

# 14| ҚАРОРҲОИ АБАДӢ

Дар муқоиса бо абадият, ҳаёт дар рӯи замин – танҳо як хаёл аст. Аммо дақиқтараш, зиндагии мо ҳеҷ аст, зеро ҳисобҳои оддии риёзӣ нишон медиҳанд, ки ҳар як адади ниҳое, ки ба беохир тақсим мешавад, ба сифр баробар аст. Ҳамин тариқ, навад (плюс ё минус) сол дар муқоиса бо абадият ба сифр баробар аст. Дар нури ин воқеияти даҳшатовар, барои мо оқилона мебуд, ки ба он чизе, ки моро дар абадият интизор аст, омодагӣ бинем.

Қарорҳое, ки Исо нисбати ҳар яки мо дар курсии доварӣ мебарорад, абадӣ хоҳанд буд (Ибриён 6:1, 2). Ин маънои онро дорад, ки онҳо дигар аз нав баррасӣ намешаванд ва тағйироту иловаҳоро дар бар намегиранд. Ҳамин тавр, дар асл, он чизе, ки мо абадиятро дар *куҷо* мегузаронем, аз он вобаста аст, ки мо нисбат ба ба салиби Исо чӣ гуна муносибат кардем, аммо *тарзи* ҳаёти мо ҳамчун имондорон муайян мекунад, ки мо дар абадият *чӣ гуна* зиндагӣ хоҳем кард.

Аз ҳад зиёд одамон малакутро ҳамчун макони ба таври истисно мавҷудияти ғайримоддӣ дар муҳаббат ва осоиштагӣ, бидуни дарду ранҷ тасаввур мекунанд. Онҳо интизоранд, ки муқаддасон дар он ҷо мавҷудоти ғайримоддӣ буда, дар болои абрҳо парвоз карда, арфа менавозанд ва ғизояшон ангур аст. Дигарон осмонро ҳамчун ҷои ситоиши дилгиркунандаи беохир тасаввур мекунанд. Бо чунин андешаҳо аз ин мавҷудияти абадии якранг шод будан душвор аст.

Аммо ин афсонаҳое ҳастанд, ки дар Навиштаҳо тасдиқи худро намеёбанд. Ҳама чизҳои беҳтарин дар ин ҳаёт – танҳо сояе дар абадиятанд. Дар он ҷо низ, ба мо лозим меояд, ки бо банақшагирии иҷтимоӣ машғул шавем, шаҳрҳо созем, халқҳоро роҳбарӣ кунем, галактикаҳоро кашф ва инкишоф диҳем ва шумораи беохири корҳои дигареро анҷом диҳем, ки ба ҳаёте, ки мо барои он офарида шудаем,

алоқаманд аст. Дар шаҳри абадии Худованд мавқеъҳои масъулиятнок хоҳанд буд. Аз ин рӯ, ба курсии доварӣ ҳамчун мусоҳиба ва баҳодиҳӣ нигаред, ки мавқеи абадии шуморо дар пойтахти осмони нав ва замини нав муайян мекунад.

Бо ин ҳама гуфтаҳо, биёед ба муҳокимаи он бармегардем, ки чӣ тавр он чизе, ки дар ин ҷо ва айни замон рӯй дода истодааст, дар курсии доварӣ таҳқиқ карда мешавад.

> "Зеро ҳамаи мо бояд пеши курсии доварии Масеҳ ҳозир шавем ва ба ҳар кас он чиро, ки сазовори он аст, дода мешавад, то ки ҳар яке ба бадали амале ки дар ҳаёти ҷисми худ кардааст, хоҳ нек бошад ва хоҳ бад, бигирад" (2 Қӯринтиён 5:10, ТНР).

Гуноҳҳои мо (гуноҳҳои имондорон), ки моро ба дӯзах маҳкум карданд, бо хуни Исо шуста шуда, то абад бахшида мешаванд (Ибриён 8:12). Бо вуҷуди ин, мо бояд дар доварӣ барои имондорон, барои аъмоли бад (ё зишт) ҳисобот диҳем. Ин бояд диққати моро ҷалб кунад.

Калимаи "бад" (дар юнонӣ "какос") "амалҳои бадеро, ки зарар ё зиён меоранд"–ро ифода мекунад ва ҳамчунин маънои "дур шудан, барканор шудан, ақибнишинӣ дар ҷанг"–ро дорад. Ин калима чизеро тавсиф мекунад, ки зарар на танҳо дар натиҷаи он амале, ки мо мекунем, расонида мешавад, балки ҳамчунин дар натиҷаи ақибнишинӣ ё барканор шудани мо, ба ибораи дигар гӯем, он чӣ ки мо *намекунем*, расонида мешавад. Ҳамин тариқ, он на танҳо амалҳои моро, балки имкониятҳои аз даст додашударо низ дар бар мегирад. Тарси муқаддас моро водор мекунад, ки дар масъулияти худ назди Малакути Осмон бодиққат бошем ва инчунин ба ниятҳои ё амалҳои бад, ки ба он одамоне, ки Худо дӯст медорад, зарар расонида метавонад, роҳ надиҳем.

Аксар вақт Навиштаҳо моро "бинокорон" меномад. Бинокоронро метавон ҳамчун зерпудратчиён ҳисоб кард, ки хонаи фармоишии Худоро месозанд, ки Ӯ то абад дар он сокин хоҳад буд. Хонаи ӯ номи – *Сионро* дорад (ниг. Забур 131:13, 14) ва маводе, ки вай аз он иборат аст, – сангҳои зинда, тамоми муқаддасони Ӯ (ниг. 1 Петрус 2:5), аммо Исо – санги асосии он мебошад (ниг. Ишаъё 28:16).

Павлус вазифаҳои моро равшан тасвир мекунад: "Зеро ки мо офаридаи Ӯ ҳастем ва дар Исои Масеҳ барои аъмоли нек, ки иҷрои онҳоро Худо пешакӣ барои мо таъин намудааст, ба вуҷуд оварда шудаем" (Эфсӯсиён 2:10). Аҳамият диҳед: Павлус менависад, ки Худо ба мо иҷрои корҳоро *пешбинӣ кардааст*, бинобар он мо бояд онҳоро иҷро кунем. Агар мо аз ҳадафҳои ба мо пешбинишуда ақибнишинӣ

карда, дар манфиатҳои муваққатии худхоҳона зиндагӣ карданро афзал донем, ин ҳамчун яке аз намудҳои рафтори "бад" баҳо дода мешавад.

Ғайр аз он, Павлус менависад: "Лекин ҳар кас бояд бубинад, ки ӯ чӣ гуна месозад" (1 Қӯринтиён 3:10, ТНР). Аён аст, ки чӣ гуна сохтани мо, маънои муҳимеро дорад. Оё мо мувофиқи Каломи абадии Ӯ бино мекунем, ё ба рӯҳӣ ин замона гӯш медиҳем? Оё мо мувофиқи Рӯҳи Ӯ бино мекунем ё хоҳишҳои худхоҳонаи худро қонеъ мекунем? Павлус идома медиҳад:

> "Ва агар касе бар ин таҳкурсӣ иморате аз тилло, нуқра, ҷавоҳирот, ё чӯб, хасбеда, пахол бино кунад, аммо рӯзе меояд, ки кӣ чӣ гуна бино кардааст. Зеро ки он рӯз ҳама чиз бо оташ озмоиш хоҳад шуд ва оташ сифати кори ҳар касро нишон хоҳад дод" (1 Қӯринтиён 3:12, 13, ТНР).

Мо метавонем роҳҳои гуногуни сарф кардани вақтеро, ки Худо ба мо ҷудо кардааст, интихоб кунем. Агар мо барои эҷод кардани чизи муваққатӣ ба манфиати худ зиндагӣ кунем, – он маводи зуд оташгиранда мебошад. Агар мо фидокорона зиндагӣ кунем, то Салтанати абадии Ӯро бунёд кунем, мо бо маводе месозем, ки нобуд намегардад, балки пок мегардад. Оташ, яъне Каломи Худо, ҳаёти моро таҳқиқ хоҳад кард. Ба ибораи дигар, чӣ гуна, ният, гуфтор ва рафтори мо ба он мувофиқат мекунад?

Павлус идома медиҳад: "Агар бинои касе пойдор бимонад, он гоҳ бинокор музд хоҳад гирифт" (ояти 14, ТНР). Агар рафтор ва кори мо аз итоат ба Калом ва иродаи Ӯ барои ҳаёти мо ҷараён гирад, дастовардҳои мо то абад боқӣ хоҳанд монд. Дар ин ҷо бояд ба ду чиз диққат дод: Аввалан, дастовардҳои мо аз он иборат хоҳанд буд, ки чӣ тавр мо ба ҳаёти дигарон таъсир расонидаем ва ҳамчунин чӣ гуна мо истеъдодҳоеро, ки Худо ба мо додааст, барои бино кардани Малакути Ӯ истифода намудем. Дуюм, мукофоти абадии мо, мавқеи абадии моро дар Салтанати Ӯ муайян хоҳад кард.

Суханони навбатии Павлус ба худ диққат ҷалб мекунанд:

> "Ва агар бино бисӯзад, он гоҳ бинокор зиёни *бузург*е хоҳад дид. Валекин худаш *наҷот* хоҳад ёфт, аммо ҳамчун одаме, ки базӯр аз девори оташ раҳоӣ меёбад" (1 Қӯринтиён 3:15, тарҷума аз англисӣ).

Аз ин оят бисёр чизро омӯхтан мумкин аст. Аввалан, аҳамият диҳед, ки касе ки месозад, *наҷот* хоҳад ёфт. Сухан дар бораи шахси беимоне намеравад, ки ба оташи абадӣ дар дӯзах маҳкум шудааст, балки дар

бораи шахсе меравад, ки то абад дар Малакути Худо қарор хоҳад дошт.

Сонияи, талафот бузург аст. Калимаи юноние, ки дар ин ҷо истифода мешавад, ҷазо ё талафотро ифода карда метавонад. Аксари олимон инро ҷазо намеҳисобанд ва ман яке аз онҳо ҳастам. Бо вуҷуди он, маънои ин калима эҳсоси талафоти амиқро дар назар дорад. Дар хотир доред, ки ин талафоти амиқ на танҳо ҳангоми доварӣ эҳсос хоҳад шуд, аммо ҳамчунин ба он таъсир мерасонад, ки мо дар абадият чӣ гуна зиндагӣ мекунем.

Сеюм, муқоисае, ки дар ин ҷо оварда шудааст, дар бораи нафаре мегӯяд, ки аз оташ базӯр раҳоӣ ёфтааст. Биёед кӯшиш мекунем, ки ин тасвирро дар ҳаёти муосир тасаввур кунем. Одамон дар Ғарб аксар вақт барои ба нафақа пешакӣ тайёрӣ мебинанд. (Шахсан ман чунин муносибатро дастгирӣ намекунам, зеро чунин меҳисобам, ки ба нафақа баромадан дар бораи аз вазифаҳои худ дур шудан аст ва ин "бад" – κακός аст. Аммо азбаски мавзӯи нафақа муҳим аст, ман онро ҳамчун мисол меоварам.)

Тасаввур кунед, ки дар рӯзе, ки шахс ба нафақа мебарояд, бонк мекафад. Ҳама пасандозҳояш гум мешаванд ва дар ҳамёнаш чанд доллар мемонад. Худи ҳамон рӯз фонди нафақаи давлатӣ ва ҳамаи ширкатҳое, ки дар онҳо суратҳисобҳои нафақаи инфиродии ӯ буд, муфлис шуданд. Илова бар ин, хонаи ин нафақахӯр сӯхта тамом шуд ва ӯ танҳо дар як куртааш аз оташ наҷот ёфт. Ӯ ҳама чизро аз даст дод. Ин сенарияро метавон ҳамчун фалокат арзёбӣ кард. Аммо Павлус айнан чунин тасвири онро мекунад, ки чӣ тавр баъзе имондорон вориди абадият – даврае мешаванд, ки на бисту панҷ сол (давомнокии миёнаи пардохтҳои нафақавӣ), балки тамоми абадият давом мекунад.

Боз Павлус мегӯяд, ки имондор наҷот хоҳад ёфт, аммо ҳама чиз оташ мегирад ва абадан гум мешавад. Дар хотир доред, ки ин доварии абадӣ – қарор аст. Лутфан маро хато нафаҳмед: наҷот ёфтан – чизи ночизе нест, балки бениҳоят беҳтар аз тоқат кардани азоби абадӣ дар оташи дӯзах аст. Чӣ гуна ҳамаи мо хурсандӣ мекунем – аз фаҳмиш берун аст, аммо ба ҳар ҳол эҳсосоте мешавад, ки то чӣ андоза ҳамааш дигар хел шуда метавонист.

Тааҷҷубовар нест, ки дере нагузашта Павлус ин суханонро менависад: "Пас, мо, ки *тарси Худовандро* медонем, ба мардум насиҳат медиҳем" (2 Қӯринтиён 5:11). Лутфан фарёди дили маро бишнавед, ман умедворам, ки ин тарси муқаддасе, ки Павлус дар бораи он сухан меронад, шуморо бовар мекунонад, ки вақти худро ба чизҳое, ки фоидаовар нестанд ё барои эҷод кардани тасвири пешбинишуда ё даркшудаи худ сарф накунед. Ман умедворам, ки

бахшоиши бебаҳои Офаридгор, вақт, ба итоаткорӣ ба Каломи Ӯ ва роҳнамоии Рӯҳ, бахшида мешавад.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “Зеро ҳамаи мо бояд пеши курсии доварии Масеҳ ҳозир шавем, то ки ҳар яке ба бадали амале ки дар ҳаёти ҷисми худ кардааст, хоҳ нек бошад ва хоҳ бад, бигирад. Пас, мо, ки тарси Худовандро медонем, ба мардум насиҳат медиҳем; мо ба Худо ошкор ҳастем, ва умедворем, ки ба виҷдонҳои шумо низ ошкорем” (2 Қӯринтиён 5:10, 11).

**Маъно**. Оҳ, чӣ гуна рафторе, ки мо бо салиби Исо мекунем, муайян мекунад, ки мо абадиятро дар *куҷо* мегузаронем, аммо *тарзи* ҳаёти мо ҳамчун имондорон муайян мекунад, ки мо дар абадият *чӣ гуна* зиндагӣ хоҳем кард.

**Мулоҳиза**. Оё ман ҳар рӯзи ҳаёти худро ба эҷоди абадият – эҷоди ҳаёти дигарон бо ҳақиқат ва муҳаббат равона кардаам ё ин ки қувват, нерӯ ва вақти худро барои эҷоди худ сарф мекунам?

**Дуо**. Падари азизи Осмонӣ, маро бубахш, ки диққат, нерӯ, қувват ва вақти худро барои сохтмони муваққатӣ равона кардам. Ман хоҳиш мекунам, ки ба ман нишон деҳ, ки чӣ тавр ҳар рӯз Малакути Исоро бунёд кунам ва ба ман қувват деҳ, то ба ҳаёти одамон баҳри абадият таъсир расонам. Аз Ту миннатдорам, ба исми Исо. Омин.

**Эътироф**. Ман имкониятҳоро меҷӯям ва ҳамеша истифода хоҳам кард, ки барои абадият муҳиманд, на танҳо онҳоеро, ки бо ин ҳаёт аз байн мераванд.

# МУҚАДДАСИИ РАДНОПАЗИР

## ҲАФТАИ 3

Одами табиӣ аз одам метарсад, на аз Худо. Масеҳии қавӣ аз Худо метарсад, на аз одам. Масеҳии заиф аз одам аз ҳад зиёд метарсад ва аз Худо хеле кам метарсад.

– ҶОН ФЛАВЕЛ

# 15| ТАРС НАЗДИ ОДАМ

Қудсияти ҳақиқӣ ин комилан ба Худо тааллуқ доштан аст. Мафҳуми асосии муқаддасӣ– “ҷудо намудан барои Худо” аст. Арзи маънои он то ҳадде бузург аст, ки метавон дар бораи он китоби чандҷилда навишт. Дар ин ҷо мо нуқтаҳои асосиро таъкид хоҳем кард, зеро тарси парҳезгорӣ – қисми ҷудонашавандаи муқаддасият аст. Аммо пеш аз ба роҳ равона шудан, пешакӣ тасдиқ намудан муҳим аст, ки: муқаддасии ҳақиқӣ – ин ғуломӣ нест, ин озодии ҳақиқӣ аст.

Шояд мурофиаи Ҳанониё ва Сафира муқаддимаи он буд, ки ҳар як шахс рӯзе назди доварӣ хоҳад истод. Саволе кушода боқӣ мемонад: бо ин ҷуфт чӣ шуд? Оё онҳо дар биҳишт “талафоти бузург” диданд ё ба дӯзах афтоданд?

Дар Инҷилҳо дар суханони Исо, мо як ояти Китоби Муқаддасро мебинем, ки аксар вақт барои фаҳмонидани он, ки чаро ин ҷуфт ба лаънати абадӣ маҳкум шудаанд, истифода мешуд: “Лекин ҳар кӣ ба Рӯҳулкудс куфр гӯяд, то абад омурзида нашавад” (Марқӯс 3:29). Хатогии ин ақида дар таърифи калимаи *куфр*, ки маънояш “дар бораи касе ҳарф задан бо мақсади расонидани зиён ё паст задани обрӯи он шахс” кушода мешавад. Ин ҷуфт ба Рӯҳулқудс *дурӯғ* гуфт, аммо аз рӯи маҳфум, онҳо ба Ӯ *куфр* нагуфтанд. Ҳамин тавр масъала оиди тақдири онҳо норавшан аст. Касе ки набошад, ягон нафари мо набояд ба тақдири онҳо ҳасад барад.

Бо вуҷуди он, оё дар Навиштаҳо намунаи шахсе ҳаст, ки чӣ хеле, ки мо медонем, ба осмон рафт, вале дар ҷои доварӣ зарари ҷиддӣ дид? Ман фикр мекунам, ки вуҷуд дорад. Иҷозат диҳед суханони Павлусро дар ин бора иқтибос оварам:

> “Ба ман розигии кӣ лозим аст: одамон ё Худо? Шояд Шумо фикр кунед, ки ман кӯшиш мекунам то ба одамо писанд оям? Агар

> ман барои ин талош мекардам, ман бандаи Масеҳ намебудам" (Ғалотиён 1:10, ТНР).

Чӣ гуна суханони таъсирбахш! Агар мо ба васвасаи ҷустуҷӯи маъруфият дода шавем, мо имтиёзи бандаи Худо буданро аз даст медиҳем. Бо чунин рафтор, мо ҳама гуна суратро ба хотири дарки мусоид тарҳрезӣ мекунем. Павлус ин корро намекард ва мо низ набояд истисно бошем.

Ӯ дар сатҳи баланди тарси муқаддас буд; дар хотир доред, ки ӯ ҳамон шахсе буд, ки навишта буд: "бо тарсу ларз наҷоти худро ба амал оваред"(Филиппиён 2:12). Вай диққати худро ба сурати *воқеии* худ – ҳамоне, ки дар доварӣ ошкор хоҳад шуд, нигоҳ медошт, аммо на ба сурати *пешбинишуда*. Ин ӯро дар ҷои муқаддасии ҳақиқӣ ва итоаткорӣ ба Масеҳ нигоҳ медошт, ҳатто вақте ки ӯ бо ноумедӣ, норозигӣ ё радшавӣ аз ҷониби дигарон дучор мешуд.

Мо бояд ҳамеша ин ҳақиқатро назди худ нигоҳ дорем: *шумо ба касе хизмат хоҳед кард, ки аз ӯ метарсед!* Агар шумо аз Худо тарсед, шумо ба Худо итоат хоҳед кард. Агар шумо аз одам тарсед, шумо пурра ба хоҳишҳои ӯ тобеъ мешавед. Аксар вақт мо дар бораи хафа накардани шахсе, ки дар назди мо истодааст, бештар хавотир мешавем, назар ба Касе, ки мо ӯро аз ҷиҳати ҷисмонӣ дида наметавонем, хусусан агар мо хоҳиши муҳаббат ва дӯстиро дошта бошем. Аз ин рӯ, дар Китоби Масалҳо (29:25) навишта шудааст: "Тарсончакии одам ба дом меоварад" – доме, ки ба он маҳз Ҳанониё ва Сафира афтоданд.

Ман танҳо тасаввур карда метавонам, ки вохӯрӣ бо дигар пешвоён хашму ғазаби Павлусро ба авҷ овард ва боиси он шуд, ки баъдтар дар ҳамон нома сатрҳои зерини айбдоркунанда нависад:

> «Аммо вақте ки Петрус ба Антиёхия омад, ман шахсан ба ӯ мухолифат кардам, чунки ӯ аниқ хато мекард. Ана кор дар чист. То омадани баъзе одамон аз ҷониби Яъқуб, Петрус мунтазам бо ғайрияҳудиён хӯрок мехӯрд; лекин вақте, ки он гурӯҳи консервативӣ аз Ерусалим омаданд, ӯ аз дӯстони ғайрияҳудии худ боэҳтиёт худро ба канор ва дур кашид. Ана чӣ қадар ӯ аз як гурӯҳчаи ғайрияҳудие, ки системаи кӯҳнаи хатнаро дифоъ мекарданд, метарсид. Мутаассифона ҳамроҳи ӯ дигар яҳудиёни калисои Антиохия, низ риёкорӣ мекарданд, то ҳатто Барнаббо низ саргарми риёкории онҳо шуд.
>
> Аммо, чун дидам, ки онҳо мувофиқи ростии Инҷил рафтори рост намекунанд, дар ҳузури ҳама ба Петрус гуфтам: "агар ту,

> ки яҳудӣ ҳастӣ, на ҳамчун яҳудиён, балки ҳамчун ғайрияҳудиён зиндагӣ мекунӣ, вақте сагҳои посбонӣ аз Ерусалим аз паси ту назорат намекунанд, ту чӣ ҳуқуқ дорӣ, ки танҳо барои гузоштани таассуроти хуб дар дӯстони дерин аз Ерусалим, риояи урфу одатҳои яҳудиёнро талаб намоӣ?» (Ғалотиён 2:11–14, тарҷума аз англисӣ).

Петрус, Барнаббо ва дигар имондорони яҳудӣ аз шунидани таъна аз ҷониби одамоне, ки онҳоро эҳтиром мекарданд, метарсиданд. Хоҳиши онҳо барои қабул шудан дар рафтори онҳо ба риёкорӣ оварда расонид – аввал Петрусро ва баъдан дигаронро низ. Сурати *пешбинишудаи* онҳо аз ростқавлӣ болотар рафт ва ҳамин тавр рафтори аз муқаддасӣ маҳрумро ҷалб намуд. Дар тарҷумаи дигари Масалҳо 29:25 гуфта шудааст: “Хавотир шудан дар бораи он, ки дигарон дар бораи шумо чӣ фикр мекунанд, хатарнок аст” (тарҷума аз англисӣ).

Павлус, ки ростқавлии худро ҳимоя мекард, шахсан Петрусро, инчунин Барнаббо ва дигаронро, ки ба фишори ҳамбародаронашон таслим шуданд, маломат кард. Павлус зуд таъкид кард, ки агар пешвоёни консервативии яҳудӣ намебуданд, Петрус ва ҳамроҳонаш мувофиқи ҳақиқат, мувофиқи сурати *воқеъии* худ, зиндагӣ мекарданд. Онҳо қудрат доштанд, ки намояндагони ҳақиқии Исои Масеҳ бошанд – то бо имондорони нави ғайрияҳудиро қабул кунанд, дӯст доранд ва бо онҳо муошират кунанд. Аммо вақте ки ҳаракат тағйир ёфт, Петрус ва дӯстон ба сурати *пешбинишуда* гузаштанд, то ки рафиқони худро дастгирӣ кунанд. Оқибати рафтори онҳо тарбиякунанда набуданд, онҳо харобиовар буданд.

Петруси муқаддас, ӯ дар осмон аст. Аммо дар зиндагии ӯ, мо намунаи ангезаҳои бад ва зарарнок, гуфтору кирдорҳоеро мебинем, ки дар ҷои курсии доварӣ таҳқиқ хоҳанд шуд. Агар мо бо мақсади доимии ба Исо писанд омадан зиндагӣ кунем, таҳти таъсири *дарки* дигарон қарор намегирем, ба ҷои он мо дар ҳақиқат зиндагӣ хоҳем кард. Ин як ҷиҳати муҳими муқаддасии ҳақиқӣ аст. Суханони зеринро бодиққат хонед:

> “Зеро ки каломи Худо зинда ва таъсирбахш ва аз ҳар шамшери дудама тезтар аст ва ба умқи моҳияти мо, ки сарҳади рӯҳу ҷон мегузарад, то буғумҳо ва иликҳо рафта мерасад. Андеша ва ниятҳои дилро месанҷад. Ҳеҷ чиз дар тамоми офаридашуда, аз ӯ ниҳон нест. Ҳама чиз пеши Ӯ бараҳна ва чашмони Ӯ ҳама чизро мебинанд. Ба Ӯ ҳисобот хоҳем дод” (Ибриён 4:12, 13, ТНР).

Оё ин суханон ба шумо таъсир карданд? Агар шумо онҳоро аз назар гузаронида бошед, зеро онҳо ба шумо шиносанд, онҳоро оҳиста боз

хонед ва дар бораи ҳар як калима мулоҳиза кунед.

Аҳамият диҳед, ки Каломи Худо ба умқи фикрҳо ва хоҳишҳои ботинии мо ворид мешавад. Он ба мо нишон медиҳад, ки мо дар асл кӣ ҳастем, на ин ки худро кӣ вонамуд мекунем. Агар мо ба Каломи Худо гӯш диҳем ва мувофиқи он амал кунем, он моро аз худфиребӣ муҳофизат мекунад, масалан аз фикри он, ки Худо моро намебинад, ки боиси рафтори ғайриилоҳӣ ва нопок мегардад.

Каломи Худоро бодиққат омӯзед, ва тарси Худованд дар дили шумо амал хоҳад кард. Ба пуррагӣ огоҳ хоҳед шуд, ки "Ҳеҷ чиз дар тамоми офаридашуда, аз ӯ ниҳон нест. Ҳама чиз пеши Ӯ бараҳна ва чашмони Ӯ ҳама чизро мебинанд" (Ибриён 4:13). Акнун мо беҳтар мефаҳмем, ки чаро Рӯҳулқудс ба мо дастур медиҳад:

> "Эй писарам [ё духтарам]! Агар гуфтаҳои маро бипазирӣ ва аҳкоми маро дар худ маҳфуз дорӣ, ба тавре ки гӯши худро ба шунидани ҳикмат роғиб ва дили худро ба хирад моил гардонӣ; агар донишро даъват намоӣ ва овози худро сӯи хирад баланд кунӣ; агар онро мисли нуқра орзу кунӣ ва мисли ганҷҳо ҷустуҷӯ намоӣ, — он гоҳ худотарсиро хоҳӣ фаҳмид ва дониши Худоро хоҳӣ ёфт" (Масалҳо 2:1–5).

Бузургтарин хирад – ин Каломи Ӯро дар ботини худ нигоҳ доштан аст, маконе, ки ангезаҳо ва ниятҳои моро идора мекунад. Вақте ки мо Каломи Худоро ҳамчун бузургтарин ганҷе, ки мо ёфтаем нигоҳ мекунем ва он чизеро, ки ба мо ошкор мекунад, гӯш мекунем, мо ба *минтақаи бехатарӣ* ворид мешавем. Вақте ки мо самимона мекӯшем, ки роҳҳои Ӯро омӯзем, гӯё мукофоти бузургтаре нест, мо тарси Худовандро медонем ва мефаҳмем ва аз васвасаи фирефта шудан бо сурати бардурӯғ канорагирӣ мекунем. Мо акнун қувват гирифтем, то ки ростқавлона ва дар ҳақиқат зиндагӣ кунем ва дар роҳи (ё пайраҳа) муқаддасӣ ба пойҳои худ устувор истем.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** "Худованди лашкарҳоро, — танҳо Ӯро, — тақдис намоед, аз Ӯ тарсед, аз Ӯ дар ҳарос бошед" (Ишаъё 8:13, ТНР).

**Маъно.** Шумо ба касе хизмат хоҳед кард, ки аз ӯ метарсед! Агар шумо аз Худо тарсед, шумо ба Худо итоат хоҳед кард. Агар шумо аз одам тарсед, шумо пурра ба хоҳишҳои ӯ тобеъ мешавед. Агар

шумо кӯшиш кунед, ки хоҳишҳои дигаронро қонеъ кунед, шумо наметавонед бандаи ҳақиқии Исои Масеҳ бошед.

**Мулоҳиза**. Чаро ман бештар кӯшиш мекунам, ки шахсеро, ки дар рӯ ба рӯи ман истодааст, хафа накунам, назар ба шахсе, ки аз ҷиҳати ҷисмонӣ дида наметавонам? Чаро ман аз Худо дида, бештар муҳаббат, писанд омадан ва дӯстиро аз одамон бештар мехоҳам? Чӣ тавр ман инро тағйир дода метавонам?

**Дуо.** Падари Осмонӣ азиз, ман аз Ту хоҳиш мекунам, ки маро барои он ҳолатҳое бубахш, ки ман аз Ту дида, бештар ризоияти одамонро меҷустам. Исо, ман тавба мекунам, барои он, ки байни одамон машҳур шуданро аз ризояти Ту дида, бештар меҷустам. Ман муқаддас буданро, барои Ту ҷудо буданро, интихоб мекунам. Аз ҳамин лаҳза ва дар оянда Ту ягона касе ҳасти, ки ман кӯшиши комилан писанд омаданро мекунам. Ба исми Исо. Омин.

**Эътироф.** Ман бандаи Масеҳ ҳастам. Ман кӯшиш мекунам, ки аз одамон дида, бештар ба Худо писанд оям.

Ҳар ҷое, ки тарси Худо дар қалб ҳукмфармо бошад, он чӣ тавре ки дар корҳои шафқат, ҳамон тавр дар парҳезгорӣ, низ зоҳир мешавад ва ҳеҷ яке аз онҳо моро аз дигаре озод намекунад.

– МЭТЮ ГЕНРИ

# 16| ҲУҚУҚ

Нома ба Ғалотиён тақрибан дар соли 49 навишта шуда буд, аз ин рӯ мо метавонем ба хулосае оем, ки Павлус аз он вақт, Петрус ва дигар пешвоёни яҳудиро мазаммат карда буд. Номаи аввалини худро Петрус, тақрибан даҳ сол пас, наздикии соли 63–юм навиштааст. Ман итминон дорам, ки мазаммате, ки дар тамоми калисои ғалотӣ маълум буд, ҳангоми навиштани ин суханон ҳанӯз дар зеҳнаш зинда буд:

> “Ҳамчун бачагони фармонбардор, ба ҳавасҳои пештарае ки дар вақти нодонии худ доштед, мувофиқат накунед... Ва агар шумо Ӯро Падар мехонед, ки бе рӯйбинӣ ҳар касро аз рӯи аъмолаш доварӣ мекунад, пас замони ғурбати худро бо худотарсӣ бигзаронед” (1 Петрус 1:14, 17).

Аён аст, ки Петрус ба имондорон менависад – ки худро инкор кардаанд, ба ҷаҳон маслуб шудаанд ва комилан ба Исо пайравӣ мекунанд. Ягон усули табдили берун аз ин асос ҳақиқӣ нест (ниг. Матто 16:24; Марқӯс 8:34; Луқо 9:23; Ғалотиён 6:14). Вақте ки дубора тавлидшавӣ ба амал меояд, табиати илоҳӣ дар ботини мо ташаккул меёбад. Бо итоат кардан ба ин табиат, мо аз назорати эҳсосоти худ озод мешавем ва ба воситаи Рӯҳулқудс ва Каломи ошкоршудаи Худо барои ин, бо тарзҳои нав қувват мегирем (ниг. 2 Петрус 1:4)

Ҳавворӣ моро огоҳ менамояд, ки ба ҳаёти кӯҳна барнагардем ва нагузорем, ки хоҳишҳое, ки қаблан моро назорат мекарданд, моро идора кунанд. Яке аз иштиёқи пурқуввате, ки мо бояд онро рад кунем ва маслуб кунем, – ин *худҳимоякунӣ* аст. Ин ангезаи асосиест, ки моро водор мекунад, ки худро тавре тарҳрезӣ кунем, ки аз тарафи одамони дигар ба таври мусбӣ қабул шавем. Ба ибораи дигар, тарс назди одам.

Он ба амалҳои харобиовари на танҳо Петрус, балки Ҳанониё, Сафира, Барнаббо ва дигарон низ оварда расонд.

Петрус огоҳ менамояд, ки агар мо ба ин хоҳишҳо таслим шавем, мо ҳам дар ин ҳаёт ва ҳам дар ҳаёти оянда ба таври номусоид маҳкум хоҳем шуд. Баръаксаш низ дуруст аст: агар мо хоҳишҳои Худоро қатъиян риоя кунем, мукофот мегирем. Дар миёни ин дастурот ӯ огоҳии сахт медиҳад: *Худо беғараз аст.* Биёед фикр кунем, ки дар паси ин шарҳ чӣ буда метавонад.

Исо ба ин ҳавворӣ хизматгузории пурқуввате дод. Ӯ яке аз рӯҳониёни пешқадами калисои ибтидоӣ буд, аммо чанд сол пеш аз он, вақте ки ӯ ҳанӯз дар Антиёхия буд, ӯ ва дигар хизматгузорони яҳудӣ ба доми худхоҳона афтод. Эҳтимол, ваҳйи ҳайратангези Павлус ӯро водор кард, ки ниятҳо ва амалҳои худро ростқавлона арзёбӣ кунад. Аслан, Петрус мебоист ошкоро бо "барои чӣ"–е, ки дар асоси риёкории ӯ қарор дошт, рӯ ба рӯ шавад.

Шояд дар ин фаҳмиш ӯ оиди рафтори нодурусти ҳокимони дигари Китоби Муқаддас, ба монанди шоҳ Шоул ва шоҳ Довуд, фикр мекард. Шоул ба фармони равшане, ки аз осмон омада буд, ба хотири илтифоти сарбозони худ саркашӣ кард – ин тарс назди одамон аст. Довуд бо зане зино кард, баъд шавҳарашро кушт, то обрӯи худро нигоҳ дорад – ин тарс аз одамон аст. Ҳарду ҳокимон мазаммат шуда буданд ва ҳарду дар ин ё он шакл ба худ доварӣ оварданд. Шоул салтанати худро аз даст дод. Довуд маҷбур буд, ки ҳамеша дар майдони ҷанг бошад. Фикр мекарданд, ки онҳо илтифоти Худоро доранд, ҳарду ба доми вайрон кардани ҳудуди солими шахсияти худ афтоданд ва тадриҷан ба рафтори нопок ва беитоатӣ роҳ медоданд.

Петрус медонист, ки ин чӣ тавр ба осонӣ рӯй дода метавонад. Ӯ моро огоҳ мекард, ки аз фикрҳои "худбоварона", ки ба назари мо моро аз доварӣ раҳо мекунанд, дурӣ ҷӯем, масалан: "Ман барои Худо сахт меҳнат мекунам", "Ман барои сохтани Малакути Ӯ бисёр медиҳам", "Ман солҳоро дар шафоат ва дуо сарф кардам", "Ман дар хизматгузории пешвои калисо бисёр чизҳоро ноил шудам". Биёед иқрор мешавем, ки ин далелҳои фиребгарона беохиранд, лекин ҳамаи онҳо боварӣ ҳосил мекунонанд, ки "ба ман озодии амал дода шудааст". Ин тарзи тафаккур ганҷи тарси муқаддасро рад мекунад.

Петрус ҷиддияти суханони Исоро амиқтар фаҳмидан мегирифт: «Ҳамчунин шумо низ, вақте ки ҳамаи фармонҳои ба шумо додашударо ба ҷо овардед, бигӯед:»Мо ғуломони ношоям ҳастем; чунки он чи карданамон лозим буд, кардем»» (Луқо 17:10, ТНР). Калимаи юнонии «ношоям» маънояш "сазовори таърифи махсус нестанд, сазовори

миннатдории махсус нестанд”. Чӣ қадаре, ки мо боғайратона ба Худо хизмат накунем, мо ҳеҷ гоҳ набояд аз худ қаноатманд бошем. Ин рафтори фиребандаест, ки моро, хусусан пешвоёнро ба осонӣ ба доми меафтонад.

Дар номаҳои худ Петрус ҳоло аз таҷриба ва ваҳйи менависад. Ӯ медонад, ки наҷот аз тарси назди инсон – ин дар худотарсӣ зиндагӣ кардан аст. Ин бори дигар дар бораи эҳтироми амиқ ва тарсгорӣ мегӯяд. Он ба мо калиди онро медиҳад, ба ҷои беғаразона доварӣ шудан, мо бояд чӣ гуна мавқеero интихоб намоем, ки аз Худо мукофот гирем.

Агар таълимоти Исоро дар бораи “дари танг ва роҳи танг” дида бароем, мо воқеияти ҳайратангезеро ошкор хоҳем кард, ки бисёриҳо сарфи назар мекунанд.

> “Аз дари танг дароед. Роҳе, ки ба сӯи ҳалокат мебарад, фароҳ аст, дарҳо васеъанд ва бисёриҳо бо ин роҳ мераванд. Аммо танг аст он дар ва душвор аст он роҳе ки сӯи ҳаёт мебарад, ва ёбандагони он кам ҳастанд” (Матто 7:13, 14, ТНР).

Исо дар бораи дарвозаи танг сухан мегӯяд, ки аксарият боварӣ доранд, ки он даромадгоҳ ба ҳаёти ҷовидонӣ тавассути ҳукмронии Исо мебошад. Ман бо ин розӣ ҳастам.

Бо вуҷуди ин, ман фаҳмидам, ки бисёриҳо “роҳ”–ро роҳе мешуморанд, ки беимонон бо он ба сӯи ҳалокат мераванд. Аммо агар шумо бодиққат назар кунед, хоҳед дид, ки Исо, эҳтимоли зиёд дорад, ки на дар бораи роҳе, ки *то* дарвозаи танг аст, сухан мегӯяд, балки дар бораи он роҳе мегӯяд, ки мо *баъд аз* гузаштан аз дарвоза, бо он меравем. Леон Моррис менависад: “Мо аз дарвоза дар ибтидо мегузарем (яъне, вақте ки мо худро барои пайравӣ намудан ба Масеҳ тақдис мекунем) ва сипас ба сӯи роҳе, ки дар назди мо аст равона мешавем”. Исо дар бораи ҳаёти мо дар Ӯ баъд аз наҷот сухан меронад. Ӯ тасдиқ мекунад, ки он душвор аст (мисли роҳи танг).

Таълимот оиди файз, ки дар байни мо дар калисои ғарбӣ хеле машҳур аст, ин роҳро васеъ намудааст. Вай тасдиқи онро мекунад, ки “тамоми гуноҳҳои мо, гузашта, ҳозира ва оянда, бахшида шудаанд”. Дар матни асосии мувофиқ ин дуруст аст, аммо ба мо дар ин бора чунон мегӯянд, ки гӯё мо метавонем тамоми ҳаёти худро мувофиқи принсипи ба ҳама чиз иҷозатдодашуда зиндагӣ кунем, аз ҷаҳони гунаҳкорон чандон фарқ накунем ва ҳамзамон бо Худо дар муошират бошем. Ин нодуруст аст, зеро дар қисми боқимондаи номаи Петрус навишта шудааст:

> «Ба ҳавасҳои пештарае, ки дар вақти нодонии худ доштед, мувофиқат накунед. Балки, чунон ки Даъваткунандаи шумо муқаддас аст, худатон низ дар тамоми рафторатон муқаддас бошед, зеро ки навишта шудааст: “Муқаддас бошед, чунки Ман муқаддас ҳастам”» (1 Петрус 1:14–16).

Калимаҳои “муқаддас бош” ба мо на ҳамчун тавсия, балки ҳамчун амр навишта шудаанд. Вақте ки мо ба сухани аввал гӯш медиҳем, боҳикмат ҳастем, аммо агар ба амрҳои Худо сабукфикрона муносибат кунем, мо беақл ҳастем. Сипас Петрус на дар бораи мавқеи мо дар Масеҳ, балки дар бораи амалҳои мо сухан меронад. Мо бояд дар ҳолати “фобос” (тарси муқаддас) зиндагӣ кунем, то ки ба ин тарзи зиндагӣ бирасем. Худо ба мо ду қудрати бузург додааст, то аз хандакҳои ду тарафи роҳи танг дуртар бошем. Ифроти аввал – қонуншиносӣ аст, дуюмаш – *қонуншиканист*.

Бисёр одамон дар калисо солҳои пеш тибқи қонун зиндагӣ мекарданд. Дар он вақт, муқаддасӣ дар атрофи талаботи инсонӣ ба тарзи ҳаёт мутамарказ буд, ки ба Навиштаҳо муносибате надошт. Онҳо Инҷили бардурӯғро оиди наҷот тавассути аъмол, мавъиза мекарданд. Ин ғуломии даҳшатборе буд, ки бисёриҳоро ба норозигӣ овард ва ҳатто баъзеҳоро маҷбур кард, ки имонро тарк кунанд. Ваҳйи асосие, ки моро аз ин ғуломии даҳшатбор берун овард – *Худо нек* аст. Муҳаббати Падари Осмонӣ барои мо ҳақиқат шуд ва бисёриҳоро аз ин хандаки қонуншиносӣ берун овард.

Вале мо чунин рафтор мекардем, ки одамон аксар вакт мекунанд: мо чунон азму иродаи кавӣ доштем, ки аз хандаки қонуншиносӣ берун шавем, ки ба тарафи муқобил баромадем ва ба хандаки қонуншиканӣ афтодем. Ин хандак доме гардида, ки моро бовар кунонд, ки мо бо файзи ғайриилоҳӣ наҷот ёфтаем, ки ба мо имкон медиҳад, ки аз тамоми ҷаҳон фарқе накарда зиндагӣ кунем, – акнун мо метавонем бо қонеъ кардани хоҳишҳое, ки дар эҳсосоти мо пайдо мешаванд, зиндагӣ кунем, аммо на бо ҳаёти маслубшудае, ки сарчашмаи худро дар қувваи Масеҳи дар ботини мо буда, дарёфт мекунад. Ин дурӯғест, ки бисёриҳоро бозмедорад ва намегузорад, ки ҳузур, баракат ва қудрати Худоро эҳсос намоем.

Қудсият – ин ғуломӣ нест, балки озодии ҳақиқӣ аст, ки роҳро барои лаззат бурдан ҳам аз Худо ва ҳам аз зиндагӣ, боз мекунад. Мо даъват шудаем, ки бо ҳаёти сазовори Шахсе, ки моро наҷот дод, зиндагӣ кунем. Ва мо бояд бо тарси Худованд бо он роҳ равем. Мо дар бораи ин ҳақиқат дар чанд боби оянда бештар мулоҳиза хоҳем кард.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “Ва дар он ҷо шоҳроҳе ва ҷоддае хоҳад буд, ва он роҳи муқаддас номида хоҳад шуд. Наҷисон аз он нахоҳанд гузашт; Он барои ҳалқи Худо хоҳад будбалки он барои онҳо хоҳад буд. Ҳеҷ як ҷоҳили худком вориди он нахоҳад шуд” (Ишаъё 35:8, ТНР).

**Маъно.** Муҳаббати Худо моро аз хандаки қонуншиносӣ муҳофизат мекунад. Ва баръакс, тарси Худованд моро аз қонуншиканӣ муҳофизат мекунад. Тарси муқаддас ба ман қувват мебахшад, то дар роҳи қудсияти ҳақиқӣ бимонам.

**Мулоҳиза.** Чӣ тавр ман метавонам ба тарси муқаддас беэътиноӣ кунам ва дар ҳаёти худ рафтори ношоистаро таҳаммул кунам? Чӣ тавр хизматгузории ман дар Салтанат, ба ман имкон медиҳад, ки ба амри муқаддас будан, чуноне ки Худо муқаддас аст, беэътиноӣ зоҳир кунам? Ва чӣ гуна эҳсосоти бартар будан, маро ба гумроҳӣ ва хандаки қонуншиканӣ бурд?

**Дуо.** Худованди азиз, маро бубахш, ки фикр мекардам, ки барои хизматгузорӣ дар Малакути Ту, мавриди доварӣ қарор намегирам. Ман барои ин тавба мекунам ва ба амри Ту, ки ба монанди Ту Муқаддас бошам, гӯш медиҳам. Ман интихоби худро мекунам ва муҳаббати Туро нисбати ман қабул мекунам, ҳамчунин тарси муқаддасро низ дар назди Ту. Каломи Ту ваъда медиҳад, ки бо интихоби ҳарду ман дар роҳе мемонам, ки сӯи ҳаёт мебарад. Ба исми Исо. Омин.

**Эътироф**. Ман муқаддас буданро интихоб мекунам, чуноне, ки Худо муқаддас аст!

Эй фарзандон, аз Худо битарсед; ба ибораи дигар, дар зеҳни худ тарси муқаддасе дошта бошед, ки аз бадӣ дурӣ ҷӯед ва барои қабул ва анҷом додани кори нек ғамхории қатъӣ дошта бошед.

– УИЛЯМ ПЕНН

# 17| АЗ БАДӢ ДУР ШАВЕД

Тарси Худованд – ин бахшоиши Падари Осмонии меҳрубони мо аст, ки моро ҳифз мекунад, то он ки мо аз Исо дур нашавем. Ӯ сарчашмаи ҳаёти абадӣ, муҳаббат, хурсандӣ, осоиштагӣ, некӣ, умед ва ҳама мӯъҷизаҳои зиёд аст. Дур шудан аз Ӯ – маънои ҳаракат кардан ба сӯи марг, зулмот ва ниҳоят ба сӯи торикии абадӣ аст. Навишта шудааст: "Гуноҳ бо эҳсон ва ростӣ кафорат мешавад ва бо худотарсӣ кас аз бадӣ дур мешавад" (Масалҳо 16:6).

Ба ман иҷозат диҳед ба шумо нақл кунам, ки ин ҳақиқат кай барои ман воқеъӣ шуд. Дар охири солҳои 1980–ум, ҳақиқат дар бораи фасоди як воизи машҳури телевизионӣ ба оммаи васеъ маълум шуд. Ӯ яке аз маъруфтарин одамони ҷаҳон буд, аммо овозаҳо дар бораи ӯ ғамангез буданд. Дар он вақт, хизматгузории ӯ ҳам аз ҷиҳати фарогирӣ ва ҳам аз ҷиҳати молия бузургтарин дар ҷаҳон буд, аммо шӯҳрати бузурги ӯ боз ҳам бештар шуд, вақте қариб тамоми ВАО ҳар рӯз дар бораи ҷиноятҳои ӯ, мурофиаи дар пешистода, ҳукм ва ниҳоят, оиди зиндонӣ шуданаш хабар медоданд.

Ӯ ба мӯҳлати чилу панҷ соли маҳрумӣ аз озодӣ маҳкум шуд, аммо баъд аз апеллятсия ҳукми ӯро то панҷ сол кам карданд. Соли 1994, дар соли чоруми адои ҷазояш, ёвари ман занги телефонии ногаҳонӣ гирифт. Мо шинос набудем, аммо касе ба ӯ китоби аввалини маро "Ғалаба дар биёбон"–ро додааст (ҳоло номи он "Худо, Ту куҷоӣ?!" ном дорад). Ӯ онро дар зиндон хонда, таассуроти амиқ пайдо кард. Ӯ аз ёрдамчии худ хоҳиш кард, ки бо ман тамос гирад ва фаҳмад, ки оё ман аз ӯ хабар гирифта метавонам.

Ҳеҷ гоҳ вохӯриамонро фаромӯш нахоҳам кард. Ӯ ба утоқи вохӯрӣ бо либоси маҳбасӣ ворид шуд. Ба назди ман омад, дастонашро дароз кард ва қариб як дақиқа маро сар надода, сахт ба оғӯш гирифт. Баъд аз китфонам гирифту бо ашки чашмон ба ман нигарист ва самимона пурсид: “Инро шумо навиштед ё нависанда–арвоҳ?”

Ман ҷавоб додам:

– Ман навиштам. Ман маҷбур будам, ки азобҳоро аз сар гузаронам, аммо ба манонади шумо не.

Сипас ӯ гӯфт:

– Ба мо мебояд дар бораи чизҳои зиёд сӯҳбат кунем, ва аммо мо ҳамагӣ якуним соат дорем. Ман ба ҳар ҳол каме хавотир будам, зеро бори аввал дар умрам бо ӯро вохӯрдам. Ин одамро чунон тӯҳмат ва шарманда карданд, ки ман аслан намедонистам бо кӣ сӯҳбат мекунам. Аммо вақте ки мо нишастем, ӯ бо ибораи аввалаш маро безарар сохт. Ӯ рост ба чашмони ман нигоҳ кард ва гуфт: “Ҷон, ин зиндон барои ман ҷазои Худо набуд, балки марҳамати Ӯ буд. Агар ман ба мисли пештара зиндаги карданро идома медодам, ман то абад дар дӯзах қарор мегирифтам”.

Дар ин лаҳза ӯ пурра диққати маро ба худ ҷалб кард. Ӯ оиди он, ки чӣ қадар ӯ маккор буд ва наҷоти Худо дар ҳаёти ӯ то чӣ андоза бузург буд, сухан гуфтанро идома медод. Ба ман барои фаҳмидани он, ки ман бо як одами самимӣ, пушаймон ва тавбакардаи Худо сӯҳбат мекунам, камтар вақт лозим шуд. Вай ба ман нақл кард, ки соли аввали дар маҳбас буданаш Худо ӯро аз торикӣ озод кард.

Ман хабардор шудам, ки ӯ ҳар рӯз чанд соатро дар танҳоӣ ва ё дар гурӯҳ бо хондани Китоби Муқаддас ва дуо сарф мекард. Вай бо як шавқ ба ман дар бораи калисои маҳбас ва пастораш нақл кард, ки яке аз маҳбусон буд. Бо эҳсоси он, ки ӯ барои пастор будан бештар мувофиқат мекунад, ман пурсидам, ки чаро ӯ калисоро роҳбарӣ намекунад. Ӯ фаҳмонд, ки то даме, ки пурра тағйир намеёбад, ӯ намехоҳад ба худ масъулияти пешво буданро гирад. Вай гуфт: “Ман як манипулятори моҳир будам ва намехоҳам дуюмбора ба ин имкон диҳам, ки ин ҳолат боз пайдо шавад”.

Пас аз як сол, ӯ суханони худро тасдиқ кард, вақте пас аз озод шудан аз маҳбас ба як ташкилоти миссионерӣ дар маркази Лос–Анҷелес ҳамроҳ шуд. Вай ду сол дар кӯчаҳо барои нигоҳубини бехонаҳо машғул буд. Ин ба ӯ маъқул буд, зеро одамоне, ки дар кӯчаҳо зиндагӣ мекарданд, аз ҷумлаи чанд нафаре буданд, ки оиди кӣ будани ӯ ҳатто тасаввурот надоштанд.

Тақрибан бист дақиқа гузашт, ки ӯ саргузашти худро нақл мекард ва

ман ҳис кардам, ки ниҳоят ба ӯ чанд савол додан бамаврид аст. Ман аз саволи асосие, ки маро бештар ба ташвиш меовард, оғоз кардам: “Шумо кай дӯст доштани Исоро бас кардед?”

Ман ба ӯ ин саволро додам, зеро пештар, вақте ки ӯ дар хизматгузорӣ буд маълум буд, ки чӣ тавр ӯ муҳаббатро нисбати Исо паҳн мекунад. Оташ ва шавқу ҳаваси ӯ ба ҳамаи онҳое, ки ба суханаш гӯш медоданд, аён буданд. Ман донистан мехостам, ки муҳаббати ӯ кай сард шуд ва ба ин чӣ сабаб шуд.

Вай ба ман нигоҳ кард ва самимона гуфт: “Ман ҳеҷ гоҳ Исоро дӯст доштанро бас намекардам!”

Ман аз ҷавоби ӯ дар ҳайрат будам ва каме хашмгин шудам. Ман фикр кардам: “Чӣ гуна ҷуръат мекунад, ки чунин гӯяд?” ва дарҳол ҷавоб додам: “Шумо чӣ мегӯед? Шумо ҳафт сол пеш аз он, ки барои қаллобӣ дар почта ба ҷавобгарӣ кашида шудед, ки он ниҳоят шуморо ба маҳбас овард, зино карда будед. Чӣ тавр шумо метавонед ба ман бигӯед, ки тамоми он ҳафт сол шумо Исоро дӯст медоштед?”

Ҳанӯз рост ба чашмони ман нигоҳ карда, ӯ оромона ҷавоб дод: “Ҷон, ман ҳамеша Исоро дӯст медоштам”.

Ман ошуфтагии худро пинҳон карда натавонистам. Ӯ хомӯш истод ва сипас илова кард: “Ҷон, ман аз Худо наметарсидам”. Ӯ боз хомӯш истод ва сипас муфассалтар шарҳ дод: “Ман Исоро дӯст медоштам, аммо аз Худо наметарсидам”.

Ман аз суханони айни ҳол гуфтаи ӯ, рости гап, дар хайрат мондам. Пас аз он, понздаҳ сонияи хуб хомӯшӣ ҳукмфармо буд, майнаи ман тамоми ин вақт маълумотро коркард мекард. Сипас ӯ суханоне гуфт, ки то ҳол дар ман садо медиҳанд: “Ҷон, миллионҳо амрикоиҳо – монанди ман ҳастанд: онҳо Исоро дӯст медоранд, аммо аз Худо наметарсанд”.

Чунин эҳсосоте буд, ки гӯё худи Худо бо лабони ӯ сухан меронд. Ин қадар саволҳои зиёде ба воситаи эътирофи ӯ ногаҳон ҷавоб гирифтанд. Ман ҳайрон шудам, он лаҳза ман фаҳмиши бузурге пайдо кардам – саргузашти ӯ, ки бо суханон гуфта шуд, айнан сабаби асосии он аст, ки аксарият дар кишвари мо тарки имон мекунанд. Мутаассифона, тарки имоне, ки дар он солҳо вуҷуд дошт, имрӯз боз ҳам авҷ гирифта истодааст.

Навиштаҳои Муқаддас равшан нишон медиҳанд: нуқтаи ибтидоии аз наздик шинохтани Худо – тарс аз Худованд аст. Бе он, мо муносибатҳои қалбакиро бо Исои қалбакӣ, ки ӯ Худованди ҷалол нест, инкишоф медиҳем. Мо ба як наҷотдиҳандаи дастнорас бовар дорем. Баъдтар мо ин ҳақиқатро дар ин китоб, амиқтар меомӯзем. Лекин саравал иҷозат диҳед барои исботи ин ду мисоли кӯтоҳ орам.

Айни замон, вақте ки ман ин китобро менависам, танҳо ҳамин ҳафта ба ман дар бораи духтаре, ки аз кӯдакӣ мешинохтам, як хабари аламоварero нақл карданд. Вай дар оилаи масеҳӣ ба воя расида, эътироф мекард, ки ӯ пайрави Исо аст, аммо ӯ тарзи ҳаёти ногуворро пеш гирифт ва дар байни ҳамсолонаш ҳамчун "духтари сабукпо" обрӯ дошт. Вай ба наздикӣ дар саҳифаи худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ интишор намуд, ки Исо дар давоми ҷарроҳии исқоти ҳамл аз дасти медошт. Вай дар бораи кадом Исо гап мезад?

Духтари дигаре, ки бо як марди худотарс издивоҷ карда буд, ба рӯи ман гуфт, ки Исо ваъда додааст, ки агар вай барои аз шавҳараш ҷудо шудан қарор кунад, ӯро ғамхорӣ хоҳад кард. Вай ҷудо шуд ва ҳамроҳи шавҳар, фарзандон, оила ва дӯстонаш азият кашид. Сабаби ҷудошавиаш ҷанҷолӣ набуд, вай танҳо ӯро дигар дӯст намедошт. Аз ҷониби шавҳараш ягон таҳқир, рафтори бадахлоқона ва мушкилоти молӣ набуд – вай ҳамаи инро худаш эътироф кард. Илова бар ин, вай ба ман гуфт, ки ӯ шавҳар ва падари меҳрубон ва ғамхор аст. Вай дар бораи кадом Исо гап мезад?

Инҳо танҳо ду мисол аз бисёр мисоли дигаре аст, ки ман дар бораи онҳое, оварда метавонистам, ки муносибат бо Исоро эътироф мекунанд, аммо тарзе зиндагӣ мекунанд, ки баръакси ҳолро нишон медиҳад. Ин ду нафар ва бисьёр дигарон чӣ тавр ин қадар фирефта шуданд? Ман боварӣ дорам, ки гап дар сари набудани тарси муқаддас аст.

> "Пас, эй маҳбубонам, модоме ки шумо ҳамеша фармонбардор будед, аз ин рӯ — на танҳо дар ҳузури ман, балки боз ҳам зиёдтар алҳол, дар вақти набудани ман, — бо тарсу ларз наҷоти худро ба амал оваред" (Филиппиён 2:12).

Павлус менависад, ки мо бояд дар наҷоти худ бо *муҳаббат ва некӣ* инкишоф ёбем. Бисёриҳо розӣ мешуданд, ки ҳардуи ин занҳо накӯ ва меҳрубон буданд. Бисёриҳо тасдиқ мекарданд, ки солҳои тӯлонӣ содиқона ба калисо мерафтаанд ва ба Исо содиқ будани худро эътироф мекарданд. Аммо онҳо чӣ гуна метавонистанд ба чунин рафтори ғайриқонунӣ даст зананд? Ба онҳо чизе намерасид, ки ба он воиз низ намерасид: маҳз тарси Худованд набуд, на балки муҳаббати Худо. Маҳз тарси Худованд аст, на муҳаббати Худо, ки моро ба сӯи Ӯ ҷалб мекунад; тарси Худо моро аз бадие, ки кӯшиш дорад, то моро нобуд созад, нигоҳ медорад.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “Худотарсӣ — аз бадӣ нафрат доштан аст: аз ғурур, ва ҳавобаландӣ, ва роҳи бад, ва даҳони каҷгуфтор нафрат дорам” (Масалҳо 8:13)

**Маъно.** Тарс аз Худованд – ин бахшоиши Падари Осмонии меҳрубони мост, Кадоме, ки моро муҳофизат мекунад, то аз Ӯ дур нашавем. Лаҳзае, ки мо нисбат ба гуноҳ таҳаммулпазириро инкишоф медиҳем, на нафрат ба он лаҳзаест, ки мо аз Худо дур шуданро оғоз мекунем.

**Мулоҳиза.** Тарки имон он лаҳзае рӯй намедиҳад, ки шахс бо дигар касе, ки бо ӯ дар издивоҷ нест, дар бистар бихобад. Он дар лаҳзае оғоз намешавад, ки шахс аз корфармои худ пул дузди кунад. Он хеле пештар аз он оғоз мешавад, ки мо он чизҳоеро, ки Исо моро бо арзиши ҷони худ аз онҳо озод карда буд, тоқат кунем. Ман чиро тоқат мекунам, аз чӣ маро Исо бо арзиши ҷони худ озод кард?

**Дуо.** Худованди азиз, аз Ту хоҳиш дорам, ки маро барои гуноҳро тоқат карданам, на танҳо дар ҳаёти худ, балки дар ҳаёти имондороне, ки бо онҳо муошират мекунам, бубахш. Маро бубахш, ки бо нармӣ ва бо муҳаббат дар дил ба онҳо муқобилат карда наметавонам, то ки онҳо бо роҳи нодуруст рафтанро идома надиҳанд. Аз ин тоқатпазирӣ тавба мекунам. Барои омурзиши Ту миннатдорам. Ба исми Исо. Омин.

**Эътироф.** Ман одамонро дӯст медорам, зеро Худо одамонро дӯст медорад. Ман аз гуноҳ нафрат хоҳам кард, зеро он одамонеро вайрон мекунад, ки дӯсташон медорам.

Қадамҳои ман бо роҳҳои
Ту мерафтанд, пойҳоям
пешпо намехӯрданд.

– ЗАБУР 16:5, НРП

# 18| ДАРОЗУМРӢ

Баъд аз ин ду таҷрибаи муҳим дар соли 1994 – конфронси калисо, ки дар он паёми ман дар бораи тарси Худо ислоҳ карда шуд ва боздиди воизи телевизионӣ дар маҳбас – маро фаҳмидани тарси муқаддас ва дар он инкишоф ёфтан фаро гирифт. Ҳарду ҳолат дорои як паёми монанд буданд, аммо аз ду нуқтаи назари гуногун.

Он калисое, ки калонтарин ва бонуфузтарин дар минтақаи худ буд, дигар вуҷуд надорад. Пасторе, ки ба имондорони Аҳди Ҷадид таълим медод, ки аз Худо тарсидан лозим нест, дар хизмат намекунад. Хизматгузоре, ки ман бо ӯ ҳангоми адои ҷазо дар маҳбас вохӯрдам, хизматгузории бузургашро аз даст дод, аммо вақте, ки дар бораи тарси Худо фаҳмид ва онро дар ҳаёти худ қабул кард, дар хизматгузорӣ ба Худо ва одамон содиқ монд. Ҳоло ӯ як ташкилоти дигари масеҳиро сарварӣ мекунад, ки ба бисёр одамон таъсири калон дорад.

Ин ду ҳодисаи ба ҳам алоқаманд набуда, нишон медиҳанд, ки тарс назди Худованд як омили муҳими пешгирӣ аз доми бадӣ аст, ки метавонад вақти моро ҳамчун фиристодагони амалкунандаи Масеҳ, кӯтоҳ кунад. Онро бо як калима ифода кардан мумкин аст: дарозумрӣ. Ба наздикӣ як пастори мӯҳтарам ба ман дар бораи сӯҳбате, ки бо профессори донишгоҳи Библиявӣ дошт, нақл кард, ки дар доираи тадқиқоти васеъ қаҳрамонони Навиштаҳои Муқаддасро меомӯхт, ки аз ҷониби Худо барои хизматгузорӣ даъват ва таъин карда шудаанд. Вай муайян кард, ки самаранокии 75 фоизи фиристодашудагони интихобшуда коҳиш ёфт ва бисёре аз онҳо оқибати бад доштанд. Бо дарназардошти фоҷиаҳои хизматгузориҳои замони мо, дар якҷоягӣ бо таҳқиқоти ин хизматгузор, *дарозумрӣ* як даъватест, ки ҳамаи мо бояд ба он ҷиддӣ муносибат кунем.

Дар охири солҳои 1990–ум, аҳамияти тарси муқаддас дар робита

бо *дарозумрӣ* бо як ҳолати ҷиддӣ ва ваҳйи марбут ба он тасдиқ карда шуд. Ман дар Куала–Лумпур (Малайзия) хизматгузорӣ мекардам. Ин хизматгузории даҳум ва охирон буд, ки ба он бисьёр одамон аз тамоми гӯшаю канори мамлакат ҷамъшуда, иштирок доштанд. Баъд аз мавъиза, бисьёр одамон ба даъвати таъин шудан ба хизматгузорӣ ҷавоб доданд. Одамон дар назди саҳнаи васеъ чор–панҷ қатор истода, мунтазири дуъо мешуданд.

Вақте ки ман бо зинаҳо поён фаромаданро сар кардам, ногаҳон ҳузури Худо дар толор ба таври ламсшаванда ва пурмазмун зуҳур кард. Он бо муҳаббат ва хурсандии Ӯ қайд карда шуда буд. Одамоне, ки рӯ ба рӯи ман истода буданд, табассум мекарданд, баъд механданд ва ин хурсандӣ зуд дар байни ҳамаи онҳое, ки барои дуохонӣ баромаданд паҳн шуд. Чунин менамуд, ки Аббо Падар тасмим гирифт, ки ба фарзандони худ тароват бахшад. Каме вақт лозим шуд, то дарк кунам, ки ба ман ҳеҷ кор кардан лозим нест, бинобар ин ман танҳо дар канори саҳна нишастам ва аз тамошои он лаззат бурдам, ки чӣ гуна Худо фарзандонашро қавӣ мегардонад ва баракат медиҳад.

Пас аз панҷ–ҳафт дақиқа ҳузури зебои Ӯ пароканда шуд ва дар фазо хомӯшӣ ҳукмфармо буд. Мо ҳама хомӯш будем ва аз оромии аҷиб дар толор лаззат мебурдем. Аммо, пас аз чанд сония, ҳузури Худо ба таври дигар зоҳир шуд, ба монанди он, ки ман дар Бразилия онро дар хотир дорам. Ман бо интизории тағйирот аз ҷо бархостам. Ҳузур қавитар ва қавитар мешуд; ин дафъа шамол намевазид, аммо қудрат ва бузургии Офаридгор бениҳоят воқеӣ буд. Одамоне, ки ҳамагӣ як–ду дақиқа пеш механдиданд, ногаҳон дар як вақт гирья ва нола мекарданд, баъзеҳо ҳатто то ба дараҷаи ҳаяҷон ва касе ба онҳо нагуфтааст, ки онҳо ин корро кунанд.

Ҳузури Худо қавитар мешуд ва гиря баландтар. Ба назар чунин менамуд, ки ин осиёгиҳои ором бо оташ таъмид мегирифтанд. Он зуҳури дубораи ҳузури Худоро боз тасфир кардан номумкин буд ва маънояш дар он нест, ки ин лаҳзаи маҳрамонаро расонем, муҳимтараш – ин тарсгории Ӯро расонидан. Он то дараҷае шиддат гирифт, ки ман фикр кардам: мо дигар қабул карда наметавонем.

Дар ин вохӯрӣ ман аз фарқияти байни ҷон ва рӯҳи моро ба таври ҷиддӣ дарк кардам. навишта шудааст, ки Каломи Худо “то ба ҳадди ҷудо кардани ҷон ва рӯҳ” ворид мешавад (Ибриён 4:12). Ақли (ҷон) ман фикр мекард: «Ман дигар наметавонам! Худоё, ин аз ҳадд зиёд аст!” Дар баробари ин дилам фарёд мезад: “Худоё, туро хоҳиш мекунам, нарав, бознаист!”.

Ман боз фикр кардам: “Ҷон Бивер, як ҳаракати нодуруст, як

калимаи нодуруст – ва ту мефавти.” Чуноне, ки дар Бразилия буд – ман аниқ гуфта наметавонам, ки ин рӯй медиҳад, аммо ман инро медонам, ки дар он фазо ҷои беэҳтиромӣ набуд.

Тамоми зуҳури ҳузури олиҷаноби Ӯ се чор дақиқа давом кард ва сипас аз байн рафт. Одамон гӯё бо амри ҷоду боз хомӯш шуданд, ҳарчанд касе ба онҳо амр накарда буд. Ман чанд дақиқа хомӯш истода, аз осоиштагӣ ва оромие, ки ин ҳузури илоҳӣ боқӣ гузошта буд, лаззат бурдам.

Вақте ки мо аз бино берун шудем, фазои тантанавӣ, ором ва ҳассос буд. Ман бозистодам, то ки бо як ҷуфти оилавӣ аз Ҳиндустон сӯҳбат намоям; Ҳузури Худо ба ҳардуи онҳо сахт таъсир расонид. Мо танҳо бо тааҷҷуб ба ҳамдигар нигоҳ мекардем ва пас аз чанд сонияи хомӯшӣ, зан оҳиста гуфт: “Ҷон, ман худро ботинан хело пок эҳсос мекунам”. Шавҳараш бар аломати розигӣ сар ҷунбонд.

Вақте ки вай ин суханонро талаффуз кард, дилам пур аз шодӣ шуд. Ниҳоят, касе маҳз он чизеро, ки ман баъд аз ҷамъомад дар Бразилия ва ҳоло дар Малайзия ҳис кардам, бо суханон гуфт. Ман ҳиссиёти худро базӯр нигоҳ дошта, ҷавоб додам: “Ман ҳам”. Мо дар бораи дигар чизе сӯҳбат накардем, аммо суханҳои ӯ то охири шом дар ботини ман садо медоданд.

Субҳи рӯзи дигар ман дар утоқи меҳмонхонаи худ будам, барои бозии баскетбол бо чанд ҷавонони – хизматгузорони калисо ва мактаби библиявӣ, тайёрӣ медидам. Ногаҳон ман шунидам, ки Рӯҳулқудс дар дилам мегӯяд: “Писарам, Забур 18–ро бихон”.

> Ман Китоби Муқаддасро гирифтам, Забурро кушодам ва ба хондан шурӯъ кардам. То ояти даҳум расида, хондам: “Тарси Худованд *пок аст, то абад мемонад*” (Забур 18:10).

Дарҳол дар ҳуҷраи худ ман фарёд задам: “Чунин ҳам ҳаст! Чунин ҳам ҳаст!” Ман хело шод будам; ин ҳамоне буд, ки ман рӯзи гузашта аз он зан шунида будам. Мо дар ҷонҳои худ як тозагии тасвирнашаванда ва покии амиқеро эҳсос намудем.

Сипас ин калимаҳои “то абад мемонад” аз саҳифа ба ман баромаданд. Рӯҳулқудс дарҳол дар дили ман сухан гуфт:

> *“Писарам, Люсифер дар назди тахти Ман ҳамду сано мехонд, тамоми лашкари фариштагонро роҳбарӣ мекард, зеро ӯ барои ин таъин ва тадҳин шуда буд. Ӯ ба Ман чунон наздик буд, ҷалоли Маро медид, лекин аз Ман наметарсид, бинобар ин дар пеши тахти Ман то абад намонд”* (ниг. Ҳизқиёл 28:13–17).

> “Сеяки фариштагон, ки ҷалоли Маро медиданд, ба Люсифер ҳамроҳ шуданд. Онҳо аз Ман наметарсиданд, онҳо дар ҳузури Ман то абад намонданд” (ниг. Ваҳй 12:4, 7).

> *”Одам ва Ҳавво дар ҳузури ҷалоли Ман ки дар вақти салқинии рӯз мегаштанд. Онҳо аз Ман наметарсиданд, онҳо дар боғи Адан то абад намонданд”.*

> *“Писарам, ҳар як махлуқоте, ки тахти Маро дар тамоми абад иҳота мекунад, аз имтиҳони муқаддаси тарси Худованд мегузарад”. (ниг.Ҳастӣ 3:8).*

Ин ҳақиқат чашмони маро кушод. Ман дар бораи ҳамаи пасторҳое фикр карданро сар кардам, ки самаранокии хизматгузориашон паст шуд ва онҳо роҳи худро бад анҷом доданд.

Бисёре аз онҳо бо ҳаваси бузург, муҳаббати пурқувват ба Исо оғоз карда буданд, барои хизматгузорӣ ба халқи Худо итоаткор ва фидокор буданд, аммо онҳо хаста шуданд, кинапараст шуданд ва бисёре аз онҳо хизматгузориро тарк карданд. Онҳо тоқат карда натавонистанд.

Дигарон чун пештара дар хизматгузорӣ буданд, вале инро ҳамчун воситаи фоида ва дигар мақсадҳои худхоҳона истифода мебурданд. Баъзеҳо аз мавқеъҳои баланди худ истифода бурда, даррандаҳои шаҳвонӣ шуданд, занони бегуноҳро сайд мекарданд; дигарон – ҳамчун мушовир, барои навиштани паёмҳои бардурӯғ барои хизматгузорон маблағҳои зиёд меситониданд, то пайравони худро идора намуда, ба хайрияҳои калон ҷалб кунанд; сеюмин дар бораи каломи Худо дар бораи нубувват дурӯғ гуфта, роҳҳои пинҳон кардани маълумотро аз онҳое, ки гӯё ба онҳо хизмат мекарданд, меандешиданд ва сипас онро, гӯё Худо ба онҳо ваҳй кардааст, эълон мекарданд. Рӯйхати амалҳои коррупсионии онҳо қариб беохир аст.

Пас чӣ гуна одамоне, ки аз покӣ оғоз мекунанд, бо палидӣ анҷом медиҳанд? Чаро натиҷа кӯтоҳмуддат аст? Гап – дар вуҷуд надоштани тарси муқаддас аст. Он чизе, ки Исо дар он хурсандӣ меёфт, одамон ҳамчун як чизи муқаррарӣ қабул мекунанд ё комилан онро рад мекунанд, ба монанди мисоли пастор дар ҷанубу шарқи Иёлоти Муттаҳида. Онҳо худашон ва дигаронро аз қабули оне, ки Худо онро “ганҷи Ӯ” меномад, рад мекунонанд. Аммо гӯш кунед, ки Каломи Худо оиди тарси муқаддас ва дарозумрӣ чӣ мегӯяд:

> “Хушо касе ки аз Худованд метарсад… адолати ӯ то абад қоим аст…
> Ӯ… то абад зикр хоҳад ёфт” (Забур 111:1, 3, 6).

Барои фаҳмидани он, ки тарси муқаддас чӣ гуна аҳамияти муҳим дорад, ба мо лозим нест, ки фоҷиаҳоро аз сар гузаронем. Аз шумо хоҳиш мекунам, ки ба хотири ҷалоли Худо ва дарозумрии худ, тарси муқаддасро ганҷи худ гардонед.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “Валекин эҳсони Худованд бар тарсгоронаш аз азал то абад аст” (Забур 102:17).

**Маъно.** Ҳар махлуқе, ки то абад дар назди тахти Худост, аз Ӯ метарсад.

**Мулоҳиза.** Яке аз паҳлӯҳои зиндагии хуб – анҷоми шоистаи сафар аст. Тарси Худованд то абад пойдор аст. Чӣ тавр ман метавонам тарси муқаддасро асоси ҳаёти худ гардонам? Кадом усулҳо ба ман кӯмак мекунанд, ки тарси муқаддасро ҳамчун филтр дар ҳар чизе, ки мегӯям ва мекунам, нигоҳ дорам?

**Дуо.** Падари азизи Осмонӣ, Каломи Ту мегӯяд, ки Ту қодир ҳастӣ, ки маро аз афтидан нигоҳ дорӣ ва бо хурсандии бузург маро ба ҳузури пурҷалоли Худ бе камбудӣ оварӣ. Ман медонам, ки ба шарофати кори фидокоронаи Худованди ман Исои Масеҳ, инчунин мавҷудияти тарси муқаддас, ин муносибатҳои абадӣ ба ман кафолат дода мешавад. Ман хоҳиш мекунам, ки тарси муқаддас ҳамеша дар ман бимонад, то ки ман то абад дар ҳузури Ту зиндагӣ карда тавонам. Ман инро ба исми Исо мепурсам. Омин.

**Эътироф**. Ман дар тарси муқаддас дар хонаи Худованд, дар ҳузури Ӯ то абад сокин хоҳам буд.

Агар шумо аз он шод набошед, ки Падари шумо қуддус, қуддус, қуддус аст, пас шумо рӯҳан мурдаед. Шумо метавонед дар калисо бошед, метавонед ба мактаби масеҳӣ равед. Аммо агар дар ҷони худ муқаддасии Худоро надошта бошед, шумо Худоро надонед, Худоро дӯст надоред, шумо робитаро бо Ӯ аз даст додед. Шумо барои Ӯ хобида ҳисоб меёбед.

– Р.Ч. СПРАУЛ

# 19| ХУДРО ПОК СОЗЕМ

“Тарси Худованд пок аст, *то абад мемонад*” (Забур 18:10). Забурнавис ду самараи аҷиби тарси муқаддасро пешниҳод мекунад, ки онҳоро набояд фаромӯш кард ё сабукфикрона қабул кард: покӣ ва дарозумрӣ. Биёед боби аввалро таҳқиқ мекунем ва дар боби оянда мо ба дуюмаш муроҷиат хоҳем кард. Павлус менависад:

> “Пас, эй маҳбубонам, дар сурате ки чунин ваъдаҳо дорем, – *худамонро* аз ҳар гуна наҷосати ҷисм ва рӯҳ *тоза карда*, *қудсияти* худро дар тарси Худо мукаммал намоем” (2 Қӯринтиён 7:1, ТНР).

Мо дар ин ҷо ҳамон ҳақиқатеро мебинем, ки забурнавис дар бораи он гуфта буд, аммо танҳо боз амиқтар. Аввалан, мехоҳам қайд намоям, ки қудсият тавассути тарси Худованд комил мешавад, аммо на бо муҳаббати Худо. Ба ёд оред, ки воизи машҳуреро, ки зиндагии нопок мебурд, вале Исоро дӯст медошт. Ҳамин, ки тарси муқаддасро қабул кард, аз ифлосиҳои пештарааш пок ва озод гардид. Ин дар навбати худ ӯро ба муносибати самимӣ бо Исо овард, ки аз вақтҳои пештара дида зеботар буд. Он чизе ки ӯ аз таҷрибаи худаш омӯхт, мо дар Навиштаҳои Муқаддас мебинем.

Чуноне, ки пештар гуфта будем, дар замони мо қудсият мавзӯи маъмултарин нест. Барои бисёриҳо он таъми бад дорад, зеро он лаззат намеорад ва ҳаёташонро душвор мегардонад. Онро ҳамчун ғуломии қонунӣ ё фазилати олиҷаноб, вале дастнорас, дарк мекунанд. К.С.Люис дар бораи ин нодонӣ чунин суханонро навиштааст: “Чӣ қадар кам медонанд, одамоне, ки муқаддасиро як чизи дилгиркунанда меҳисобанд. Вақте ки шумо чизи ҳақиқиро вомехӯред ... ба ин муқобилат кардан ғайриимкон аст!”. Пас, омода бошед, ки дар он ғӯта занед.

Тавре дар боло гуфтам, маънои асосии муқаддасӣ – “ҷудо шудан барои Худо” аст ва он бешубҳа покиро дар бар мегирад. Ба худ арӯсеро тасаввур кунед. Вай худро барои шавҳараш ҷудо мекунад, ки ин ҳам маънои даст кашидан аз хоҳиш ё ҷалби ҷустуҷӯи дӯстдорони дигарро дорад. Дар ин покӣ ҳамчун паҳлӯи муқаддасот нишон дода мешавад. Павлус ҳатто моро даъват мекунад, ки худро пок созем. Ӯ намегӯяд: “Хуни Исо моро пок хоҳад кард”. Бо вуҷуди ин, иҷозат диҳед ман фаҳмонам: хуни Исо моро аз ҳама гуноҳ пок мекунад, аммо вақте ки мо кори *сафедкуниро* бо кори *муқаддасӣ* омехта мекунем, ошуфта мешавем.

Вақте ки мо тавба кардем ва Исои Масеҳро ҳамчун Худованди худ қабул кардем, гуноҳҳои мо бахшида шуданд ва мо пурра шуста шудем. Худо гуноҳҳои моро дар баҳри фаромӯшӣ дафн кард. Ӯ онҳоро дар хотир надорад! Ин кор пурра ба охир расонида шудааст ва онро беҳтар намудан мумкин нест. Мо барои сазовор шудан ба ин воқеияти аҷиб ҳеҷ амале накардаем, ин бахшоиш аз ҷониби Худо аст. Ин кори *сафедкунӣ* аст.

Аммо ҳамон лаҳзае, ки мо сафедкуниро қабул кардем, кори *муқаддассозӣ* (қудсият) оғоз ёфт. Ин вақте он чизе *амалӣ мегардад*, ки дар ботини мо рӯй додааст; табиати нави мо дар тарзи ҳаёти мо воқеияти зоҳирӣ мегардад. Ана он чизе, ки Павлус вақти навиштан дар назар дошт:

> “Бо тарсу ларз наҷоти худро *ба амал оваред,* зеро ки Худо дар шумо, бо ҳусни таваҷҷӯҳи Худ, ҳам *хоҳиш* ва ҳам *амалро* ба вуҷуд меоварад” (Филиппиён 2:12, 13).

Аён аст, ки ин ҳанӯз кори файзи Худост, аммо мо бояд бо қудрате, ки Худо ба мо медиҳад, *хоҳиш доштан* ва *амал кардан* ҳамкорӣ кунем. Ҳамон гуна, ки тарсу ларз ба мардуми Бразилия имкон дод, ки ба ҳузури Худо ворид шаванд ва Ӯро дарк кунанд, ҳамон гуна тарсу ларзи муқаддас моро оташ мегиронад ва водор мекунад, то ки барои итоат кардан ба мо файзи Ӯ дода шуда бошад.

Хатогии маъмуле, ки бисёре аз муаллимон дар калисои ғарбӣ ба он роҳ медиҳанд, он аст, ки онҳо даъво мекунанд, ки кори муқаддасӣ, айнан ба монанди кори сафедкунӣ анҷом дода мешавад. Ба ибораи дигар, мо набояд чизе кунем: Исо ҳамаашро кард. Далели онҳо ин аст, ки гарчанде ки мо зиндагӣ карданро идома медиҳем, аз ҷаҳоне, ки ҳавасҳои гуногуни мо онро идора мекунад, фарқе надошта, мо муқаддасем, зеро Исо – муқаддасии мост. Масъала аз он сабаб душвор мегардад, ки воқеан дар Навиштаҳои Муқаддас порчаҳое мавҷуданд, ки

изҳороти онҳоро дар Аҳди Ҷадид дастгирӣ мекунанд. Аммо, иштибоҳи онҳо аз омехта кардани муқаддасии *мавқеъӣ* бо муқаддасии *рафтории* мо, ба вуҷуд меояд. Иҷозат диҳед фаҳмонам.

Муқаддасии мавқеъӣ танҳо ба он чизе, ки Исо барои мо кардааст, асос меёбад. Он дар бораи мавқеъи мо дар Масеҳ сухан меронад ва яке аз баракатҳои кори Масеҳ дар сафедкунии мост: "Чунон ки моро пеш аз таъсиси ҷаҳон дар Ӯ баргузидааст, то ки ба ҳузури Ӯ дар муҳаббат *муқаддас* ва беайб *бошем*" (Эфсӯсиён 1:4). Мо ҳеҷ гоҳ чунин ҳолатро сазовор шуда наметавонистем. Павлус инчунин менависад: "Ва аз Ӯ шумо дар Исои Масеҳ ҳастед, ки барои мо ҳикмате аз ҷониби Худо, яъне адолат ва қудсият ва кафорат шудааст" (1 Қӯринтиён 1:30).

Лиза Тоскано ва ман санаи 2–ми октябри соли 1982 издивоҷ кардем ва ӯ Лиза Бивер шуд. Худи ҳамон рӯз ӯ *мавқеъи* зани маро қабул кард. Имрӯз вай, аз он рӯзе, ки ман ӯро ба зани гирифтам боз ҳам зиёдтар зани ман нашудааст, чиҳил соли дигар низ аз ин зиёдтар зани ман нахоҳад шуд. Аз рӯи мақом дар рӯзи никоҳи мо ӯ пурра зани ман шуд; кор ба анҷом расид. Ҳамин тарз, мо дар Масеҳ дар рӯзи наҷоти худ муқаддас ва пок шудем ва ҳеҷ гоҳ аз ҳозира дида бештар муқаддастар нахоҳем шуд.

Аммо вақте, ки Лиза ҳамсари ман шуд, *рафтораш* мувофиқи мавқеъи ӯ тағйир меёфт. То он даме, ки зани ман шавад, вай бо бачаҳои дигар ба вохӯрӣ мерафт, рақами телефонашро ба онҳо медод, ба хотири роҳати худ зиндагӣ мекард ва дигар корҳоеро, ки духтарони муҷаррад мекунанд, мекард, вале баъдан аз ин корҳо даст кашид. Амалҳои ӯ мувофиқи аҳде, ки бо ӯ бастем, тағйир ёфт. Ва чӣ қадаре, ки мо оиладор будем, ин рафтор баркамол мешуд ва ба ӯҳдадориҳои мо мувофиқат мекард. Гӯш кунед, ки ҳавворӣ Петрус чӣ менависад:

> «Ҳамчун бачагони [ба Худо] фармонбардор [зиндагӣ кунед], ба ҳавасҳои пештарае, ки [шуморо идора мекарданд] дар вақти нодонии худ доштед [вақте, ки шумо талаботҳои Инҷилро намедонистед], мувофиқат накунед. Балки, чунон ки Даъваткунандаи шумо муқаддас аст, худатон низ дар тамоми рафторатон ва тарзи ҳаётатон муқаддас бошед. Зеро ки навишта шудааст: "Шумо бояд муқаддас бошед, чунки Ман муқаддас ҳастам"» (1 Петрус 1:14–16, Тарҷумаи васеъ).

Эътибор диҳед, ки Петрус на дар бораи муқаддасии мавқеъи мо, балки дар бораи муқаддас будани *рафтори* мо сухан меронад, ки маҳз ҳамон чизест, ки Павлус ҳангоми навиштан моро ба он даъват мекунад, то худро аз ҳар ифлосӣ пок созем. Ин як раванди муқаддассозӣ

мебошад, аммо на бахшоиши ройгони мавқеи сафедкунӣ аст.

Оё дар Аҳди Ҷадид порчаҳои дигаре дар мавзӯи муқаддасии рафтори мо вуҷуд доранд? Ҷавоб мусбӣ аст. Барои рӯйхати пурраи онҳоро инҷо овардан, онҳо хеле зиёданд, аммо иҷозат диҳед иқтибоси зеринро баён кунам:

> “Худо мехоҳад, ки шумо муқаддас бошед ва аз зинокорӣ парҳез кунед, то ҳар яке аз шумо битавонад бар бадани худ дар покӣ ва шараф ҳоким бошад ва оташи шаҳвати худро, ба монанди халқҳое ки Худоро намешиносанд, пайравӣ накунад” (1 Таслӯникиён 4:3–5, ТНР).

Ба наздикӣ, пас аз ибодати субҳи якшанбе, як нафар ба ман гуфт: “Ман масеҳӣ ҳастам, муҷаррад ҳастам. Ман бо занҳо ҳамхобам, зеро ман дар худдорӣ кардан зиндагӣ карда наметавонам. Ман чанд моҳ худдорӣ мекунам, вале баъд ба тарзи пештара бармегардам ва бо занон ҳамхоба мешавам. Аммо ин он чизи асосие нест, ки ман ба шумо гуфтаниам. Саволи асосии ман: чаро ман дар тиҷорат ин қадар мушкилоти зиёд дорам?”

Ман ҳайрон шудам. Наход паёмҳои аз мувозинат маҳруми мо оиди файз, ба он оварда расонид, ки одамон ба он боварӣ ҳосил карданд, ки онҳо дар гуноҳи сахт зиндагӣ кунанд ҳам, гӯё дар ҳузур ва баракатҳои Худо хоҳанд буд? Ҳангоми саволу ҷавоб дар конфронси масеҳии занон, зане аз ҳамсари пурсид: “Ман шавҳарамро хеле дӯст медорам, аммо ӯ бисёр сафар мекунад ва ман ҳамеша бо мардони дигар ҳамхоба мешавам. Ман чӣ кунам? Оё ман бояд дар ин бора ба ӯ бигӯям?”

Ин ду нафар дар ҳақиқат боварӣ доранд, ки онҳо бо Масеҳе, ки аз тарафи дасти рости Худо нишастааст, муносибат доранд ё бо Масеҳи қалбакӣ? Ин мисолҳо – танҳо болои пирях мебошад; ман бисёр одамони дигарро бо чунин мушкилот вохӯрда будам. Наход даъват ба ҳаёт дар муқаддасӣ он қадар заиф шудааст, ки ҳама гуна мазаммат хомӯш шудааст? Аммо Павлус менависад: “Ҳар кӣ ин даъватро рад мекунад, ӯ на одамизодро рад мекунад, балки Худоро, ки Ӯ Рӯҳулқудси Худро ба шумо ато намудааст” (1 Таслӯникиён 4:8, ТНР).

Дар хотир дошта бошед, ки қудсият як хусусияти хосеро дорад, ки ба он муқобилият кардан ғайриимкон аст ва мо ҳангоми идомаи таҳқиқи ин мавзӯъ онро равшан хоҳем дид.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** «Касе ки гӯяд: “Ман Ӯро мешиносам”, аммо аҳкоми Ӯро риоят накунад, вай дурӯғгӯй аст ва дар вай ростӣ нест» (1 Юҳанно 2:4).

**Маъно.** Кори қудсият (муқаддасӣ) – ин вақте, ки он чӣ дар ботини мо анҷом дода шудааст, зоҳиран иҷро мешавад; табиати нави мо, дар тарзи ҳаёти мо воқеияти зоҳирӣ мегардад.

**Мулоҳиза.** Муқаддасӣ – ин кори файзи Худост, лекин ман бояд бо қудрате ҳамкорӣ кунам, ки Худо ба ман медиҳад, то ки ман он чиро, ки Ӯ мехоҳад аз ман гирад, иҷро кунам. Оё ман ба ин боварӣ дорам? Оё ман ба ин ҳақиқат ва фармони Ӯ оиди дар муқаддасӣ зиндагӣ кардан, беэътиноӣ зоҳир нанамудаам, бо назардошти он, ки муқаддасии мавқеъиро бо муқаддасии рафторӣ омехта мекардам? Оё ман иҷозат медодам, ки нокомиҳои гузашта имони маро ба кори Худо дар ботини ман, ки ба ман қувват мебахшад суст кунанд? Чӣ тавр ман метавонам ба имон баргардам, то ки ин дар ҳаёти ман воқеият гардад?

**Дуо.** Падари Осмонии азиз, ман хоҳиш мекунам, ки Ту, маро бо хоҳиши ба ту писанд омадан ва қобилияти ба ин ноил шудан пур карда, дар ман амал куни. Ман мехоҳам дар ҳаёти худ он чиро зоҳир кунам, ки Ту барои ман аллакай дар ботини ман кардаӣ. Ба исми Исо. Омин.

**Эътироф.** Ман наҷоти худро бо тарс ва ларзи муқаддас иҷро мекунам.

Бо роҳи рост равед…
ба муқаддасгардонии
ҳаёти худ кӯшиш намоед…

– ИБРИЁН 12:13, 14 ТНР

# 20| ҲАДАФИ МО

Муқаддасӣ – ин худ як ҳадаф нест, балки гузариш ба чизи муҳимтарин аст. Биёед ояти ифтитоҳии Китоби Муқаддасро дар тарҷумаи дигар таҳқиқ намуда, ба ҷанбаи муқобилатнопазирӣ муроҷиат намоем:

> "Кӯшиш намоед қудсият дошта бошед, ки бе он ҳеҷ кас Худовандро нахоҳад дид" (Ибриён 12:14).

"Кӯшиш намоед" – калимаи юнонии "дёко" буда, маънояш "кореро бо саъю кӯшиши махсус ва бо ҳадафи муайян анҷом додан аст". Бо муқоиса намудани ҳарду тарҷума ва донистани маънои "дёко" мо дарк мекунем, ки ин гуфтаҳо дар бораи шавқу рағбати зиёд ба муқаддасӣ бо нияти ноил гардидани он аст.

Саволи аввалини мо бояд чунин садо диҳад: оё ин муқаддасӣ мавқеи аст ё рафторӣ? Биёед ба мисоли Лиза ва издивоҷи мо бармегардем. Оё шумо тасаввур карда метавонед, ки Лиза ба яке аз дугонаҳои наздикаш чӣ мегӯяд: "Ман сахт кӯшиш мекунам, ки зани Ҷон шавам!"?

Дугонаи ӯ шояд механдид ва мегуфт: "«Ту аллакай зани ӯ ҳастӣ!" Дар рӯзи издивоҷатон зани ӯ шудӣ.

Зан *мавқеъи* "зан"–ро, ки аллакай дорад, таъқиб намекунад. Аммо вай метавонад барои *рафтори* беҳтарини зан кӯшиш кунад. Чунончӣ бо муқаддасӣ – мо аз паи *мавқеъе* намедавем, ки мо аллакай онро ишғол мекунем, балки ба рафторе, ки "лоиқи Худованд аст" кӯшиш менамоем (Қӯлассиён 1:10).

Ба мо бо боварӣ мегӯянд, ки оқибати рад кардани ин амр он аст, ки мо *Худовандро нахоҳем дид*. Ин фикри солим аст! Он бешубҳа ба мо дар нури абадият таъсир мерасонад, аммо сӯҳбати мо ҳоло на дар

бораи он. Барои мавзӯи ҷорӣ, муҳим он аст, ки он ба мо дар ин ҷо ва айни замон чӣ гуна таъсир мерасонад?

Азбаски ман шаҳрванди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳастам, ман метавонистам гӯям, ки ман бо президент "муносибат" дорам. Ман таҳти роҳбарии ӯ мебошам ва қарорҳои қабулкардаи ӯ, ба ман низ ба монанди 332 миллион шаҳрванди дигари Амрико таъсир мерасонанд. Лекин ҳарчанд бо президент чунин муносибат дошта бошам ҳам, то имрӯз ба қабули шахсии ӯ надаромадаам. Ба ибораи дигар, ман дар ҳузури ягон президентҳои Амрикоии мо набудам ва бо ҳеҷ кадоми онҳо муошират накардаам.

Аз тарафи дигар, амрикоиҳои дигаре ҳастанд, ки президентро мунтазам *мебинанд*, инҳо дӯстон ва одамоне ҳастанд, ки бо ӯ ҳамкории зич доранд. Ба ҳар ҳол, онҳо шахсеро, ки дар Кохи Сафед зиндагӣ мекунад, аз ман дида беҳтар мешиносанд. Онҳо ӯро аз наздик мешиносанд, аммо ман ӯро танҳо ҳамчун роҳбари кишвари мо мешиносам.

Ба ҳамин монанд, миллионҳо имондороне ҳастанд, ки таҳти қудрати Исои Масеҳ қарор доранд. Ӯ онҳоро муҳофизат мекунад, дӯст медорад ва ризқ медиҳад, ба дархостҳояшон ҷавоб медиҳад. Аммо масъала дар он аст, ки оё онҳо Ӯро *мебинанд*? Ба ибораи дигар, оё онҳо ҳузури ошкори Ӯро ҳис мекунанд?

Ҳазорон нафар имондорон дар Бразилия чунон рафтор мекарданд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ ба ҳузури Худованд омада натавонистанд. Ҳамон лаҳзае, ки онҳо тавба карданд, онҳо сазовори вохӯрии шахсӣ бо Подшоҳ гардиданд. Ин ҳар рӯз ва ҳатто ҳар лаҳза рӯй медиҳад. Агар мо тарси парҳезгорӣ надошта бошем, пас мо ҳеҷ гуна ҳавасмандие надорем, ки барои рафтори муқаддасе, ки ба мо имтиёзи ҳузури ошкори Ӯро медиҳад, кӯшиш кунем. Исо мегӯяд: "Ҳар кӣ аҳкоми Маро дорад ва риоят кунад… Ман вайро дӯст ҳоҳам дошт ва Худро ба вай зоҳир хоҳам сохт" (Юҳанно 14:21).

Такрор кардан ҷоиз аст: *муқаддасии рафторӣ набошад, Худовандро нахоҳем дид.* Барои чӣ ин, он қадар муҳим аст? Аввалан, агар мо Ӯро набинем, агар мо аз ҳузури ошкори Ӯ камӣ дошта бошем, мо Ӯро ба таври пурра шинохта наметавонем. Мо танҳо *дар бораи* Ӯ он чиро дониста метавонем, ки дар муносибатҳоямон бо президентхои ИМА медонем. Аз ин ҳам бадтараш, он аст, ки мо бо тасвири афсонавии Исо, худро фиреб медиҳем. Ин тасаввуроти нодуруст – аз ҳама хатарнок аст, зеро мо чунин меҳисобем, ки Он касеро мешиносем, ки дар асл Ӯро намешиносем. Яъқуб ба мо мегӯяд: Пас на фақат шунавандагони калом бошед, балки иҷрокунандагони калом

бошед, дар акси ҳол шумо танҳо худро фиред медиҳед” (Яъқуб 1:22, ТНР). Шахсе, ки худро фиреб медиҳад, чунин меҳисобад, ки касеро ё чизеро мешиносад, аммо дар асл ин чунин нест.

Сабаби дуюм низ номуҳим нест. Бидуни мушоҳидаи Ӯ, бидуни ҳузури Ӯ, мо тағйир ва ба шабоҳати Ӯ табдил ёфта наметавонем. Павлус хотиррасон мекунад, ки онҳое ки Худовандро мебинанд, “ба ҳамон сурат аз ҷалол ба ҷалол” табдил меёбанд” (2 Қӯринтиён 3:18). Ин тағйирот дар ботин оғоз мешавад ва то он даме рӯй медиҳад, ки дигарон онро набинанд.

Покии мо мисли покии фарисиён буда наметавонад. Исо гуфт: “Ҳамчунин шумо низ ба зоҳир ба назари мардум одил менамоед, лекин дар ботин аз риёкорӣ ва шарорат пур ҳастед” (Матто 23:28). Ҳадафҳои онҳо мисли ҷисмҳои мурда нопок ва ифлос буданд. Онҳо тарси Худовандро надоштанд, ки ин дар навбати худ онҳоро водор кард, ки адолатро танҳо дар асоси рафтори зоҳирӣ пайгирӣ кунанд ва сурати пешбинишудаи худро дар маркази таваҷҷӯҳ қарор диҳанд. Ин ба табдилёбии ботинии онҳо монеъа мешуд, ки боиси рафтори дахлдори зоҳирӣ мегардад. Онҳо гумон мекарданд, ки Худоро мешиносанд, аммо дар асл Офаридгори худро, ки дар пеши назари онҳо истода буд, намешинохтанд ва аз ин рӯ ба хоҳишҳои Ӯ мувофиқат намекарданд. Онҳо худро фиреб медоданд.

Ҳатто имрӯз муқаддасие, ки мо ба он мекӯшем, бояд дар қалбҳои мо – фикрҳо, ҳадафҳо ва ниятҳои мо сарчашма гирад. Ин дар охир рафтори зоҳирии моро муайян месозад. Ана барои чӣ Исо мегӯяд: “Хушо покдилон, зеро ки онҳо Худоро хоҳанд дид” (Матто 5:8). Бе дидани Ӯ, мо аз тағйироти ботинӣ – муқаддасии ҳақиқӣ маҳрумем ва аз ин рӯ, мо Ӯро намебинем. Ва ин беохир аст.

Қудрати дигаргунсозии хоҳишҳои ботинии худро инкор карда, шакли зоҳирии парҳезгориро доштан кофӣ нест. Мо бояд дар умқи ҷони худ – ҳадафҳо ва ниятҳо, ташнаи ҳақиқат бошем; ин аст он чизе, ки мо бояд ба он саъю кӯшиш кунем. Ҳавворӣ Яъқуб дар бораи имондороне, ки нисбати муқаддасӣ сабукфикрона муносибат доранд, ҳангоми навиштан хеле сахт сухан меронад:

> “На аз баҳри қасди нек илтимос мекунед, балки аз баҳри он ки барои ҳавасҳои худ истифода намоед. *Эй зинокорон!* Оё намедонед, ки дӯстӣ бо дунёи душманӣ бо Худост?” (Яъқуб 4:3, 4).

Яъқуб ба онҳо муроҷиат карда, онҳоро *зинокорон ва зинококунандагон* номид, – бо калимаҳое, ки барои тавсифи одамоне истифода мешаванд, ки аҳди издивоҷро вайрон мекунанд. Худо аксар

вақт барои нишон додани аҳди мо бо Ӯ тасвири издивоҷро истифода мебарад; Исоро домод номидаанд ва мо – арӯси Ӯ ҳастем. Павлус мегӯяд, ки издивоҷи марду зан, ин намунаи ягонагии Исои Масеҳ ва Калисо мебошад (ниг. Эфсӯсиён 5:31, 32).

Ҷаҳон баҳри манфиати шахсӣ ё ғурури дастовардояш зиндагӣ карда, ҳамин тавр диққати худро ба суратҳои пешбинишуда ва даркшуда ҷалб мекунад. Вақте ки мо ба ҳавасҳои дунявӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карда, нисбати кӯшиш ба қудсият беэътиноӣ мекунем, мо зинокор мегардем. Ин Ҳамсари моро чунон таҳқир мекунад, ки мо худро воқеъан ба душмани Ӯ табдил медиҳем. Аз ин рӯ, Яъқуб дар идома менависад: “Дилҳои худро пок кунед, зеро садоқати шумо байни Худо ва ҷаҳон тақсим шудааст” (Яъқуб 4:8, тарҷума аз англисӣ). Мо танҳо дар он ҳолат метавонем дилҳои худро пок созем, агар тарси Худовандро, ки моро водор мекунад, ки ба қудсияти аслӣ кӯшиш кунем, қабул кунем!

Ман бо Лиза зиёда аз чиҳил сол издивоҷ кардаам ва сабабҳои хубе вуҷуд доранд, ки ман бар зидди ӯ зино намекунам. Аввалин ва аз ҳама муҳимаш – ин тарс назди Худост. Ман бо Ӯ аҳд бастам, ки новобаста аз муносибат ва рафтораш ӯро дӯст дорам ва ғамхорӣ кунам.

Сабаби дуюм дар он аст, ки ман намехоҳам, ки бо ин зани аҷиб наздикиро аз даст диҳам. Ман дӯст медорам, вақте ки вай ба ман бовар мекунад, розҳои ботинӣ ва сиррҳои дилашро ба ман маълум мекунад. Дар асл, ба ман наздикии мо маъқул аст.

Бо Исо – низ ҳамон тавр аст. Сабаби он ки ман ҳаматарафа аз зино кардан бар зидди Ӯ худдорӣ мекунам, дар он аст, ки ман намехоҳам наздикии худро бо Ӯ аз даст диҳам. Ман наздикии ҳузури Ӯ ва сӯҳбатҳои самимиро бо Ӯро дӯст медорам. Ман дӯст медорам, вақте ки Ӯ бо ман сиррашро тақсим мекунад, ки ман оиди онҳо қаблан намедонистам. Шояд, барои ҳамин ба мо навишта шудааст:

> “*Сирри Худованд* бо тарсгорони Ӯст, ва аҳди Худро ба онҳо маълум мекунад” (Забур 24:14).

Мо нав паҳлӯи мағлубнашавандаи муқаддасиро ламс карданро оғоз менамоем. Дар боби оянда, мо ифшои зебогии онро идома медиҳем.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “Дӯсти покдил, ки лабҳои хуш дорад, подшоҳ – ёри ӯст” (Масалҳо 22:11).

**Маъно.** Бидуни саъйю кӯшиш ба муқаддасии рафтор бо нияти фаҳмидани он, мо наметавонем ба ҳузури Худованд ворид шавем. Гап дар он нест, ки мо кай ба муқаддасии комил ноил мегардем, балки кай онро ба саъйю кӯшиши дили худ табдил медиҳем.

**Мулоҳиза.** Худо медонад, ки ман барои рафтори муқаддас саъйю кӯшиш мекунам ё ҳамеша муҳаббати худро ё таҳаммулпазириро нисбати ҳавасҳои дунявӣ ва ғурури дастовардҳо, сафед мекунам. Ҳамааш аз ниятҳои дили ман оғоз мешавад. Оё ман барои покии қалб ва ақл талош мекунам, ки боиси дигаргунии амалҳо шавад? Оё ман ин тавр рафтор мекунам, ҳатто агар одамони наздикам ин корро накунанд?

**Дуо.** Падари Осмонӣ азиз, маро бубахш, ки қудсиятро намеҷустам. Ман инро муҳим намеҳисобидам, аммо ҳоло мефаҳмам, ки ҷустуҷӯи муқаддасӣ бояд саъйю кӯшиши ман бошад, зеро он дарро барои вохӯрӣ бо Ту мекушояд. Аз ту хоҳиш мекунам, ки маро барои рафтори дунявиам бубахш ва маро бо хуни Исо пок гардон. Ман аз муносибати руякӣ нисбати муқаддасӣ тавба мекунам. Ба исми Исо. Омин.

**Эътироф.** Ман кӯшиш мекунам, ки муқаддасӣ дошта бошам, бо нияти пурраи ноил гардидани он. Ҳадафи ман – муқаддас будан аст, чуноне ки Худо муқаддас аст.

Роҳи одил рост аст; Ту, эй Росткор, тариқи одилро ҳамвор мекунӣ.

– ИШАЪЁ 26:7

# 21| ХОҲИШ ВА ҚУДРАТ

Шояд шумо ҳоло аз он азоб мекашед, ки шумо *кӯшиш мекардед*, ки ҳаёти муқаддас дошта бошед, аммо рости гап, шумо аз муваффақият дида, бештар ноком шудаед. Шумо ташнаи бо Худо наздик шудан ҳастед, аммо базӯр ба Ӯ итоат карда метавонед. Лутфан, дарҳол инро дар хотир дошта бошед: Ӯ аз шумо дида, бештар ташнаи шумо аст. Шод бошед, барои он, ки Худо барои шумост! Бигузор ин ҳақиқат шиддатро суст кунад.

Комилан имконпазир аст, ки мушкилот дар он аст, ки шумо *кӯшиш кардед*. Қонуни Мӯсо исбот кард, ки мо лаёқати риояи аҳкоми Худоро надорем, аммо мо ба кӯмаки илоҳӣ ниёз дорем. Ин кӯмаки ба мо зарурӣ, файзи Худо аст. Аксарияти имондорон медонанд, ки файзи Исои Масеҳ моро аз талаботи шариат озод мекунад, вале бисёриҳо намедонанд, ки он як қадам пештар меравад: он ба мо табиати нав медиҳад ва ба мо имконият медиҳад, ки аз гуноҳ озод зиндагӣ кунем (ниг. Румиён 6 :6, 7).

Агар мо ба амри Павлус дар бораи пок кардани худ аз ифлосии ҷисм ва рӯҳ назар андозем, мо мебинем, ки он ба суханоне пайравӣ мекунад, ки аксар вақт аз назар дур мемонанд. Чанд дар болотар аз он менависад:

> «Мо, ки мададгорони Ӯ ҳастем, аз шумо илтимос мекунем, ки файзи Худоро бефоида қабул накунед. Зеро ки Ӯ мегӯяд: “Дар вақти мусоид… Ман ба ту мадад кардам”» (2 Қӯринтиён 6:1, 2, ТНР).

Ин вақти мусоид аллакай фаро расидааст, мо метавонем бо ёрии Ӯ, ҳаёти муқаддасона ба сар барем. Мутаассифона, мо дар бораи неъмати пурраи файзи Худо кам мешунавем. Дар бораи он ҳамчун наҷоти абадӣ, омурзиши гуноҳҳо, озодӣ аз ҷазои гуноҳ ва бахшоиши

нолоиқ, таълим дода мешавад. Гарчанде ки ҳамаи ин комилан дуруст аст, боз як хусусияти муҳими файз вуҷуд дорад, ки дар бораи он аксар вақт сухан намеравад: ин қудрати он аст. Худо ба ҳаворӣ Павлус мегӯяд: “Барои ту файзи Ман басанда аст, зеро ки қувва дар заъф бештар комил мешавад” (2 Қӯринтиён 12:9, ТНР). Ба ибораи дигар: “Павлус, он чизе, ки ту бо қобилияти худ карда наметавонистӣ, акнун метавонӣ бо қудрати Ман, ки файз номида мешавад, бикунӣ”.

Павлус ин ҳақиқатро тасдиқ мекунад: “файз… фаровон бод… Азбаски қуввати илоҳии Ӯ [файз] ҳамаи чизҳои барои ҳаёт ва парҳезгорӣ заруррро ба мо бахшидааст” (2 Петрус 1:2, 3). Дар “Тарҷумаи нави зинда” (NLT) ошкоротар баён шудааст: “Аз қудрати илоҳии Худ, [файз] Худо ба мо ҳама чизеро, ки барои зиндагии парҳезгорона зарур аст, додааст”. Файз ба мо қувват мебахшад, ки муқаддасона зиндагӣ кунем!

Барои чӣ ин ҳақиқат ин қадар муҳим аст? Масеҳият – ин ҳаёт дар имон аст. Тамоми паём “каломи имон” номида мешавад (Румиён 10:8). Ба ибораи дигар, мо то имон наоварем, мо аз Худо чизе нахоҳем гирифт, аммо ба он чизе, ки намедонем, низ бовар карда наметавонем. Бинобар он, агар мо дар бораи қудрати файз чизеро надонем, мо ба андозаи имкониятҳои шахсии худ, кӯшиши ба Худо писанд омаданро давом медиҳем. Ва ин ба мавҷудияти бадбахтонаи бесамар оварда мерасонад.

Мисоли аз нав таваллуд шуданро дида мебароем. Бисёр одамони наҷотнаёфтае ҳастанд, ки боварӣ доранд, ки Худо метавонад наҷот диҳад. Аммо то даме, ки онҳо тавба накунанд ва ба Инҷил бовар накунанд, онҳо аз файзи наҷот маҳрум ҳастанд. Нисбати кӯшишҳои мо ба муқаддасӣ низ чунин аст. Бисёр масеҳиён ҳастанд, ки боварӣ доранд, ки Худо метавонад қобилияти дар муқаддасӣ зиндагӣ карданро диҳад, аммо то даме, ки онҳо аз таҳти дил бовар накунанд, ки *файз қувват мебахшад*, онҳо аз он баҳрае нахоҳанд гирифт.

Павлус ба имондорони қӯринтӣ илтимос мекунад, ки “файзи Худоро бефоида қабул накунед” (2 Қӯринтиён 6:1). Беҳуда гирифтани чизе – маънои ба пуррагӣ истифода накардани онро дорад. Агар ба шахс техникаи кишоварзӣ ва бо он тухмӣ дода шавад, ӯ метавонад онро корида, ҳосил парвариш кунад, то бихӯрад ва зиндагӣ кунад. Аммо агар он чизеро, ки ба ӯ диҳанд, истифода набарад, аз гуруснагӣ ҷони худро аз даст медиҳад. Пас аз маргаш ҳамсояҳои ӯ чӣ мегӯянд? “Таҷхизоту тухмиро беҳуда гирифт”.

Ин аст, он чизе ки Павлус мегӯяд: Худо файз додааст, то ба шумо кӯмак кунад, ки тавре зиндагӣ кунед, ки шумо бо қувваи худ зиндагӣ карда наметавонистед. Он ба шумо қувват мебахшад, то ки кӯшиш

кунед ва тарзи ҳаёти муқаддасро ноил гардед. Ба сабаби беимонӣ дар истифодаи ин қудрат беэътиноӣ накунед.

Агар файзи Худо ҷуз наҷот, омурзиш ва “чипта”–и биҳишт, – чуноне ки дар фарҳанги ғарбӣ ба таври васеъ таълим медиҳанд, чизи дигаре набошад, – пас чӣ гуна касе метавонад онро беҳуда қабул кунад? Дар он ҳеҷ гуна захирае вуҷуд надорад, ки онро беҳуда барбод додан мумкин бошад, ин маънои онро дорад, ки суханони Павлус маъно надоранд.

Агар мо ба фикррониии ҳавворӣ пайравӣ кунем, ҳама чиз мувофиқ аст. Калисои Қӯринтӣ ҳаёти дунявӣ дошт, одамон ба ҷустуҷӯи қудсият кӯшиш намекарданд. Барои тасдиқи ин нуқтаи назар, каме дертар дар ҳамон нома Павлус менависад: “Бисёре аз шумо, гуноҳҳои пештараатонро тарк накардаед. Шумо аз нопокӣ, зино ва кӯшиш ба ҳаловати шаҳватангез, тавба накардаед” (2 Қӯринтиён 12:21 тарҷума аз англисӣ). Ба боби шашум баргашта, мо мебинем, ки Павлус аз ин имондорон илтиҷо мекунад, ки файзи Худоро барбод надиҳанд, сипас бепарвоёна қайд мекунад, ки чӣ қадар онҳоро дӯст медорад ва мепурсад, ки чаро онҳо дар ҷавоб чунин рафтор намекунанд. Пас аз он ӯ ба фикри асосӣ бармегардад, – оиди он, ки беэътинии онҳо нисбати файзи Худо ба одамони шарир аён буд, ки ба онҳо таъсир расониданд:

> “Зери юғи бегона бо якҷоягии беимонон сар хам накунед. Зеро ки адолат бо шарорат чӣ алоқае дорад? Ва нур бо зулмот чӣ умумияте дорад?” (2 Қӯринтиён 6:14).

Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки байни ба ҷаҳон рафта, ба беимонон таъсир расонидан ва таҳти таъсири кӯшиши ба онҳо мувофиқат карда зиндагӣ кардан, фарқияти калон вуҷуд дорад. Ин танҳо ба рафторе оварда мерасонад, ки метавонад моро аз роҳи зиндагӣ дур кунад. Такрор мекунам, ки инро зинои рӯҳонӣ номидан мумкин аст.

Пас аз он Павлус ба ин имондорони заминӣ хотиррасон мекунад, ки Худо дар онҳо сокин аст ва Ӯ дар бораи хоҳиши Худ нисбати онҳо гуфта буд: “Андаруни онҳо сокин шуда, дар миёни онҳо роҳ хоҳам рафт; ва Худои онҳо хоҳам буд, ва онҳо қавми Ман хоҳанд буд. Бинобар ин аз миёни онҳо берун оед ва ҷудо шавед, мегӯяд Худованд, ва ба чизи нопок нарасед, ва *Ман шуморо қабул хоҳам кард*” (2 Қӯринтиён 6:16, 17).

Мо бори дигар ваъдаро оиди ҳузури ошкоршудаи Худоро мебинем, аммо дар сатҳи боз ҳам бузургтар. Ӯ на дар бораи боздидҳои даврӣ, балки дар бораи дар мо ва бо мо будан мегӯяд! Боз мебинем, ки ваъдаи *дидани* Худо (ҳузури ошкоршудаи Ӯ) шарте дорад. Агар мо аз хоҳишҳои худхоҳона ва боғурур, ки ҷаҳон ба онҳо часпидааст, худдорӣ

кунем, ба мо ваъдаи абадан дар ҳузури Подшоҳ будан, дода мешавад: “Ва ман шуморо қабул мекунам”. Баръакси он низ дуруст аст: агар мо худро бо чизҳои нафратовари ҷаҳон нопок созем, барои қабули мо рад карда мешавад. Павлус суханронии худро бо як изҳороти мақсаднок ба анҷом мерасонад:

> “Пас, эй маҳбубонам, дар сурате ки чунин ваъдаҳо дорем, худамонро аз ҳар гуна наҷосати ҷисм ва рӯҳ тоза карда, қудсияти худро дар тарси Худо мукаммал намоем” (2 Қӯринтиён 7:1, ТНР).

Ҳоло мо метавонем суханони Павлусро, ки ба калисои Филиппӣ нигаронида шуда буд, боз ҳам беҳтар фаҳмем:

“Бо тарсу ларз наҷоти худро ба амал оваред, зеро ки Худо дар шумо, бо ҳусни таваҷҷӯҳи Худ, *ҳам хоҳиш ва ҳам амалро* ба вуҷуд меоварад” (Филиппиён 2:12, 13). Тарси Худованд моро ба ирода ташвиқ менамояд (ба мо хоҳиш мебахшад) ва файзи Худованди мо Исои Масеҳ ба мо қобилияти *амал карданро* медиҳад (ба мо қувват мебахшад).

Агар як қадам ба пеш гузорем, мебинем, ки дар ҷое, ки хоҳиш нест (аз сабаби набудани тарси муқаддас) паҳноии имкониятҳо афзалиятнок намегардад ва аз ин рӯ истифода намешавад, он беҳуда гирифта мешавад! Барои ҳамин, тарси муқаддас барои самаранокӣ ва дарозумрии мо хеле муҳим аст.

Умедворам, ки ҳоло равшан аст, ки покӣ – ин як ҷанбаи бузурги муқаддасӣ аст, аммо таърифи пурраи он нест. Ёдовар мешавам, ки таърифи аввалиндараҷаи муқаддасӣ – *ба Ӯ бахшида шудан*, *комилан ба Ӯ тааллуқ доштан* аст. Биёед маънои асосии муқаддасиро қайд кунем: вақте ки арӯс бо домод издивоҷ мекунад, вай худро комилан ба ӯ медиҳад. Худро ба ӯ бахшидани вай, покии ӯро ҳам дар мавқеъ ва ҳам дар рафтор дар бар мегирад. Покӣ ҳадафи ниҳоӣ нест, он як қисми садоқати арӯс ба домод аст.

Аз ин рӯ, муқаддасии ҳақиқӣ – ин як покии ғайритабиӣ ва муқаддас аст, ки роҳро ба наздикии амиқ бо Худо мекушояд. Ин ҳамон чизи *ҷолибест*, ки мо дар бораи он, то охири ин китоб сухан гуфтанро идома медиҳем. Аммо аввал, мо бояд муҳокимаи онро давом диҳем, ки ҳаёте, ки ба Домоди мо бахшида шудааст, амалан чӣ гуна аст. Ҷавоб дар як калима иборат аст: *итоаткорӣ*.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас**. “Дар файзе, ки дар Исои Масеҳ дорем, қавӣ бош” (2 Тимотиюс 2:1, ТНР).

**Маъно.** Агар мо аз қудрати файз бехабар бошем, минбаъд низ ба қадри имкониятҳои шахсии худ, кӯшиш мекунем, ки ба Худо писанд оем. Файзе, ки аз Худо қабул кардаем, барбод хоҳад рафт.

**Мулоҳиза.** Оё ман *кӯшиш* кардам, ки ҳаёти муқаддас дошта бошам ва дар баробари ин аз муваффақият дида бештар ба нокомӣ дучор шудам? Оё ман то ҳадди имкон кӯшиш кардам? Оё ман ба файзи Худо умед доштам, кадоме, ки ба ман барои дар муқаддасӣ зиндагӣ кардан қувват мебахшад? Агар чунин набошад, чӣ тавр ман метавонам онро тағйир диҳам?

**Дуо.** Падари Осмонии азиз, ман дарк мекунам, ки танҳо бо қуввати файзи Ту ман метавонам ҳаёти парҳезгорона дошта бошам, оне ки ҳузури пурҷалоли Туро ошкор мекунад. Маро бубахш, барои он, ки кӯшиш дорам инро бо қувваи шахсии худ амалӣ кунам. Аз ин лаҳза ман дар файзи Ту қавӣ хоҳам шуд, то ки бо ҳаёти ҷудошуда барои ҷалоли Исо зиндагӣ кунам. Ба исми Исо ман дуо мегӯям. Омин.

**Эътироф**. Ба қудсият кӯшиш карданро маро тарси муқаддас водор мекунад, ва бо қуввати файзи Худо ба он ноил хохам гардид.

# ҶАВОБИ МО БА

# КАЛОМИ ХУДО

## ҲАФТАИ 4

Маро ба роҳи
аҳкоми Худ ҳидоят
намо,зеро ки
онро хостаам.

– ЗАБУР 118:35

# 22| ТАРС НАЗДИ КАЛОМИ ХУДО

Дар бахши аввали ин китоб гуфта шуда буд, ки тарси Худовандро метавон ба ду таърифи бечунучаро тақсим кард: тарс назди ҳузури Худо ва тарс назди Каломи Ӯ. Мо дар бораи ҳузури ҷалоли Худо сӯҳбат кардем, гарчанде ки ин мавзӯъ тамомнашаванда аст, зеро мо то абад назди Ӯ тарсгор хоҳем буд. Дар ин бахш мо диққати худро ба он равона хоҳем кард, ки мо ба Каломи Ӯ чӣ гуна муносибат мекунем.

Аввалан, биёед ба даврае назар андозем, ки халқи Худо аз муносибати самимӣ бо Ӯ дур мешуд ва онро бо расмиятҳои оддӣ иваз мекард. Барои ҷалби таваҷҷӯҳи онҳо Худо мепурсад: "Осмон курсии Ман аст, ва замин — қадамгоҳи Ман; чӣ гуна хонае барои Ман бино хоҳед кард, ва чӣ гуна маконе барои оромиши Ман?" (Ишаъё 66:1).

Агар мо панҷ ояти аввали ин бобро дар матн мутолиа кунем, мебинем, ки Худои Муттаъол ба халқе муроҷиат мекард, ки дар асоси шартҳои шахсии худ кӯшиш мекард, ки бо Ӯ муносибати худро инкишоф диҳанд ва дастгирӣ намоянд. Онҳо бе ягон шавқу ҳавас ба намунаи Ӯ пайравӣ мекарданд ва боварӣ доштанд, ки ин ба Ӯ писанд меояд. Худо ошкоро баён мекунад, ки роҳи интихобкардаи онҳо таҳқиромез аст, аммо ӯ дарҳол дар бораи он, ки барои оғози муносибатҳои самимӣ чӣ лозим аст, нақл мекунад:

> "Ва Ман бар инҳо назар хоҳам кард: бар мискин ва шикастарӯҳ, ва бар касе ки *пеши каломи Ман ба ларза меоянд"* (Ишаъё 66:2).

Ибораи назар хоҳам кард – ин феъли "набат" дар забони ибрӣ, ки маъноаш "нигоҳ кардан, мушоҳида кардан, баррасӣ кардан. Нигоҳро

аз наздик, бодиққат ба чизе муттамарказ гардонидан”. Дар асл, Худо мегӯяд: «Ин ҳамонест, ки ман ба он диққати ҷиддӣ медиҳам.» Се фазилате, ки дар ин оят номбар карда шудаанд: фурӯтанӣ, дили шикаста ва тарс назди Каломи Ӯ, мавзӯъи таваҷҷӯҳи мо дар ин бахш хоҳанд буд.

Касе, ки аз Каломи Ӯ меларзад, ҳамеша суханони Ӯро аз ҳама чиз болотар медонад. Барои ӯ чизи муҳимтаре нест. Ин далели ҳақиқии тарси муқаддас аст. Ин шахс аз ҳама бештар баракатёфта аст. Павлус бо ҳамин мазмун менависад:

> “Пас, эй маҳбубонам, модоме ки шумо ҳамеша фармонбардор будед, аз ин рӯ — *на танҳо дар ҳузури ман*, балки *боз ҳам зиёдтар алҳол, дар вақти набудани ман*, — бо тарсу ларз наҷоти худро ба амал оваред” (Филиппиён 2:12).

Дар бораи ин суханон фикр кунед, на ҳамчун дар бораи онҳое, ки Павлус ба имондорони Филиппӣ менависад, балки ҳамчун дар бораи онҳое, ки Худо бевосита бо мо мегӯяд. Ба калимаҳои “ҳамеша итоаткор бошед” диққат диҳед; ин маънои онро дорад, ки – бечунучаро, новобаста аз он, ки шумо ҳузури Ӯро ҳис мекунед ё не, мебинед, ки Ӯ аз номи шумо амал мекунад ё не, оё дуои шумо дар вақти пешбинишуда иҷобат мешавад ё не.

Ба Худо итоаткор будан осон аст, вақте ки шумо дар конфронсе иштирок доред, ки одамон бо ҳамдигар меҳрубон ҳастанд ва ҳузури Худо қавӣ аст. Аммо дар бораи он чизе, ки вақте касе аз дастаи шумо, дар бораи шумо дурӯғ гуфт ва шуморо аз кор озод карданд, чӣ гуфтан мумкин аст? Оё шумо мувофиқи Каломи Ӯ мебахшед ё интиқом хоҳед гирифт, то ҳисобатонро бо ӯ баробар кунед?

Чӣ мешавад, агар шумо дар сафари корӣ қарор дошта, танҳоиро ҳис мекунед, ба хотир меоваред, ки шавҳаратон (ё зан) шуморо танқид мекунад. Ҳамкори шумо, ки намуди зебо дорад ва ҷинси муқобил аст ба шумо таъриф карданро оғоз мекунад ва сипас дилфиребона пешниҳод мекунад, ки шомро ҳарду дар як ҳуҷраи меҳмонхона гузаронед. Ҳеҷ кас намефаҳмад. Оё шумо мегурезед ё пешниҳодро қабул мекунед?

Чӣ мешавад, агар шумо бевақтии шаб паси компютери худ кор кунед, дар интернет маълумоти марбут ба корро ҷустуҷӯ мекунед ва таблиғи сайти порнографиро бинед? Оё шумо пайвандро пахш мекунед?

Инҳо ҳолатҳое ҳастанд, ки гӯё ҳузури Худо нест. Агар шумо аз Каломи Ӯ ларзон бошед, шумо новобаста аз вазъият итоаткор хоҳед буд, зеро барои шумо аз ин дида афзалияти бештаре нест. Ин нишон медиҳад, ки шумо дар тарси муқаддас қарор доред, зеро “бо худотарсӣ кас аз бадӣ дур мешавад” (Масалҳо 16:6).

Забурнавис менависад:

> “Хушо касе ки аз Худованд метарсад; ба аҳкоми Ӯ бисьёр шавқ дорад” (Забур 111:1).

Мард ё зани худотарс на танҳо итоат мекунад, балки аз он зиёд хушнуд мегарданд. Итоаткорӣ – бори гарон нест, балки хурсандӣ аст. Ин шахс фаҳмиши асосии онро дорад, ки Худо – Офаридгори мост ва аз ин рӯ Ӯ медонад, ки моро чӣ меофарад ва чӣ моро нобуд месозад.

Замонеро дар хотир дорам, ки чор писарамон хурд буданд. Рӯзи Мавлуди Исо одатан бо кор алоқаманд буд. Аксари падароне, ки кӯдаконашон хурдсол ҳастанд, мефаҳманд, ки ман чӣ гуфтани ҳастам. Пас аз он, ки ҳама тӯҳфаҳо кушода шуданд, вақте фаро мерасад, ки баъзеи онҳоро ҷамъ кардан лозим аст. Ман як падари маъмулӣ будам: ман қуттиро мекушодам, ҳама қисмҳоро ба фарш мерехтам, қуттӣ ва дастурро як сӯ мегузоштам ва ба сохтан шурӯъ мекардам. Ин раванд вобаста ба тӯҳфа одатан тақрибан як соат тӯл мекашид ва дар охир ба ҳайрати ман, дар рӯи фарш ҳанӯз даҳ қисми дигар боқӣ мемонд. Ман фишанги “Дрг”–ро мекашидам ва ҳеҷ чиз рӯй намедод. Чӣ кор бояд кард? Ман дастурҳоро мекофтам, онро мегирифтам, бозичаро ба қасмҳо ҷудо карда, аз нав мувофиқи дастури истеҳсолкунанда месохтам. Ва ана – он кор мекард!

Шахсе, ки аз Худо метарсад, ҳамеша итоаткор аст. Вай дар умқи рӯҳи худ ба ҳақиқатҳои асосӣ бемайлон пайравӣ мекунад:

1. Танҳо Худо медонад, ки чӣ барои ман дуруст аст.
2. Худо муҳаббати пок аст ва ман маркази муҳаббати Ӯ ҳастам.
3. Худо ҳеҷ гоҳ ба ман намегӯяд, ки ба зарари худ амал кунам. Ҳар он чизе ки Ӯ мегӯяд, ҳамеша ба таври хуб анҷом меёбад.
4. Бинобар он, ҳар чӣ, ки Ӯ нагӯяд, ман бо хурсандӣ ба Ӯ итоат мекунам.

Исроилиён пайваста шикоят мекарданд. Онҳо аз пешвоёни худ ва он чизе, ки дар ҳаёти онҳо рӯй медиҳад, норозӣ буданд. Онҳо Худоро барои маҳрумиятҳо, ниёзҳо ва ҳама чизҳои дигаре, ки қаноатмандӣ намеоварданд, айбдор мекарданд. Ба онҳо тарси муқаддас намерасид ва назди Каломи Ӯ ларзон набуданд. Худо гуфт:

> “Азбаски ту Худованд Худои худро *бо шодӣ ва дилхушӣ* барои фаровонии ҳар чиз ибодат накардӣ, бинобар ин ту ба душмани худ, хизмат хоҳӣ кард” (Такрори Шариат 28:47, 48).

Тарс назди Каломи Ӯ, ҳамчунин маънои дар умқи ҷони худ эҳсос намудани хурсандиро дорад. Агар ин тавр набошад, пас ин танҳо як вақт аст, ки вазъиятҳо набудани хурсандиро ошкор мекунанд. Ман ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам, вақтеро, ки панҷ гуноҳеро, ки Исроилро аз тақдираш бозмедоштанд, кашф кардам: ташнагии аъмоли бад, парастиши бутҳо, бадахлоқии ҷинсӣ, озмоиши Худо ва шикоят кардан (1 Қӯринтиён 10:6–10). Вақте ки ман калимаи "шикоят"–ро хондам, сахт хашмгин шудам. Ман дод задам: "Чӣ? Шикоят! Чӣ тавр шикоят метавонад бо ин *гуноҳҳои даҳшатбор* дар як қатор истад?"

Ман шунидам, ки Рӯҳулқудс гуфт: "Писарам, шикоят кардан – дар назари Ман гуноҳи ҷиддӣ аст". Вай ба ман нишон дод, ки чӣ тавр шахси шикояткунанда мегӯяд: "Ба ман он коре, ки Ту дар ҳаёти ман карда истодаӣ, маъқул нест ва агар ман Ту мебудам, ба таври дигар кор мекардам".

Сипас илова кард: "Ин барои хислати Ман таҳқир аст, ин исён бар зидди иродаи Ман аст ва ниҳоят ин набудани тарси муқаддас аст".

Ман инро ба Лиза нақл кардам ва мо розӣ шудем, ки фарзандони худро бо фаҳмонидани он, ки шикоят – ин исён аст, таълим диҳем. Ман онро ҷиддӣ қабул кардам. Эҳтиёт мекардам, ки шиква накунам ва аз чизе шикоят накунам, бодиққат будам, ки ҳеҷ гоҳ аз чизе шикоят накунам ва ягон калима шикваро ба забон наорам. Аммо баъдтар дар давоми рӯзадории чоррӯза, ман шунидам, ки Рӯҳулқудс пичиррос зад: "Писарам, ман дар дили ту шикоят мешунавам".

Ман дарҳол ба зону афтодам ва тавба кардам. Баъдтар Худо ба ман нишон дод, ки ман ба Ӯ *бо шодӣ ва хурсандии дил* хизмат намекардам ва душманонам бар ман ғолиб омаданд. Биёед бори дигар ба суханони Павлус назар андозем:

> "Пас, эй маҳбубонам, модоме ки шумо ҳамеша фармонбардор будед, аз ин рӯ — на танҳо дар ҳузури ман, балки боз ҳам зиёдтар алҳол, дар вақти набудани ман, — бо тарсу ларз наҷоти худро ба амал оваред, зеро ки Худо дар шумо, бо ҳусни таваҷҷӯҳи Худ, ҳам хоҳиш ва ҳам амалро ба вуҷуд меоварад. *Ҳар корро бе шиква ва шубҳа ба ҷо оваред*" (Филиппиён 2:12–14).

Чанде пас аз он рӯзадории чоррӯза ман маънои чуқури ин оятро кашф кардам. Ӯ чашмони маро ба он кушод, ки шикоят кардан – ин баръакси пурраи тарси муқаддас аст, ин набудани *тарс назди Каломи Ӯ* мебошад. Вақте ки мо аз мавқеъи норозигӣ фикр мекунем ё гап мезанем, мо Худо ва Каломи Ӯро таҳқир мекунем.

Онҳое, ки аз Худо метарсанд, боварии комил доранд, ки аз

итоаткорӣ дида кори муҳимтар ва муфидтаре нест. Онҳо ба ҳар ҳол итоаткоранд, онҳо Каломи Худоро тавассути фарҳанг ё тамоюлҳои ҷомеаи муосир филтр намекунанд. Онҳо новобаста аз рафтори имондорони дигар ба Каломи Худо итоаткоранд, онҳо танҳо итоаткор мебошанд.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас**. "Агар орзуманд бошед ва бишнавед, неъматҳои заминро хоҳед хӯрд" (Ишаъё 1:19).

**Маъно.** Далели тарси муқаддас – итоаткорӣ аст, ки новобаста аз вазъият муносибати дуруст ва амалҳои мувофиқро дар бар мегирад.

**Мулоҳиза.** Оё ман танҳо дар шароити мусоид итоаткор ҳастам? Оё ман одатан шикоят кардан моил ҳастам, вақте ки корҳо аз рӯи хоҳиши ман намешаванд? Чӣ тавр ман метавонам ҳама вақт эҳсоси шодӣ ва миннатдориро нигоҳ дорам? Чӣ тавр ман метавонам иродаи худро оид ба итоаткорӣ мустаҳкам кунам?

**Дуо.** Падари Осмонии азиз, маро бубахш, ки назди Каломи Ту тарс надоштам. Итоаткории ман шартӣ буд ва дар муносибатам хурсандиву сипос набуд. Ман тавба мекунам ва аз Ту омурзиш металабам. Ман тарси муқаддасро қабул мекунам. Ман аз Ту хоҳиш мекунам, ки маро таълим деҳ ва маро бо қувват пур кун, то ҳамеша бо хурсандӣ итоат кунам. Ба исми Исо ман дуо мегӯям. Омин.

**Эътироф**. Ман аз Худо метарсам, ва аз ин рӯ, Ӯ дар ман *хоҳиш ва амалро* аз рӯи илтифоти Худ ба вуҷуд меорад.

Дар назди каломи Худованд
тарс доштан ва дар
бузургии бепоёни
муҳаббати илоҳӣ саҷда кардан
беҳтар аз он аст, ки
то хиррӣ шудан фарёд занӣ.

– Ч.Г.СПЕРҶЕН

# 23| БЕТАЪХИР

Сифати асосии тарси парҳезгорона – ин итоаткории бечунучаро ба Каломи Худо мебошад, ки он ба ҳаёти мо манфиати бебаҳо меорад. Панҷ ҷанбаи тарс назди Каломи Худо вуҷуд дорад ва дар давоми панҷ рӯзи оянда мо ҳар яки онҳоро алоҳида дида мебароем. Аз аввалин шурӯъ мекунем.

**1. Бетаъхир ба Худо итоат кунед.**

Итоаткорӣ – тақдири касонест, ки аз Худо метарсанд. Чунин одамон иҷрои кори супоридаи Худоро аз манфиатҳои шахсӣ болотар мегузоранд. Тарси муқаддас дар дили онҳо чунин фикрро ҷой медиҳад: *чизи барои Худо муҳим – барои ман афзалият аст.*

Мо метавонем бисёр оятҳои Китоби Муқаддасро дар ин мавзӯъ дида бароем, аммо барои он ки афзалиятро ҷо ба ҷо гузорем, биёед ду изҳороти Исоро бубинем:

> “Пас, ҳангоме ки қурбонии худро назди қурбонгоҳ меоварӣ, ва дар он ҷо ба хотират ояд, ки бародарат аз ту норозист, қурбонии худро дар он ҷо назди қурбонгоҳ бимон, ва рафта, аввал (дар тарҷумаи васеъи Китоби Муқаддас, *бетаъхир*. – *Тарҷ.нам.)* бо бародари худ мувосо кун, ва баъд омада, қурбонии худро тақдим кун” (Матто 5:23, 24).

Ба калимаи *бетаъхир* диққат диҳед. Чӣ тавре ки дар Ишаъё боби 66, Исо бори дигар таъкид мекунад, ки мо набояд ба коре барои Худо шурӯъ кунем, агар мо ба итоаткорӣ беэътиноӣ кунем ва он чизеро, ки Ӯ ба мо фармудааст, иҷро накунем. Исо махсусан дар бораи хафагӣ сухан меронад, аммо дар маҷмӯъ ин принсип ба ҳама ҳолатҳо дахл дорад.

Он мардеро ба ёд оред, ки дар ҷой доштани зино дар ҳаёташ нақл

карда буд ва ҳайрон мешуд, ки чаро дуоҳояш беҷавоб мемонданд ва чаро тиҷораташ ноком аст. Биёед таваққуф мекунем ва фикр мекунем. Агар барои ӯ итоаткорӣ ба Каломи Худо афзалиятнок бошад, ки ӯро ба он даъват мекард, ки ба бадахлоқии ҷинсӣ дода нашавад, барои чӣ ӯ интизори он буд, ки Худо тиҷораташро баракат медиҳад?

Элӣ, саркоҳини Исроил, ду писар дошт, ки онҳо низ коҳинон буданд ва таҳти роҳбарии ӯ хизмат мекарданд, вале онҳо одамони нопок буданд. Зино мекарданд ва қурбонии худро аз мардум бо зӯрӣ мегирифтанд. Элӣ ба ҷои он, ки ба бадкирдории онҳо диққат диҳад, бо писаронаш сӯҳбат карданро *ба таъхир мегузошт*. Пас Худованд ӯро барои ин беэътиноӣ ҷавобгарӣ даъват кард: “Чаро ту писарони худро назар ба Ман бештар мӯҳтарам медорӣ?” (1 Подшоҳон 2:29).

Вақте ки мо ба хотири ягон шахс ё ҳадаф, дар итоаткорӣ ба Худо беэътиноӣ кунем, мо он шахс ё ҳадафро бештар аз Худо эҳтиром мекунем. Ин набудани тарси муқаддас аст. Худованд дар идома медиҳад:

> “Ман эҳтиромкунандагони Худро эҳтиром хоҳам кард, валекин *залилкунандагони* Ман расво хоҳанд шуд” (1 Подшоҳон 2:30, THP).

Инҳо суханони ҳушёркунанда. Мо нисбат ба Худо сабукфикрона муносибат мекунем, вақте ки нисбати итоаткорӣ ба Каломи Ӯ беэътиноӣ мекунем ё батаъхир мегузорем. Дар асл, мо нишон медиҳем, ки мо Худоро дар ҷои аввал намегузорем. Худо мегӯяд, ки онҳоеро, ки Ӯро *залил* мекунанд, *расво* хоҳад кард. Калимаи “расво”на ба таври беҳтарин тарҷума шудааст. Ин калимаи ибронии “калал” аст, ки маънояш “холӣ, ночиз будан” аст. “Ночиз” маънои базӯр сазовор будан, аҳамияти кам доштанро дорад. Яке аз тафсири эҳтимолии ин изҳорот дар он аст, ки Худо он чизеро ночиз мебинад, ки барои мо, нафароне, ки нисбати Каломи Ӯ сабукфикрона рафтор мекунанд, муҳим мебошад. Ҳеҷ кас дар ақли солим ин гуна инкишофи воқеаҳоро намехохад.

Агар тоҷир Каломи Худоро оид ба покии ҷинсӣ эҳтиром мекард, шояд Худо ба тиҷорати ӯ ҳамчун ба як чизи муҳим менигарист, вале аз афташ, ба назари Ӯ ин як кори ночиз менамояд.

Порчаи дигаре, ки муҳимияти итоаткории бетаъхирро нишон медиҳад, мо дар суханони Исо, ки ба калисои Эфсӯс нигаронида шуда буд, дарёфт карда метавонем:

> “Пас ба ёд ор, ки аз куҷо афтодаӣ, ва тавба кун ва аъмоли пештараро ба ҷо овар; вагар на, *ба зудӣ* назди ту меоям ва чароғдонатро аз ҷояш меҷунбонам, агар тавба накунӣ” (Ваҳй 2:5).

Тавба кардан – маънои тағйир додани тарзи фикрронӣ ва аз ин рӯ, оғози мувофиқи Каломи Худо амал карданро дорад. Агар ин калисо дар итоат кардан сусти мекард, он имкони баракати худро аз даст медод. Исо *ба зудӣ* меомад ва таъсири ӯро аз байн мебурд. Ин ҳам боз, ин як фикри ҳушёркунанда аст.

Дар Инҷили Луқо ба мо ҳикояе нақл карда мешавад, ки аз сабаби мӯҳлатҳо ва афзалиятҳо аз даст рафтани имкониятҳоро тасвир мекунад. Исо гуфт: «Шахсе зиёфати калоне ташкил карда, бисьёр касонро даъват намуд, чун вақти зиёфат расид, ғуломи худро фиристод, то ки ба даъватшудагон гӯяд: „Биёед, зеро ки ҳама чиз тайёр аст“» (Луқо 14:16, 17). Шубҳае нест, ин аст Каломи Худованд: хӯроки шом тайёр аст! Вақт муҳим аст.

Ба аксуламали меҳмонони даъватшуда нигаред: “Ва ҳама, гӯё ки забон як карда бошанд, ба узрхоҳӣ сар карданд” (ояти 18). Чунин ба назар мерасид, ки онҳо барои наомаданашон сабабҳои асоснок меоварданд. Яке замин харид, дигаре тиҷораташро бе назорат гузошта наметавонист, сеюмин — бояд ба занаш вақт ҷудо мекард. Байни баҳонаҳо зино, дуздӣ, куштор ва дигар чизҳое, ки онҳоро гуноҳ ҳисобидан мумкин буд, садо надоданд. Аммо, *вақте чизе, ки гуноҳ нест, аз Каломи Худо боло истад, он гуноҳ мешавад*.

Ғулом бо ҷавоб оиди одамони даъватшуда бармегардад ва мо дар бораи соҳиби хона мехонем, ки ӯ хашмгин шуд (ояти 21). Вай хафа набуд, аммо хашмгин буд. Чаро? Чунки даъвати ӯро сабукфикрона қабул карда, дар мадди аввал нагузоштанд.

Соҳиби хона чӣ кор мекунад? Ӯ дигаронро, ки дар аввал даъват шуда набуданд, даъват мекунад. Исо бо ин суханон хотима мебахшад: “Зеро ба шумо мегӯям, ки ҳеҷ яке аз он шахсони даъватшуда хӯроки маро нахоҳад чашид: зеро ки даъватшудагон бисьёранд, аммо баргузидагон — кам“ (ояти 24). Онҳо равзанаи имконияти худро аз даст доданд. Узрхоҳии онҳо безарар менамуд, аммо бояд дар хотир дошт, ки ҳатто чизҳои безарар метавонад моро аз иҷрои иродаи Худо дур кунад. Ин ба осонӣ рӯй медиҳад, вақте ки мо дар дили худ тарси Худовандро надорем.

Дар Навиштаҳои Муқаддас бисёри дигар имкониятҳои аз даст додашуда сабт гардидаанд, ки натиҷаи батаъхир мондани итоаткорӣ буданд, онҳо ончунон зиёданд, ки ҳамаро номбар кардан мумкин нест, аммо ман боз якеро интихоб мекунам, ки диққати шуморо ба худ ҷалб мекунад. Дар Инҷили Луқо боби 9 Исо ду нафари гуногунро даъват мекунад, ки Ӯро пайравӣ кунанд. Чӣ даъватест – ки Худованди тамоми махлуқот шуморо барои бо Ӯ рафтан, даъват мекунад! Шахси

аввал розӣ шуд, аммо шарт гузошт: “Худовандо! Ба ман иҷозат деҳ, ки рафта, *аввал* падари худро дафн кунам” (ояти 59).

Одам *розӣ шуд*, ки Исоро пайравӣ кунад, аммо манфиати худро дар ҷои аввал гузошта, *дудилагӣ* кард. Олимон нақл мекунанд, дар он давраҳо, вақте ки писари нахустзода падарашро мегӯронид, аз мерос ду баробар ҳиссаи мерос гирифта буд, вале писарони дигар ҳамагӣ як ҳиссагӣ мегирифтанд. Аммо, агар вазифаи худро иҷро намекард, мерос ба писари дуюм мегузашт. Сафедкунии ӯ комилан қонунӣ менамуд ва ба категорияи гуноҳ дохил намешуд. Бо вуҷуди ин, ӯ дар ақиб монда буд. Мутаассифона, ин имконияти аз даст додашуда буд.

Шахси дигаре низ маҳз ҳамин даъватро гирифт, ки ба он ӯ ҷавоб дод: “Худовандо! Туро пайравӣ хоҳам кард, лекин *аввал* ба ман иҷозат деҳ, ки бо аҳли хонаи худ хайрухуш кунам” (ояти 61). Мо боз калимаи “аввал”–ро мешунавем ва боз ҳам аксуламалро ба Каломи Худо гунаҳкор номидан мумкин нест. Бо вуҷуди ин, ӯ имконияти ба Офаридгори осмону замин наздик шуданро аз даст дод.

Дар боби оянда мо мехонем: “Баъд аз ин, Худованд боз ҳафтод нафари дигарро баргузид, ва онҳоро ҷуфт-ҷуфт пешопеши Худ ба ҳар шаҳр ва ҷое ки Худаш рафтанӣ буд, фиристод” (Луқо 10:1). Ин ду нафар дар қатори ҳафтод нафар буда метаваристанд, вале онҳо фурсатро аз даст доданд, зеро онҳо аз итоаткории худро бинобар нокифоя будани худотарсӣ батаъхир гузоштанд.

Дар солҳое, ки ба халқи Худо муроҷиат мекардам, ман то ҳол ба ҳайрат афтоданро давом медиҳам (ба маънои бад), вақте мешунавам, ки имондорон бепарвоёна мегӯянд: “Худо тақрибан ду моҳ боз бо ман оиди ин мавзӯъ сӯҳбат мекунад”. Ҳамзамон, онҳо метавонанд табассум кунанд ва ҳатто ханданд, гӯё, ки ин ҳеҷ чиз аст. Агар онҳо мефаҳмиданд, ки онҳо аз набудани тарси муқаддас мефахранд, ман фикр намекунам, ки онҳо ин қадар сабукфикр мешуданд.

Чӣ мешуд, агар Мӯсо аз тарки кори худ ва ғамхорӣ ба рамаҳоро ба таъхир мегузошт, то манзараи бузурги буттаи сӯзонро тамошо кунад (ниг. Хуруҷ 3)?

Чӣ мешуд, агар Нӯҳ сохтани киштиро ба таъхир мегузошт?

Чӣ мешуд, агар Иброҳим ба Канъон рафтанро ба таъхир мегузошт? Падараш ба таъхир гузошта буд, зеро ӯ аввал ба он ҷо даъват шуда буд. Он чизеро, ки падараш аз сабаби таъхираш аз даст дода буд, Иброҳим иҷро кард (ниг. Ҳастӣ 11:31).

Чӣ мешуд, агар Наҳемьё дар посух ба талаби Санбалат ва Ҷашам, ду роҳбар, барқарор кардани деворро ба таъхир меандохт, то корро қатъ кунанд ва барои вохӯри бо онҳо ояд? Аммо Наҳемьё аз Худо метарсид.

Ӯ дар ҷавоб гуфт: “Ман ба кори бузурге машғул ҳастам ва наметавонам фурӯд оям. Чаро кор, вақте ки онро хобонда назди шумо фурӯд оям, ба таъхир афтад?” (Наҳемьё 6:3).

Ин мисолҳо беохиранд. Ҳамин тавр, вақте ки мо аз Каломи Ӯ ларзон бошем, мо бетаъхир ба Худо итоат мекунем.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “Барои нигоҳдории аҳкоми Ту шитофтаам ва дер накардаам” (Забур 118:60).

**Маъно.** Агар мо ба Каломи Худо итоат карданро бо баҳонаҳои шахсӣ ба таъхир гузорем, мо онро мефаҳмонем, ки иродаи Ӯ дар ҷои дуюм аст.

**Мулоҳиза.** Шояд он чизе, ки ба назар безарар менамояд, метавонад моро аз иҷрои иродаи Худо дур кунад. Вақте он чизе, ки гуноҳ нест, аз Каломи Худо бартарӣ ёбад, он гуноҳ мешавад. Оё ман иҷозат додам, ки ба манфиатҳои шахсӣ парешон шавам ва ба ин васила ба Худо итоат карданро ба таъхир гузорам? Инро чӣ тавр тағйир додан мумкин аст?

**Дуо.** Падари Осмонии азиз, маро бубахш, барои он ҳолатҳое, ки ман ба Каломи Ту ҳамчун дуюмдараҷа муносибат менамудам ва онро ҳамчун чизи муҳими афзалиятнок намеҳисобидам. Ман дарк мекунам, ки бо чунин рафтор ман беихтиёр хабар додам, ки он чизе, ки барои Ту муҳим аст, барои ман ночиз аст. Тавба мекунам ва аз Ту бахшиш мепурсам. Ман ҳама чизеро, ки Ту мехоҳӣ, дар ҷои аввал мегузорам. Ба исми Исо ман дуо мегӯям. Омин.

**Эътироф.** Ҳамин ки иродаи Худо ба ман ошкор мешавад, ман бе таъхир ба он итоат хоҳам кард.

Мо ба он даъват нашудаем, ки мувофиқи фаҳмиши инсонӣ зиндагӣ кунем. Ҳама чизи муҳим – ин итоат ба Каломи Худо ва роҳнамоии Ӯ дар ҳаёти мост. Вақте ки мо ба иродаи Ӯ итоат мекунем, мо дар ҷои аз ҳама бехатартарини ҷаҳон ҳастем.

– БРАТ ЮН

# 24| ДАР ИН ЯГОН МАЪНО ВУҶУД НАДОРАД

Оё пештар чунин шуда буд, ки Рӯҳулқудс шуморо ба коре водор кард, ки он маъное надоштт? Аксари онҳое, ки муддати тӯлонӣ бо Худо робитаи наздик доранд, ҷавоби мусбӣ хоҳанд дод. Аммо иҷозат диҳед, саволи дигаре диҳам: оё маъно пас аз итоат кардани шумо ошкор мешуд – баъзан дарҳол ё ин ки чанд муддат пас? Қариб ҳама ҷавоби "ҳа" медиҳанд. (Ман "қариб, ки ҳамеша" мегӯям, зеро ҳолатҳои *нодире* вуҷуд доранд, ки то ба курсии доварӣ нарасем, маънои он ошкор нахоҳад шуд.)

Омӯзиши мавзӯъи "тарс назди Каломи Худо чӣ маъно дорад"–ро давом дода, мегӯем, ки шахсе, ки воқеан дар тарси муқаддас аст

1. Бетаъхир ба Худо итоат мекунад.
2. **Ба Худо итоат мекунад, гарчанде дар он маъноро намебинад.**

Он чизе, ки Худо баъзан аз мо корҳоеро талаб мекунад, ки барои ақли мо маъное надорад, – ғайриоддӣ аст. Аммо чунин рӯй медиҳад. Иҷозат диҳед якчанд савол диҳам.

Оё ба замин туф карда ва ба чашмони нобино лой молида, вале баъдан ба рафта руятро бишӯй гуфтан, маъное дошт? Не, он вақт ин маъное надошт, аммо ин маслиҳат (ҳикмат) ба нобино биноияшро дод.

Оё дар миёни тӯй ба зарфҳои шароб об рехтан, маъное дошт, дар ҳолате, ки воқеан шароб лозим буд? Не, надошт, аммо ин маслиҳат (ҳикмат) боиси пайдо шудани беҳтарин шароб дар тӯй шуд.

Оё ба баҳрнавардони ботаҷриба маслиҳат додан маъное дошт, ки бар хилофи интуитсия ва дониши худ бираванд ва киштии ғарқшударо тарк накунанд, вақте ки қаиқҳои наҷотдиҳӣ аллакай омода буданд? Не, он вақт надошт, аммо ин маслиҳат ҳаёти ҳамаи 276 нафарро, ки дар киштӣ буданд наҷот дод, ягон нафар нобуд нагардид (Аъмол 27:27–36).

Оё маъное дошт, ки шахси пур аз эҳёшавие, ки Худо тавассути ӯ оғоз кардааст, аз шаҳр берун шавад ва ба фармони ба биёбон рафтан итоат кунад? Не, он вақт надошт, аммо ин насиҳат (ҳикмат) ба шахси сеюми тавонотарин дар Эфиопия, роҳи наҷотро кушод.

Оё маъное дошт, ки дар атрофи манораҳо ва деворҳои мустаҳками як шаҳри бузург шаш рӯз хомӯшона гирд гашта, дар рӯзи ҳафтум ҳафт маротиба ҳамон корро карда ва ниҳоят карнай навохтаву дод зананд? Не, надошт, аммо ин маслиҳат (ҳикмат) боиси фурӯ рехтани деворҳои душман шуд.

Оё маъное дошт, ки ба як дег шӯрбои заҳролудшуда, орд рехта, баъд ба паёмбарон гуфт, ки онро бихуранд? Не, дар он вақт маъное надошт, аммо ин маслиҳат (ҳикмат) ба ҳама хӯроки серғизо дод ва касе бемор нашуд.

Оё бахшидани онҳое, ки шуморо, оилаатонро ё шахси ба шумо азизро ранҷ додаанд, маъное дорад? Оё онҳо набояд он чизеро, ки сазоворанд, гиранд?

Оё дӯст доштани онҳое, ки аз шумо нафрат доранд, маъное дорад? Оё набояд ба онҳо бо таҳқир муносибат кард?

Оё ба онҳое, ки ба шумо бадрафторӣ мекунанд, некӣ кардан маъное дорад? Оё мо набояд бо онҳо ҳисоб баробар кунем?

Оё эҳтиром кардани афроде, ки дар сари қудрат ҳастанд, кадоме, ки беинсофона рафтор мекунанд, маъно дорад? Оё мо набояд шикоят ва исён кунем?

Оё бо эҳтиром муносибат кардан ба онҳое, ки ба шумо беэҳтиромона муроҷиат мекунанд, маъное дорад? Оё набояд онҳоро ҷазо дод?

Ман метавонистам то охири боб ва шояд дар тамоми китоб давом диҳам, ки аз Навиштаҳои Муқаддас аҳкомҳоеро баён кунам, ки маъное надоранд, аммо натиҷаҳо нишон доданд, ки ҳар яки онҳо ҳикмати Худо буданд. Онҳое, ки ин корро карданд, назди дастурҳои Худо ларзон буданд, итоат мекарданд ва баракат мегирифтанд ё ин ки вуҷуд надоштани худотарсиро дар беэътиноӣ ва нофармонии худ зоҳир намуда, аз оқибатҳои он азоб мекашиданд. Умедворам, ки шумо равшан мебинед, ки тарси Худованд – воқеан ибтидои ҳикмат аст (ниг. Забур 110:10). Ба мо гуфта шудааст:

> “Бо тамоми дили худ ба Худованд таваккал намо, ва ба хиради худ *такья накун*. Дар ҳамаи тариқҳои худ Ӯро дарк намо, ва Ӯ роҳҳои туро ҳамвор хоҳад кард” (Масалҳо 3:5, 6).

Хиради Худо аз ҳикмати мо хеле авлотар аст, бинобар ин мо набояд ба ақли худ такя кунем. Мо метавонем ба осонӣ аз итоаткорӣ саркашӣ кунем, ки ниҳоят ба мо фоида меорад, вақте ки ба мо фармуда шудааст, ки ягон кори ғайримантиқӣ кунем. Шахсе, ки аз Худо метарсад, итоаткор аст, ҳатто вақте ки ба назар мерасад, ки он маъное надорад. Чанд сол пеш ман бо як мултимиллиардерро вохӯрдам. Вай ба ман дар бораи кӯшишҳои бебарори худ дар тиҷорат, дар оғози фаъолияташ нақл кард. Ӯ тамоми шоҳасарҳоро дар бораи бунёди тиҷорати муваффақ хондааст ва ҳикмати ба дастовардаашро дар амал татбиқ мекард. Бо вуҷуди ин, муваффақ намегардид.

Рӯзе дар калисо нишаста, мавъизаи пасторро гӯш карда, ӯ ба андеша афтод: *ӯ даъват шудааст, ки Инҷилро мавъиза кунад ва барои дар ҳаёт ба мақсади худ ноил гардидан, ба Рӯҳулқудс такя кунад. Ман ба тиҷорат даъват шудаам, пас чаро ман дар коре, ки ба он даъват шудаам ба Рӯҳулқудс такя накунам?*

Ӯ тасмим гирифт, ки ҳар саҳар бархоста, аз Худованд барои рӯзи ҷорӣ дастур пурсад. Вай дафтарчаеро мегирифт ва ҳар кореро, ки ӯ бояд мекард, менавишт. Ӯ ҳамчунин дар давоми рӯз, ҳатто дар вохӯриҳои корӣ, ҳамеша ба овози Рӯҳулқудс гӯш доданро барои худ, ҳамчун қоида гирифт.

Ӯ баъзе тафсилотро бо ман нақл кард. Рӯзе ӯ дар нақша вохӯриеро аз рӯи масъалаи бастани аҳднома, оиди ба даст овардани моликияти ғайриманқул дошт. Он саҳар ӯ ҳис кард, ки Рӯҳулқудс ӯро ба иҷрои коре, ки ба назар як кори тамоман холӣ менамуд, водор мекунад. Ин ҳеҷ маъно надошт, аммо ӯ ба қарори худ содиқона пайравӣ мекард.

Рӯҳулқудс ӯро водор сохт, ки ҳамон як корро такрор ба такрор кунад. Ӯ пайваста дар бораи подшоҳе фикр мекард, ки Элишоъи-набӣ ба ӯ фармуд, ки тирҳоро ба замин занад. Подшоҳ се маротиба зад ва аз ҷониби пайғамбар барои он ки дигар зарба назад, сарзаниш кард (ниг. 4 Подшоҳон 13:14–19). Он гоҳ ин шахс ин амалро бист маротиба анҷом дод. Сипас гуфт: “Он рӯз ширкати ман бист адад беморхонаро дар Ветнам харид”.

Сипас ӯ ба ман нақл кард, ки чӣ гуна яке аз бузургтарин бонкҳои ҷаҳонро, ки дар Аврупо ҷойгир аст, ба даст овардааст. Ин раванд ҳатто аз хариди беморхонаҳо ҳам ғайриоддӣтар менамуд. Ман ҳайрон шудам. Ба ибораи дигар, ин тоҷир новобаста аз он, ки дар дуо ба ӯ чӣ меомад, новобаста аз он, ки ин то чӣ андоза мантиқӣ ё ғайримантиқӣ

менамуд, итоаткориро ба Худо интихоб кардааст. Самарааш аён аст – кӯшишҳои ӯ дигар бебарор набуданд!

Вақте ки яке аз писарони мо наврас буд, ман аз ӯ хоҳиш кардам, ки кореро кунад, ки барои ӯ маъно надошта бошад. Вай ба ман гузашт кардан нахоста, гуфт, ки фармони ман маъно надорад, вале ман қавӣ мемондам. Дар ноумедӣ ӯ ниҳоят гуфт: «Падарҷон, ман одами ҳазорсолаҳои дигар ҳастам, пеш аз он ки коре кунем, мо бояд "барои чӣ"–ро фаҳмем!»

Ман ба ӯ гуфтам: «Хуб, ман ба ту аҳднома пешниҳод мекунам. Иҷозат деҳ ба ту як ҳикояи воқеъиро нақл карда, фаҳмонам. Худо ба пайғамбари ҷавон аз Яҳудо гуфт, ки ба Байт–Ил равад, то ба подшоҳи Исроил нубувват кунад ва бо роҳи омаданаш барнагардад ва дар роҳ чизе нахӯрад. Пайғамбари ҷавон ба дастуроти Рӯҳулқудс итоат накард ва ба оқибаташ дучор шуд: дар роҳ ӯро шер хӯрд (ниг. 3 Подшоҳон 13:16, 23 – 26). Писарам, ман ба ту аҳдномаи зеринро пешниҳод мекунам. Рӯзе, ки ту ба ман фаҳмонда тавонӣ, ки "барои чӣ" ба пайғамбари ҷавон чунин дастур дода шуда буд, ман ба ту мегӯям, ки "барои чӣ" ин корро ба ту мефармоям».

То ҳол ба ман ҷавоб дода натавонист. Зиёда аз он, ин ҳикоя маро низ дар хиҷолат гузошт. Баъзе чунин мешавад, ки Худо ба мо мефармомояд, ки ҳатто дар фаҳмииши мо маъное надорад. Аммо ҳикмати Ӯ ҳамеша бо натиҷаҳо тасдиқ карда мешавад. Барои ҳамин Исо мегӯяд: "Аммо ҳикмат бо аъмоли худ сафед шудааст" (Матто 11:19, ТНР).

Бигзор ҳамаи мо мисли Петрус бошем, ки тамоми шаб заҳмат кашид ва чизе ба даст наовард, вале ба овози Исо гӯш дод, то ба обҳои чуқур шино кунад ва тӯрҳои худро боз партояд. Ин фармон, кори зиёди иловагиро талаб мекард, дар ҳолате, ки онҳо аллакай хаста шуда буданд. Наход ба шумо ҷавоби Петрус маъқул набошад: "Эй Устод! Тамоми шаб заҳмат кашида, чизе нагирифтем; лекин аз рӯи сухани Ту тӯрро меандозам" (Луқо 5:5). Дар натиҷа ду қаиқ пур аз моҳӣ буданд.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас**. "Касе ки аз худаш дилпур бошад, аблаҳ аст, вале касе ки бо хирад рафтор кунад, раҳо хоҳад шуд" (Масалҳо 28:26).

**Маъно.** Хиради Худо аз ҳикмати мо хеле авлотар аст, бинобар ин мо набояд ба ақли худ такя кунем. Он метавонад моро ба осонӣ

аз итоаткории судманд дур кунад. Шахсе, ки аз Худо метарсад, итоаткор аст, ҳатто вақте ки он маъное надорад.

**Мулоҳиза**. Оё ба хиради Худо бовар кардани ман душвор аст? Оё дар гузашта, чунин шуда, буд, ки ман дар бораи маслиҳатҳои Ӯ фикр мекардам ва ба он чизе ки ба назари ман мантиқӣ менамуд, майл мекардам? Аз ин чӣ шуд? Чӣ мешуд, агар ман ба Худо барои маслиҳат муроҷиат карда, ба Ӯ боварӣ кунам? Оё ман метавонам худро ба ин раванд бахшам?

**Дуо.** Падари Осмонӣ азизам, маро бубахш, ки ба ҳикмати худ нисбат ба Ту бештар эътимод дорам. Ман аз Ту имон мехоҳам, ки ҳикмати Туро қабул кунад, вақте ки ман Каломи Туро мехонам, дуо мекунам ва насиҳати Худоро аз онҳое ки метарсанд, гӯш мекунам. Ба ман қувват деҳ, ки бовар кунам ва итоат кунам, ҳатто вақте ки ин маъно надорад. Ба исми Исо ман дуо мегӯям. омин.

**Эътироф**. Ман интихоб мекунам, ки ба ҳикмати Худо итоат кунам, на ба ҳикмати худам ва ба овози онҳое, ки ба қобилиятҳои инсонӣ такя мекунанд, аммо на ба Худо.

Вазифаи инсон – дӯст доштан
и тарсидан аз Худо, ҳатто бе
умед ба мукофот ё ин ки аз т
арси пеш аз ҷазо.

– МАЙМОНИД

# MessengerX

***Барномаи шумо барои шогирдсозии ҳаррӯза***

## Комилан ройгон!

Ба дастгоҳи мобилии худ зеркашӣ карда, ба истифода бурдан шурӯъ кунед!
Ё аз веб-версия дар сайти зер истифода баред:

**MessengerX.com**




**125 + забонҳо, ва ҳанӯз бо ин маҳдуд намешавад**

- Маводҳоро дар зиёда аз 125 забонҳо тамошо ва зеркашӣ кунед.
- Маводҳоро бо дӯстон мубодила кунед ё гурӯҳи таълимӣ шурӯъ намоед.
- Маводҳои нав пайваста илова карда мешаванд.

## Тамошо кунед. Хонед. Шунавед.

Китобхонаи васеи манбаъҳоро, ки аз китобҳои электронӣ, китобҳои аудиоӣ, филмҳои кӯтоҳметраж иборат мебошад, ба ғайр аз он чизҳое, ки тамошо карда, хонда ва шунида метавонед, омӯзед.



## Рушд дар самтҳои муҳимтарин

Мавзӯъҳоеро аз қабили оила, муносибатҳои солим, ҳадафи шумо дар зиндагӣ, озодӣ аз порнография, мустаҳкам кардани имони шумо, шунидани овози Худо, роҳбарӣ дар соҳибкорӣ ва чизҳои дигарро биомӯзед!

## Роҳ ба сӯи рушди шумо

**MessengerX** мақсад дорад, ки ба шумо барои гузоштани қадами оянда кӯмак кунад. Мо роҳҳои шогирдсозӣ ва асбобҳои тавоноеро таҳия кардаем, ки ба шумо барои равона шудан дар ин роҳ кӯмак мекунанд.



## Функсияҳои аҷоибе, ки ба шумо писанд хоҳанд омад!

- Воситаҳои содда ва осоне, ки барои мубодила ва ҳатто шурӯъ кардани гурӯҳҳои таълимӣ ба шумо ёрӣ медиҳанд.
- Chromecast ва Air Play барои тамошо дар телевизорҳои интеллектуалии шумо.
- Пешрафти худро дар тамоми дастгоҳҳои худ захира кунед. Маводҳои писандидаатонро барои зуд дастрас кардан дар китобхонаатон захира кунед.
- Маводҳоро барои бо тариқи офлайн дидан зеркашӣ кунед.
- Ҷустуҷӯи интеллектуалӣ ва филтр барои ёфтани маҳз он чизе, ки ҷустуҷӯ мекунед.
- Ба таври автоматикӣ бобҳои мураттаби аудиокитобҳо, аудиои Китоби Муқаддас ва ҳатто сурудҳои парастиширо дар забони худатон бишнавед!

## **MessengerX** - Осон ҳамчун 1-2-3!




1. Барномаи **MessengerX**-ро аз App Store ва Google Play зеркашӣ кунед.
2. Аккаунт тартиб диҳед ва барномаеро, ки бо забони шумост, истифода баред.
3. Манбаъҳои ба шумо писандро тамошо кунед, хонед, бинед, шунавед ва зеркашӣ кунед ва онҳоро бо дигарон мубодила кунед.

## Шогирд шавед, шогирдсозӣ кунед

Шумо, ҳамчун ҳамкори **MessengerX** , ба мо дар расонидани маъхазҳои тарҷумашуда ба одамони тамоми ҷаҳон кӯмак хоҳед кард.

***Зеро ҳама сазовори донистан ҳастанд!***

**MessengerX.com**

Зеркашӣ дар App Store

Инро гиред Google Play

</> Дар ҳама браузерҳо дастрас аст

# 25| ҲЕҶ ЯГОН НАФЪИ АЁН

Шояд шумо шунидаед, ки волидайн оиди он шикоят мекунанд, ки писар ё духтарашон, донишҷӯи донишгоҳ, танҳо вақте ки онҳо ба пул ниёз доранд, танҳо он вақт бо онҳо ба тамос мебароянд. Дар ин сенарияи маъмулӣ, ҳангоми занги кам–кам, фарзанд метавонад ба сӯҳбат бо волидайн таваҷҷӯҳ зоҳир кунад, аммо мақсади асосии ӯ – манфиати ба даст овардани маблағҳои зарурӣ мебошад. Тарси муқаддас моро аз чунин амалҳо нисбати Падари Осмонӣ муҳофизат мекунад ва моро ба паҳлӯи навбатии тарси назди Каломи Худо шинос мекунад. Биёед бо илова кардани нишондиҳандаи нав, дида мебароем.

Мо бояд

1. Дарҳол ба Худо итоат кунем.
2. Ба Худо итоъат кунем, ҳатто агар он маъное надошта бошад.
3. **Ба Худо итоъат кунем, ҳатто агар нафъи шахсиро набинем.**

Дар давоми чиҳил соли хизматгузорӣ ман як воқеияти ғамангезеро мушоҳида кардам, махсусан дар калисои ғарб. Аксар вақт, барои шавқманд намудани имондорон ба итоаткорӣ, бояд нафъро қайд намуд. Танҳо фикр кунед. Оё мо сӣ дақиқа пеш аз оғози хизматгузорӣ, дар қатори якум ҷой мегирем, то ки маъвизаро дар бораи қудсият бишнавем? Оё китобҳо бо сархат дар бораи итоаткорӣ дар рӯйхати шоҳасарҳо, пешсафанд? Оё роҳбарон барои мувофиқ кардани ин тамоюл аз ҳақиқати оштинопазир дур мешаванд? Ба ибораи дигар, оё бисёре аз хизматгузорон ба фишоре, ки ба гӯшҳои худ бо ҳикояҳои

илҳомбахш хичак зананд, таслим мешаванд, ба ҷои он ки халқи Худоро даъват кунанд, ки худро аз пайравии Исо инкор кунанд?

Чӣ ин тамоюлро воқеияти ғамангез кардааст? Вақте ки мо худро аз ҳикмати Худо дур мекунем, мо воқеан ба худамон зарар мерасонем. Амру насиҳату ҳикмати ӯ, чӣ дар ҳаёти заминӣ ва чӣ дар пеш истода, бузургтарин баракатҳоро меорад. Ба мо гуфта мешавад, ки барои онҳое, ки Каломи Худоро риоя мекунанд “подоши бузург” вуҷуд дорад (Забур 18:12). Аз Худо саховатмандтар будан ғайриимкон аст, фоида аз ҳар чизе, ки шумо барои Ӯ карда метавонед, хеле бузургтар аст.

Аз тарафи дигар, бо ангезаҳо ҳавасманд шудан хатарнок аст. Оё мо бидуни нафъи аён доштан, қатъиян ба фармонҳои Худо пайравӣ хоҳем кард? Эҳтимоли зиёд аст, ки манфиатҳои шахсӣ моро фурӯ мебаранд. Барои ҳамин тарси Худованд муҳим аст; он моро новобаста аз он, подош аён аст ё не, ба итоаткорӣ водор мекунад.

Империяи Кабири Форс як салтанати тавоно буд, ки дар замоне дигар салтанатҳоро мутеъ карда буд ва пешвои он шоҳ Артаксеркс тавонотарин одами рӯи замин буд. Ӯ бо зани яҳудӣ бо номи Эстер издивоҷ кард.

Баландтарин мансабдори назди подшоҳ Ҳомон ном шахсе буд. Ӯро амакбачаи Эстер Мордахай, ки мансабдори назди подшоҳ буд, сахт таҳқир карда буд. Ҳомон дар ғазаби худ қарор дод, ки на танҳо Мордахай, балки тамоми ҳалқи яҳудро ҷазо диҳад. Ӯ, мисли аксари дигарон, намедонист, ки малика Эстер яҳудӣ буд.

Ҳомон ба подшоҳ дар бораи халқи яҳуд тӯҳматҳои бераҳмона карданро идома медод ва пешниҳод кард, ки дар як рӯз тамоми халқро нест кунанд. Нақшаи ӯ бомуваффақият баромад. Подшоҳ розӣ шуда, фармон баровард ва онро бо ангуштарини мӯҳрдори худ мӯҳр баст.

Мордахай аз ин фармон хабардор шуда, ба назди амакдухтари худ – малика Эстер фиристод. Вай аз ӯ хоҳиш кард, ки назди подшоҳ равад ва барои ҷони мардуми яҳуд шафоат кунад.

Эстер ҷавоб дод: “Ҳамаи маъмурони подшоҳ ва қавми вилоятҳои подшоҳ медонанд, ки барои ҳар мард ва зане, ки назди подшоҳ ба саҳни дарунӣ биёяд, бе он ки даъват шуда бошад, фақат як қонун ҳаст, ки бояд қатл карда шавад, ба ҷуз касе, ки подшоҳ чӯбдасти тиллоиро сӯи вай дароз кунад, то ки зинда монад; инак сӣ рӯз аст, ки ман даъват нашудаам, ки назди подшоҳ биёям” (Эстер 4:11). Сарфи назар аз он, ки Эстер зани Артакшаста буд, агар вай бе даъват ба толори тахти ӯ мерафт, эҳтимоли зиёд буд, ки шояд ӯро қатл мекарданд.

Биёед дар ин бора фикр кунем: вай малика аст, зиндагии боҳашамат дорад – дар асл ҳама чизеро, ки дилаш мехоҳад, дорад. Вай шахсан

бо хатари ворид шудан ба толори тахт, баҳри халқи Худо чизе ба даст намеорад, аммо вай метавонад ҳама чизро, аз ҷумла сари худро аз даст диҳад. Бо вуҷуди он, ба ҷавоби ӯ ба Мордахай диққат диҳед:

> “Ва Эстер гуфт, ки ба Мордахай чунин ҷавоб гардонанд: Бирав ва ҳамаи яҳудиёнро, ки дар Шушан мебошанд, ҷамъ кун, ва барои ман рӯза дошта, се рӯз, шабонаю рӯзона, чизе нахӯред ва нанӯшед; ман низ бо канизони худ ҳамчунин рӯза хоҳам дошт, ва ба ин тариқ назди подшоҳ хоҳам омад, гарчанде ки ин бар хилофи қонун аст, *ва агар талаф шавам, бигзор талаф шавам”* (Эстер 4:15, 16).

Тарси муқаддас ӯро ташвиқ мекард, ки Малакути Худоро аз некӯаҳволии худ болотар гузорад. Бароҳатӣ, бехатарӣ, сарватмандӣ ва мавкеъи ӯ ба воситаи итоаткории ӯ зери хатар мемонд. Ӯ ҳеҷ чиз ба даст намеовард, аммо он чизе, ки барои Худо муҳим буд, барои ӯ муҳим буд – бидуни истисно. Ӯ назди Каломи Худо ларзон буд, ӯ аз Худо метарсид.

Соли 2015 мо бо Лиза дар Ереван (Арманистон) дар конфронс хизматгузорӣ карда будем, ки дар он 3500 пешвоҳо ҷамъ омада буданд. Пасторҳо аз тамоми Аврупои Шарқӣ ва Шарқи Наздик омада буданд, бисёриҳо аз Эрон бо мошинҳо омада буданд (Ереван дар масофаи сӣ мил аз сарҳади Эрон ҷойгир аст). Он вақт ба шаҳрвандони Эрон барои ба Арманистон ворид гардидан иҷозат дода шуда буд, аз ин рӯ пешвоёни зиёди калисои пинҳонӣ низ ҳузур доштанд. Вохӯриҳо бомуваффақият мегузаштанд.

Пас аз анҷоми вохӯрии охирин мо бо Лиза тасмим гирифтем, ки дар кӯчаи асосии Ереван сайругашт кунем, то бо ҳавои тоза нафас гирем. Ду духтараки синну солашон аз бистсола болотар, аз тарабхона барои пешвозгирии мо давида баромаданд. Маълум шуд, ки онҳо пешвоён аз Эрон будаанд. Онҳо бениҳоят зебо ва пур аз ҳаёт буданд; иқрор мешавам, дар як лаҳза фикр кардам: кадоме аз писарони муҷаррради худро ман метавонам ин духтаронро шинос кунам?

Мо бо Лиза бо онҳо тақрибан бист дақиқа сӯҳбат кардем. Мо хабардор шудем, ки аз паси онҳо полиси динӣ назорат мекунад; дар рафти конфронс ба онҳо, барои фаҳмидани макони будубошти онҳо мақомотҳои эронӣ занг заданд. Яке аз ин ду духтарон гуфт, ки ба телефони ӯ паёмаки ташвишовар омадааст.

Он вақт ман яке аз аблаҳтарин эродҳоеро гуфтам, ки дар давоми чиҳил соли хизматгузориам гуфта будам. Ман ба ӯ гуфтам: “Пас барои чӣ бармегардед? Барои чӣ шумо намегурезед?”

Вай ба ман самимона, меҳрубонона ва бо қатъият нигариста,

ҷавоб дод: "Агар мо барнагардем, кӣ ба форсҳо дар бораи Исо нақл мекунад?"

Ҷавоби вай маро дар ҳайрат гузошт. Мо шоҳиди он будем, ки чӣ гуна ин духтарон ҳисси худмуҳофизаткунии дар канор гузоштанд; ӯро шавқу рағбати паҳн кардани Салтанат дар мамлакати онҳо фаро гирифт. Онҳо айнан дар ҳамон тарси муқаддас, мисли Эстер зиндагӣ мекарданд. Онҳо назди худ, ҳатто манфиати шахсии худро надида, ба Худо итоат мекарданд ва шояд ҷони худро зери хатар гузошта бошанд. Ман ҳамзамон ислоҳ ва илҳом гирифтам.

Азми дар ин духтарон намоёншуда, танҳо ба як амали итоаткорӣ рост намеояд. Ин мавқеи принципиалиест, ки онро инкишоф медиҳанд ва мутобиқи он зиндагӣ мекунанд. Ин вокуниши мо ба Каломи Худост, ҳатто дар қарорҳои ба назар хурде, ки мо такрор ба такрор қабул мекунем. Мо ҳатто дар чизҳои хурд ҳам, ба Каломи Худо ва роҳбаладии Рӯҳулқудс итоат карданро интихоб мекунем. Шояд мо реҷаи кории зич дошта бошем, аммо ногаҳон мо хоҳиши занг задан ба касеро эҳсос мекунем. Бе асос, бе нафъи аён, бе мақсад. Мо занг мезанем ва аксар вақт дертар мебинем, ки – барои чӣ.

Шояд фаҳмем, ки касе моро тӯҳмат кардааст. Аз бахшидан, ҷустуҷӯи оштӣ ва баракат додани ин шахс ҳеҷ нафъи аёне нест, аммо мо чунин рафтор карданро, танҳо аз рӯи итоат кардан ба аҳкоми зерин интихоб мекунем: "якдигарро афв намоед, чунон ки Худо низ моро дар Масеҳ афв намудааст" ва "барои лаънаткунандагони худ баракат биҳоҳед" (Эфсӯсиён 4:32; Луқо 6:28).

Шояд касе ба мо муносибати бад мекунад, ки аз мо нафрат дорад. Аз итоаткорӣ ба суханони Исо манфиати назаррас дар чист: "ба нафраткунандагони худ некӣ кунед ва барои озордиҳандагони худ дуо гӯед" (Матто 5:44)? Ё дар ин бора фикр кунед: имондорон дар кишварҳои таъқибмешуда аз баракат додани онҳое, ки онҳоро таъқиб мекунанд, барои имонашон шиканҷа медиҳанд ва ҳатто наздикони онҳоро барои имон мекушанд, чӣ фоида мебинанд? Бо вуҷуди ин, мо бо Лиза бо пасторҳои он кишварҳое, ки ин рӯй медиҳад, сӯҳбат кардем ва дар онҳо шодии бебаҳо ва ташнагии ҳаётро дидем.

Барои одамони дигар кишварҳо дуои дилчасп кардан чӣ фоида дорад? Ё дар хайрияҳо барои одамоне, ки дар кишварҳои дигар, ки ҳеҷ гоҳ наметавонанд ба шумо баргардонанд? Рӯйхат беохир аст. Савол дар он аст, ки оё шумо дар посух ба тарси муқаддасе, ки дар дилатон фурӯзон аст, пайваста ба Худо итоат хоҳед кард ё мунтазир мешавед, ки нафъи шахсии худро бинед?

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас**. “Зеро ҳар кӣ ҷони худро раҳонидан хоҳад, онро барбод медиҳад; ва ҳар кӣ ҷони худро дар роҳи Ман барбод диҳад, онро пайдо мекунад” (Матто 16:25).

**Маъно**. Бештари вақт, мо аз ҳикмати Худо худдорӣ карда, аз баракатҳои бузург маҳрум мешавем, ки шояд ба назари мо нафъи шахсӣ наоварад. Дар асл, дар перспективаи дарозмуддат мо ба худамон зарар мерасонем. Мо ҳеҷ гоҳ аз Худо бузургтар шуда наметавонем.

**Мулоҳиза.** Вақте ки “ҷони худро раҳонидан” мегӯяд, Исо чиро дар назар дошт? Оё ман ба ин ояти Китоби Муқаддас танҳо дар ҳолатҳои шадид, ба монанди шаҳид назар кардам? Оё ман онро нисбати қарорҳои хурди ҳаррӯзаи худ татбиқ кардам? Агар ман ин корро мекардам, чӣ рӯй медод? Ин тарзи ҳаёти маро чӣ гуна тағйир медод?

**Дуо.** Падари Осмонии азиз, маро бубахш, ки ташнагии худро маҳдуд мекунам ва ба ҳикмате, ки ман онро шахсан барои худ фоиданок меҳисобам, итоат мекунам. Аз ин андеша тавба мекунам ва аз Ту омурзиш металабам. Аз ин лаҳза ман интихоб мекунам, ки дигар ҷони худро эҳтиёт накарда, аммо онро аз барои Исо фидо кунам. Бинобар он, ман ба ҳикмати Ту майл вакӯшиш хоҳам кард, агарчи нафъи фавриро ваъда накунад ҳам. Ба исми Исо ман дуо мегӯям. Омин.

**Эътироф.** Ман лаҳза ба лаҳза интихоб мекунам, то ҷони худро барои хоҳишҳо ва ҳикмати Худованди ман Исо фидо кунам.

Бидуни итоат наҷот вуҷуд дошта наметавонад, зеро наҷот бидуни итоат худ ба худ мухолиф ва ғайриимкон аст.

– А.У.ТОЗЕР

# 26| ДАРДИ НЕК

Таваллуди кӯдак барои зан – таҷрибаи ногувор аст; душвор ва ҳатто дарднок аст. Аммо натиҷаи ниҳоӣ – ин узви нави дилхоҳи оила аст. Бе нороҳатии марбут ба ҳомиладорӣ ва таваллуд, ин ҳаёти нави аҷиб наметавонад ба ин ҷаҳон ояд. Ин оиди паҳлӯи нави тарс назди Каломи Худо, тасаввурот медиҳад. Се нишондиҳандаи аввал якҷоя бо охирон – зеринанд.

1. Бетаъхир ба Худо итоат кардан.
2. Ба Худо итоат кардан, ҳатто вақте ки ин маъно надорад.
3. Ба Худо итоат кардан, ҳатто агар нафъи шахсиро набинед.
4. **Ба Худо итоат кардан, ҳатто агар дарднок бошад.**

Ба яке аз оятҳои асосии Китоби Муқаддас, Филиппиён 2:12, 13 баргашта, мо ба худ хотиррасон мекунем, то ки наҷоти худро бо тарсу ларз амалӣ гардонем. Айнан пеш аз ин суханон, ки моро ба *итоаткорӣ* даъват мекунанд, Павлус ба Исо ҳамчун мисол ишора мекунад. Худованди мо имтиёзҳои илоҳии Худро як сӯ гузошт ва “Худро фурӯтан сохта, то вақти мамот, то дами мавти салиб фармонбардор буд” (Филиппиён 2:8). Исо бо тайёрӣ ба хоҳиши Падар итоат кард, гарчанде ки он азобу уқубатҳои зиёде овард.

Дар шаби пеш аз маслуб шудан дар боғи Ҷатсамонӣ, Исо бо ҳаяҷони бузург фарьёд зад: “Эй Падари Ман! Агар мумкин бошад, ин коса аз Ман бигзарад; лекин на бо хоҳиши Ман, балки бо иродаи Ту” (Матто 26:39). Зиддият байни итоаткорӣ ва худмуҳофизаткунӣ он қадар қавӣ буд, ки Исо бо қатраҳои хун арақ мекард. Дар хотир доред, ки Ӯ “Худ монанди мо, дар ҳама чиз озмудаи васвасае шуд (ростӣ, бо вуҷуди он гуноҳ накард)” (Ибриён 4:15, ТНР). Ӯ ин азобҳои даҳшатборро пешбинӣ карда, оиди роҳи дигар ба Падар дуо мекард,

то ки иродаи Ӯро иҷро кунад, аммо ин имконнопазир буд. Чӣ ба ин дараҷаи итоаткорӣ водор месозад?

> “Дар айёми ҳаёти заминии Худ Исо баланд, бо фиғони пурзӯр ва бо ашкрезӣ дуо мекард... ва ба хотири *таъзиму такрими* Худ иҷобат карда шуд” (Ибриён 5:7, ТНР).

Тарси амиқи муқаддас ба Ӯ қувват мебахшид, ки ба он чи ки аз қудрати инсон берун аст, истад ва тоб оварад. Ба ҳамин тариқ ба могуфта шудааст:

> “Пас, чӣ тавре ки Масеҳ ба ҳасби ҷисм уқубат кашидааст, шумо низ бо ҳамон фикр *мусаллаҳ* шавед; зеро касе ки ба ҳасби ҷисм уқубат кашад, гуноҳ карданро бас мекунад” 1 Петрус 4:1, ТНР).

Пеш аз он, ки давом диҳем, иҷозат диҳед, як нуқтаи муҳимро қайд намоям. Дини бардурӯғ барои писанд омадан ба худое, ки хизмат мекунад, азоби моро меҷӯяд. Масеҳияти ҳақиқӣ ба Худо итоаткориро меҷӯяд ва дар ин раванд ба муқобили ҷаҳони гунаҳкор рӯбарӯ мешавад, ки аксар вақт ба ранҷу азобҳо меорад. Ба Худо маҳз итоаткорӣ писанд аст, аммо на кӯшиш ба озмоишҳо. Ранҷу азобҳо метавонанд ҷисмонӣ ё рӯҳӣ бошанд; дарди ҳарду аз ҳама воқеӣ аст.

Петрус ба мо дастур медиҳад, ки худро *мусаллаҳ* гардонем. Оё шумо ҳарбиеро тасаввур карда метавонед, ки бе тайёраву киштиҳо, танкҳо, автоматҳо, патронҳо ва кордҳо ба ҷанг меравад – бе силоҳ? Танҳо як фикр дар бораи ин хандаовар менамояд. Айнан девонагӣ барои шахси беимон – ба ранҷу азоб омода набудан, гарчанде ки бисёриҳо чунин рафтор мекунанд. Имондори бесилоҳ метавонад ба хотири худмуҳофизаткунӣ, ба осонӣ аз озмоишҳо канорагирӣ кунад. Тарс аз Худованд – ана он чизе, ки моро мусаллаҳ мекунад; он дар мо азми амиқи итоат кардан ба Худоро нигоҳ медорад, новобаста аз он, ки он чӣ гуна азобу уқубат меорад.

Ман метавонистам бисёр ҳикояҳоро оиди ранҷу азоб нақл кунам – он қадар, ки барои як китоби пурра кофӣ аст. Як ҳикоя ба сафари хизматӣ дахл дорад, ки бо хизматгузорӣ дар аввали солҳои 1990 вобастааст. Мо бо Лиза ва фарзандони мо ба як шаҳри кӯчаке дар мобайни биёбон омадем, то дар калисое хизмат кунем, ки пасторашро нав аз даст дода буд; ӯ вайро баҳри калисои калонтар тарк намуд.

Якчанд вохӯрии аввал душвор гузашта буданд; қисми зиёди одамон шавқу ҳавас зоҳир намекарданд, ҷавононе, ки дар қаторҳои ақиб нишаста буданд, шухӣ карда, механдиданд. Бо вуҷуди ин дар вохӯрии

сейум рахнае рӯй дод. Таъсири амиқ буд; ҳатто ҷавонон барвақт омада, дар қаторҳои аввал ҷой мегирифтанд. Шумораи одамон зиёд мешуд ва ҷамъомадҳо ба якчанд ҳафта тӯл кашид. Мо ҳар бегоҳ, дар як бинои хурди калисои пур аз одам ҷамъ мешудем, ки дар он ҷо чанд нафар наҷот ёфтанд ва қариб ҳама аз нав барқарор шуданд.

Мо бисёр дуо мекардем ва баъд пешниҳод кардем, ки дар ин ҷо ба мӯҳлати номуайян бимонем – ҳатто то чандин моҳ то калисоро барои қабули пастори нав омода созем. Аммо аъзоёни шӯрои калисо, аз ин изҳори шодӣ накарданд, зеро ин тарзи ҳаёти муқаррарии онҳо ва назорати рафти корҳоро халадор мекард. Ба тааҷҷуби бузурги мо, яке аз шикоятҳо аз он иборат буд, ки ба онҳо акнун қаторҳои пешро ишғол намудани ҷавонон маъқул набуд. Шикоятҳои дигаре ҳам буданд, аммо ягон чизи лоиқи диққат набуд. Дар охир бар зидди пешниҳоди мо овоздиҳӣ карданд ва аз мо хоҳиш намуданд, ки мо равем.

Худи ҳамон бегоҳ ман дар калисо эълон кардам, ки рӯзи оянда мо ҷамъомади охиринро мегузаронем. Дар толор нидои ноумедӣ баланд шуд; ин як лаҳзаи шиддатнок, дилгиркунанда ва нороҳаткунанда буд.

Рӯзи дигар, як марди хашмгин, ки занаш дар ҷамъомадҳои мо ширкат дошт, ба калисо занг зад ва таҳдид кард, ки ҳангоми ҷамъомади охирини мо бинои калисоро метарконад. Ман ба ин суханон хандидам, лекин баъдан оиди ин ҳолат ба ман корманди полис занг зад.

Ман дар тааҷҷуб ҷавоб додам: “Албатта, ин тавр шуданаш мумкин нест”. Офисер ҷавоб дод: “Ҷаноб, ман ин одамро мешиносам. Ӯ фурӯшандаи асосии маводи мухаддир буда, дар қочоқи маводи мухаддир гумонбар диниста мешавад ва ман эҳтимоли онро рад намекунам, ки агар каме нӯшад, таҳдидашро иҷро мекунад”.

Ман бо парешонӣ пурсидам: “Лекин шумо бехатарии моро таъмин мекунед?” ва ба ҷавоби ӯ базӯр бовар кардам: “Қитъаи мо, ки ба ин шаҳрак наздиктар аст, аз ин ҷо дар сию панҷ мил ҷойгир аст. Басти кории ман соати шаш ба охир мерасад ва касе наметавонад назди шумо биёяд, зеро ба мо кормандон намерасанд”.

Ман дар ҳайрат гӯшаки телефонро гузоштам ва зиёдтар парешон шудам. Майнаам фарёд мезад, ки ман бояд фавран чизҳоямро ҷамъ кунам ва аз шаҳр биравам. Мо дар як трейлери ду нафара зиндагӣ мекардем, ки ба яке аз аъзоёни калисо тааллуқ дошт, он дар саҳро ҷойгир буд, ки комилан ба ҳамла осебпазир буд. Мо худро беҳимоя ва радшуда ҳис мекардем. Чаро умуман бояд ба ин шом рафт? Шӯрои калисо моро рад кард, мо бояд танҳо шаҳрро тарк кунем!

Ман медонистам, ки фикрҳои ман худхоҳанд; дар давоми якчанд

ҳафтаи хизматгузории мо ба бисёр одамон таъсир расонида шуда буд ва агар мо онҳоро аз сабаби таҳдид бармаҳал тарк кунем, онҳо боз худро радшуда ҳис хоҳанд кард. Ман медонистам, ки гурехтан – ба монанди ба созиш рафтан аст, ки шояд ба мо то охири умр таъсир мерасонад. Ман ҳама вақт дар бораи суханони Исо фикр мекардам: “Лекин муздуре ки чӯпон нест, ва гӯсфандон аз они худаш нестанд, чун бубинад, ки гург меояд, гӯсфандонро монда мегурезад” (Юҳанно 10:12).

Мо чанд соат дуо мекардем. Дар дили ман такрор ба такрор ояти Китоби Муқаддас садо медод, ки дар он гуфта мешавад, онҳое, ки дар ҳузури Худо ҳастанд – ин онҳое мебошанд, ки “қасамашонро нигоҳ медоранд, ҳатто бар зарари худ бошад ҳам” (Забур 14:4, ТНР). Ниҳоят, дар дилҳои мо осоиштагӣ ҳукмрон шуд ва мо ҳис кардем, ки дар бехатарӣ мемонем. Он бегоҳ ҷамъомади аҷоибе барпо гардид. Ягон таркиши бомба ба амал наомад ва мо тавонистем бо одамон бошарафона хайрухуш кунем.

Мо дар ҷаҳони гунаҳкоре зиндагӣ мекунем, ки ба роҳҳои Худо мухолиф ва ҳатто душманӣ дорад. Барои ҳамин навишта шудааст: “Зеро ба шумо ба хотири Масеҳ ато шудааст, ки ба Ӯ на танҳо имон оваред, балки барои Ӯ уқубат ҳам кашед” (Филиппиён 1:29). На танҳо Павлус, балки Петрус низ менависад:

> “Зеро ки шумо барои ҳамин даъват карда шудаед, чунки Масеҳ низ барои шумо уқубат кашида, ба шумо намунаи ибрат боқӣ гузошт, то ки аз паи Ӯ равона шавед. Ӯ гуноҳе накардааст, ва дар забонаш макре набуд. Гирифтори бадгӯӣ гардида, Ӯ ҷавобан бадгӯӣ намекард; азоб кашида, таҳдид намекард, балки Худро ба Довари Одил месупурд” (1 Петрус 2:21–23).

Мо набояд қасос гирем; балки ҳама гуна муносибати ноадолатонаро нибати худ, бояд ба дасти Худо супорем. Мо набояд ба он чашмони худро бипӯшем, балки дар дуо ҳама чизро ба Ӯ равона кунем. Худо ба ҷои мо интиқом хоҳад гирифт, аммо бо роҳи Худ ва дар вақти Худ.

Қаҳрамонони Салтанат тавассути имони худ ғалабаҳои бузургро ба даст меоварданд, аммо барои итоаткорӣ ба Худо онҳоро масхара мекарданд, азоб медоданд, занҷирҳо мезаданд, шиканҷа медоданд, зиндонӣ мекарданд, маҷбур мекарданд, ки дар биёбон саргардон шаванд, дар ғорҳо зиндагӣ кунанд ва бисёр дигар ҳолатҳои нороҳат ва дардоварро аз сар гузаронанд. Барои чӣ? Зеро онҳо дар ҷаҳони харобшуда зиндагӣ мекарданд, ки ба Малакути Худо душманӣ дошт (ниг. Ибриён 11:36–39). Ҳамаи онҳо як чизи умумӣ доштанд: ба

шарофати тарси муқаддас, онҳо аз итоаткорӣ рӯй гардонданро рад мекарданд, ҳатто вақте ки дарднок буд. Вале онҳо ба ваъдаи худ дилпур буданд: “Онҳое ки бо ашк кишт мекунанд, бо тараннум дарав хоҳанд кард. Касе ки гирьякунон рафта, халтаи тухмиро мекашонад, бо тараннум баргашта, дарзаҳои худро хоҳад кашонд” (Забур 125:5, 6).

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “Дар худотарсӣ қалъаи мустаҳкаме ҳаст, ва вай барои фарзандонаш паноҳгоҳ мешавад” (Масалҳо 14:26).

**Маъно.** Тарс назди Худованд – ин он чизест, ки ба мо кӯмак мекунад, ки азми амиқи итоаткории худро ба Худо нигоҳ дорем, ҳатто вақте, ки бо озмоишҳо рӯ ба рӯ мегардем.

**Мулоҳиза.** Оё ман ба Каломи Худо барои нигоҳдории худ итоат намекунам? Оё ман тайёрам, ки тавба кунам ва тарси Худовандро қабул кунам? Оё ман муҳаббат ва итоатро интихоб мекунам, ҳатто агар он ба ман аз ҷиҳати молиявӣ, иҷтимоӣ ва ҳатто ҷисмонӣ зарар бинам?

**Дуо**. Худованди азиз, маро бубахш, барои муҳофизат кардани худ, аз итоаткорӣ ба Каломи Ту канораҷӯӣ намудам. Ман мефаҳмам, ки ман интихоби беақлона кардам, – ҳимояи Ту маъсум аст ва ҳамеша боқӣ мемонад; ҳимояи ман танҳо муваққатӣ аст. Аз ҳамин лаҳза ман тарси Худовандро интихоб мекунам; Бигзор ӯ ба ман азми амиқ ато кунад, то ба Ту итоат кунам, новобаста аз он, ки ба ман чӣ арзиш дорад. Ташаккур барои қуввати Ту, ба исми Исо. Омин.

**Эътироф.** Ман бо тарси муқаддаси итоат ба Худо мусаллаҳ шудаам, ҳатто агар ин маънои онро дошта бошад, ки дар баробари ин ман азоб мекашам. Ман ҷонамро ба дасти Касе, ки адолатона доварӣ мекунад, месупорам.

Барои пойҳои худ
роҳро ҳамвор намо, то ки ҳамаи
тариқҳои ту рост бошад.

– МАСАЛҲО 4:26

# 27| ИҶРО ШУД

Дар оғози ин боб иҷозат дихед ба шумо як савол диҳам: Оё потенсиали ҳама гуна лоиҳаро, онро ба охир нарасонида, пурра ошкор кардан мумкин аст? Ҷавоб аён аст: не. Худованди мо як лоиҳаи бузургмиқёсеро дар ҷараёни иҷро дорад, ки моҳияти он бунёди Салтанат аст. Ӯ ба ҳар яки мо барои зерлоиҳаҳо масъулият додааст, ки ҳангоми анҷомёбӣ кори Салтанати пурҷалоли Ӯро ба охир мерасонад мерасонанд.

Ҳоло, вақте ки мо ба қисми охирини тарс аз Каломи Худо мерасем, ин ҳақиқатро дар хотир нигоҳ доред. Аз нав чор ҷиҳати аввалро номбар мекунем ва ба он охиронашро илова мекунем:

1. Фавран ба Худо итоат кардан.
2. Ба Худо итоат кардан, ҳатто агар ин маъное надошта бошад.
3. Ба Худо итоат кунед, ҳатто агар шумо нафъи шахсиро намебинед.
4. Ба Худо итоат кардан, ҳатто агар дарднок бошад.
5. **То охир ба Худо итоат кардан.**

Нахустин подшоҳи Исроил Шоул – ин намунаи классикии шахсест, ки назди Каломи Худо тарс надошт. Ӯ ба осонӣ аз итоаткорӣ руй мегардонд, вақте ки он маъное надошт, нафъаш аён набуд ва ё ин ки он ба манфиати ӯ хизмат намекард. Азбаски ӯ тарси муқаддас надошт, он аксар вақт ба одамон дард ва зиён мерасонид, ки ба ҳама гуна рафтор хос аст.

На ҳамеша чунин буд. Пеш аз подшоҳ шуданаш як ҷавони хоксор ва худотарс буд – ду хислате, ки бо ҳам даст ба даст мераванд. Вақте ки Самуил, пайғамбари машҳур, ӯро ҷустуҷӯ кард ва ёфт, дарҳол гуфт: “Барои чӣ маро ба назар гирифтӣ? Ман аз сибти хурдтарини Исроил ҳастам, ва қабилаи ман оё дар байни ҳамаи қабилаҳои сибти

мо хурдтарин нест” (1 Подшоҳон 9:21, ибораи муаллиф). Баъдтар, тамоми исроилиён ҷамъ омаданд, то бубинанд, ки аввалин подшоҳи онҳо кӣ мешавад. Пас аз як раванди тӯлонӣ, интихоби илоҳӣ ба Шоул афтод, аммо вақте ки пешвоён ӯро даъват карданд, ӯро наёфтанд; ӯ дар ҷои хилват пинҳон шуда буд. Ӯ хоҳиши шинохта шудан надошт (ниг. 1 Подшоҳон 10:20–24).

Маълум шуд, ки тарси муқаддас ганҷи ӯ набуд. Ба монанди мисоли Сулаймон, вақте ки ӯ муваффақият, ҷалол ва бартариҳои салтанатро ба даст овард, ӯ оқибат тарси муқаддасро тарк кард. Дар аксари одамон, аз ҷумла шоҳ Шоул, аломатҳои аввалини аз даст додани тарси муқаддас ноаёнанд. Ин ҳама аз беэътиноӣ ба чизҳои хурд оғоз мешавад ва ба он оварда мерасонад, ки виҷдони мо ҳарчи бештар нопок мегардад. Баъдтар, вақте ки бо мушкилоти калонтар рӯ ба рӯ мешавем, мо дарк намекунем, ки итоаткор нестем.

Бо шоҳ Шоул ҳамин тавр буд. Аломатҳои аз даст додани тарси муқаддас пайдо шуданд (ниг. 1 Подшоҳон 13:5–14), аммо ҳамаи ин аз он сабаб душвор мешуд, ки ҳамзамон бо ин ӯро муваффақияти калон ҳамроҳӣ мекард (ниг. 1 Подшоҳон 14:47).

Пас аз чанде ба подшоҳ фармон дода шуд: “Акнун ту рафта, ба Амолеқ шикаст расон; ва ҳар он чи вай дорад, несту нобуд кунед; ва ба ӯ раҳм накун, балки аз мард то зан, аз кӯдак то тифли ширмак, аз гов то гӯсфанд, аз шутур то хар бикуш“ (1 Подшоҳон 15:3). Худованд тайёр буд, ки ин мардумро барои рафтори бадашон ҷазо диҳад.

Шоул 210 хазор нафар аскаронро бардошт. Ӯ бо сарбозони худ тамоми одамон ва тамоми ҳайвоноти хонагиро торумор карданд, ба истиснои Аҷаҷ, подшоҳи Амолеқ ва беҳтарин ҳайвоноти хонагӣ (1 Подшоҳон 15:7–9).

Биёед дар ин бора бодиққат фикр кунем. Агар Шоул ин қадар лашкари калон ҷамъ карда бошад, Амолеқиён ҳадди аққал чоряк миллион шаҳрвандон доштанд, аз ин рӯ онҳо аслан 249 999 нафарро куштанд. Подшоҳ 99,99 дарсади корҳоеро, ки бояд анҷом медод, иҷро кард, аммо ба ҷавоби Худо, ба итоаткории *қариб* пурраи ӯ аҳамият диҳед:

> “Пушаймонам, ки Шоулро подшоҳ кардам, зеро ки ӯ аз пайравии Ман рӯй тофта, суханони Маро *ба ҷо наовард”* (1 Подшоҳон 15:11).

Самуил бо ин паём ба подшоҳ муроҷиат мекунад ва рафтори ӯро рӯирост *исён* номид (ниг. 1 Подшоҳон 15:23, тарҷума аз англисӣ). Шубҳае нест, ки Шоул *гуноҳ* кардааст. Биёед як лаҳза таваққуф кунем ва дар бораи гуноҳ сӯҳбат кунем. Ҳаввориӣ Юҳанно мегӯяд, ки гуноҳ –

ин шикастани шариат аст (ниг. 1 Юҳанно 3:4). Таърифи гуноҳро метавон чунин баён кард: *гуноҳ – ин итоат накардан ба қудрати Худост.* Ба ин аз нуқтаи назари зерин нигоҳ кунед: Дар боғ Одам бо як фоҳиша ба бистар наҷаҳидааст, бонкро ғорат накардааст ва касеро накуштааст. Ӯ танҳо ба он чӣ ки Худо гуфт, итоат накард. Ба чунин тарз, Шоул қарор кард, ки ба он чизе ки Худо ба ӯ фармуда буд, *пурра* итоат накунад.

Биёед амиқтар мебинем. Вақте ки ба Шоул гуфта шуд, ки ба муҳориба равад, ӯ бо пои худ ба замин назад ва нагуфт: "Ҳеҷ гоҳ! Ман ин корро карданӣ нестам!" Аксарият розӣ мешаванд, ки чунин рафторро ҳамчун беитоатӣ баҳо додан мумкин буд. Вай ба ин амр беэътиноӣ накард ва дигар масъалахои шахсиро ба гардани худ нагирифт. Дар ин ҳолат, аксарияти одамон мегӯянд: "Ӯ дар ҳукм хато кард, ки итоаткориро афзалиятнок надонист". Аммо кам касоне ҳастанд, ки калимаи "исёнро"–ро истифода баранд.

Ҳамин тавр, аксарият тасдиқ мекунанд, ки ӯ хуб рафтор намуда, 99,99 дарсади супоришашро иҷро кардааст ва хеле кам нафароне, ки амалҳои ӯро ҳамчун исён баҳо диҳанд. Агар мо дар ҷои Шоул мебудем ва чунин ислоҳро мегирифтем, чанд нафари мо шояд ба хашм меомадем: "Шумо чӣ мегӯед! Оқил бошед! Чаро шумо ба ҷои он, ки ҳама чизҳои ба даст овардаамро эътироф кунед, ба он чизи каме, ки ман накардам, диққат медиҳед?" Дар ин замина, ба чунин ҳақиқат бояд омад: итоаткории *қариб пурра* – умуман итоаткорӣ нест.

Биёед дида мебароем, ки чаро ин гуна калимаҳои қавӣ истифода шудаанд. Аввалан, дар он рӯзҳо, агар шумо подшоҳе мебудед, ки як миллати дигарро мағлуб кардед ва бар баробари ин подшоҳи онҳоро зинда гирифтед, ин маънои дар қасри худ доштани мукофоти зиндаро дошт. На танҳо ба худбинии шумо, балки барои ҳар касе, ки вориди қасри шумо мешуд – он ҳамчун як ёдоварии доимии бузургии салтанати шумо, хизмат мекард.

Дуюм, барои чӣ ҳайвонҳои беҳтаринро гузошт? Пеш аз он, ки ба ин савол ҷавоб диҳем, биёед онро каме мураккаб кунем. Шоул иҷозат дод, ки ҳайвонҳои беҳтаринро зинда бимонанд, то онҳоро ба Худованд тақдим кунанд. Ба ин таҳқир нисбати пайғамбар диққат диҳед: "Қавм беҳтарин бузу гӯсфандон ва говонро дареғ доштанд, то ки барои Худованд Худои ту қурбонӣ кунанд; вале боқии онро мо несту нобуд сохтем" (1 Подшоҳон 15:15). Барои чӣ ӯ ин корро кард? Шояд барои ба даст овардани илтифоти қавмаш чунин рафтор кард? Ин қавме, ки Худованд Худоро эътироф мекунад. Дар бораи нуқтаи назари ҷанговарон, коҳинон ва одамон фикр кунед; эҳтимол ба якдигар мегуфтанд: "Мо чунин подшоҳи парҳезгор дорем, ҳамеша Худоро

дар ҷои аввал мегузорад, беҳтаринро ба Худо медиҳад”. Одамон намедонистанд, ки фармони аввалин, комилан несту нобуд кардани ҳама чиз буд. Аслан, Шоул обрӯи худро нигоҳ дошт. Сабаби ин амали ӯ тарс дар назди одамон буд. Шоул ба худ боварӣ надошт.

Имрӯз дар ҷаҳони муосир бисёр одамон, нисбати одамони ба худ боварӣ надошта, ҳамдардӣ эҳсос мекунанд. Бо вуҷуди ин, дар паси ба худ боварӣ надоштани мо, хоҳиши қабул шудан, дӯстдошта будан ва эҳтиром шудан меистад – ҳатто ба арзиши беитоатӣ. Ба мо дарки он намерасад, ки чӣ қадар амиқ мо аз ҷониби Офаридгор  қабулшуда ва дӯстдошта мебошем. Ба худ боварӣ надоштанро бо номи худаш бояд номид: доми хатарнок.

Шоул аз сабаби набудани тарси муқаддас фармонро иҷро накард. Биёед ба Исо ва намунаи Ӯ барои мо баргардем. Ӯ бо радкунӣ, шармандагӣ, нафрат, муқовимати шадид, латукӯби ҷисмонӣ ва ба салиб даҳшатбор мехкӯб шудан, дучор гардид. Вақте ки посбонони маъбад барои дастгир кардани Ӯ омаданд, шогирдонаш кӯшиш карданд, ки онҳоро боздорад ва Исоро муҳофизат кунанд, вале Ӯ ҷавоб дод:

> “Ё гумон мекунӣ, ки алҳол наметавонам аз Падари Худ хоҳиш намоям, ки барои Ман зиёда аз дувоздаҳ фавҷ фариштагонро равона кунад? Лекин дар он сурат Навиштаҳо чӣ гуна ба амал меояд, ки ҳамин тавр бояд бишавад?” (Матто 26:53, 54).

То охир итоаткорӣ барои Исо аввалиндараҷа буд.

Ман ҳангоми хонандаи синфҳои болоии мактаб буданам, имондор набудам, аммо дар ҳуҷраи либоспӯшии мо плакате буд, ки диққати маро ба худ ҷалб мекард. Ман ӯро ҳар рӯз пас аз машқи баскетбол медидам. Дар он варзишгаре тасвир ёфта буд, ки бо сари хам нишаста буд ва дар зери он чунин навиштаҷот буд: “Ман таслим мешавам”. Дар зери ин тасвир, расми Исои дар салиб овезон буд ва дар зери он суханони “Ман таслим нашудаам” буд.

Ин ба ман, он вақт беимон, таассуроти фаромӯшнашаванда бахшид. Акнун он барои ман вазни зиёдтар дорад, вақте ки ман мефаҳмам, ки Исо метавонист аз ин шиканҷаи даҳшатбор ва марги дардовар канорагирӣ кунад, аммо Ӯ итоаткор буданро идома дод, то он даме, ки дар ниҳоят гуфт: «Иҷро шуд». Ӯ ба мо намунаи итоаткории комилро, барои ба итмом расонидани ҳама чизе, ки Худо ба мо бовар кардааст, нишон дод.

Акнун мо метавонем дастурҳои Ӯро ба шогирдон беҳтар фаҳмем, вақте ки онҳо барои афзун шудани имонашон фарёд мезаданд:

> «Ҳамчунин шумо низ, вақте ки *ҳамаи* фармонҳои ба шумо додашударо ба ҷо овардед, бигӯед: “Мо ғуломони ношоям ҳастем; чунки он чи карданамон лозим буд, кардем”» (Луқо 17:10).

Калимаи ӯ “ҳама” маънои тамоман нав пайдо мекунад. Биёед ҳамеша то охир итоат кунем.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “Ба Исо, чашм наканда назар дӯзем. Аз аввал то ба охир имони мо ба Ӯ вобаста аст. Ӯ ба ҷои шодие ки Ӯро дар пеш буд, ба хорӣ беэътиноӣ намуда, ба салиб тоб овард ва дар тарафи рости тахти Худо бинишаст. Дар бораи Ӯ фикр кунед, ки аз дасти гуноҳкорон ба чунин хорӣ тоб овард ва ин ба шумо кӯмак мекунад, ки дар ҷони худ хаста нашавед ва ҳузури рӯҳро аз даст надиҳед” (Ибриён 12:2, 3, ТНР).

**Маъно.** Итоаткории *қариб* пурра – ин умуман итоаткорӣ нест. Исо ба мо намунае дод, ки чӣ тавр пурра – то охир – дар ҳама чизе, ки Худо ба мо месупорад, итоаткор бошем.

**Мулоҳиза.** Оё ман аз итоат кардан ба Каломи Худо оғоз кардам, аммо ба вақтхушӣ, лаззатҳо, муқовимат, норозигии дигарон ё ягон мусибати дигар, иҷозат додам, ки маро маҷбур созанд, ки аз роҳам дур шавам ва амали худро то охир анҷом надиҳам. Инро чӣ тавр тағйир додан мумкин аст?

**Дуо.** Падари Осмонӣ азиз, аз Ту хоҳиш мекунам, ки маро бубахш, ки ман ба фармонҳои Ту итоат карданро сар кардам, аммо то охир нарасонидам – ё аз беэҳтиётӣ ва ё аз сабаби фикри худро дигар кардан, зеро дар ин нафъи худро надидам. Ман дар ин набудани тарси муқаддас тавба мекунам ва аз Ту омурзиш мехоҳам. Ба исми Исо ман дуо мегӯям. Омин.

**Эътироф.** Ман интихоб мекунам, ки ба Каломи Худо то охир итоат кунам.

Вақте ки одамон аз Худо тарсиданро бас мекунанд, онҳо бе чуну чаро қонунҳои Ӯро вайрон мекунанд. Тарс аз оқибат, бознамедорад, вақте ки тарси Худо нест.

– А.У. ТОЗЕР

# 28| ВИҶДОНИ ХУДРО ЧӢ ТАВР БОЯД ХОМӮШ КАРД

Тавре дар боби гузашта гуфта будем, нишонаҳои аввалини аз байн рафтани тарси муқаддас ба назар кам намоёнанд, онҳо ончунон ночизанд, ки ба мо зарур аст, ки дар ин лаҳзаи муҳим бештар таваққуф кунем. Вақте ки шумо назди худ имконияти иҷрои ягон кори шубҳанокро медидед, оё шумо ягон бор огоҳии ботиниро эҳсос кардаед? Аксарияти одамон мефаҳманд, ки ин *виҷдони* мо, моро муҳофизат мекунад, аммо бисёриҳо дарк намекунанд, ки покӣ ва қуввати виҷдони мо метавонанд тағйир ёбанд.

Виҷдони мо – ин бахшоиши Худост, ки ҳеҷ гоҳ набояд сабукфикрона қабул карда шавад. Ин як ҷузъи ҷудонашавандаи *қалби* мост, ҳассосияти он аз тарси муқаддас пурқувват мешавад ва баръакс, дар набудани он кунд мешавад. Ба мо огоҳӣ дода шудааст: “Бештар аз ҳар чизи ҳифзталаб дили худро маҳфуз дор, зеро ки зуҳуроти ҳаёт аз он аст” (Масалҳо 4:23).

Вақте ки синну соли ман аз сӣ камтар боло буд, як хизматгузори маъруф аз ман хоҳиш кард, ки бо ӯ хӯроки нисфирӯзӣ бихӯрам. Вақте ки мо хӯроки нисфирӯзӣ мехӯрдем, ӯ аз ман пурсид: “Ҷон, ман чӣ гуна метавонам худро аз суқуте, ки бисёр пешвоёни дигар дучор шуданд, эмин дорам?”

Ман қариб нафасам мегирифт. Барои чӣ ӯ ба ман чунин савол медиҳад? Ман ҷавон будам, аммо ӯ дар хизматгузорӣ зиёдтар аз он,

ки ман наҷот ёфта будам қарор дошт. Аммо ба ҷои худдорӣ кардан аз ҷавоб, ман ба ботини худ назар кардам ва оромона пурсидам: “Рӯҳи Муқаддас, ман ба ӯ чӣ ҷавоб диҳам?”

Қариб дарҳол ман шунидам: *“Ба ӯ бигӯй, ки виҷдони худро ҳамчун чизи аз ҳама азизтарин нигоҳ дорад”*.

Он чизе, ки шунидам, ба ӯ гуфтам, сипас ногаҳон аз ҷонам чунин суханон ҷорӣ шуданд: “Ба шумо имкониятҳои бузург пешниҳод мекунанд, аммо дар ботини худ шумо хоҳед донист, ки онҳо риёкор, беинсоф, шубҳаноканд ва қодир ҳастанд ба дигарон зарар расонанд. Ба садои виҷдони худ гӯш диҳед; огоҳиҳои ӯро рад накунед. Агар шумо онро сарфи назар кунед, ҳассосияти худро нисбат ба Худо гум хоҳед кард”.

Дар рӯзҳои минбаъда ман дарёфтам, ки калимаи “виҷдон”–ро дар Навиштаҳои Муқаддас аксар вақт дидан мумкин аст, гарчанде ки ман қаблан оиди он намедонистам. Танҳо дар Аҳди Ҷадид, онро тақрибан сӣ маротиба вохӯрдан мумкин аст. Павлус ба Тимотиюс менависад:

> “Имони худро ба Масеҳ маҳфуз дор ва *виҷдони* худро эҳтиёт намо. Зеро баъзеҳо қасдан *виҷдони* худро нобуд сохтанд; дар натиҷа, онҳо дар имони худ ғарқ шуданд” (1 Тимотиюс 1:19, тарҷумаи англисӣ).

Имони ғарқшуда – ин чизи хурд нест.

Хӯроки нисфирӯзӣ бо як хизматгузори солхӯрда чашмонамро ба вазъияти изҳороти Павлус кушод. Он тасдиқ мекунад, ки чаро бисёр одамон корро то охир анҷом намедиҳанд.

Охир, агар Навиштаҳо моро водор созад, ки виҷдонамонро “эҳтиёт” кунем, ин маънои онро дорад, ки он аз аввал дар ҳолати хуб аст. Хуни Масеҳ виҷдони моро мешӯяд ва пок мегардонад (1 Тимотиюс 3:9, Ибриён 9.9, 14). Ин яке аз афзалиятҳои бузурги аз нав тавлид ёфтан аст. Паёмбар Ирмиё дар бораи виҷдони мо тасдиқот медиҳад, ки аксар вақт нодуруст истифода бурда мешавад. Ӯ мегӯяд: “Дил аз ҳама чиз маккортар аст, ва он шифонопазир аст; кист, ки онро тавонад дарк кунад?” (17:9). Вай дар бораи онҳое, ки аз нав таваллуд ёфтаанд, табиати нав дода шудаанд, дар симои Исо аз нав офарида шудаанд, сухан намегӯяд. Одамон дар Аҳди Қадим дили нав надоштанд. Аммо Худо ба онҳо ваъда дод: “Ва дили тоза ба шумо хоҳам дод, ва рӯҳи тоза андаруни шумо хоҳам ниҳод; ва дили сангинро аз ҷисми шумо дур хоҳам кард, ва дили гӯштин ба шумо хоҳам бахшид” (Ҳизқиёл 36:26). Ин вақте рӯй дод, ки Исо табиати моро наҷот дод ва ба мо аз они Худро дод.

Ба шарофати мӯъҷизаи шахси нав шудан дар Масеҳ, мо виҷдони

боэътимод дорем. Назди мо даъвати онро пок нигоҳ доштани он истодааст. Аз ин рӯ, ҳоло мо бояд бипурсем: мо онро чӣ гуна таҳқир мекунем? Фасоди комил дар як сония рӯй намедиҳад, аксар вақт он аз чизҳои хурд оғоз мешавад ва баъдан, агар чора андешида нашавад, он бо вайроншавӣ анҷом меёбад. Яъқуб барои таҳкими мо менависад:

> “Пас, на фақат шунавандагони калом бошед, балки *иҷрокунандагони он* низ бошед, вагарна худро танҳо фиреб медиҳед” (Яъқуб 1:22, ТНР).

Бори дигар бо мавзӯи итоаткорӣ рӯ ба рӯ мешавем. Мо ба таври муфассал муҳокима кардем ва нишон додем, ки тарси муқаддас – ин итоаткории фаврӣ ва пурра аст, ҳатто вақте ки он маъное надорад, нафъаш аён нест ва ё дарднок аст. Шахсе, ки ин корро мекунад, худро фиреб дода наметавонад.

Биёед таваққуф кунем, то лаҳзаро аз даст надиҳем. Албатта, одамони шиносро, ҳатто дӯстон ва наздиконро метавон фиреб дод, вале тамоман кори дигар – худро фиреб додан аст. Аслан, вақте ки мо итоат накунем, *худамонро фиреб* медиҳем. Мо муҳофизати ҳақиқатро суст мекунем ва ҳисси дастури ахлоқии мо, зери таҳдид қарор мегирад. Мо кам дарк мекунем, ки дар хатар ҳастем.

Биёед як мисоли гипотетикии ин равандро меорем. Оё шумо ягон бор касеро тӯҳмат кардаед? Дар ҳамон лаҳзае, ки шумо ин корро кардед, шояд, шумо эҳсос кардед, ки гӯё ба ботини шумо корд зада бошад; ва ана ҳамин аст садои виҷдони шумо. Умедворам, ки шумо шунидед, тавба кардед ва дарҳол суханонатонро бозпас гирифтед. Аммо, аксар вақт чунин мешавад, ки мо рафтори худро сафед мекунем. Далелҳои минбаъда метавонанд чунин садо диҳанд: *“Он чизе, ки ман гуфтам – ин аниқ аст!»* Мутаасифона, хулосаҳои хатои мо ғолиб меоянд ва мо ба огоҳии ботинӣ эътибор надода, тарафдори ин изҳорот мегардем. Ҳамин тариқ, мо раванди таҳқирро оғоз кардем; ҳисси виҷдони мо суст шуд.

Дафъаи дигар, ки мо бар зидди дигаре сухан мегӯем, мо ҳис намекунем, ки гӯё ба ботини мо корд зада шуда бошад, акнун эҳсос мекунем, ки мо як зарбаи сахт гирифтем. Виҷдони мо боз сухан гуфт, аммо ин дафъа бо овози кам шинохтамешуда. Ҳоло ихтилофи дохилӣ он қадар тезу тунд нест; ин огоҳиро сарфи назар кардан ва суханони худро сафед кардан осонтар аст. Бо вуҷуди ин, мо дилҳоямонро бештар олуда кардем ва ҳассосияти виҷдонамон боз ҳам пасттар шуд.

Вақте ки мо бори дигар бар зидди касе гап мезанем, мо аллакай зарбаи сахтро эҳсос намекунем, ҳоло ин танҳо як ҳисси хира –

базӯр даркшаванда аст. Ба мо душвор аст, ки худро бо далелҳо ором кунем, зеро садои виҷдони мо хеле паст шуд. Акнун бештар рафтори худро сафед кардан осонтар аст. Ҳассосияти виҷдони мо боз хам сусттар гардид.

Ниҳоят, мо ҳеҷ чизро ҳис намекунем. Виҷдони мо захмдор шуд. Мо нобино шудем ва тамоми эҳсосоти дарккуниро аз даст додем. Мо дастури ахлоқии худро гум карда будем ва суқути имонамон ногузир гардид. Аслан, мо худамонро фиреб додем.

Ҳамаи инро ба воситаи тавбаи оддӣ пешгирӣ кардан мумкин буд – тағйироти пурраи ақл ва дил. Ин вақте ки мо эътироф мекунем, ки ҳикмати мо беҳуда аст ва пурра ҳикмати Худоро қабул мекунем. “Касе ки ҷиноятҳои худро пинҳон дорад, муваффақият намеёбад; вале касе ки иқрор шавад ва онҳоро тарк кунад, сазовори раҳм мегардад” (Масалҳо 28:13).

Шафқат ва барқароршавӣ метавонанд дар ҳама марҳилаи ин раванд рӯй диҳанд, аммо набудани тарси муқаддас аксуламали моро ба таъхир меандозад. Мо худро зери хатар мегузорем, зеро дили мо ба эътиқоди виҷдонамон камтар ва камтар қабулкунанда мегардад.

Одами оқил ҳамеша ба огоҳии виҷдонаш бо тавба зуд ҷавоб медиҳад; медонад, ки таъхир хавфнок аст.

Бисёр одамоне ҳастанд – чӣ дар таърихи библиявӣ ва чӣ дар рӯзҳои мо, – ки ба гӯш кардани садои виҷдони худ шитоб намекунанд. Ин бо бозии “чархи қимори Русӣ” муқоиса кардан мумкин аст. Шумо метавонистед ба фалокати киштӣ роҳ надиҳед, аммо вақте ки эҳсосоти шумо сухан гуфтанро қатъ мекунад, шумо чӣ гуна хабар меёбед, ки шумо аз хат гузаштед? Овозе, ки огоҳ мекард гум шуд: “Агар ту маро бори дигар сарфи назар намоӣ, ман хомӯш хоҳам шуд”. Павлус бо алам таассуф карда, мегӯяд:

> “Аммо Рӯҳ кушоду равшан мегӯяд, ки дар замонҳои охир баъзе касон аз имон баргашта, ба арвоҳи фиребанда ва таълимоти шаётин гӯш хоҳанд андохт, ба воситаи риёкории дурӯғгӯёне ки виҷдонашон гӯё *бо доғе беҳис шудааст*” (1 Тимотиюс 4:1, 2).

Пӯсти сӯхтаи инсон тамоми ҳассосияташро гум мекунад. Айнан ҳамин тавр виҷдони мо низ. Акнун мо худро баръакси кӣ будани худамон, бе ягон доварӣ, пешбинӣ мекунем. Бо Ҳанониё, Сафира, шоҳ Шоул ва бисёр дигарон ҳамин ҳолат шуд.

Оқибати дигари виҷдони сӯхта он аст, ки ҳама чизро дар худ мебандад. Агар гӯштро дар оташ бирён кунед, он намегузорад, ки аз

он афшурааш барояд. Павлус менависад: "Дар Масеҳ рост мегӯям, дурӯғ намегӯям, *виҷдонам* дар Рӯҳулқудс бо ман шаҳодат медиҳад" (Румиён 9:1). Агар имондор виҷдони худро сӯзонида бошад, ин маънои онро дорад, ки вай дигар бо Рӯҳулқудс муоширaт карда наметавонад. Шаҳодати ӯ ба ҷон намерасад, мисли афшураҳое, ки аз гӯшти бирён намерезанд. Вай бе дастурҳои зиндагӣ мондааст. Роҳи ӯ ба ҳалокат мебарад.

Дар охир, аз гуфторҳои сершумори Павлус, якчандтоашро гӯш кунед: "Эй бародарон! то имрӯз дар хузури Худо бо виҷдони пок рафтор кардаам" (Аъмол 23:1). "Бинобар ин худам низ саъю кӯшиш менамоям, ки виҷдонам назди Худо ва одамон ҳамеша пок бошад" (Аъмол 24:16). Пас, биёед дилҳои худро боғайратона нигоҳ дорем.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби муқаддас.** "Пас бо дили соф ва бо имони комил, дилҳои худро ба воситаи пошидан аз виҷдони шарири мо татҳир намуда ва ҷисми худро дар оби пок ғусл дода, наздик оем" (Ибриён 10:22, ТНР).

**Маъно.** Покӣ ва қувваи виҷдонамонро тағйир додан мумкин аст. Ҳассосияти мо аз тарси муқаддас мустаҳкам мешавад ва баръакс, аз набудани он кунд мешавад.

**Мулоҳиза.** Виҷдони мо бо хуни Исои Масеҳ пок шудааст. Кадом интизоми рӯҳонӣ ба ман кӯмак мекунад, ки виҷдонамро пок нигоҳ дорам?

**Дуо.** Падари Осмонии азиз , ман барои ҳолатҳое, ки ба виҷдони худ беэътиноӣ намудам ва бар зидди он рафтам, бахшиш мепурсам. Ман афсӯс мехӯрам, ки ӯро эҳтиёт намекардам. Тавба мекунам ва аз Ту омурзиш металабам. Ман аз Ту хоҳиш мекунам, ки маро бо хуни Исо пок гардони. Дар ман виҷдони пок, нарм ва ҳассос ба овоз ва роҳнамоии Худ барқарор намо. Бигзор ман ба итоаткорӣ ба Ту дар ҳама чиз фаврӣ бошам. Ба исми Исо. омин.

**Эътироф.** Ман диламро боғайрат нигоҳ медорам ва ба ҳидоят ва садои виҷдонам бо ҳассосият гӯш медиҳам.

# Наздикӣ

# БО ХУДО

**ҲАФТАИ 5**

Ман бехтараш, барои шахсан шунидани овози Худо, новобаста аз он ки вазъият чӣ қадар душвор набошад, нарх месупорам, аз оне ки ҳамеша аз дасти дуюм шунидани Ӯро тоқат кунам.

– ҶОЙ ДОУСОН

# 29| НАЗДИКӢ ДАР КУҶО ОҒОЗ МЕГАРДАД

Ба андозаи он, ки мо ҷалоли Худоро дарк мекунем, тарси муқаддас дар мо меафзояд, он ниятҳои моро пок мекунад, моро аз тарси одамон озод мекунад ва дар ҳаёти мо қудсияти ҳақиқиро ба вуҷуд меорад. Зуҳуроти тарси муқаддас – ин итоаткории фаврӣ ва пурра ба Худо новобаста аз он, ки мо сабаб ё манфиатро мебинем ё дарк мекунем, ки то чӣ андоза дарднок он аст.

Акнун, ки мо инро медонем, мо метавонем ба муҳокимаи афзалиятҳои ин бахшоиши нодир гузарем ва дар ин қисм мо диққати худро ба он чизе медиҳем, ки бешубҳа аз ҳама неъматҳо бузургтарин аст: наздикӣ (ё маҳрамона) бо Худо.

Калимаи *маҳрамона* аз ду калимаи лотинӣ ба вуҷуд омадааст: *intus*, ки маънояш "ботинӣ" ва *intimus*, ки маънояш "амиқ, махфӣ" аст. Бо якҷоя намудани ин ду калима, мо ибораи "асрорҳои пинҳон"–ро мегирем. Ин тасаввуроти хуберо оиди наздикӣ ҳамчун *маҳрамият* медиҳад, яъне робитаи рӯҳии ду дӯсти наздик дар сатҳи хеле амиқтар, назар ба шиносоии оддӣ бо шахсе, ки шумо шахсан мешиносед, аммо на он қадар хуб.

Шиносоии наздик – ин кӯчае бо ҳаракати дутарафа аст; ҳар ду тараф бояд хоҳишҳои пинҳонӣ ва фикрҳои якдигарро донанд. Дар мавриди наздикӣ бо Худо, биёед нуқтаи назари Ӯро ва худро, аз Ӯ сар карда, дида бароем. Довуд менависад:

> "Худовандо! Маро тафтиш намудаӣ, ва мешиносӣ" (Забур 138:1).

Калимаи *тафтиш* дар забони ибронӣ "ҳакар" аст, ки маънояш

“таҳқиқ, фаҳмидан, ошкор кардан” аст. Он шартҳои заруриро барои муносибати наздик бо шахси дигар, комилан тавсиф мекунад. Вақт ва саъю кӯшише, ки ташвиш намедиҳанд, балки хурсандӣ мебахшанд, ба омӯзиши афкор ва ниятҳои ботинии инсон бахшида мешаванд.

Ман аз наздикии муносибатҳоям дар издивоҷи худ бо Лиза лаззат мебарам. Вақте ки мо издивоҷ кардем, ман он қадар хуб намедонистам, ки ӯ чӣ гуна хоҳишҳо, орзуҳо, маҳфилҳо дорад ё ин ки масалан, ӯ аз чӣ нафрат дорад. Ба ман якчанд муддат лозим шуд, ки ӯро шиносам (ин корро ман бо камоли мамнуният мекардам) ва фикру хоҳишҳои пинҳонии ӯро фаҳмам. Ба ибораи оддӣ гӯем, барои бо ҳамсари худ одами наздик гардидан, кӯшишҳои мақсадноки зеҳнӣ, эҳсосӣ ва ҷисмонӣ талаб карда мешавад.

Калимаи навбатие, ки дар ояти дар болоовардашуда барои мо шавқовар аст, – *медонӣ*. Ба ибронӣ ин калима “йада” аст. Дар Аҳди Қадим аксар вақт барои фаҳмонидани маънои наздикӣ, истифода мешавад. Масалан, дар Ҳастӣ (4:1) навишта шудааст: “Одам бо зани худ Ҳавво хобид [йада] ва ӯ ҳомила шуд”. Рӯҳулқудс калимаи “йада”–ро барои нишон додани наздикии максималии байни ду нафар дар рӯи замин, истифода мебарад. Дар асл. Довуд мегӯяд: “Худовандо, ту маро хеле амиқ мешиносӣ”.

Довуд ҳарду калимаро, “ҳакар” ва “йада”–ро истифода мебарад, то ба мо тасвири равшанеро диҳад, ки чӣ гуна Худо хоҳишҳо ва афкорҳои амиқи онҳоеро меҷӯяд, ки бо онҳо хоҳиши муносибати наздикро дорад. Боз дар бораи муносибати мо бо Лиза гуфта метавонам, ки акнун, пас аз солҳое, якҷоя гузаронидем, ман дар бораи ӯ бисёр чизҳоро медонам. Ман на танҳо хоҳишиҳо пинҳонии ӯро, чӣ тавре ки дар боло гуфта будам, медонам, балки одатҳои ӯ, муносибаташро ба вазъиятхои муайян, дар вақтҳои холигӣ бо чӣ кор машғул шуданро афзалтар медонад, аз болои чӣ кор карданро дӯст медорад ва ин руйхатро беохир давом додан мумкин аст. Айнан ҳамин тавр, Довуд ба таври муфассал шарҳ медиҳад:

> “Ту шинухези маро медонӣ; андешаҳои маро аз дур мефаҳмӣ. Атвор ва кирдори маро санҷидаӣ, ва ҳамаи роҳҳоям ба Ту маълум аст. Калимае ҳанӯз бар забонам нест, ки Ту, эй Худованд, онро ба куллӣ медонӣ” (Забур 138:2–4).

Худо тафсилоти аз ҳама маҳрамонаро дар бораи мо медонад, ки аз фаҳмиши инсонӣ берун аст. Бо роҳи тадқиқоти (ҳакар) Худо барои омӯхтан, ҷустуҷӯ ва пайдо кардани Довуд саъй кард ва Ӯ барои мо низ ҳамин тавр мекунад, аммо танҳо дар сатҳи хеле баландтар аз он,

ки ман дар тӯли чиҳил соли охир бо Лиза кардаам. Изофа аз он, пас аз чанд оят мо ба изҳороти ҳайратангез меоем, ки андешаҳои Худо дар бораи ҳар яки мо аз тамоми донаҳои реги рӯи замин барзиёд аст (ояти 18). Агар ман дар бораи хосиятҳо, афзалиятҳо, саъйу кӯшишиҳои Лиза ва он чизе, ки дар тӯли чиҳил соли охир дар ҳар дувоздаҳ сония ба ӯ маъқул нест, фикр мекардам ва ба ҳар фикр як дона рег илова мекардам, он гоҳ он ҷуз як қуттии пойафзол ҷамъ намешуд! Андешаҳои Худо дар бораи ҳар яки мо аз тамоми донаҳои регҳои *сайёра* зиёдтар аст ва Ӯ ҳеҷ гоҳ муболиға намекунад, зеро дар акси ҳол ин дурӯғ мебуд, аммо Худо дурӯғ гуфта наметавонад. Ин аҷиб аст! Оё шумо акнун ба фаҳмидани кӯшиши Ӯ, барои дар бораи мо донистани ҳама чиз, оғоз мекунед?

Ӯ сахт мехоҳад, ки бо ҳар яки мо наздик бошад. Иҷозат диҳед таъкид намоям, ки наздикии ҳақиқӣ вақте ба вуҷуд меояд, ки *ҳарду* тараф, на танҳо як тараф, якдигарро хуб мешиносанд. чӣ тавре ки Ӯ фикрҳои махфии моро месанҷад, мо низ бояд бо ҷидду ҷаҳд кӯшиш кунем, ки наздикии ҳақиқиро инкишоф диҳем. Мӯсо барои ин сатҳи муносибат бо фарёд мекӯшад:

> «Ту гуфтаӣ “Ман туро ба номат шинохтаам [йада], ва ту манзури назари Ман шудаӣ”. Ва алҳол, агар ман манзури назари Ту шуда бошам, лутфан, роҳҳои Худро ба ман маълум намо, то ки Туро бишносам [йада] ва манзури назари Ту гардам» (Хуруҷ 33:12, 13).

Худо моро на танҳо аз рӯи рақам, дар байни одамони зиёд *мешиносад*; Ӯ моро шахсан, алоҳида, бо ном мешиносад. Дар ояти дар боло овардашуда мебинем, ки Мӯсо мехоҳад, ки он дутарафа бошад; хоҳиши дилчаспи ӯ дар он аст, ки роҳи худро дар омӯхтани Худо давом диҳад. Ӯ мехоҳад, ки муносибатҳои наздик дошта бошад, на танҳо барои он, ки Худо ӯро амиқ донад, балки Мӯсо низ Худоро амиқ донад. Дар бораи мо чӣ? Ба мо гуфта шудааст: “Ба Худо наздик шавед, ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд” (Яъқуб 4:8).

Баъд аз ҳама гуфтаҳои болоӣ ман фикр мекунам, ки акнун шумо даъватро мешунавед – не, фарёдро, – ки аз дили Худо бармеояд. Ҳар лаҳза пурзӯр мегардад: “Барои чӣ дар дурӣ қарор мегирӣ, дар ҳолате, ки метавонисти ба Ман наздик бошӣ?” Аслан, моро огоҳ мекунанд, ки *худи мо сатҳи наздикии худро бо Худо муайян мекунем*. Ба ман иҷозат диҳед онро ба суханони оддӣ баён кунам: шумо муайян мекунед, ки то чӣ андоза ба Худо наздик хоҳед буд, аммо на Ӯ! Ина, тарси Худо дар ҳамаи ин кадом нақшро бозӣ мекунад? Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст:

> “Худотарсӣ — ибтидои дониш аст” (Масалҳо 1:7, тарҷумаи англисӣ).

Донистани чӣ? Муаллиф дар бораи кадом намуди дониш сухан мегӯяд — тиббӣ, илмӣ, таърихӣ ё дигар навъҳои донишҳои академӣ? Бисёр донишгоҳҳо пур аз чунин донишҳоянд, бо вуҷуди ин дар онҳо тарс аз Худо кам ё тамоман нест. Оё ин ба донишҳои иҷтимоӣ ё сиёсӣ дахл дорад? Не, роҳҳои ҷаҳон — барои Худо беақлӣ аст. Донистани Китоби Муқаддас? Умуман не, зеро фарисиён дар дониши Навиштаҳои Муқаддас мутахассис буданд, вале онҳо аз Худо наметарсиданд ва ба Ӯ писанд намеомаданд. Ҷавоб дар калимаҳои зерин ниҳон аст:

> “Аз Худованд битарс ва дониши Худоро хоҳӣ ёфт” (Масалҳо 2:5, тарҷума аз англисӣ).

Калимаи *дониш*, аз рӯи мафҳуми “Луғати забонҳои библиявӣ” маънои “маълумот дар бораи шахсе, бо ишораи қавии муносибат бо ӯ”–ро дорад. Дар “Луғати пурраи Вайн” гуфта мешавад, ки ин калима маънои “дар бораи Ӯ [Худо] доштани дониши эмпирикӣ”–ро дорад. Ба ибораи дигар, ваъда ба мо мегӯяд, ки *тарси Худованд – оғози аз наздик донистани Худост мебошад.*

Ҳақиқат дар он аст, ки мо то он даме, ки аз Ӯ натарсем, мо ҳатто ба донистани Худо дар сатҳи наздик шурӯъ намекунем, – ин нуқтаи ибтидоист. Агар шумо роҳи худро аз нуқтаи ибтидоӣ оғоз накунед, шумо роҳро тай карда наметавонед. Агар ман мусобиқаи дави садметраро аз панҷоҳ метри хатти марра оғоз кунам, ман дар мусобиқа иштирок карда наметавонам ва марраро тай карда наметавонам. Айнан ҳамин гуна дар муносибатҳои мо бо Худо – бе тарси муқаддас Ӯро ҳамаҷониба донистан ғайриимкон аст. Хушбахтона, Ӯ ба мо роҳеро додааст, то Ӯро амиқ бишносем, аммо оё мо бо он меравем?

Дар хотир доред, ки ба шарофати тарси Худованд мо аз бадӣ ва *шарорат* дур мешавем. Бо назардошти ин тасдиқот акнун дар бораи пешгӯии Исо фикр кунед, ки дар рӯзи доварӣ бисёр одамон дар ҳайрат мемонанд. Ин мардону занон Исоро Худованди худ мехонанд, вале хоҳанд шунид, ки Ӯ ба онҳо мегӯяд: “Ман ҳаргиз шуморо *намешинохтам*; аз Ман дур шавед, эй бадкорон!” (Матто 7:23). Калимаи *шинохтан* – ба забони юнонӣ “гиноско” аст, ин айнан ҳамон калимаи “йада” дар ибрӣ аст. Исо ба онҳое ки тарси муқаддас надоранд, мегӯяд: “Ман ҳеҷ гоҳ шуморо намешинохтам”. Ин як мушкилоти ҷиддиеро ба миён меорад, ки мо онро дар боби оянда баррасӣ хоҳем кард.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** «Дилам аз ҷониби Ту мегӯяд: “Ҷӯёи рӯи Ман бошед” ва ман, эй Худованд, ҷӯёи рӯи Ту хоҳам буд» (Забур 26:8).

**Маъно.** Наздикии ҳақиқӣ вақте ба вуҷуд меояд, ки на танҳо як, балки ҳарду тараф якдигарро хуб мешиносанд.

**Мулоҳиза.** Дар бораи шахси дӯстдоштааатон фикр кунед, ки ҳамроҳи ӯ будан ба шумо маъқул аст. То чӣ андоза шумо бидуни суханон мефаҳмед, ки ӯ чиро фикр ва эҳсос мекунад? То чӣ андоза шумо аксуламали ӯро ба вазъиятҳои гуногун пешгӯӣ карда метавонед? Оё шумо инро нохост кашф кардед ё ин ки барои омӯхтан ва андеша кардан, оиди хоҳишҳои дӯсти наздикатон, ба шумо вақт лозим буд? Акнун мулоҳиза кунед, ки фикрҳои Худо дар бораи шумо бешумор аст. Ин чӣ маъно дорад? Чӣ рӯй медиҳад, агар шумо оиди хоҳишу эҳсосоти Худованд, назар ба хоҳишу эҳсосоти дӯсти наздиктаринатон, бештар андеша карда онро ҷӯё бошед?

**Дуо.** Худованди азиз, ман мефаҳмам, ки ман бузургтарин даъвати гирифтаамро сарфи назар мекардам: ин доштани наздикӣ бо Ту. Ман ба бисёр чизҳо иҷозат додам, ки садди роҳи ман шаванд ва вақти инкишоф додани ин наздикиро бо Ту, бидузданд. Ман бо хушнудӣ қарор медиҳам, ки вазъиятро тағйир диҳам. Вақте ки ман Китоби Муқаддасро барои хондан, дуо гуфтан ва мулоҳиза кардан мекушоям, ба ман донистани Туро дар сатҳи амиқи маҳрамона деҳ. Ба исми Исо ман оиди ин хоҳиш мекунам. Омин.

**Эътироф**. Ман саъю кӯшиши амиқ донистани Исоро интихоб мекунам, чӣ хеле ки Ӯ донистани маро интихоб намуд.

Роҳе ҳаст, ки ба назари
кас рост менамояд,
вале оқибаташ роҳҳои
мамот аст.

– МАСАЛҲО 16:25

# 30| НА ҲАМОН ИСО

Аксар вақт, барои беҳтар фаҳмидани ин ё он масъала, ба муқобили он чизе, ки мо донистан мехоҳем, назар кардан муфид аст. Инак, пеш аз он, ки сӯҳбати худро дар бораи наздикӣ бо Худо давом диҳем, биёед паҳлӯи дигари онро бо тасвир намудани ҳикояи зерин, баррасӣ менамоем.

Ман худи ҳозир, барои суханронӣ дар конфронси пешвоён, ба Ҳавайи фуруд омадам. Ҳуҷраи меҳмонхонаи ман ҳанӯз омода набуд, аз ин рӯ ман барои истироҳат, дар зери чатри назди ҳавзи шиноварӣ ҷой гирифтам. Чунин шуд, ки як зани соҳибкор, ки барои ширкат дар конфронси дигар омада буд, ҳамчуни мунтазири ҳуҷраи худ буд. Мо сӯҳбат мекардем ва вақте ки ӯ фаҳмид, ки ман муаллиф ва хизматгузори масеҳӣ ҳастам, вай дар бораи муносибати худ бо Исо муфассал нақл карданро оғоз кард.

Якчанд дақиқа ҳам нагузашта маълум шуд, ки вай Исоро намешиносад. Ӯ бо боварии комил ба он чизе, ки ӯ *имон* дошт нақли худро давом медод, аммо қариб ягон чизе аз нақли ӯ ба Навиштаҳои Муқаддас мувофиқат намекард. Ман хомӯшона аз Рӯҳулқудс ҳикмат пурсидам ва дар давоми якчанд сония Ӯ ба ман ошкор кард, ки ба вай чӣ бигӯям.

Ҳамин ки вай суханашро тамом кард, ман пурсидам: “Оё шумо он мардеро, ки дар тарафи дигари ҳавзи шиноварӣ нишастааст мебинед?”

Бо чеҳраи ботааҷҷуб (эҳтимол аз тағйири ногаҳонии мавзӯи сӯҳбат) ҷавоб дод: “Мебинам, лекин чӣ?”

Ман бо хушҳолӣ ба ӯ гуфтам: “Номи ӯ Ҷим ва ӯ аз Фресно, Калифорния аст. Вай парҳези қатъии вегетерианиро риоя мекунад ва орзу дорад, ки ба дастаи ИМА оид ба тӯббозии обӣ дохил шавад. Ӯ дар як рӯз се соатӣ дар ҳавзи шиноварӣ ва толори варзишӣ машқ мекунад.

Ӯ ба пиклболбозӣ, ҷаҳиш бо парашют ва рассомӣ шавқ дорад. Ҷим бо зане, ки дар паҳлӯи джакузи истодааст, издивоҷ дорад; номи вай Бет аст ва аз ӯ даҳ сол хурдтар аст".

Вай аз он, ки ман ӯро то чӣ андоза хуб мешиносам, ба ҳайрат омада, пурсид: "Оё ӯ ҳам иштирокчии конфронси шумост?"

Ман зуд ҷавоб додам: "Не, хонум".

Кунҷковии вай зиёд шуд ва ӯ пурсид: "Пас чӣ тавр шумо Ҷимро ин қадар хуб мешиносед?"

Он гоҳ ман ба вай рӯй оварда, рост ба чашмони ӯ нигоҳ кардам ва гуфтам: "Мо бо ӯ шинос нестем".

Ифодаи чеҳраи вай тағйир ёфт; дар он изтироб зоҳир мешуд, шояд ҳатто ташвиш бошад. Шояд вай фикр мекард: Оё ман ин шахсро таъқиб мекунам ва оё ман як детективи хусусӣ ё ҳатто агенти давлатӣ ҳастам?

Ман лаҳзае хомӯш истодам ва баъд бо боварии комил гуфтам: "Ман *имон* дорам, ки ӯ чунин аст".

Вай сухане гуфта наметавонист.

Ман пешниҳод намудам: "Шумо худи ҳозир бо боварии комил дар бораи *имони* худ ба он, ки Исо чӣ гуна аст сухан мегуфтед, аммо қариб ҳар чизе, ки дар бораи Ӯ гуфтед, – рост нест; ин ҳама мухолифи таълимоти Китоби Муқаддас аст. Ман инро медонам, зеро ман Ӯро мешиносам". Сӯҳбати мо бо ташаббуси у ба охир расид, вале маълум буд, ки вай дар ҳайрат монд.

Ҳаворӣ Павлус дар калисое, ки ӯ аз таҳти дил дӯст медошт, суханони аҷиб мегӯяд: "Зеро, агар касе омада, Исои дигареро мавъиза намояд, ғайр аз Он, ки мо Ӯро мавъиза кардем, ё шумо рӯҳи дигаре гиред, ғайр аз он ки гирифтед, ё Хушхабари дигаре, ғайр аз он чи қабул кардед, — шумо онро ба хубӣ таҳаммул менамоед" (2 Қӯринтиён 11:4, ТНР). Ӯ намегӯяд, ки "Худои дигар", балки "Исои дигар" мегӯяд. Аён аст, ки онҳо ба Исо *имон* доранд, лекин онҳо Ӯро *намешиносанд*. Барои чӣ? Онҳо ба ҳар чизе, ки ба онҳо маъқул аст бовар мекунанд ва аз ин рӯ дар бегонагӣ аз Исои ҳақиқӣ зиндагӣ мекунанд. Ин корро кардан душвор нест; Худованд ноаён аст, бинобар ин шумо метавонед табиати Ӯро бо майли худ тағйир диҳед.

Исроилиён низ ҳамин тавр мекарданд. Хуруҷ аз Миср — ин шабоҳати наҷот аз ҷаҳон аст. Навишта шудааст: "Ва ҳама <…> аз сахраи рӯҳоние менӯшиданд, ки аз ақибашон меомад; ва он сахра Масеҳ буд. Лекин бар аксари онҳо ҳусни таваҷҷӯҳи Худо набуд (1 Қӯринтиён 10:4, 5). Сабабҳои зиёдеро овардан мумкин аст, ки чаро Худо аз онҳо норозӣ буд, лекин ҳамаи ин як маънои асосиро нишон медиҳад: онҳо ба Каломи Худо итоаткор нестанд – *дар онҳо тарси муқаддас вуҷуд надорад.*

Вақте ки Мӯсо чиҳил рӯз дар кӯҳ буд, Ҳорун, сардоре, ки бо мардум монда буд, гӯсолаи тиллоӣ сохт. Мо ба ин нигоҳ мекунем ва фарьёд мезанем: “Бутпарастӣ!”. Дуруст аст, аммо бисёриҳо сарфаҳм намерафтанд, ки Ҳорун ва тамоми мардум гӯсоларо “элоҳим” меномиданд. Ин калима дар Аҳди Қадим 2606 маротиба омадааст. Он метавонад ба худоёни козиб ишора кунад, аммо аз даҳ нӯҳ мавриди он ба Яҳува – Худои ягонаи ҳақиқӣ ишора мекунад. Масалан, дар боби аввали Ҳастӣ он сию ду маротиба омадааст. Дар ояти аввали Китоби Муқаддас навишта шудааст: “Дар ибтидо *элоҳим* осмон ва заминро офарид”.

Мо ба осонӣ муайян карда метавонем, ки онҳо гӯсоларо *элоҳим* – Худои Муттаъол ё *элоҳим* – худои козиб меноманд. Исботи онро мо дар он мебинем, ки Ҳорун гӯсоларо *Яҳува* меномад (ниг. Хуруҷ 32:5). Ин номи муқаддаси Худои ягонаи ҳақиқии мо аст ва он ғайр аз ин ҷо, дар ягон ҷои дигар дар Китоби Муқаддас ҳамчун номи худои козиб истифода нашудааст. Ҳорун ва мардум гӯсоларо *осирис, баал, исис* ё бо ягон номи дигари худои козиб меноманд. Онҳо хитоб мекунанд: “Ана Яҳве, ки моро аз замини Миср берун овард!” (Хуруҷ 32:4, ибораи муаллиф).

Чӣ тавр онҳо ин қадар гумроҳ шуда метавонистанд? Барои чӣ онҳо Худои зиндаи ҳақиқиро мисли Мӯсо нашинохтанд? Онҳо мӯъҷизаҳои Ӯро диданд, аз паи сутуни абру оташи Ӯ рафтанд. Ҷавоб душвор нест. Чанд моҳ пештар, вақте ки Худо барои муаррифӣ кардани Худ ба кӯҳ фуруд омад, онҳо ақибнишинӣ карда, ба Мӯсо фарёд заданд: “Ту наздик шуда, ҳар он чи Худованд Худои мо бигӯяд, бишнав, ва ту ҳар он чиро, ки Худованд Худои мо ба ту бигӯяд, ба мо баён намо, ва мо шунида, ба амал хоҳем овард“ (Такрори Шариат 5:27).

Ман танҳо ноумедии пурраи Мӯсоро тасаввур карда метавонам. Ӯ сарфаҳм намеравад, ки чаро онҳо хоҳиши дар ҳузури Худо буданро эҳсос намекунанд. Ин чӣ гуна имконпазир аст? Мӯсо хавотир шуда бо интизории он, ки аз Худо ҷавобҳо мегирад, ба Худованд рӯй меоварад, аммо суханони Худо шояд Мӯсоро ба ҳайрат гузошта буданд: “Суханони ин қавмро, ки ба ту гуфтанд, шунидам; ҳар он чи онҳо гуфтанд, дуруст аст” (Такрори Шариат 5:28).

Мӯсо дар ҳайрат монд. Эҳтимол, ӯ фикр мекард: “Як дақиқа! Ин хуб аст? Шояд ин дафъа ин бачаҳо воқеан ҳақ бошанд?” Ман тасаввур мекунам, ки ӯ ба Худо тахминан чунин ҷавоб медиҳад: “Чаро онҳо наметавонанд ба ҳузури Ту омада, мисли ман Туро аз наздик шиносанд?” Худо ба ӯ ҷавоб медиҳад, аммо суханони Ӯ дилро мешикананд:

> “Кошки дили онҳо чунин мебуд, ки *аз Ман битарсанд*” (Такрори Шариат 5:29).

Худо алам мекунад. Агар онҳо дар тарси муқаддас роҳ мегаштанд, онҳо метавонистанд ба ҳузури Ӯ омада, муносибати хуниро эҳсос кунанд. Ин, дар навбати худ, ба онҳо қувват мебахшид, то итоаткор бошанд ва ба онҳо ва фарзандонашон неъматҳо меовард. Сипас Худованд ба Мӯсо мефармояд:

> «Рафта, ба онҳо бигӯ: *“ба хаймаҳои худ баргардед*”; ва ту дар ин ҷо *назди Ман* бимон ва Ман ба ту хоҳам гуфт» (Такрори Шариат 5:30, 31).

Ин ҳамзамон ба изтироби рӯҳӣ меоварад ва ҳам рӯҳбаланд мекунад. Дар аввал – дар бораи изтироби рӯҳӣ. Тиратарин соати исроилиён на он вақте буд, ки онҳо гӯсоларо сохтанд ва на ҳангоме ки ҷосусон ҳисоботи бардурӯғро оварданд, ки қавм аз барои он вориди замини ваъдашуда нагардид. Не, соати тиратарини онҳо дигар буд. Худо онҳоро аз Миср (ҷаҳон) берун овард, то онҳоро назди Худ биёрад, то онҳо низ Ӯро, чунон ки Ӯ онҳоро – аз наздик мешинохт, бишиносанд. Вале *аз сабаби набудани тарси муқаддас*, онҳо ин лаҳзаро аз даст доданд. Фоҷиа!

Аз тарафи дигар, ин барои Мӯсо як лаҳзаи ҳаяҷоновар буд, зеро ӯ даъват шуда буд, ки дар бари Худо истода, суханони Ӯро мустақиман аз даҳони Ӯ бишнавад. Ӯ даъват шуда буд, ки Худоро тавассути муносибатҳои шахсӣ бо Ӯ шиносад, он вақте ки одамон ба хаймаҳои худ бармегаштанд.

Зане дар назди ҳавзи шиноварӣ Исои дигарро эълон мекард, қӯринтиён ба Исои дигар хизмат намекарданд, Исроил ба Худои Муттаъоли дигар пайравӣ мекард. Оё шумо намунаеро мебинед? Мо метавонем худое эҷод кунем, онро Исо ногузорӣ кунем ва дар баробари ин Исои воқеиро, ки дар тарафи рости Худо нишастааст, нашиносем. Аз ин ҳам рӯҳафтодатар он аст, ки Исроил ва калисои Қӯринтӣ қудрат ва мӯъҷизаҳои зоҳиршудаи Худовандро дар ҷавоб ба дуоҳои худ эҳсос кардаанд.

Акнун биёед ба гурӯҳи калони одамоне баргардем, ки Исоро дар доварӣ Худованди худ эълон мекунанд, вале сад афсӯс, ки Ӯ ба онҳо ҳамон суханонеро, ки Худо ба Мӯсо дар бораи банӣ Исроил гуфта буд, мешунавад: “Аз Ман дур шавед”. Ба нафъи мо мешавад, агар суханони нубувватии Исоро дар бораи он ки бо онҳо чӣ рӯй медиҳад, бодиққат дида бароем. Тавре ки дар ибтидои ин боб гуфта шуда

буд, ин ба мо имкон медиҳад, ки аҳамияти тарси муқаддасро барои наздикӣ бо Худованд ва Устодамон беҳтар дарк кунем. Мо инро дар боби оянда мекунем.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби муқаддас.** “ Он [Хушхабар] барои шумо наҷот аст, ба шарте ки он чиро, ки ба шумо башорат додаам, қавӣ риоя кунед, вагарна имонатон бар абас аст” (1 Қӯринтиён 15:2, ТНР).

**Маъно.** Ба касе ё ба чизе аз таҳти дил беҳуда бовар кардан мумкин аст.

**Мулоҳиза.** Ман аз куҷо аниқ фаҳмида метавонам, ки ман ба Исои ҳақиқӣ имон дорам, аммо на ба Исои қалбакӣ? Оё ман боварӣ дошта метавонам, ки ман ба Исои ҳақиқӣ имон дорам, зеро воизони ман дар бораи Ӯ таълим медиҳанд? Аммо фикр кунед, магар Ҳорун муаллим ва пешвои қавми Исроил набуд, ки замоне онҳоро ба роҳи нодуруст равон кард? Оё ман метавонам боварии комил дошта бошам, ки ман ба Исои ҳақиқӣ имон дорам, зеро ман Китоби Муқаддасро мехонам? Аммо фикр кунед, ки оё фарисиён низ чунин намекарданд? Чӣ тавр ман фаҳмида метавонам?

**Дуо.** Падар, ба исми Исо ман хоҳиш мекунам, ки ман на танҳо ҳақиқатро бидонам, балки онро дӯст дорам. Ман интихоб мекунам, ки Каломи зиндаи Туро ҳамчун қудрати асосии худ қабул кунам ва ба он итоат кунам, новобаста аз он ки онро мефаҳмам ё не. Бо ин кор ман ваъдаи Туро дорам, ки фирефта нахоҳам шуд. Вақте ки ман Каломи Туро мехонам ва иҷро мекунам, бигзор он маро бихонад, бигзор он ба ман ошкор кунад, ки ман кистам ва Худованди ман Исо кист. Ман инро ба исми Исо мепурсам. Омин.

**Эътироф.** Ман интихоб мекунам, ки ба Каломи Худо бовар кунам, новобаста аз он ки онро мефаҳмам ё не.

Тамоми рӯз Ман дастҳои Худро сӯи қавми саркаше дароз мекардам, ки аз паи фикрҳои худ бо роҳи нодуруст мерафтанд.

– ИШАЪЁ 65:2

# 31| МАН ШУМОРО НАМЕШИНОСАМ

Мо муносибати *наздикро бо Худо* беҳтар мефаҳмем ва қадр хоҳем кард, агар мо баръакси онро дида бароем. Мавзӯи мо дар боби қаблӣ, ба монанди ин, – як доруи талхест, ки фурӯ бурданаш душвор аст. Бо вуҷуди он Аммо, огоҳиҳои Навиштаҳои Муқаддас, ки мо оиди онҳо мегӯем, воқеан тӯҳфаҳои муҳаббат ва муҳофизат аз Падари ғамхори мо мебошанд. Суханоне, ки Исо гуфта буд, дар мо тарси муқаддасеро ҷойгир мекунад, ки моро то охир ба Офарандаи ҳаёт наздик нигоҳ медорад.

Навиштаҳо ба таври возеҳ огоҳ мекунанд, ки дар рӯзҳои охир Инҷиле эълон карда мешавад ва ба таври васеъ паҳн мешавад, ки "наҷоти Худовандии" қалбакиро пешниҳод мекунад. Ба ибораи дигар, ба одамон, муносибат бо Исо бидуни ӯҳдадории бечунучаро итоат кардан ба Каломи Ӯ, пешниҳод карда мешавад. Ин ба тарси муқаддас мухолиф аст ва Исои *тахайюлиро* пешниҳод мекунад, ки аз оне, ки бисёре аз қӯринтиён қабул карда буданд ва Павлус онҳоро барои он мазаммат карда буд, фарқ надорад.

Баъд аз он, ки Павлус ин "имондрони" юнониро барои пайравӣ ба Исои дигар мазаммат кард, ӯ ба ҳолати дилҳои онҳо эътибор медиҳад, ки онҳоро водор мекунад, ба наҷотдиҳандаи бардурӯғ саҷда карданро оғоз кунанд. Ин аст он чизе, ки ӯ менависад: "Бисьёр касоне ки пештар гуноҳ кардаанд ва аз нопокӣ, зино ва фисқу фуҷуре ки ба он айюдор буданд, тавба накардаанд" (2 Қӯринтиён 12:21, ТНР). Онҳо Исоро ҳамчун Худованд эътироф карданд, вале мувофиқи Каломи Ӯ зиндагӣ намекарданд.

Ин дар калисои ибтидоӣ як ҳодисаи нодир буд, аммо дар калисои муосири ғарбии мо васеъ паҳн шудааст. Оқибатҳои ин таълимот

«Худованд» –ро ба як унвон баробар мекунанд, аммо на мавқеъе, ки Ӯ дар ҳаёти одамон дорад. Исо нубувват мекунад:

> «На ҳар касе ки ба Ман: „Худовандо! Худовандо!“ мегӯяд, ба Малакути Осмон дохил хоҳад шуд, балки он касе ки иродаи Падари Маро, ки дар осмон аст, ба ҷо меоварад» (Матто 7:21).

Исо одамонеро эътироф мекунад, ки Ӯро ҳамчун Худованди худ эътироф мекунанд, аммо на онҳоеро, ки Муҳаммадро, Ҷозеф Смитро, Буддоро, Ҳари Кришнаро, Конфутсийро ё дигар пайғамбари козиби замони моро ибодат мекунанд. Аҳамият диҳед, ки дар ин оят калимаи "Худованд" такрор мешавад. Вақте ки калима ё ибора дар Навиштаҳо ду маротиба такрор мешавад, ин тасодуфӣ нест. Муаллиф таъкиди онро зиёд мекунад. Аммо дар ин гуна мавридхо кор на фақат дар пурзӯркунӣ, балки ба шиддатнокии эҳсосот аст. Масалан, вақте ки шоҳ Довуд хабари марги писаршро аз дасти сарбозони Юоб гирифт, ӯ хеле эҳсосотӣ мекунад: "Ва подшоҳ рӯи худро пӯшонида буд, ва подшоҳ *бо овози баланд фарьёд мезад:* Вой писарам Абшолӯм! Вой Абшолӯм писарам, писарам!" (2 Подшоҳон 19:4). Шояд ду бор "писарам" нагуфта бошад хам, вале дарди аз даст додани писаршро чунон сахт ҳис кард, ки муаллиф ин суханашро ду маротиба такрор кардааст.

Ҳамин тавр, Устод ҳиссиёти пурзӯри одамонро нисбат ба Ӯ баён мекунад. Онҳо на танҳо бо таълимот розӣ ҳастанд, ки Исои Масеҳ – Писари Худост; онҳо ба эътиқоди худ бо эҳсосот ҷалб шудаанд ва имони худро гарму ҷӯшон эътироф мекунанд. Мо дар бораи одамоне гап мезанем, ки аз "масеҳӣ" буданашон хушбахтанд, бештар дар бораи онҳое, ки ҳангоми изҳори имони худ, эҳсосот зоҳир мекунанд ва ҳатто ҳангоми хизматгузорӣ гиря мекунанд.

Онҳо на танҳо дар бораи кори Масеҳ ғамхорӣ мекунанд, балки дар хизматгузорӣ ба Ӯ низ ҷалб шудаанд:

> «Ман акнун мебинам, чӣ тавр ҳазорон одамон дар рӯзи охирони доварӣ бо ифтихор сӯи ман шитоб карда, мегӯянд: "Устод, мо паёмро маъвиза кардем, девҳоро рондем, оиди нақшаҳои суперрӯҳонии мо ҳама мегуфтанд"» (Матто 7:22, тарҷума аз англисӣ).

Ман дар ин ҷо Китоби Муқаддасро дар тафсири "The Message"истифода мебарам, зеро он беҳтар мефаҳмонад, ки ин одамон – нозирони бегона нестанд. Онҳо бевосита дар кори калисоҳои худ иштирок мекунанд ё танҳо онҳоро дастгирӣ мекунанд. Онҳо инчунин бо ҷидду ҷаҳд эътиқоди худро ба Инҷил ҳимоя мекунанд –

“Мо Паёмро мавъиза кардем”. Аслан, онҳо дар беҳтар намудани ҳаёти одамон иштирок доштанд.

Ин версияи тафсиршуда калимаи *ҳазорҳо* истифода шудааст, аммо тақрибан дар ҳама тарҷумаҳои дигар калимаи *бисёр* истифода мешавад. Бо забони юнонӣ ин “қутб” буда, маънояш “шумораи зиёд, миқдор, ҷамъ” мебошад ва аксар вақт ин калима дар ифодаи “аксарият” истифода бурда мешавад. Дар ҳар сурат, Исо на дар бораи як гурӯҳи хурди одамон, балки дар бораи аксарияти онҳое, ки ба таълимоти Инҷил боварӣ доранд, сухан меронад. Онҳо Ӯро Худованд меноманд, онҳо бо эҳсосот ҷалб шудаанд, ба паёми Ӯ ҷавоб медиҳанд ва дар хизматгузории масеҳӣ фаъолона иштирок мекунанд. Мо онҳоро ба осонӣ масеҳиёни ҳақиқӣ гуфта метавонистем. Пас омили тақсимкунанда чист? Онҳо аз имондорони ҳақиқӣ чӣ фарқ доранд? Исо ба мо мегӯяд:

> «Он гоҳ дар ҷавоби онҳо хоҳам гуфт: „Ман ҳаргиз шуморо намешинохтам; аз Ман дур шавед, эй *бадкорон*!”» (Матто 7:23).

Ибораи марказӣ – “бадкорон” аст. Боз ҳам, рафтори бадкорӣ ба қудрати Каломи Худо мувофиқат намекунад. Ин мардону занон на *давра ба давра,* гоҳ–гоҳ пешпо мехӯранд; вале чун қоида, ҳар гоҳе, ки барояшон фоиданок бошад, онҳо ба Каломи Худо беэътиноӣ мекунанд, онро сарфи назар мекунанд ва итоат намекунанд – дар онҳо тарси муқаддас вуҷуд надорад.

Қайд мекунем, ки Исо гуфт: “Ман ҳаргиз шуморо *намешинохтам*”. Дар боби қаблӣ мо аллакай таъкид карда будем, ки калимаи *шинохтан* – калимаи юнонии “гиноско” аст, ки бо калимаи ибронии “йада” як маъно дорад: аз наздик шинохтани касе. Онҳо ҳеҷ гоҳ бо Ӯ муносибати ҳақиқии наздик надоштанд. Гарчанде ки онҳо Ӯро Худованд ва Устод меноманд, ин танҳо унвон аст, зеро онҳо ба аҳкоми Ӯ итоат намекунанд. Юҳанно менависад:

> «Мо итминон дошта метавонем, ки Ӯро мешиносем [гиноско], агар аҳкоми Ӯро риоят кунем. Агар касе гӯяд, ки: “Ман Ӯро мешиносам [гиноско]”, аммо аҳкоми Ӯро риоят накунад, вай дурӯғгӯй аст, ва дар вай ростӣ нест» (1 Юҳанно 2:3, 4, ТНР).

Ин бо он чизе, ки Исо гуфт, аҷоиб мувофиқат мекунад: “Шумо метавонед одамонро аз рӯи амалҳояшон шиносед” (Матто 7:20). Амалҳо – ин хизматгузории масеҳӣ, расонидани паём ё ба калисо ташриф овардан нест, зеро онҳое, ки рӯй мегардонанд, дорои ин хислатҳо мегарданд.

Инро мегӯям: бешубҳа, ҳамаи ин хислатҳоро дар имондори ҳақиқӣ хоҳед дарёфт; изофа аз ин, бе онҳо имондори ҳақиқӣ шудан ғайриимкон аст. Аммо мавҷудияти ин сифатҳо маънои онро надорад, ки шахс фарзанди ҳақиқии Худост. Омили муайянкунанда дар он аст, ки оё шахс ба каломи Ӯ итоаткор аст?

Бо ин мавзӯъ Исо Мавъизаи машҳури худро Дар болои кӯҳ ба анҷом мерасонад. Дар хотимаи суханронии аҷиби Худ, Ӯ мегӯяд:

> “Пас, ҳар кӣ ин суханони Маро бишнавад ва онҳоро *ба ҷо оварад*, ӯро ба марди оқиле монанд мекунам, ки хонаи худро бар санг бино кард; Ва борон борида, селобҳо равон шуд, ва бодҳо вазида, ба он хона фишор овард; лекин он фурӯ нарафт, чунки бар санг бино шуда буд. Ва ҳар кӣ ин суханони Маро бишнавад ва онҳоро *ба ҷо наоварад*, ба марди нодоне монанд аст, ки ҳонаи худро бар рег бино кард; Ва борон борида, селобҳо равон шуд, ва бодҳо вазида, ба он хона фишор овард; ва он хона фурӯ рафт, ва харобии он бузург буд” (Матто 7:24–27).

Вақте ки мо ба ин ду гурӯҳ назар мекунем, мебинем, ки ҳамааш ба як фарқияти оддӣ бармеояд. Ӯ ба хулосае меояд, ки ҳарду гурӯҳ суханони Ӯро мешунаванд, вале гурӯҳи аввал онҳоро *ба ҷо меоварад*; гурӯҳи дуюм онҳоро *ба ҷо намеоварад* ва ё метавон гуфт, ки гурӯҳи аввал *назди каломи Худо меларзад* (аз Худо метарсад) ва гурӯҳи дуюм *назди каломи Худо намеларзад* (аз Худо наметарсад).

Исо равшан нишон медиҳад, ки зоҳиран ин ду гурӯҳ ба ҳамдигар хеле монананд. Дар гурӯҳе, ки таҳкурсии қавӣ надоранд, имони онҳо ба таълимоти масеҳӣ, эътирофи гарми онҳо ба Исо ҳамчун Худованд ва хизматгузории фаъоли масеҳии онҳо рамзи тарзи сохтани ҳаёти худ, хонаи худ мебошад. Гурӯҳе, ки таҳкурсии устувор дошт, ҳама хислатҳоро дошт, ба истиснои он, ки онҳо ба гуфтаҳои Ӯ итоат мекарданд, ба монанди он, ки агар ин иродаи худи онҳо бошад. Ҳар ду “хона” аз як мавод, як таълимот сохта шудаанд. Ҳарду дар ибодат ва хизматгузорӣ якхелаанд. Фарқият дар таҳкурсӣ аст – он ноаён аст. Як гурӯҳ дар алоҳидагӣ бо Худо наздикиро эҳсос мекунад, гурӯҳи дигар инро намекунад.

Наздикӣ бо Худо, ба касоне, ваъда шудааст, ки дар тарси муқаддас мегарданд. Дар чанд бобҳои оянда мо ин имтиёзи аҷиберо мебинем, ки ба шумо ва ман пешниҳод шудааст.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “Файз ва осоиштагӣ…бар шумо фаровон бод. Азбаски қуввати илоҳии Ӯ ҳамаи чизҳои барои ҳаёт ва парҳезгорӣ зарурро ба мо бахшидааст… ба мо ваъдаҳои бузург ва гаронбаҳо дода шудааст, то ки шумо ба воситаи онҳо шарики табиати илоҳӣ гардида, аз фасоди шаҳват, ки дар ҷаҳон ҳукмфармост, дур шавед” (2 Петрус 1:2–4).

**Маъно.** Далели он, ки шахс бо Исо дар муносибат қарор дорад, он аст, ки ба ӯ тавонмандие дода шудааст, ки аз қобилияти шахсии Ӯ дар риоя кардани Каломи Ӯ бартарӣ дорад. Ин тавонмандӣ ба таври дигар файзи Худованд номида мешавад.

**Мулоҳиза.** Оё ман кӯшиш мекунам, ки ба суханони Исо бо қувваи шахсии худ итоат кунам ё барои ин ба файз, ваъдаҳо ва табиати илоҳии Ӯ такя мекунам? Чӣ тавр ман метавонам ба қобилиятҳои Ӯ бештар аз қобилиятҳои шахсии худам такя кунам?

**Дуо.** Падар, маро бубахш, ки кӯшиш мекардам, ки ба Каломи Ту, бо қуввати шахсии худ итоат кунам. Аз ҳамин лаҳза ман Исоро Худованди аввалин дар ҳаёти худ эълон мекунам. Ҳар он чизе ки Каломи Ту мегӯяд, – ҳақиқати асосӣ дар ҳаёти ман аст. Ман танҳо ба файзи Ту таваккал хоҳам кард, ки ба ман қувват ва табиати илоҳиро мебахшад, то ки бо роҳҳои Ту қадам занам. Ин роҳест, ки мо дар муоширати зич якҷоя меравем. Ман аз Ту барои даъват, ба ин зиндагии бошукӯҳ хеле миннатдорам. Ба исми Исо. Омин.

**Эътироф.** Ман бо имон ба қобилияти Ӯ қадам хоҳам зад. Ман дигар ба қобилияти худ такя нахоҳам кард, балки бо қудрати Ӯ ҳамкорӣ хоҳам кард.

Мо ҳеҷ гоҳ аз он чизе, ки аз андешаҳои худамон бармеояд, мунаввар ва ҳайрон намешавем. Аммо вақте ки Худо сухан мегӯяд, ҳамеша як унсури ҳайрат ва тарс вуҷуд дорад.

– ҶОЙ ДОУСОН

# 32| СИРРИ ХУДОВАНД

Ду боби охир душвор, пуршиддат ва ҳушьёркунанда буданд. Фаҳмидани он дардовар ва даҳшатовар аст, ки нафарони зиёд интизори шунидани онанд, ки Исо чӣ тавр мегӯяд: “Ба шодии Худованд дохил шавед”, хоҳанд шунид, ки “Аз Ман дур шавед”. Ҳеҷ фиреби бузургтар аз доштани чунин фикре нест, ки шумо дар муносибат бо Худо ҳастед, аммо воқеан дар он набошед. Ин мардону занон ногаҳон ба зуҳури даҳшатноки аблаҳии худ хоҳанд расид, ки аз сабаби он, ба ҷои “бо Ӯ як будан” онҳо “Худоро истифода бурданд”. Ба ҷои он, ки муҳаббати бузургеро эҳсос намоянд, ки дар итоаткорӣ ба Каломи Ӯ зоҳир мегардад, онҳо Каломи Ӯро барои нафъи худ истифода бурданд. Бо муҳаббати бузург, Исо моро аз ин падидаи даҳшатнок огоҳ мекунад, то моро аз ғарк шудан ба ҳолати шахси бепарво ё фиребхӯрда муҳофизат кунад.

Акнун, ки мо бо муаррифии тарафи муқобили наздикиро баррасӣ намудем, биёед бо хушҳолӣ дар бораи зебоии дар наздикии ҳақиқӣ будан бо Офаридгори худ сӯҳбат кунем. Мо аз он шурӯъ мекунем, ки сенарияро дида мебароем, ки баҳри таҳқиқоти мо якчанд бобҳои ояндаро дарбар мегирад.

Дар аввал ба ман иҷозат диҳед, ки ба шумо як савол диҳам: оё дар Салтанат будан мумкин аст (бе шунидани суханони даҳшатноки “аз Ман дур шавед”), аммо бо вуҷуди ин имконияти бо Худо доштани муносибатҳои наздикро аз даст медиҳед? Ҷавоби зуд – ҳа аст. Лекин биёед инро дар Навиштаҳо таҳқиқ мекунем ва сараввал ман яке аз таронаҳои дӯстдоштаи худро қайд мекунам.

> “*Сирри* Худованд – бо тарсгорони Ӯст, ва аҳди Худро ба онҳо маълум мекунад” (Забур 24:14).

Калимаи ибронии сирр – “сод” аст ва маъноаш “ҷамъомад” аст. Дар луғати юнонӣ, он ҳамчунин маънои “махфият” – ро дорад ва дар асоси истилоҳ қарор дорад. Аз ин рӯ, дар асл, забурнавис на дар бораи ягон асрор, балки дар бораи маслиҳати махфии Худо сухан меронад, ё барои мақсадҳои худ мо онҳоро танҳо *сирргҳо* (шакли ҷамъ) меномем. Дар Навишта гуфта шудааст: “Худо сирри Худро ба онҳое, ки аз Ӯ метарсанд маълум мекунад”.

Акнун ба худ савол диҳед: сирри худро бо кӣ мубодила мекунед – бо шиносон ё дӯстони наздик? Ман боварӣ дорам, ки шумо ҷавоб додед: бо дӯстони наздик. Худо низ айнан ҳамин тавр аст; Вай асрори худро ба дӯстони наздикаш нақл мекунад ва дӯстони наздики Ӯ – ин одамоне мебошанд, ки тарси муқаддасро қабул кардаанд. Дар тарҷумаи НСА (English Standart Version) чунин навишта шудааст: “Дӯстии Худованд – бо тарсгорони Ӯст” (тарҷума аз англисӣ).

Худо на ба ҳама – дӯст аст. Биёед ман инро мушаххастар баён кунам: *на ба ҳар касе, ки ба калисо ташриф меоварад, Худо дӯст аст*. Барои васеъ кардани ин фикр, биёед аз Аҳди Қадим оғоз кунем. Дар он ду нафар ҳастанд, ки ҳар яке дӯсти Худо номида шудааст: Иброҳим ва Мӯсо. Оё дигарон ҳастанд? Албатта: Нӯҳ. Дониёл, Эстер. Юсуф, Довуд, Айюб, Ҳанӯх, Ишаъё ва бисёр дигарон, ки бо Худо муошırати зич доштанд. Аммо зиндагии ин ду мард намунаи роҳест, ки ба муносибати дӯстона бо Худованд мебарад.

Биёед аз Иброҳим оғоз кунем. Чаро ӯ дӯсти Худо номида мешавад? Вақте ки ӯ ҳафтоду панҷсола шуд, Худо ваъда дод, ки бузургтарин орзуи дили ӯро иҷро мекунад – ба ӯ писаре медиҳад. Аммо ин дарҳол ба амал наомад. Ӯ бисту панҷ соли дигар интизор шуд, то Соро, зани ӯ, ба таври мӯъҷиза Исҳоқро таваллуд кунад. Оё шумо он миннатдории амиқ ва ширинии беандозаи ин қадар муддати тӯлонии интизории ин рӯйдодро, ба худ тасаввур карда метавонед?

Итминон дорам, ки муносибати падар ва писар сол аз сол мустаҳкамтар мешуд. Боигарии беандозаи Ӯ ба мафтунии Ӯ нисбат ба писараш баробар шуда наметавонист. Ҳеҷ чиз барои Иброҳим бештар маъно надошт, – ҳатто ҳаёти ӯ.

Аммо баъдан рӯзе Худо бе ягон огоҳии пешакӣ ба Иброҳим дар дуо мегӯяд: “Писари худро, ки ягонаи туст, ва ӯро дӯст медорӣ, яъне Исҳоқро бигир; ва ба замини Мӯриё бирав, ва дар он ҷо ӯро бар яке аз кӯҳҳое ки ба ту хоҳам гуфт, барои қурбонии сӯхтанӣ барор” (Ҳастӣ 22:2).

Чӣ?! Куштани азизтарин одам ё нобуд сохтани қимматтарин чиз дар ҳаёти худ, танҳо барои он, ки Худованд кардани ин корро фармуд ва ҳатто сабаби онро нафаҳмонид? Шумо ҷиддӣ ҳастед? Оё шумо

тасаввур карда метавонед, ки Иброҳим ҳангоми шунидани ин суханон то чӣ андоза ҳайратзада буд? Ӯ ҳатто тасаввур карда наметавонист, ки Худо аз ӯ чунин чизеро талаб мекунад. Ӯ аз Иброҳим, аз ҳаёти шахсии ӯ дида, чизи бештареро талаб кард – Ӯ дилашро хоҳиш кард. Дар ин ягон маъно вуҷуд надошт.

Иҷозат диҳед ин нуқтаи муҳимро қайд намоям: *мо* медонем, ки ин озмоиш буд. Дар Навиштаҳои Муқаддас равшан навишта шудааст: “Пас аз чанд вақт Худо Иброҳимро озмуд” (ояти 1 ТНР). Ана дар чист ҷиҳати манфии хондани ривояти таърихие, ки аллакай рӯй додааст: мо хуруҷро медонем, аксари имондорон аллакай дар ин бора шунидаанд ё якчанд маротиба хондаанд. Лекин мо фаромӯш мекунем, ки Иброҳим оиди он намедонист, ки ин озмоиш буд! Мо ҳеҷ гоҳ намефаҳмем, ки Худо моро кай озмоиш мекунад, то он даме, ки мо то охир аз озмоиш нагузарем. Шояд шумо ҳангоми кори контролӣ дар мактаб рӯйбардор кунед, аммо касе дар имтиҳоноти омодакардаи Худо фиреб карда наметавонад. Агар мо вазифаи хонагии худро, барои муқаддас гардонидани дилҳоямон, дар Каломи Ӯ қарор доштан, иҷро накарда бошем, новобаста аз он ки мо чӣ қадар оқил бошем ҳам, дар супоридани имтиҳон мо душворӣ мекашем!

Агар авлоди Иброҳим дар бораи ҳолатҳое, ки Худо онҳоро дар биёбон озмуда буд, медонистанд, онҳо аз имтиҳон гузашта наметавонистанд. Иброҳим чизи дигаре дошт, як чизе, ки насли ӯ надошт: тарси муқаддас. Ман ҷавоби Иброҳимро ба амри бениҳоят душвори Худо, дӯст медорам: “Ва Иброҳим бомдодон бархост” (Ҳастӣ 22:3). Вай дарҳол ба кор шурӯъ кард. Вай чанд рӯзу ҳафта дар бораи ин савол фикр накард; ба рафиқонаш муроҷиат накард, то фикри онҳоро фаҳмад. Амри Худоро сарфи назар накард ва муқовимат накард. Ӯ, Исҳоқ ва ду нафар ғуломбачагонаш субҳи барвақт бархоста, чизҳои худро ҷамъ карда, ба роҳ баромаданд.

Шояд пас аз шунидани садои Худо дар бегоҳии гузашта, амал кардан барои ӯ каме осонтар буд, аммо ӯ чӣ кор карда метавонист, пас аз дувуним рӯз, вақте ки Иброҳим дигар суханеро аз осмон нашунид ва ҳоло ӯ дар рӯ ба рӯи он кӯҳе, ки азизтарин инсонро дар ҳаёташ, ганҷи худро дар ба қурбонӣ меоарад, танҳо барои он, ки Худо ба ӯ фармуд, аммо сабабашро нагуфт?

Иброҳим ба домани кӯҳ наздик мешавад ва аз ғуломбачагонаш хоҳиш мекунад, ки интизор шаванд. Ӯ Исҳоқро ба кӯҳ мегирад ва ҳама вақт эҳсосоти пурташвиш ва ашкҳои худро пинҳон намуда, қурбонгоҳ месозад. Барои анҷом додани ҳама чизе, ки барои овардани қурбонӣ лозим буд, ба ӯ тамоми қувваи ирода ва рӯҳ лозим буд. Лаҳзаи муҳим

фаро мерасад; чунин ба назар мерасад, тамоми умед ба он, ки Худо фикри Худро тағйир медиҳад аз даст рафтааст. Аз ин рӯ, ӯ бо ҳаяҷони зиёд Исҳоқро баста, ба болои ӯ корд мебардорад ва омода буд, ки онро ба дили писараш занад – ва ҳамаи ин барои он, ки Худо хоҳиш кардааст.

Ногаҳон фариштаи Худо пайдо шуда, фарёд мезанад "Дасти худро ба писар дароз накун ва ба ӯ чизе накун; *зеро акнун донистам, ки ту аз Худо метарсӣ* ва писари худро, ки ягонаи туст, аз Ман дареғ надоштӣ" (Ҳастӣ 22: 12).

Фаришта аз куҷо фаҳмид, ки Иброҳим аз Худо метарсад? Барои он, ки *дарҳол* тобеъ шуд, вақте ки *ҳеҷ маъное набуд*, вақте ки *ягон нафъе намедид*, вақте *дарднок буд* ва ӯ инро *пурра* амалӣ кард.

Он гоҳ Иброҳим кордро ба ҷояш мегузорад, Исҳоқро мекушояд, ба чашмони худро мебардорад ва мебинад, ки қӯчқоре бо шохҳояш дар буттае андармон шудааст. Аз даҳони ӯ калимаҳои "Яҳува – йире" мебароянд, ки маъноя ш "Худованд таъмин хоҳад кард" (Ҳастӣ 22:14). Чӣ шуд? Дар он лаҳза Худо ба Иброҳим чунин паҳлӯи хислати Худро ошкор кард, ки қаблан ҳеҷ кас аз он огоҳ набуд. Барои чӣ? Чунки ӯ дӯсти Худо.

Иҷозат диҳед шарҳ диҳам. Ҳамаи шумо хонандагони ин китоб, маро ҳамчун Ҷон Бивер, муаллиф мешиносед. Баъзе аз шумо, ки баромадҳои маро дар конфронсҳо ё калисоҳо шунидаед, маро ҳамчун Ҷон Бивер, сухангӯи ҷамъиятӣ мешиносед. Аммо, Лиза ном зане ҳаст, ки маро ҳамчун Ҷон Бивер, шавҳар, Ҷон Бивер, падар, Ҷон Бивер, бобо, Ҷон Бивер, дӯсти беҳтарин, Ҷон Бивер, дӯстдошта мешиносад ва ман метавонистам идома диҳам. Хеле кам одамон ин паҳлӯҳои шахсияти маро медонанд – танҳо аз ҳама одамони наздиктарини ман. Аммо охиринашро танҳо Лиза медонад.

Иброҳим дар он рӯз дӯсти наздики Худо буд ва дар боби оянда мо раванди ғайриоддии тағйиротро дар муносибати байни ин ду дӯст меомӯзем ва он чиро, ки чӣ гуна мо низ аз чунин муносибатҳо баҳра бурда метавонем.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** "Сирри Худованд бо тарсгорони Ӯст ва аҳди Худро ба онҳо маълум мекунад"(Забур 24:14).

**Маъно.** Худо сирру асрори худро ба дӯстони наздикаш маълум мекунад ва дӯстони наздики Ӯ – ин одамоне мебошанд, ки тарси муқаддасро қабул мекунанд.

**Мулоҳиза**. Маънои дӯст чист? Чӣ тавр дӯстон аз зиндагии якҷоя лаззат мебаранд? Чӣ дӯстиро амиқтар мекунад? Оё ман дӯсти Худо будан мехоҳам? Ба назари ман, Ӯ дар дӯст чиро меҷӯяд? Оё ман барои Ӯ дӯсти хуб будам? Агар не, чӣ бояд тағйир ёбад? Оиди дӯсти бо Ӯ, ман чӣ гуна орзуҳо дорам?

**Дуо.** Худованди азиз, ман мехоҳам яке аз дӯстони наздики Ту бошам. Медонам, ки ин ҳамчунин хоҳиши Ту аст. Вақте ки ман фикр мекунам, ки дӯсти наздик будан чӣ маъно дорад, ман дарк мекунам, ки ман дӯсти бовафои Ту набудам. Лутфан маро бубахш, ки хоҳишҳои Туро дар ҷои аввал нагузоштам ва муносибатҳои моро ҳифз намекардам. Ман файз мехоҳам, то ки абадан дӯсти Ту бошам. Ба исми Исо. Омин.

**Эътироф.** Ман кӯшиш хоҳам кард, ки дӯсти Худо бошам ва чизи дигареро дар ҷои аввал намегузорам.

Тарс аз Худованд ҷонро мунаввар месозад, маккориро нест мекунад, ҳавасро суст мекунад, аз ҷон зулмотро дур мекунад ва онро пок мегардонад. Тарс аз Худо – ин қуллаи ҳикмат аст. Дар ҷое, ки он нест, шумо ягон чизи хубе намеёбед. Касе, ки тарси Худоро надорад, барои афтидани шайтон боз аст.

– СВ.ЕФРЕМ СИРИН

# 33| МАЪЛУМОТИ МАХФӢ

Мо аллакай муҳокима кардем, ки дӯстии байни Худо ва Иброҳим чӣ гуна инкишоф меёфт. Ин намунаи он аст, ки чӣ тавр мо метавонем бо Худо ба чунин муносибатҳот наздик ворид шавем бошем. Аммо пеш аз он, ки ба ин мавзӯъ дахолат кунем, биёед сӯҳбати худро дар бораи Иброҳим идома диҳем. Мо мехонем:

> "Оё падари мо Иброҳим, ки писари худ Исҳоқро ба қурбонгоҳ баровварда буд, дар *натиҷаи аъмоли худ* сафед нашуд? <...> Иброҳим *дӯсти Худо номида* шуд" (Яъқуб 2:21, 23, ТНР).

Ҳавворӣ Яъқуб дар бораи дӯстии онҳо сухан меронад ва тасодуфӣ нест, ки суханони Яъқуб ва фаришта ба ҳам мувофиқанд. Асоси ин дӯстӣ тарси муқаддаси Иброҳим буд ва ин бо итоаткории (амалҳои) фаврӣ ва пурраи ӯ собит шуд. Ҳатто вақте ки ин амр бемаъно буд ва гӯё нафъи аёне надошт ва илова бар ин, иҷрои он дарднок буд, ӯ дар назди Каломи Худо меларзид. Тарси илоҳӣ моро водор месозад, ки он чиро, ки Худо талаб мекунад, ҳам *хоҳиш* дошта бошем ва ҳам *иҷро* кунем. Ӯ дарро барои наздикӣ бо Ӯ, мекушояд.

Рӯзе Худо ба ду фариштае, ки ҳангоми вохӯрӣ бо Иброҳим дар боғи дуби Мамре Ӯро ҳамроҳӣ мекарданд, ин саволро дод: «Оё он чи Ман карданиам, аз Иброҳим пӯшида дорам? (Ҳастӣ 18:17).

Сипас Худованд ба Иброҳим муроҷиат кард, то ниятҳои Худро муҳокима кунад ва ду фаришта ба шаҳрҳои Садӯм ва Амӯро рафтанд. Ман мехоҳам, рӯйдодҳои минбаъдаро баро возеҳият тафсир диҳам, дар асл Худованд гуфт: "Эй Иброҳим, ман ин ду

шаҳрро аз рӯи замин несту нобуд карданӣ ҳастам, зеро гуноҳашон хеле сахт аст. Ту чӣ фикр мекунӣ?”

Оё шумо тасаввур карда метавонед, ки чунин суханонро аз Офаридгор шунавед? Иброҳим ҳайрон шуда ҷавоб медиҳад: “Садӯм?!”

Худованд мегӯяд: “Бале, бале ва Амӯро низ. Дар ин бора ту чӣ фикр дорӣ?” Дар воҳима Иброҳим худ ба худ мегӯяд: *“Фикр кун, Иброҳим, фикр кун. Дар он ҷо ҷияни ман Лут зиндагӣ мекунад, ман бояд барои ӯ ва дигар одамони бегуноҳ тазаррӯъ кунам”.* Ба Иброҳим ба фикре меояд:

> “Наход ки одилро бо шарир маҳв созӣ? Шояд, дар ин шаҳр панҷоҳ одил бошанд? Наход ки онҳоро маҳв созӣ, ва он маконро ба хотири панҷоҳ одиле ки дар он бошанд, амон надиҳӣ? Калло ва ҳошо ба Ту, ки коре мисли ин бикунӣ, ки одилро бо шарир бикушӣ, ва одилу шарир баробар бошанд; калло ва ҳошо ба Ту! Оё Довари тамоми замин аз рӯи адл амал нахоҳад кард?” (Ҳастӣ 18:23–25).

Оё шумо тасаввур карда метавонед, ки Худо вақте ки ҷавоби шахсеро, ки бо аҳд баста буд, шунид, чӣ қадар хурсанд ва шод шуд? Эҳтимоли зиёд, Ӯ ҷавоб дод: “Фирки олиҷаноб! Хуб, Ман ин ду шаҳрро несту нобуд намекунам, агар дар онҳо панҷоҳ нафар одил ёфт шаванд. Ман хеле шодам, ки бо дӯсти худ Иброҳим сӯҳбат кардам”.

Аммо Иброҳимро ин қаноатманд намекунад, – агар дар он ҷо панҷоҳ нафар одил ёфт нашавад чӣ? Ҳамин тавр, ӯ саволро такрор мекунад, аммо шумораро то чилу панҷ кам мекунад.

Худованд ҷавоб медиҳад: “Боз як андешаи олиҷаноб! Хуб, ман ин шаҳрҳоро несту нобуд намесозам, агар дар онҳо чилу панҷ нафар одил бошанд. Ман шодам, ки бо дӯсти худ Иброҳим дар ин бора сӯҳбат кардам”. Иброҳим бознамеистад; вай ин мавзӯъро давом дода, аз чилу панҷ ба чил, баъд то сӣ, баъд то бист ва ниҳоят – то даҳ одил мегузарад. Ӯ худ ба худ фикр мекунад: *“Даҳ нафар бояд ёфт шаванд. Лут, ҷияни ман, як нафар аст, боз нӯҳ нафари дигар мемонанд”*.

Танҳо дӯст метавонад бо Подшоҳ, ки қудрати иҷрои довариро дорад, чунин сухан гӯяд. Аз даҳони ғулом ё одамони тобеъ чунин дархост беэҳтиромӣ менамояд. Худованд ба ҳар як хоҳиш розӣ мешуд ва мо давомашро мехонем: “Ва Худованд, чун гуфтугӯро бо Иброҳим тамом кард, бирафт ва Иброҳим ба макони худ баргашт”(ниг. Ҳастӣ 18:33).

Дар хотир доред, – ки тарс аз Худо, ин дӯст доштани он чизе, ки Ӯ дӯст медорад ва доштани нафрат аз он чизе, ки ӯ нафрат дорад. Рӯзе Худо бо ман дар як рӯзи муайяни баъд аз он, ки ман бо муҳаббат ба як

нафаре, ки бо ман дағал буд муроҷиат кардам, гап зад, то ки суханони шифодиҳанда бигӯяд: “Писарам, вақте, ки ту дар бораи он чизе, ки Ман ғамхорӣ мекунам, ба ҳамон чиз ғамхорӣ мекунӣ – одамон – он гоҳ Ман бо ту нақшаҳои худро муҳокима хоҳам кард”.

Тарси муқаддас воқеан ба мо имкон медиҳад, ки на танҳо Худоро, балки одамонро ҳам бештар ва амиқтар дӯст дорем.

Дар Навиштаҳои Муқаддас навишта шудааст, ки дар Садӯм ва Амӯро “Одамон мехӯрданд, менӯшиданд, мехариданд, мефурӯхтанд, мекоштанд, иморат мекарданд” (Луқо 17:28). Биёед бо забони фаҳмотар бигӯем: “Зиндагӣ зебо аст, иқтисод рушд мекунад, ҳатто агар Худо бошад ҳам, Ӯ ба тарзи зиндагии мо зид нест. Ба несту нобуд гардидани ин шаҳрҳо, аз бисту чор соат камтар монда буд, аммо мардум дар ғофили қарор доштанд. Аммо ин ҳоло, чизи на аз ҳама бадтарин.

Аммо бадтарин чиз дар он аст: Лут, ки Китоби Муқаддас ӯро “одил” меномад (2 Петрус 2:7), дар баробари он дарк намекард, чӣ бояд рӯй диҳад ва аз бехудоён фарқе надошт! Барои аз он ҷо берун овардани ӯ ва оилааш, ду фариштаи муқаддаси шафқат лозим буд, – ҳамааш ба шарофати дуои Иброҳим (Ҳастӣ 19:29).

Барои он, ки ин ҳикоя боз хам муҳимтар шавад, биёед ба он чунин назар меандозем, ки гуё дар замони мо руй дода додааст. Мо *ду одами одил* дорем – ду нафар наҷотёфтагон, масеҳиёни аз нав таваллудшуда. Як *одил* пешакӣ медонад, ки Худо чӣ кор карданӣ аст ва ба Худо кӯмак мекунад, ки чӣ тавр ин корро иҷро кунад. Одили дигар – ба монанди шарир – дар бораи доварии дар пешистода, тасаввуроте надорад. Чаро? Одили аввал аз Худо метарсад, бинобар он, ӯ дӯсти Худо аст, ки дар навбати худ аз асрори Худоро медонад. Одили дуюм аз Худо наметарсад, бинобар ин дӯсти Худо ба ҳисоб намеравад ва аз асрори Ӯро намедонад.

Лутро одил номидаанд, аммо ӯ одами ҷаҳонӣ буд. Вай бо худ имондореро таҷассум менамояд, ки дар вақти ба кунҷе ронда шуданаш, кӯшиш мекунад, пеш аз ҳама ба манфиатҳои худ хизмат кунад, ба монанди калисои қӯринтӣ, ба монанди бисёр одамони Калисои Ғарбии мо. Ин гурӯҳи мардону занони “одил” бо Худо чунин муносибат доранд, ки аз муносибатҳои ман бо президенти Иёлоти Муттаҳида на чандон фарқ мекунанд. Ман метавонам аз қарорҳо ва дастурҳои ӯ баҳра барам, аммо ман асрори ӯ, нақшаҳои ӯ, эҳсосоти шахсии ӯ ё қарорҳои ӯро пеш аз он, ки ӯ онҳоро қабул мекунад, намедонам.

Хислати Лут дар интихоби маконе, ки ӯ дар он ҷо маскан гирифт, чӣ гуна зане, ки ӯ интихоб кард ва фарзандоне, ки аз никоҳи хешутаборӣ

ба вуҷуд омадаанд – мӯобиён ва аммӯниён, дида мешавад. Лут аз ибтидо он чизеро, ки ба назари ӯ беҳтар менамуд, интихоб мекард. Ҳангоми ҷудо шудан,Иброҳим бо розӣ шудан ба он, ки ба самти муқобил меравад, ба ӯ ҳуқуқӣ интихоб пешниҳод намуд, ки дар кадом замин истиқомат мекунад. Дар Навиштаҳо мехонем: "Лут *дуру дароз* ба заминҳои ҳосилхези Ӯрдун *чашм андохт"* (Ҳастӣ 13:10, тарҷума аз англисӣ). Чаро нигоҳи дуру дароз? Ӯ аз бадкории шаҳрҳое, ки дар ин водӣ воқеъ буданд, огоҳ буд. Эҳтимолан, вай кӯшиш мекард, муайян кунад, ки чӣ гуна ӯ метавонад аз афзалиятҳои системаи ҷаҳонӣ истифода барад, аммо ба доми он наафтад. Вай план тартиб дод. Вай тасмим гирифт, ки дар водӣ, дар масофаи аз маркази бадкорӣ бехатар, ӯрдугоҳ бисозад (Ҳастӣ 13:12), аммо фикри ӯ дар бораи созиш натиҷа надод. Дертар ӯ бо оилаи худ, дар назди дарвозаҳои Садӯм қарор гирифт ва ниҳоят маҷбур буд, ки дар он шаҳр маскан гирад.

Вақте ки ба мо тарси муқаддас намерасад, мо ногузир мекӯшем, ки ба ҷаҳон то ҳадди имкон наздик шавем, чӣ қадаре, ки он имкон дорад, вале бидуни пурра вориди он гаштан. Аммо, агар моро ин роҳнамоӣ кунад, пас ин танҳо масъалаи як вақт аст, то ки ҷаҳон моро фурӯ барад. Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки мо ба ин ҷаҳон даъват шудаем, то ба гумшудагон бирасем, на барои он, ки қисми онҳо шавем.

Ҳаёти Лут барои ҳар яки мо огоҳӣ аст. Рӯзи доварӣ метавонист барои Лут мисли дузди шаб, ногаҳон ояд, агар тазаррӯъи Иброҳим намебуд. Зиндагии ҷаҳонии ӯ оқибатҳои даҳшатангез дошт. Тавре ки аллакай гуфта шуда буд, насли Лут хеле нопок буданд. Занаш чунон ба Садӯм дилбаста буд, ки ба фармони фариштагон, оиди он, ки ба қафо нигоҳ накунад, итоат накард ва дар натиҷа адолат ба ҷо оварда шуд – ӯ дар як лаҳза ба сутуни намак табдил ёфт. Исо бо муҳаббат моро огоҳ мекунад: "Зани Лутро ба ёд оваред" (Луқо 17:32).

Акнун савол додан бамаврид аст: Оё ин шарти дӯстӣ, барои он нафароне аз мо, ки фарзанди Худо аст, адолатона аст? Мо ба зудӣ ба ин мавзӯъ бармегардем, аммо аввал биёед як дӯсти дигари Худоро, ки дар Аҳди Қадим ёдрас шудааст, таҳқиқ кунем.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас**. "Ба Худо наздик шавед, ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд. Дастҳои худро бишӯед, эй гуноҳкорон, ва дилҳои худро пок кунед, эй дудилагон" (Яъқуб 4:8).

**Маъно.** Худо нақшаҳояшро бо касоне, ки аз Ӯ метарсанд, маълум мекунад. Ӯ нақшаҳои худро аз онҳое, ки бовафогии онҳо байни Худо ва ҷаҳон тақсим шудааст, пинҳон мекунад.

**Мулоҳиза**. Исо мегӯяд: "Лекин чун Ӯ, яъне Рӯҳи ростӣ ояд, <...> аз воқеоти оянда ба шумо ҳабар хоҳад дод" (Юҳанно 16:13). Ин ба ҳамкории Худо ва Иброҳим, чӣ гуна алоқамандӣ дорад? Оё ман мехоҳам бо Худо чунин муошират дошта бошам, ки Ӯ нақшаҳои худро ба ман маълум кунад?

**Дуо.** Худованди азиз, ман мехоҳам маслиҳати махфии Туро бишнавам. Ман дарк мекунам, ки ман мисли Лут бо ҷаҳон ишқбозӣ кардам. Ман, дар асл аз маслиҳати шахсии Ту дур шудам. Ман аз ин тавба мекунам ва аз Ту хоҳиш мекунам, ки маро бо хуни Худованди ман, Исои Масеҳ комилан пок гардони. Лутфан маро ҳамчун шахсе қабул намо, ки бо ӯ ниятҳои худро мубодила мекунӣ.

**Эътироф.** Ман ба ҷои тамоми ҷаҳон пешаи Худоро интихоб мекунам.

Танҳо вақте ки моро
эҳсосоти беандозаи тарсгорӣ
ва эҳтиром дар ҳузури Худо
фаро мегирад, мо ба Ӯ дар
рӯҳ ва ростӣ ибодат карданро
оғоз мекунем.

– АЛИСТЕР БЕГГ

# 34| РӮ БА РӮ

Акнун биёед ба қаҳрамони дигари Аҳди Қадим назар мекунем, ки дар муносибаташ бо Худо “ёри” номгузорӣ шудааст.

> “Ва Худованд ба Мусо *рӯ ба рӯ* сухан меронд, чунон ки касе бо *ёри* худ сухан меронад” (Хуруҷ 33:11).

Қариб нофаҳмо аст, ки Навиштаҳо ибораи “рӯ ба рӯ”–ро барои тавсифи дӯстии байни Худо ва инсон истифода мебарад. Дар хотир доред, ки ин Худои Муттаъол аст, на ягон касе аз кӯча ё ҳатто на танҳо шахсияти машҳур. Оё шумо қудрати ин тасдиқотро дарк мекунед? Ин ибора дар бораи наздикӣ на як маротиба истифода мешавад; бори дуюм, мо онро вақте ки Худованд ба Ҳорун ва Мириам барои танқиди Мӯсо хашмгин шуда буд, вомехӯрем. Ӯ қатъиян мегӯяд:

> “Ман ягона ба ӯ дар тамоми хонаи Ман боварӣ мекунам. Ман бо ӯ *рӯ ба рӯ* ва ошкоро, ва на бо рамз, сухан меронам! Ӯ Худовандро чӣ хеле, ки Ӯ ҳаст, ҳамон тавр мебинад” (Ададҳо 12:7, 8, тарҷумаи англисӣ).

Аз Худо шунидани суханони “Ман ба ту боварӣ дорам” – ин бузургтарин таърифест, ки шахс метавонад қабул кунад. Ин фаҳмиши боз ҳам амиқи онро медиҳад, ки чунин дӯстӣ бо Худо – таҳкурсии боварӣ аст. Боварӣ ба Худо чиро ташаккул медиҳад?

Итоати бечунучаро – маънои ҳамеша иҷро кардани хоҳишҳои Ӯро дорад.

Ростқавлии мутлақ – маънои онро дорад, ки бояд ҳамеша ба ваъдаи худ вафо кард.

Афзалияти доимӣ – маънои ҳамеша дар ҷои аввал гузоштани хоҳишҳои Ӯро дорад.

Донистани дили Ӯ – маънои онро дорад, ки ҳангоми қабули қарор ҳамеша иродаи Худоро бояд интихоб кард.

Пайдарпайӣ дар ҳар чор нуқта аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Агар дар он ё инаш ягон носозӣ ба амал ояд, зуд ва самимона тавба кардан ба шумо кӯмак мекунад, ки эътиқоди гумшударо баргардонед. Тарси муқаддас ин устувориро дар ҳамаи чор категория таъмин мекунад ва Мӯсо онро дар сатҳи олӣ нишон дод. Дар ин боб мо ба категорияҳои сеюм ва чорум таваҷҷӯҳ мекунем – маҳз донистан ва интихоби доимии қалби Худо.

Дар бораи ҳаёти Мӯсо андешаронӣ кунед – ӯ чиҳил соли аввалро дар айшу сарвати бузург зиндагӣ карда, беҳтарин ғизоро мехӯрд, либосҳои зебо мепӯшид, аз беҳтарин неъматҳои моддӣ баҳра мебурд ва ҳар ҳаваси худро қонеъ мекард. Ӯ дар хонаи боҳашамат зиндагӣ мекард ва дар рӯи замин аз бобояш, Фиръавн дида, каси сарватмандтар ва тавонотар набуд. Аммо, мо мехонем:

> “Ӯ бо қавми Худо уқубат кашиданро *афзал донист* аз он, ки аз гуноҳ ҳаловати муваққатӣ дошта бошад. Ӯ медид, ки дар пеш ӯро чӣ гуна *мокофот* интизор аст, бинобар он хории Масеҳро сарвати бузургтар аз ганҷҳои Миср ҳисоб кард” (Ибриён 11:25, 26, ТНР).

Мӯсо аз ҳама чиз дур шуданро *ихтиёр* кард. Ӯ метавонист дар қаср ба Худо хизмат карданро кӯшиш кунад, аммо дар ҷустуҷӯи *мукофоте* буд, дар Миср буданаш ба ӯ дода наметавонист. Оё ин замини ваъдашуда буд? Вай вуҷуд дошта наметавонист, зеро замине, ки аз ширу асал равон аст, ки дигар ӯ соҳиби он набуд, чӣ дода метавонист?

Барои фаҳмидани он, ки ӯ бештар чиро меҷуст, биёед ба зиндагии ӯ пас аз фирор аз қаср назар андозем. Оё интихоби ӯ, ки ҳама чизро тарк кунад, оқилона буд? Оё шароити зиндагии ӯ аз шароити шоҳзодаи Миср беҳтар буд? Вай идоракунии одамонро тарк кард, то ки чиҳил сол дар биёбон гӯсфандонро бичаронад! Барои чӯпонӣ ин муддати дуру дароз аст! Сипас ӯ раванди хеле шадид ва тӯлонии озод кардани халқи Худоро аз юғи фиръавн, аз сар гузаронид. Агар ин ҳам нокифоя мебуд, минбаъд ӯ дар биёбони беоб қарор мегирад, ки аз озмоишҳои бузург гузашта, дар хайма зиндагӣ мекунад. Одамоне, ки ӯ аз паси худ мебарад, шиквакунанда, хашмгин ва аз роҳбарии ӯ комилан норозианд.

Дар байни ҳамаи инҳо, Худо ба Мӯсо таклифе пешниҳод мекунад, ки дар бисёр чизҳо аксаран ташвишу изтиробро таскин медихад. Ӯ ба Мӯсо амр мекунад, ки мардумро ҷамъ карда, ба замини ваъдашуда барад. Ӯ фариштаи баргузидаеро таъин мекунад, ки онҳоро роҳнамоӣ

мекунад ва ҳамаи қавмҳои душманонаро меронад. Худованд ба Мӯсо хотиррасон мекунад, ки ин замини бой ва ҳосилхез хоҳад буд ва ниҳоят баён мекунад:

> “Аммо Ман бо шумо нахоҳам рафт” (Хуруҷ 33:3, ТНР).

Тавaққуф кунед ва фикр кунед, ки Мӯсо ва қавм ҳар рӯз бо чӣ дучор мешуданд. Онҳо гуногунрангӣ надоштанд – на водиҳои зебо, дарьё, ҷангал, замини ҳосилхез, боғҳои гулу мева ва чарогоҳҳо. Ҳеҷ кас ҳаммоми гарм намекард, дар кати бароҳат намехобид, либоси тару тоза намепӯшид, аз ба мағозаҳо рафтан лаззат намебурд. Рӯйхати хӯроки онҳо бениҳоят маҳдуд буд: на сабзавоти тару тоза, на меваҳо, на моҳӣ, на гӯшти гов, на шириниҳо, танҳо ноне, ки ҳар саҳар дар рӯи замин пайдо мешуд, бе хамираи чормағз, мураббо ва дигар хӯришҳо – ҳеҷ чизи дигар.

Ғуломӣ дар Миср даҳшатнок буд, аммо саргардонӣ дар биёбони беоб низ беҳтар набуд; шароити ҳам он ҷо ва ҳам ин ҷо ниҳоят душвор буд, гарчанде ки гуногун буданд. Аммо, дар биёбон исроилиён умеде пайдо карданд: замини шахсии онҳо – бой, ҳосилхез ва зебо буд. Онҳо ӯро тамоми наслҳо интизор буданд!

Оё шумо тасаввур карда метавонед, ки – шунидани чунин суханони зебо аз ҷониби Худо чӣ гуна аст? Албатта, Мӯсо розӣ мешавад ва аз кӯҳ фаромада, ба тамоми қавми ҷамъомада муждаи бузургро эълон мекунад. Одамон ҷашн мегиранд, ӯро ҳамчун пешвои муаззам таърифу тавсиф мекунанд ва ҳама шоду мамнун, ба сафари деринтизор, ба сӯи сарзамини ваъдашуда равона мешаванд. Аммо, гӯш кунед, ки Мӯсо ба пешниҳоди Худо чӣ гуна ҷавоб медиҳад:

> “Агар Худат наоӣ, моро аз ин ҷо набар” (Хуруҷ 33:15).

Хотиррасон мекунам, ки ин макон дар куҷо буд. Ин ҷои мусибат, стресс ва озмоишҳо буд. Мӯсо ҷавобе дод, ки барои бемаърифат аҷиб ва ҳатто бепарво менамояд. Аслан ӯ гуфт: “Агар ман бояд байни *ҳузури* Ту ва *баракатҳои* Ту интихоб кунам, ман *ҳузури* Туро интихоб мекунам!” Барои чӣ? Шумо метавонед дар бораи касе дар набудани ӯ огоҳ шавед, аммо ба ӯ наздик нашавед. Мӯсо ин мукофотро сахт мехост.

Шумо мепурсед, ки чаро писанди Худо буд, ки Мӯсо аз қабули пешниҳоди Ӯ даст кашад? Мӯсо дили Худоро медонист. Дар ин бора фикр кунед: оё шумо ягон бор ба шахси дӯстдоштаатон имконият дода будед, ки берун равад ва танҳо кори муфид ва лаззатбахш анҷом

диҳад, аммо танҳо барои худ кунад ва инро аз таҳти дил кардед, вале бо тааҷҷуб дар ҷавоб шунидед: “Не, ман бо ту буданро афзалтар медонам ва бе ту аз ин лаззат намебарам”. Чунин ҷавоб – нодир, ҳайратангез ва зеботарин аст.

Мӯсо аз Худо метарсид, бинобар ин он чизе, ки барои Худо муҳим буд, ҳамеша дар ҷои аввал буд; ба ин васила дили Худоро ба даст овард ва аз ин рӯ боварии Ӯро пайдо кард. Одамоне, ки вай роҳбарӣ мекард, дили дигар доштанд. Мо мехонем:

> “Ӯ [Худо] хислати Худро ба Мӯсо, аъмоли Худро ба банӣ – Исроил маълум кард” (Забур 102:7, тарҷума аз англисӣ ).

Чунон, ки дар мисоли Иброҳим, Худо *хислати* Худро ба Мӯсо ошкор кард. Дар тарҷумаи “Хушхабар”–и Китоби Муқаддас навишта шудааст, ки Худо *нақшаҳои* Худро ба Мӯсо ошкор кард. Ба ибораи дигар, Ӯ сирри шахсии худро ба Мӯсо ошкор кард, аммо на ба Исроил.

Имрӯз чанд нафар имондорон Худоро танҳо тавассути ҷавоби дуо мешиносанд? Муносибати онҳо бо Ӯ аз наздикӣ дида, бештар ба аҳднома монанд аст. Онҳо суханони Ӯро медонанд, вале дили Ӯро намедонанд. Навиштаҳо бештар ба назар маҷмӯаи қоидаҳо ва маҷмӯаи ривоятҳои таърихӣ менамояд ё танҳо ҳамчун манбаи илҳом истифода мешавад.

Бадтараш он аст, барои гирифтани иҷозат ба рафтори ғайриқонунӣ, онро фосид мекунанд, ба ҷои он, ки ҳақиқатҳои ҳаётан муҳимеро гиранд, ки дили Ӯро ошкор мекунанд.

Мӯсо ва исроилиён одил буданд, аз Иброҳим ва Лут фарқе надоштанд. Аммо танҳо ба касоне, ки аз Худо метарсиданд, имтиёзи донистани дили Ӯ – хислат, асрор ва нақшаҳои Ӯ дода шудааст. Чаро Худо ба Мӯсо боварӣ кард, аммо ба халқи худ боварӣ намекард? Зеро Худо медонист, ки Мӯсо ҳамеша дили Худоро интихоб хоҳад кард, аммо на он чизе, ки барои ӯ бештар муфид менамуд – ва ҳамин аст тарси муқаддас.

Вақте ки Исроил гӯсоларо сохт, Худо бо ғазаб нидо кард:

> “Ва алҳол Маро бигзор, то ки ғазабам бар онҳо аланга зада, онҳоро маҳв намоям, ва туро қавми бузурге гардонам” (Хуруҷ 32:10).

Боз як пешниҳоди аҷибе садо медиҳад – аз Мӯсо халқи бузурге ба вуҷуд овардан, агар ӯ барои Исроил тазаррӯъ карданро бас кунад. Аҷоиб. Мӯсо чӣ гуна муносибат кард? Бори дигар он чизеро, ки барои Худо беҳтар аст, интихоб кард, на барои худ. Вай боҷуръатона ин

таклифро муҳокима мекунад, ба Худо оиди обрӯи Ӯ дар Миср ва дар пеши назари тамоми ҷаҳон, ба Худо хотиррасон мекунад — дигарон мегӯянд, ки Худо ба халқаш вафодор набуд. Ҳамкорӣ чунон шадид мешавад, ки Мӯсо рӯирост мегӯяд: “Фикратро тағйир деҳ!” (ояти 12). Вақте ки Ӯ ба ғазаб омада буд, вай ҷуръат пайдо кард, ки ба Худо бигӯяд, ки Ӯ ақидаи худро тағйир диҳад! Ин ғайриимкон аст, агар шумо аз Худо натарсед ва аз ин рӯ қалби Ӯро надонед ва ба Ӯ некӣ нахоҳед.

Ана барои чӣ Худо ба Мӯсо боварӣ дошт ва ба мардум боварӣ надошт, гарчанде Ӯ ҳар яки онҳоро наҷот дода бошад ҳам. Ӯ халқро аз ҳукмронии ягонаи Миср бо тавоноӣ наҷот дод, вале дили Худро ба касе маълум намекард. Оё ин шарти дӯстӣ ба фарзандони Худо дар замони Аҳди Ҷадид татбиқшаванда аст? Мо инро дар боби оянда мебинем.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “Ҳама чизро Падарам ба Ман супурдааст <…> ҳеҷ кас Падарро ҷуз Писар ба пуррагӣ намешиносад” (Матто 11:27, тарҷума аз англисӣ).

**Маъно.** Аз Худо шунидани “ман ба ту бовар мекунам” яке аз бузургтарин таърифҳоест, ки одам қабул карда метавонад. Боварӣ – таҳкурсӣ аст, шарти муҳиме барои дӯсти бо Худо аст; он дар касоне вуҷуд дорад, ки аз Худованд метарсанд.

**Мулоҳиза.** Мӯсо аз Худо метарсид, дили Ӯро медонист ва Худо ба ӯ боварӣ дошт. Исо дар тарси Худованд шодӣ мекард, дили Падари Худро медонист ва ҳама чиз ба Ӯ супорида шуда буд. Ин ҷо чӣ иртибот дорад? Вақте ки мо дар тарси муқаддас шодӣ меёбем, чӣ рӯй медиҳад?

**Дуо.** Худованди азиз, ман мехоҳам, ки Ту ба ман боварӣ дошта бошӣ. Илтимос, маро барои он ҳолатҳое бубахш, ки ба Ту итоат накардам, ба ваъдаи худ вафо накардам, хоҳишҳои Туро ва он чиро, ки барои Ту беҳтар аст, аз хоҳишҳои худ боло нагузоштам. Ман интихоб мекунам, ки инро тағйир диҳам ва аз Ту хоҳиш мекунам, ки маро бо тарси муқаддас пур намо, то ба ман қувват бидиҳӣ, ки ин тағйиротро дар ҳаёти худ амалӣ гардонам. Ман ба исми Исо хоҳиш мекунам. Омин.

**Эътироф**. Ман интихоб мекунам, то шахсе бошам, ки ба ӯ Худованди ман Исо боварӣ карда метавонад.

Оё дили мо дар даруни мо намесӯхт, вақте ки Ӯ дар роҳ ба мо сухан меронд ва Навиштаҳоро ба мо мефаҳмонд?

– ЛУҚО 24:32

# 35| ШУМО ДӮСТОНИ МАН ҲАСТЕД

Ҳаёти Иброҳим ва Мӯсо намунаи онанд, ки барои бунёд кардани муносибатҳои дӯстона бо Худо, чӣ зарур аст. Худованд қарор кард, ки дар бораи Мӯсо бигӯяд: “Аз тамоми хонаи Ман танҳо ба ӯ Ман боварӣ дорам” (Ададҳо 12:7, тарҷума аз англисӣ). Дар он насл Худо эълон кард, ки дар байни қавми Ӯ ҳеҷ каси дигаре ёфт нашуд, ки Ӯ метавонад ба ӯ боварӣ кунад. Изҳороти аҷиб!

Оё Исо ин меъёрро тағйир дод? Оё Ӯ бо ҳамаи онҳое, ки ба Ӯ имон оварда буданд, муносибатҳои дӯстона барпо намуд? Дар назари аввал – не, аммо биёед ин саволро аз суханони Юҳанно, ки ӯ дар бораи рӯзҳои аввали хизматгузории Исо навиштааст, оғоз карда, таҳқиқ намоем:

> “Ва ҳангоме ки Исо дар Ерусалим дар иди фисҳ буд, бисьёр касон мӯъҷизотеро, ки Ӯ нишон медод, дида, ба исми Ӯ *имон* оварданд. Лекин Исо ба онҳо *эътимод* накард, зеро ки Ӯ ҳамаро мешинохт” (Юҳанно 2:23, 24, ТНР).

“Эътимод” – як калимаи ҷолиб дар забони юнонӣ аст, ки маънои “ба як андозаи боварии комил ва умед боварӣ доштан – эътимод доштан, имон доштан” мебошад. Ҷолиб аст, ки Исо ба боварии одамон бо боварӣ ҷавоб намедиҳад. Сарфи назар аз он, ки одамон ба як андозаи боварии комил ва умед ба Ӯ боварӣ доштанд, Ӯ ба онҳо бовар намекард. Ӯ медонист, ки бисёр одамон боэътимод набуданд. Ӯ онҳоро дӯст медошт ва ба онҳо хизматгузорӣ мекард, вале бо онҳо муносибатро дар сатҳи дӯстӣ намесохт. Исо (Худое, ки дар ҷисм зоҳир шуд) ба одамоне, ки танҳо ба Ӯ имон овардаанд,

ҳамон бовариеро, ки Худо ба Мӯсо баён карда буд, баён намекард.

Биёед идома медиҳем – ба Таоми шоми махфӣ мегузарем. Аксарияти одамоне, ки дар се соли пештараи хизматгузориаш ба Ӯ имон оварда буданд, боэътимод набуданд; бисёриҳо пинҳонӣ пайравӣ мекарданд ё дурӣ, ё танҳо он вақте ки ба нафъи онҳо бошад. Бисёр шогирдон Ӯро тарк карданд, Яҳудо бошад ба Ӯ хиёнат кард. Оё фаҳмотар шуд, ки чаро Исо ба онҳо боварӣ намекард?

Ҳангоми хӯрокхӯрӣ Исо бо дӯстони наздиктаринаш менишинад. Ӯ бо меҳрубонӣ ва миннатдорӣ мегӯяд: “Шумо ҳамроҳи Ман дар озмоишҳои Ман бо Ман будед” (Луқо 22:28, ТНР). Аслан, онҳо боэътимод буданд. Он бегоҳ Петрус хатои ҷиддӣ мекунад, вале ӯ тавба карда, бо дили аз ин ҳам содиқтар бармегардад ва Исо дар бораи ин медонист.

Яҳудо барои хиёнат кардан рафт ва Исо ба ёздаҳ нафари боқимонда гуфт: “Ман дигар шуморо банда намехонам” (Юҳанно 15:15). Далели он, ки Исо “дигар” мегӯяд, маънои онро дорад, ки замоне буд, ки онҳо ғулом ҳисобида мешуданд. Ин ваҳй нест, ин грамматикаи оддии забон аст. Павлус ин принсипро дар номаи худ шарҳ медиҳад:

> “Ворис, то даме ки кӯдак аст, аз ғулом ҳеҷ фарқ надорад” (Ғалотиён 4:1).

Мо бояд саволе диҳем: чаро Худо моро дар сатҳи банда нигоҳ медорад, вақте ки мо ворисони Салтанати Ӯ ҳастем? Ҷавоб: барои муҳофизат кардани мо! Ӯ намехоҳад, ки тақдири Ҳанониё ва Сафира аз они мо шавад; Ин ба ӯ ягон роҳат намебахшад.

Дар солҳои 1980–ум, мо бо Лиза дар ду хизматгузории байналмилалӣ иштирок кардем; якеашро 450 нафар, дигарашро 150 нафар кормандон ташкил медоданд. Мо мушкилоти роҳбариро дидем, ки аз онҳо қаноатманд набудем ва вақте ки мо хизматгузории худро оғоз кардем ва дар масъалаи он, ки чӣ тавр кормандони худро роҳбарӣ кунем, раққосакро ба самти муқобил тоб додем. Баъзе идеяҳо хуб буданд, дигараш – не. Яке аз принсипҳои амалие, ки мо оғоз кардем, ин буд: “Ман барои ҳар як коргар дӯсти беҳтарин хоҳам шуд”. Эҳтимол, шумо беақлии ин ҳикматро дарк кардед.

Корманди аввалини мо як ҷавон буд, ки ман ӯро Ҷастин меномам. Ман ӯро рафиқи беҳтарини худ кардам; мо якҷоя баскетбол бозӣ мекардем, видео тамошо мекардем, аксар вақт якҷоя хӯроки нисфирӯзӣ ва шом мехӯрдем ва ҳама корҳоеро мекардем, ки дӯстони беҳтарин мекунанд. Дар аввал ҳама чиз хуб мерафт. Аммо, пас аз як сол ман маҷбур шудам, ки ба ӯ танбеҳи хурде диҳам. Вай дар рӯ ба рӯи миз аз ман нишаст ва ман бо нармӣ ба ӯ гуфтам: “Ҷастин, ҳангоми сафарҳо бо ман, ту бояд бо одамоне, ки ба мизи мо бо мавод меоянд

дӯстонатар сӯҳбат куни. Лутфан табассум намо ва бо онҳо сӯҳбат кун, зеро онҳо барои Худо қимматбаҳоянд".

Он чӣ ки дертар рӯй дод, маро дар ҳайрат гузошт. Вай ангушти худро боло карда, маро ба ҳар гуна рафтори нодуруст айбдор кард. Вай ҳама чизҳоеро, ки ман ман нодуруст мекардам номбар кард. Ман фикр кардам: *"Оҳ, наход ман инро кунам?"* Аммо аз байн чанд дақиқа гузашт ва ман дарк кардам, ки ӯ ба ман аз хад зиёд танқидона нигоҳ мекард. Ман таваққуф кардам ва аз Рӯҳулқудс пурсидам, ки чӣ кор кунам. Ӯ оҳиста гуфт: "Ӯро аз хизматгузорӣ дур намо".

Ман ба ӯ иҷозат додам, ки пурра гапашро гӯяд, лекин баъдан гуфтам: "Ҷастин, ман бояд туро аз хизматгузорӣ дур намоям".

Ӯ ба ғазаб омада, дарро кӯфта аз хонаамон давида баромад. Ман дарҳол ашк рехтам, зеро ӯ барои ман азиз буд. Ногаҳон Рӯҳулқудс пичиррос зад: "Ӯ бармегардад ва дучандона содиқ хоҳад буд".

Пас аз се моҳ Ҷастин ба ман занг зада гуфт: "Худо бо ман возеҳ сухан гуфт ва хатоҳои маро нишон дод. Ман занг мезанам, то ки аз ту бахшиш пурсам. Ман тасаввуротро гум кардам, ки Худо ба ман дар ҳаёти ту ва Лиза чӣ гуна ҷой ҷудо кардааст. Ман ба нисбати ҳардуи шумоён, ҳамчун одамони оддӣ – ҳамчун ҳамкасбон, баробарҳуқуқ муносибат мекардам, аммо на ҳамчун ба пешвоён. Ман дар ҳақиқат пушаймонам".

Ман дарҳол ҷавоб додам: "Ҷастин, ман туро мебахшам". Пас аз чанд ибораи муросокунанда аз ӯ пурсидам, ки оё ӯ ба мо, ба кор бармегардад? Ӯ бо хушнудӣ розӣ шуд ва мо дигар дар ин соҳа ягон мушкилие надоштем.

Акнун ман тарзи фикрронии дигар дорам. Ман аз мубодилаи сирри шахсӣ бо ягон корманд худдорӣ мекунам, то боварӣ ҳосил накунам, ки ӯ дар он чизе, ки Ҷастин сарфи назар карда буд, устувор гардидааст.

Ман ин корро на аз он сабаб мекунам, ки аз аъзоёни дастаи мо дур мондан мехохам ва ё нисбат ба онҳо бепарвоӣ зоҳир мекунам; ман ин корро барои муҳофизати онҳо мекунам. Ман намехоҳам, ки онҳо он чиро, ки бо Ҷастин рӯй дод, аз сар гузаронанд. Аммо, вақте ки ман мефаҳмам, ки корманд дар мавқеъҳои мо устувор гардидааст, ман ба ӯ ҳамчун дӯст муносибат мекунам. Баъзе аъзоёни дастаи мо – дӯстони наздиктарини ман мебошанд.

Аслан, Худованд ба мо мегӯяд: "То он даме, ки шумо дар ҳаёти худ дар кӣ будани Ман устувор нашавед ва дар он, ки шумо бо Ман кӣ ҳастед (тарси Худовандро доред), ман маҷбурам шуморо дар сатҳи банда нигоҳ дорам, новобаста аз он, ки шумо ворис – писар ё духтар дар Салтанати Ман мебошед. Ин барои муҳофизати шумост, то ки шумо мисли Ҳанониё ва Сафира маҳкум нашавед".

Исо ба ин одамон мегӯяд:

> “Дигар шуморо банда намехонам, зеро ки банда намедонад оғояш чӣ мекунад; лекин шуморо дӯст хондаам, чунки ҳар чи аз Падар шунидаам, ба шумо баён кардам” (Юҳанно 15:15).

Исо аслан мегӯяд: “То ҳол Ман ба шумо маълумоти махфиро накушодаам – нақшаҳои Худро, дастурҳои махфии худ ё умқи дили Худро ошкор накардаам. Аммо акнун ман метавонам ба шумо *бовар* кунам, чӣ тавре ки ба Мӯсо ва Иброҳим боварӣ доштам”. Ана барои чӣ Исо ба ҳамаи мо мегӯяд:

> “Шумо дӯстони Ман ҳастед, *агар*...” (Юҳанно 15:14).

Мо суруд мехонем, мавъиза мекунем ва дар бораи Исо, ҳамчун дӯсти худ бепарво гап мезанем ва баъзеҳо ҳатто чунон аз ҳадд мегузаранд, ки Ӯро рафиқ меҳисобанд. Аммо, мо кам тасдиққоти Ӯро анҷом медиҳем. Калимаи “агар” маънои шартро дорад; он автоматикӣ нест, ҳатто агар мо ба Ӯ имон дошта бошем. Шарти дӯстӣ чӣ гуна аст?

> “Шумо дӯстони Ман ҳастед, *агар аҳкоми Маро ба ҷо оваред*”.

Ин шарт: *тарси Худованд* – ларзиш назди Каломи Ӯ, ба аҳкоми Ӯ дарҳол ва комилан итоат кардан, ҳатто агар онҳо маъно надошта бошанд ҳам, дар онҳо нафъро намебинед ё он дарднок аст. Чӣ тавре ки Иброҳим ва Мӯсо ба шарофати тарси онҳо назди Ӯ, ба муносибати дӯстона бо Худои Мутаъол даъват шуда буданд, бо мо низ айни замон, ҳамин тавр аст. Вақте ки дил ва иродаи Худованд афзалияти аввалиндараҷаи мо мегардад, он гоҳ Ӯ метавонад ба мо бовар кунад ва моро ба муносибати дӯстона қабул кунад. Дӯсти Офаридгори Олам будан – чӣ шараф, чӣ имтиёз ва чӣ лаззат аст!

Пеш аз он ки ба итмом расонем, иҷозат диҳед ба саволе муроҷиат кунам, ки шояд то ҳол боқӣ мондааст: Оё Исо ба мо аҳком медиҳад? Ҳа, танҳо дар Аҳди Ҷадид зиёда аз панҷсад аҳком ба ҳисоб гирифта мешавад. Аммо, ин он аҳкомҳое нестанд, ки барои наҷот заруранд, зеро он бахшоиши ройгон аст. Эҳтимоли бештар аст, ки онҳо аҳкомҳое ҳастанд, ки Худоро ҷалол медиҳанд ва ба мо қудрат дода шудааст, ки онҳоро тавассути тарси муқаддас риоя кунем. Суханони охирине, ки Исо пеш аз ба осмон сууд кардан гуфта буд, чунинанд: “Пас, биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ,<…> онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро, ки ба шумо фармудам, ба ҷо оваранд” (Матто 28:19, 20).

Бузургтарин фоидаи тарси муқаддас дар он аст, ки он моро ба дӯстӣ бо Исо даъват мекунад. Дар боби оянда мо афзалиятҳои дигари тарси Худоро дида мебароем.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “Шумо дӯстони Ман ҳастед, агар аҳкоми Маро ба ҷо оваред” (Юҳанно 15:14).

**Маъно.** Мо боварии Исоро ба даст намеорем, агар ба Ӯ танҳо имон дошта бошем. Дӯстӣ бо Худовандро касоне ба даст меоранд, ки аз Ӯ метарсанд.

**Мулоҳиза.** Оё дарҳол ва пурра ба Исо итоат кардан меарзад, ҳатто агар ин маъно надошта бошад, ҳатто агар дар ин нафъи шахсӣ набошад, ҳатто агар ин дарднок бошад? Оё дӯстии Ӯ ба он меарзад?

**Дуо.** Худованди азиз, ман бештар аз ҳама мехоҳам, ки яке аз дӯстони наздики Ту бошам. Ман туро аз дур шинохта, аммо ба Ту наздик будан намехоҳам. Ман тарси Худовандро интихоб мекунам, то ки бечунучаро ба Ту итоат кунам, Туро аз таҳти дил, ҷон, ҷисм ва қувват дӯст дорам ва одамонро дар ҳақиқат дӯст дорам, чунон ки Ту инро мекуни. Ман инро ба исми Исо хоҳиш мекунам.Омин.

**Эътироф.** Ман дӯсти Исо шуданро интихоб мекунам! Ҳар чӣ ба ман амр кунад, ман итоат мекунам.

# ФОИДА АЗ

# ГАНҶ

**ҲАФТАИ 6**

Барои пойҳои худ роҳро ҳамвор намо,то ки ҳамаи тариқҳои ту рост бошад.

– МАСАЛҲО 4:26

# 36| ТАСДИҚИ ВАЪДАҲОИ Ӯ

Акнун ба афзалиятҳои зиёди тарси муқаддас муроҷиат мекунем. Мо аллакай баъзеи онҳоро муҳокима кардем, бо назардошти аз ҳама бузурги он — наздикӣ бо Худоро. Биёед донистанро давом медиҳем, “Чӣ қадар фаровон аст меҳрубонии Худованд, ки барои тарсгорони Худ нигоҳ медорад” (ниг. Забур 30:20).

Пеш аз он, ки мо ин саёҳати ҳаяҷонбахшро оғоз кунем, як тасаввуроти нодурустро аз байн бурдан лозим аст. Аксар вақт одамон Навиштаҳоро тавассути нуқтаи назари худ ё таҷрибаи дигарон тафсир мекунанд, ба ҷои он иҷозат додан ба он, ки Навиштаҳо таҷрибаи онҳоро ташаккул диҳанд. Аслан, ваъдаҳои Худо ҳамчун як сенарияи “чӣ қадаре, ки бахт омад кунад” баррасӣ карда мешаванд, ки дар он фикри зерин бартарӣ дорад: *Агар Худо инро барои ман хоҳад, пас аҷиб аст. Аммо агар не, пас Ӯ соҳибихтиёр аст ва ман бояд инро қабул кунам*. Чунин эътиқод нишон медиҳад, ки Худо нисбати фарзандонаш рӯйбинӣ дорад, лекин ин нодуруст аст. Ин ба осонӣ метавонад боиси кинаи пинҳонӣ ва ногуфта аз Худованд гардад.

Воқеъият тамоман дигар аст; аксар вақт мо бояд он чизеро, ки Худо мегӯяд, муҳофизат кунем. Биёед барои тасдиқи ин ҳақиқат, ба Навиштаҳо муроҷиат кунем. Биёед ҳамчун мисол, ваъдаи Китоби Муқаддасро меорем, ки аксари одамон онро ғайриихтиёрӣ мешуморанд. Худо ба Иброҳим гуфт: “Насли ту аз Исҳоқ хонда хоҳад шуд, кадоме, ки ман ба ту ваъда додаам” (Ҳастӣ 21:12). Ин каломи Худо дар баробари дигарон, ки қаблан гуфта шуда буданд, ваъдаи Илоҳиро аён намуд: Иброҳим падари халқ хоҳад буд ва Масеҳи меомада аз насли Исҳоқ хоҳад омад.

Бар асоси ин, биёед бубинем, ки авлоди Исҳоқ чӣ гуна оғоз ёфт ва аз он шурӯъ мекунем, ки Худо духтареро барои ӯ ба занӣ интихоб кардааст. Ғуломи Иброҳим ба ватани оғояш меравад, то ба Исҳоқ арӯс ёбад. Пас аз як сафари тӯлонӣ дар назди чоҳе таваққуф мекунад ва дар бораи аломати бехато аз ҷониби Худо дуо мекунад — духтаре, ки ба даҳ ушутураш об медиҳад, ҳарчанд аз ӯ наметалабад, он ҳамонест, ки Худо "барои бандаи Худ Исҳоқ *ихтиёр кардааст*" (Ҳастӣ 24:14).

Биёед дар ин ҷо таваққуф мекунем, то қайд кунем, ки пас аз сайри тӯлонӣ дар биёбон як шутур метавонад дар давоми понздаҳ дақиқа тақрибан аз сӣ то панҷоҳ галлон (аз яксаду понздаҳ то яксаду навад литр) об бинӯшад. Инро ба даҳ шутур зарб кунед, — ҳамин қадар обро ин духтар мебояд ихтиёрона орад. Дуои ӯ бояд ба таври мӯъҷизавӣ иҷро мешуд, аммо Ривқо хоҳиши ӯро комилан иҷро мекунад! Шубҳае нест, ӯ аз ҷониби Худо барои Исҳоқ ба занӣ интихоб шудааст.

Вақте ки ғулом бо Ривқо ба хона бармегардад, Исҳоқ ва Ривқо издивоҷ мекунанд. Аммо дар роҳи амалигардии ваъда монеъаи калоне вуҷуд дорад — вай нозой аст ва фарзанддор шуда наметавонад! Оё Худо хато кардааст? Оё Ӯ намедонист, ки вай ҳомиладор шуда наметавонад? Чӣ тавр ваъда иҷро мешавад? Чаро Ӯ маҳз вайро интихоб кард? Исҳоқ ва Ривқо бояд чӣ кор кунанд? Оё онҳо бояд интизор шаванд, ки ваъда иҷро шавад ва батни ӯ ба таври мӯъҷизавӣ рӯзе кушода шавад?

Дар ҷустуҷӯи ҷавоб биёед ба Иброҳим муроҷиат кунем, то ки ишораи аввалро гирем. Ӯ марди дуои боҷуръатона аст. Маҳз ӯ буд, ки Худоро даъват кард, ки Ӯ Садӯм ва Амӯраро баҳри даҳ одил ҳифз кунад ва несту нобуд накунад. Мо аз Навиштаҳо медонем, ки ӯ ба писараш низ чунин рафтор намуданро таълим медиҳад (ниг. Ҳастӣ 18:19). Мо оиди ин дониста, мехонем:

> "Исҳоқ пеши Худованд дар ҳаққи зани худ *зорию илтиҷо кард*, чунки вай бенасл буд. Худованд ба *илтиҷои ӯ ҷавоб дод* ва занаш Равқо ҳомила шуд" (Ҳастӣ 25:21, ТНР).

Боз ҳам, агар ин ваъдаи Худо мебуд, ки бешубҳа бе дахолати инсон бояд иҷро мешуд, он гоҳ Ривқо қобилияти таваллуд карданро медошт. Аммо ин тавр нашуд. Барои иҷро шудани ваъдаи Худо аз ҷониби Исҳоқ як амали хеле мушаххас лозим буд. Ӯ бояд *зорию илтиҷо* мекард. Дар луғати ибронӣ гуфта шудааст, ки "маънои асосии ин калима — фарьёд ба Худованд аст". Аз ин рӯ, он на танҳо як дуои оддӣ, балки як дуои оташин буд, — ки тоқати рад шудан надошт. Чунин дуое, ки писанди Худо аст. Ба мо гуфта шудааст:

> “Дуои боисрори шахси одил қуввати бузурге дорад” (Яъқуб 5:16).

Ҳавворӣ Яъқуб мегӯяд, ки дуои пурзӯр — ин дуои ғайратмандона ва дилчасп аст. Ӯ Илёсро мисол меорад, ки барои борон дуо мегуфт. Ба ӯ лозим омад, ки ҳафт бор сарашро дар байни зонуҳояш хам карда, боғайрат дуо хонад ва ҳафт бор ғуломашро фиристад, то бубинад, ки оё дар уфуқ абрҳои боронӣ ҳаст ё не. Имонаш то он даме, ки ваъдаи Худо дар рӯи замин иҷро нашавад, ақибнишинӣ намекард (ниг. 3 Подшоҳон 18:41–45).

Исҳоқ иродаи Худоро медонист ва фарёди дилчасп мезад, ки он дар рӯи замин тасдиқ шавад. Аммо ҳамаи имондорон ҳамин тавр рафтор мекунанд? Ба мо гуфта мешавад:

> “Каломи Ту, эй Худованд, то абад аст; дар осмонҳо *қоим* аст” (Забур 118:89).

Каломи Худо дар осмон устувор аст. Дар ин ҷо замин тасодуфан ёдрас нагардидааст, танҳо осмон. Барои чӣ? Забурнавис мегӯяд: “Осмон осмони Худованд аст, валекин заминро ба банӣ-одам додааст” (Забур 112:24, ТНР). Худованд соҳиби осмон ва замин аст (ниг. 1 Қӯринтиён 10:26), аммо Ӯ заминро ба муддати муайян, ба одамизот ба иҷора додааст.

Дар оғози ҳаёти оилавиамон мо бо Лиза як ҳуҷраро ба иҷора гирифта будем. Ин моли шахсии мо набуд, балки ба он маъно аз они мо буд, ки он хонаи мо буд, ки мо дар он зиндагӣ мекардем. Соҳибони он наомада, назорат намекарданд, ки мо мебелро чӣ гуна ҷо ба ҷо гузоштем, чӣ гуна ороиш додем ва дигар масъалаҳои марбут ба зиндагии мо дар он. Аммо, агар ба мо кӯмак лозим мешуд, соҳибхона онро ба мо мерасонид.

Ин ба он монанд аст, ки Худо соҳибмулки замин аст, вале онро ба одамизот ба иҷора додааст. Ин мефаҳмонад, ки чаро Ӯ ба боғ наомада, меваро аз дасти Одам кашида нагирифт. Ӯ ба одам аз болои замин ҳукмронӣ дод (ниг. Ҳастӣ 1:26–28). Инро фаҳмида, мо бояд бипурсем, ки чӣ тавр Каломи Ӯ дар рӯи замин тасдиқ мегардад? Ба мо гуфта шудааст: “Бо *гувоҳии* ду ё се шоҳид ҳар сухан исбот хоҳад шуд” (2 Қӯринтиён 13:1). Дар Китоби Ишаъёи Набӣ, Худо эълон мекунад:

> “Ончунон каломе ки аз *даҳони Ман* мебарояд, хоҳад буд: вай сӯи Ман бенатиҷа нахоҳад баргашт, балки он чиро, ки Ман хостаам, ба ҷо хоҳад овард, ва ба иҷрои он чи, ки бароящ варо фиристодаам, муваффақ хоҳад шуд” (Ишаъё 55:11).

Ҷолиб он аст, ки дар ҳарду Навиштаҷот ба калимаи *даҳон* таъкид шудааст. Даҳони Худо иродаи дилхоҳи Ӯро мегӯяд, аммо барои онро бо даҳони худ талаффуз карда, бо чунин тарз онро дар замин тасдиқ кардан, одам (ки ба ӯ дар рӯи замин қудрат дода шудааст) лозим буд. Дар асл, мо аз Ӯ хоҳиш мекунем, ки биёяд ва дар рӯи замин кӯмак расонад. Акнун ваъдаи Ӯ дар замин ҳам, чӣ хеле, ки дар осмон аст, устувор мегардад. Ба ибораи дигар, Ӯ иродаи Худро ба "замини барои мо ба иҷора додашуда", бор намекунад, то даме ки мо хоҳиш накунем, ки иродаи Ӯ иҷро шавад.

Худо ба Иброҳим ваъда дод. Шумо ба худ тасаввур карда метавонед, ки чӣ гуна Исҳоқ илтиҷо мекунад: "Худои падарам, Ту ваъда додаӣ, ки аз ман халқе пайдо мешавад ва насли ман баракат хоҳад ёфт. Аз ту хоҳиш мекунам, ки батни занамро боз кун, то ки ӯ фарзанд таваллуд кунад. Омин". Дар натиҷа, иродаи Худо иҷро шуд.

Акнун биёед назар андозем, ба намунаи дигари бузургтарини – Исо.

> "Дар айёми ҳаёти заминии Худ, Исо бо фиғони пурзӯр ва бо ашкрезӣ ба Он касе, ки метавонист Ӯро аз мамот наҷот диҳад дуо мекард ва ба хотири таъзиму такрими Худ *шунида шуд*" (Ибриён 5:7, ТНР).

Дар ин ҷо мо ибораи "бо фиғони пурзӯр ва бо ашкрезӣ" –ро мебинем, ки ин дафъа дар якҷоягӣ бо ибораи "таъзиму такрим" нисбати Худо истифода мешавад. Ана боз як калиди дигар. Он на танҳо имони устувореро талаб мекунад, ки то ваъдаи Худо дар рӯи замин зоҳир шавад, сухан мегӯяд (фарёд мезанад), аммо ҳамчунин тарси Худовандро низ, барои тасдиқи ваъдаҳое, ки Худо ба халқи худ додааст, талаб мекунад. Аҳамият диҳед, ки Худо дуоҳои Исоро "шунид". Дуо кардан як чиз аст, аммо тамоман чизи дигар ин – *шунида шудан* аст. Оё дуоҳое ҳастанд, ки беҷавоб мемонанд? Бешубҳа. Яъқуб дар номаи худ менависад: "Илтимос мекунед ва ба даст намеоваред, чунки баҳри ниятҳои ноодилона илтимос мекунед" (Яъқуб 4:3, ТНР). Боз, мо бояд ба ниятҳои худ нигоҳ кунем, ва тарси Худо – ин маҳз ҳамон чизест, ки ниятҳои моро таҳти назорат нигоҳ медорад.

Вақте ки мо аз Худо метарсем, мо метавонем боҷуръатона дуо гӯем ва иродаи Худо ё ваъдаҳои Худоро дар ин замин эълон кунем ва онҳо чӣ хеле, ки дар осмон аст, иҷро мешаванд. Шояд, маҳз аз ҳамин сабаб аст, ки Павлуси ҳаворӣ дар охири сафари заминии худ менависад: "Баҳри имон далерона талош намо, ҳаёти ҷовидониро нигоҳ дор" (1 Тимотиюс 6:12, ТНР). Ин мубориза аст ва бо имон мо он чизеро, ки ҳаёти ҷовидонӣ ба мо медиҳад, нигоҳ медорем.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “Хоҳиши тарсгорони Худро ба ҷо меоварад ва истиғосаи онҳоро мешунавад, ва онҳоро наҷот медиҳад” (Забур 144:19).

**Маъно**. Аксар вақт одамон Навиштаҳои Муқаддасро тавассути таҷрибаҳои худ ё дигарон тафсир мекунанд, ба ҷои он, ки ба вай имкон диҳанд, ки таҷрибаи шахсии худро ташаккул диҳанд.

**Мулоҳиза.** Оё ман ба эътиқодҳои худ иҷозат додам, ки аз он чизе, ки дар Навиштаҳо гуфта шудааст, аз сабаби таҷрибаи худам ё дигарон дур шаванд? Оё ваъдаҳое ҳастанд, ки дар ҳаёти ман, дар оилаи ман, дар ҷаҳони таъсири ман ҳанӯз иҷро нашудаанд? Оё ман бо зиндагӣ, берун аз ин ваъдаҳои илоҳӣ, қаноатмандам? Оё ман тайёрам, ки барои ваъдаҳо мубориза бурда, барои иҷроиши онҳо дар рӯи замин илтимос кунам?

**Дуо.** Худованди азиз, ба исми Исо, барои танбалии рӯҳонӣ, барои он ки бо ваъдаҳои иҷронашуда қаноатмандам ва барои он чизе, ки Каломи Ту эълон мекунад, мубориза намебарам, маро бубахш. Ман ба таҷрибаҳои гузашта такя кардам, то роҳи худро ташаккул диҳам, ба ҷои он, ки барои таъсиси иродаи Ту мубориза барам. Ман тавба мекунам ва интихоб мекунам, ки бо ҷидду ҷаҳди неки имон мубориза барам ва барои устувор намудани иродаи Ту дар рӯи замин, чуноне, ки дар осмон аст, дуо гӯям. Омин.

**Эътироф.** Ман интихоб мекунам, ки бо ҷидду ҷаҳди неки имон мубориза барам, он чизеро, ки ҳаёти ҷовидонӣ эълон мекунад, нигоҳ дорам, то бубинам, ки иродаи Худо дар ҷаҳони таъсири ман тасдиқ меёбад.

Одамоне, ки аз Худо метарсанд, нотарсона ба рӯи ҳаёт менигарнд. Одамоне, ки аз Худо наметарсанд, оқибат аз ҳама чиз метарсанд.

– РИЧАРД ХАЛВЕРСОН

# 37| ТАРСЕ, КИ ДИГАР ТАРСҲОРО БАРТАРАФ МЕКУНАД

Мо дар ҷаҳони пур аз мушкилот ва тарсу ҳарос зиндагӣ мекунем. Илова бар ин, Исо ба мо мегӯяд, ки вазъият танҳо бадтар мешавад. Тавсифи Ӯ дар бораи он, ки дар пеш моро чӣ интизор аст, ҳушёркунанда аст: "Ва одамон аз тарсу ҳарос ва интизории он мусибатҳое ки ба сари ҷаҳон меояд, аз ҳол хоҳанд рафт, зеро ки кувваҳои афлок мутазалзил хоҳанд шуд" (Луқо 21:26). Тарсҳо ва изтиробҳо, умед, осоиштагӣ ва оромиро аз байн мебарад ва танҳо парешонӣ, вазн дар дил ва азобҳои доимиро боқӣ мемонанд. Панатсея дар чист?

> «Худованд маро ҷиддӣ огоҳ намуд, ки чӣ тавре, ки дигарон фикр мекунанд, фикр накунам. Ӯ гуфт: "Ҳар он чиро, ки ин қавм суиқасд ҳисоб мекунанд, шумо суиқасд ҳисоб накунед; ва аз он чи онҳо метарсанд, натарсед, ва биме надошта бошед. Худованди лашкарҳоро, — танҳо Ӯро, —тақдис намоед, ягона аз Ӯ битарсед, назди Ӯ ларзон бошед. Ӯ шуморо нигоҳ медорад"» (Ишаъё 8:11–14, тарҷума аз англисӣ).

Тарси муқаддас тамоми тарс ва ташвишҳои дигарро нест мекунад, зеро он бо ваъдаи Худо оиди дар бехатарӣ будан асос ёфтааст. Лаҳзае таваққуф кунед ва дар бораи ин ҳақиқат андеша кунед. Тасаввур кунед, ки ба тамоми низомиёни Иёлоти Муттаҳида фармон додаанд,

ки шуморо муҳофизат кунанд. Ҳар як генерал ба ҳамаи афсарони тобеъи худ хабар медиҳад, ки шумо афзалияти аввалиндараҷа ҳастед ва барои нигоҳ доштани бехатарии шумо, тамоми чораҳои имконпазир бояд андешида шаванд. Арсенали мукаммали силоҳҳои муосир даъват шудааст, ки шуморо дар ҳар ҷое, ки набошед ва ба куҷое, ки наравед, муҳофизат намоянд. Тасаввур кардан қариб ғайриимкон аст, аммо чунин ҳолат рӯй диҳад, ман боварӣ дорам, ки шумо худро ором ва дилпур ҳис мекардед. Аммо ин дар муқоиса бо он чизе, ки Худои Мутаъол мефармояд, пажмурда аст: "Ман шуморо нигоҳ медорам". Тааҷҷубовар нест, ки Китоби Муқаддас ба мо мегӯяд:

> "Чӣ қадар фаровон аст меҳрубонии Ту,ки барои тарсгорони Худ нигоҳ доштаӣ ва барои паноҳбарони Худ пеши назари банӣ-одам ба амал овардаӣ! Онҳоро дар паноҳи рӯи Худ аз дасисаҳои мардум пинҳон медорӣ; онҳоро аз муноқишаи забонҳо дар хайма руст мекунӣ" (Забур 30:19, 20).

Ваъдаи некиҳои саховатмандона — дар паноҳгоҳи ҳузури Худо пинҳон будан, аз онҳое, ки ба мо бадӣ мехоҳанд, эмин будан аст, — ин на ба ҳама дода мешавад, балки ба касоне дода мешавад, ки аз Худо *метарсанд*. Дар давоми солҳои зиёд мо бо Лиза ба дурӯғ, тӯҳмат, иттиҳом ва таҳдидҳоро нисбати худ, тоқат мекардем. Ман шӯхиомез ба дӯстонам мегуфтам: "Номи маро ба сатри ҷустуҷӯии Google нагиред; шумораи зиёди мақолаҳо ба шумо хоҳанд афтод, ки маро маҳкум мекунанд." Вале мо хомӯш истодан ва аз худро муҳофизат накарданро қоида қарор додем. Ба ҷои ин, мо ҳама ҳамлаҳоро ба Касе додем, ки метарсем ва шоҳиди муҳофизати доимии Ӯ будем. Ин осон набуд; ҳолатҳое буданд, ки ман аслан кафи дастонамро бо ишораи дуо ба боло мебардоштам, ҳамчун нишонаи он, ки ман ба Худо айбҳо ва таҳдидҳоро мерасонидам. Ман дод мезадам: "Падарҷон, Ман инро ба дасти Ту мегсупорам, лутфан моро ҳифз намо". Ӯ ҳеҷ гоҳ моро ноумед намегардонид.

Мо шоҳиди он будем, ки чӣ тавр тарси муқаддас бисьёр шиносони моро ҳифз кардааст. Чанд сол пеш ман дар зодгоҳам ба 1500 нафар шунавандагон мавъиза мекардам. Дар давоми хизмат бисёриҳо тарси худро ба тарси Худованд иваз карданд. Шоми дигар, вақте ки модару духтаре, ки аз ҷумлаи онҳое буданд, ки ба даъват ҷавоб дода, аз тарс озод шуданд, аз мағоза ба хона баргаштанд, онҳоро се нафар мардҳо, ки бо корду таппонча мусаллаҳ буданд, пешвоз гирифтанд. Онҳо сахт фармон доданд, ки ба хона дароянд. Эҳтимол, онҳо қасди ғорат, таҷовуз ва ҳатто куштани ҳарду занро доштанд.

Баъдтар модар хабар дод: “Агар шоми қаблӣ намебуд, ман аз тарсу ҳарос шах мешудам, аз забон мемондам ва ба талаби онҳо итоат мекардам”. Аммо аз рӯи суханонаш, вай фармони онҳоро дар бораи ворид шудан ба хона сарфи назар кард ва дарҳол бо овози баланд ба дуо гуфтан шурӯъ кард, ки Исо онҳоро наҷот диҳад. “Вақте ки ман ба Худо нидо мекардам, дар ман эътимод, қувват ва осоиштагӣ зиёдтар мешуд”.

Мардон ба ларза даромаданд ва бо қатъият ба ӯ фармон доданд, ки дуоро бас кунад. Дар охир косаи сабрашон лабрез шуд ва бо хашм фарёд заданд: “Бас, дуоро бас кунед!” Онҳо омода набуданд, ки бо чунин занони боэътимодро вохӯранд. Роҳзанон парешон шуданд ва дар ҳоле, ки диққати онҳо ба модар ҷалб буд, духтар тавонист вориди хона шуда, ба ёрӣ даъват кунад. Вақте ки мардҳо ногаҳон фаҳмиданд, ки вай нопадид шудааст, онҳо роҳи гурезро пеш гирифтанд.

Худи ҳамон сол ман дар Хьюстон, иёлоти Техас хизматгузорӣ мекардам, боз як ҷавонзан тарсу ҳароси худро ба тарси муқаддас иваз кард. Як ҳафта пас аз ҷамъомад, вақте ки ӯ аз маркази тиҷоратӣ баромада, ба мошинаш нишаст, дар курсии қафо мардеро пайдо кард, ки дар дасташ корд дошт. Вай сахт фармон дод, ки ба пеш ронад. Аммо ӯ натарсид, балки дарҳол беист ба Исо нидо кардан гирифт. Онҳо чанд соат мерафтанд, мард тамоми ин вақт талаб мекард, ки ӯ хомӯш шавад, аммо ӯ рад мекард. Ниҳоят вай гуфт: “Мошинро боздор!”, вале вақте ки ӯ таваққуф кард, дари қафоро кушода ғайб зад.

Рӯзе подшоҳи Арам ба Элишоъи набӣ хашмгин шуда, лашкарашро аз паи ӯ фиристод. Аввалин шуда хизматгори Элишоъ сарбозон, аспҳо ва аробаҳоро дид. Ӯ сахт тарсид. Элишоъ ба ӯ гуфт: «Натарс, зеро онҳое ки бо моянд, аз онҳое ки бо инҳоянд, бештаранд. Ва Элишоъ дуо хонда, гуфт: “Эй Худованд! Лутфан, чашмони варо бикшо, то ки бубинад”» (4 Подшоҳон 6:16, 17). Худованд чашмони хизматгорро кушод ва ӯ дар кӯҳ аспони фаришта ва аробаҳои оташинро дид.

Исо аксар вақт тӯдаи одамонеро вомехӯрд, ки барои сӯи Ӯ партофтан, сангҳо ҷамъ мекарданд. Боре издиҳом кӯшиш кард, ки Ӯро аз сахра партоянд, аммо ҳар боре, ки ба ҳаёти Ӯ таҳдиде пайдо мешуд, Ӯ танҳо бе осеб дур мешуд (ниг. Луқо 4:29; Юҳанно 8:59, 10:39).

Худо ба шахсе, ки аз Ӯ метарсад, танҳо дар ҳамон ҳолат барои аз ранҷу азобҳо гузаштан иҷозат медиҳад, ки агар онҳо барои ҷалоли Худо аз боло дода шуда бошанд. Аммо, ҳатто дар чунин ҳолатҳо боварӣ ба тарси муқаддас вуҷуд дорад, ки тарси инсониро истисно мекунад. Се ҷавони яҳудиро ба ёд оред, ки ба ҳузури подшоҳи пурқудрати рӯи замин — Набӯкаднесар, подшоҳи Бобил, ҳозир

шуданд. Ӯ як бути азими тиллоӣ сохт ва фармон дод, ки ҳар вақте ки садои мусиқиро шунаванд, ҳама одамон бояд назди он таъзим кунанд.

Се ҷавон аз Худо метарсиданд ва аз ба худ гуноҳ гирифтан ва ба фармони подҳоҳ итоат кардан, даст кашиданд. Онҳоро назди Набӯкаднесари хашмгин оварданд, ки ӯ метавонист дарҳол онҳоро ба қӯраи оташ партояд. Оё ин ҷавонон метарсиданд? Ман ба шумо иҷозат медиҳам, ки ба ин савол худатон ҷавоб диҳед, аммо аввал аҳамият диҳед, ки онҳо ба подшоҳи хашмгин чӣ мегӯянд: “Агар моро ба қӯраи оташ партоянд, Худое, ки Ӯро ибодат менамоем, қодир аст моро аз қӯраи оташи сӯзон бираҳонад, ва аз дасти ту, эй подшоҳ, низ раҳо хоҳад кард. Ва ҳатто агар ин тавр набошад, эй подшоҳ, мо мехоҳем, ки ту бидонӣ, ки мо худоёни туро ибодат нахоҳем кард ва ба ҳайкали тиллоии ту, ки барқарор намудаӣ, саҷда нахоҳем бурд” (Дониёл 3:17, 18, ТНР).

Чӣ эътимод! Онҳо ором ва нотарс монданд, гарчанде ки Навиштаҳо мегӯяд: “Он гоҳ Набукаднесар бар Шадрак, Мешак ва Абднаҷӯ пур аз ғазаб гардид, ва намуди рӯяш дигаргун шуд” (ояти 19, ТНР). Ин бачаҳо аз Худо метарсиданд ва аз ин рӯ медонистанд, ки Ӯ онҳоро бо нархи ҳаёт ё марг наҷот медиҳад. Онҳоро ба танӯр партофтанд, вале онҳо беозор монданд ва ҳатто бӯи дудро ҳис накарданд. Онҳо нотарс монданд, ҳатто агар ба онҳо марг таҳдид кунад ҳам.

Ҳавворӣ Павлус низ, шахсе, ки аз Худо метарсид, чунин муносибат дошт. Вақте ки ба ӯ қатл таҳдид мекард, ӯ изҳор намуд: “балки бо камоли ҷуръат ҳозир ҳам, чунон ки ҳамеша буд, Масеҳ дар ҷисми ман бузургӣ хоҳад ёфт, хоҳ тавассути ҳаёти ман ё мамотам. Барои ман ҳаёт — ин Масеҳ аст, ва мамот — фоида аст” (Филиппиён 1:20, 21, ТНР). Чаро мурдан барои ҷалоли Масеҳ беҳтар аст, ё тавре ки дар тарҷумаҳои дигар навишта шудааст, аз зиндагӣ “хеле беҳтар” аст? Тарс аз Худо, ки ибтидои ҳикмат аст, моро хабардор мекунад ва имкон медиҳад, ки ба ин ва зиндагии минбаъда дуруст нигоҳ кунем. Барои ҳамин Исо мегӯяд: “Ва аз кушандагони ҷисм, ки ба куштани рӯҳ қодир нестанд, натарсед; балки аз Ӯ ҳаросон бошед, ки қодир аст ҳам ҷисм ва ҳам рӯҳро дар дӯзах нобуд кунад” (Матто 10:28).

Солҳои зиёд пеш, вақте ки ман дар сафар будам ва хизматгузорӣ мебурдам, Худо ба ман нисбати тарси ман барои фарзандон, муроҷиат намуд. Ӯ гуфт: “Ҷон, ҳар тарс дар ҳаёти ту танҳо нишон медиҳад, ки ту онро то ҳол зери салиб нагузоштаӣ, ту то ҳол соҳиби ин соҳаи ҳаёти худ ҳастӣ”. Ман ҳамон бегоҳ тавба кардам, писаронамро пурра ба Худо бахшидам ва дигар ҳеҷ гоҳ дар бораи бехатарии онҳо хавотир намешудам. Тарс аз Худо моро водор месозад, ки ҳама чизро ба дасти

Исо супорем. Вақте ки мо инро мекунем, мо дар он чизе зиндагӣ мекунем, ки бисёриҳо орзу мекунанд, аммо ёфта наметавонанд: сулҳ, эътимод ва озодӣ аз тарс.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “Худотарсӣ боиси ҳаёт аст, ва тарсгор дар некӣ сокин аст ва аз ҳар бадӣ эмин аст” (Масалҳо 19:23).

**Маъно**. Ҳар тарси бефоида дар ҳаёти шумо танҳо чизеро ошкор мекунад, ки шумо дар зери пояи салиб нагузоштаед; шумо то ҳол ин соҳаи ҳаётро барои худ нигоҳ медоред.

**Мулоҳиза.** Дар кадом соҳаҳои ҳаёт ман бо тарс мубориза мебарам? Тандурустӣ, молия, издивоҷ, фарзандон, кор, мактаб, тарси радшавӣ, таъқибот барои имон ё қисми дигари ҳаёти ман? Оё ман ин соҳаи ҳаётамро пурра ба Исо супурдам ё он то ҳол ба ман тааллуқ дорад?

**Дуо.** Худованди азиз, маро бубахш, ки ман (он чӣ ки мехоҳед номбар кунед) ба Ту набахшидам. Дар бораи ин фикр карда, ман дарк мекунам, ки ман инро барои худ нигоҳ доштам. Ба худ боварӣ надоштани ман, набудани тарси муқаддасро дар ин соҳаи ҳаёти ман фош кард. Ман тавба мекунам ва (ҳамаи он чизеро, ки ба ин дахл дорад қайд намоед) ҳар як соҳаи ҳаёти худро ба ҳукмронии Исо мебахшам. Омин.

**Эътироф.** Исо — Худованди ман аст. Ман ба Ӯ тамоми соҳаҳои ҳаётамро медиҳам. Бигзор ҳама чиз мувофиқи иродаи Ӯ бошад.

Бачаро бо роҳе ки ба ӯ
мувофиқ аст, тарбият намо;
пир шавад ҳам, аз он
дур намешавад.

– МАСАЛҲО 22:6

# 38| МЕРОС

Боз як бартарии бузурги тарси муқаддас вуҷуд дорад – мероси парҳезгорӣ. Иҷозат диҳед ба шумо якчанд савол диҳам. Вақте ки шумо дар бораи Бенедикт Арнолд фикр мекунед, ба фикри шумо чӣ меояд? “Хоин” – оё ин аввалин фикре, ки ба саратон меояд? Дар бораи Модар Тереза чӣ? Оё шумо дар бораи “миссионерони шафқат» фикр мекунед? Дар бораи Адольф Гитлер чӣ? Оё шумо “диктатори-золимро, ки миллионҳо одамонро куштааст тасаввур мекунед? Дар бораи Алберт Эйнштейн чӣ? Оё шахсе, ки назарияи нисбиятро кашф кардааст, ба фикри шумо меояд?

Фикрҳое, ки ба саратон меоянд, эҳтимол дар бораи мероси ин шахсиятхои маъруф мегӯянд. Аммо гап дар он аст, ки ҳамаи мо мерос эҷод мекунем. Ҳамин тавр, мо бояд ба худ саволе диҳем: оё дар бораи мероси ман хуб ёдоварӣ мекунанд ва ё бо норозигӣ муносибат мекунанд? Аммо саволи муҳимтар дар он аст, ки чӣ тавр мероси мо дар осмон баррасӣ мешавад, – барои бунёди Малакути абадии Худо фоидаовар ё зараровар.

Дар луғати Мериам-Вебстер ба калимаи “мерос” чунин таъриф шудааст: “он чизе, ки ба касе мегузарад ё ин ки аз аҷдодон ё пешгузаштагон қабул карда мешавад”. Чӣ гуна тарси Худо ба насли мо таъсир мерасонад? Аввалан, биёед ба падари имон – Иброҳим бармегардем. Ҳамин ки фаришта дар болои кӯҳ, дасти Иброҳимро, ки бо корд барои забҳи Исҳоқ бардошта буд, боздошт, Худованд ба ӯ гуфт:

> “Туро *бисьёр баракат хоҳам дод* ва насли туро *бағоят афзун* хоҳам кард... ва насли ту шаҳрҳои душманони худро мусаххар хоҳад кард” (Ҳастӣ 22:17).

Ман ин суханонро дар тӯли солҳо мехондам ва фикр мекардам, ки

чаро такрор онҳо мешаванд. Ниҳоят, кунҷковии ман зиёддар гардид ва ман бо ин савол ба рабие муроҷиат кардам, ки ба ман чунин ҷавоб дод: "Дар фаҳмиши яҳудӣ, вақте ки шумо ба ин гуна такрорҳо дучор хоҳед шуд, сухан дар бораи афзуншавӣ меравад... ва азбаски як феъл дар замони ҳозира дода мешавад, вале дигараш – дар замони оянда, вай тасвир мекунад, ки як баракат бар падар Иброҳим аст, аммо Худо ваъда медиҳад, ки ҳамчунин баракатҳо бар насли ӯ низ хоҳанд буд. Ба ибораи дигар, туро баракат дода, Иброҳим, ман баракат додани туро ба василаи фарзандонат давом хоҳам дод".

Тарси муқаддас ба насли мо фоида хоҳад овард: – "онҳо шаҳрҳои душманони худро тасарруф хоҳанд кард". Ин аҷоиб аст ва мо инро дар вақти наздиктарин муҳокима хоҳем кард, вале аввал ба як ҳақиқати дигаре, ки дар шарҳи раби шунида шуд, бояд диққат диҳем. Тарси муқаддас тавассути насли мо моро баракат доданро давом медиҳад ва ин на танҳо дар ин ҳаёт, балки дар абадият низ рост аст.

Ба тақдири мо наслҳои мо, ки ба мо шаъну шараф ва таъсири бузург меофаранд, таъсир мерасонанд, чӣ дарояндаи наздик ва чӣ дар ҳаёти оянда. Барои равшанӣ андохтан, иҷозат диҳед ба шумо як мисол орам. Арчи Мэннинг дар тӯли даҳ мавсим ҳимоятгари ЛМФ дар тими "Ню Орлеан Сейнтс" буд. Тиме, ки ӯ дар он пешвои баҳснашаванда буд, танҳо як маротиба ба сатҳи 500 расида буд, нӯҳ мавсими боқимонда дар бохт буданд. Агар ду писараш Пейтон ва Эли, ки дар маҷмӯъ чор Суперкубок ва Бозии ҳамаи ситораҳои лигаи миллии футболро ба даст оварда, ҳамчун бозингарони арзишманд ҷоизаҳои MVP–ро соҳиб шуда буданд, намебуданд, аксари одамон ӯро намешинохтанд. Ҳоло бисёриҳо Арчиро ба шарофати писаронаш мешиносанд ва аз ин рӯ, ӯ дар олами варзиш ӯ хеле соҳиби эҳтиром ва нуфуз аст.

Дар абадият, бисёр одамон ба воситаи итоаткории насли худ дар бино кардани Салтанат эҳтиром ва нуфузи бештар хоҳанд гирифт. Иброҳим – намунаи аҷоиби он аст; нуфузи ӯро дар абадият насли ӯ, ба монанди Юсуф, Самуил, Довуд, Дониёл, Ишаъё ва албатта, Исо ва инчунин бисёр дигарон мустаҳкам хоҳанд кард. Ва имрӯз мероси ӯ зиндагиро идома дода истодааст. Ин неъмат нисбати ҳар касе, ки аз Худо метарсад, татбиқ карда мешавад; чунин шахс "абадан дар хотир хоҳад монд" ва "эҳтиром нисбати ӯ баланд хоҳад буд" (Забур 111:6, 9, ТНР).

Акнун биёед ба ваъдаи Худо рӯй оварем, ки насли мо ғолибон хоҳанд буд, онҳо "дарвозаҳои душманони худро соҳибӣ хоҳанд кард". Ба ибораи муосир ин чунин садо медиҳад: фарзандони мо аз ҷониби онҳое, ки Худоро хор мекунанд, шикаста нахоҳанд шуд, балки пешвоёни муваффақ ва одамони бонуфуз хоҳанд буд (Такрори Шариат 28:13).

Шояд шумо фикр кунед, ки ин танҳо ба Иброҳим ва насли бевоситаи ӯ дахл дорад. Аммо ба мо гуфта шудааст: “Худо ба василаи Исои Масеҳ ғайрияҳудиёнро бо ҳамон баракатҳое, ки ба Иброҳим дода буд, баракат дод” (Ғалотиён 3:14 тарҷума аз англисӣ). Ин хабари аҷоиб аст!

> “Хушо касе, ки аз Худованд метарсад, аз аҳкоми Ӯ хушнудии бузург мегиранд. Зурёти ӯ дар замин тавоно хоҳанд буд; *насли* росткорон баракат хоҳанд ёфт” (Забур 111:1,2, ТНР).

Калимаи *насл* маънои “муддати тӯлонӣ”–ро дорад ва он ба наслиояндаи мо дахл дорад. Закарё пешгӯӣ карда буд: Ва марҳамати Ӯ насл ба насл барои касонест, ки *аз Ӯ метарсанд;* (Луқо 1:50). На танҳо фарзандони мо бевосита муваффақ хоҳанд шуд, балки ин ваъда тамоми наслҳоро фаро мегирад. Мисоли аҷиби ин, ҳаёти ду нафарест, ки дар ибтидои асри ҳаждаҳ  таваллуд шудаанд.

Аввалин Макс Ҷукс буд. Соли 1874 ҷомеашинос бо номи Ричард Дугдейл ба 13 зиндони музофотии иёлоти Нью–Йорк ташриф овард. Вай шаш нафарро бо чор насаби гуногун пайдо кард, ки хешу табори хунӣ буданд. Ин кунҷковии ӯро ба вуҷуд овард ва водор кард, ки дар бораи аҷдодони онҳо таҳқиқоти амиқ гузаронад. Ҷустуҷӯ ба як муҳоҷири Ҳолландӣ бо номи Макс Ҷукс оварда расонд, ки тақрибан байни солҳои 1720 ва 1740 таваллуд шудааст. Пас аз чанд соли таҳқиқотҳои душвор, Дагдейл 540 насли Ҷуксҳоро муайян кард. Аз ин шумора 76 нафар ҷинояткорони адои ҷазо намуда, 18 –нафар соҳибони фоҳишахона, 120 – нафар танфурӯшон ва беш аз 200 – нафар гирандаи кӯмакҳои иҷтимоӣ будаанд. Хулоса, ин гуноҳҳои наслӣ буданд, ки боиси рафтори харобиовар дар миқёси калон гардида, ба ҳукумат бо қурби имрӯзаи асъор, даҳҳо миллион доллар зарар расониданд.

Акнун биёед ӯро бо Ҷонатан Эдвардс, ки тақрибан дар ҳамон давра таваллуд шудааст, муқоиса кунем. Ӯ тарафдори “таълимоти эҳёи масеҳӣ” буд, муаллифи китобҳои зиёд ва илҳомбахши бисёр одамон барои расонидани Хушхабар ба халқҳо буд. Дар соли 1727 ӯ бо Сара Пйерпойнт издивоҷ кард. Ин ҷуфт дар ҳақиқат аз Худо метарсиданд. Онҳо ҳар шаб пеш аз хоб Китоби Муқаддас мехонанд ва якҷоя дуо мегуфтанд. Онҳо ёздаҳ фарзанд доштанд ва Ҷонатан ҳар рӯз дуо мекард ва барои ҳар яки онҳо баракат мехост. Ӯ мегуфт: “Ҳар як хона бояд як калисои хурд бошад”.

Ҳамаи 1394 насли Ҷонатан ва Сара ба ҳамаи онҳое, ки аз Ӯ метарсанд, ваъдаи Худоро нишон медиҳанд, – ки онҳо *соҳиби дарвозаҳои душманони худ* мешаванд ва *фарзандони онҳо дар ҳама чиз муваффақ хоҳанд шуд*. Дар байни авлоди ӯ – 13 нафар

президентони коллеҷҳо ё донишгоҳҳо, 65 нафар профессорони коллеҷҳо ё донишгоҳҳо, се сенатори Иёлоти Муттаҳида, 30 нафар судя, 100 нафар адвокат, 60 нафар табиб, 75 нафар офисерони артиш ва флот, 100 нафар хизматгузорон ва миссионерон, 60 нафар нависандагони барҷаста ва як ноиби-президенти Иёлоти Муттаҳида – Аарон Берр. Авлоди онҳо ба давлат як цент хам зарар наовард.

Тарсҳое, ман бо онҳо мубориза мебурдам, вақте ки чаҳор писарони мо кӯдакони хурдсол буданд, бо он вобаста буданд, ки шояд зиндагии онҳо барвақт ба охир мерасад ё онҳо аз он, ки падарашон аз барои хизматгузориаш беш аз 200 шабро дар роҳ мегузаронад, ё ин ки ба Худо хашмгин мешаванд, барои он ки маро ба ин даъват кардааст. Як бегоҳ пас аз хизматгузорӣ дар конфронси дур аз хона, ман дарк намудам, ки набудани тарси муқаддас ба ман халал мерасонад, ки масъулиятро барои ҳаёти онҳо, ба Исо супорам. Ман нидо кардам: “Падарҷон, ин чор писар дигар аз они ман нестанд, акнун онҳо ба Исо тааллуқ доранд. Ту метавонӣ бо онҳо ҳар чӣ хоҳӣ бикунӣ, аммо ту, шайтон, ҳеҷ гоҳ ба онҳо даст намерасонӣ!”. Аз ҳамон рӯз сар карда ман ҳеҷ гоҳ аз ҷони онҳо наметарсидам.

Дере нагузашта, Худо ба воситаи Каломи Худ ба ман як ҳақиқати муҳимеро ошкор кард. Финҳос набераи Ҳоруни коҳин буд. Ӯ Худоро ва халқи Исроилро сахт дӯст медошт. Тарси пурқуввати муқаддас ӯро водор мекард, ки он кореро иҷро кунад, ки бисёре аз имондорони дигар метарсиданд, ӯ далерона барои адолат меистод. Ва он гоҳ Худо гуфт: “Инак, ба ӯ бигӯ, ки Ман бо ӯ аҳди осоиштагӣ мебандам. Бо ӯ ва *насли ӯ* аҳди каҳонати абадӣ баста мешавад” (Ададҳо 25:12,13, ТНР). Дар асл, насли ӯ ваъдаи муносибатҳои боз ҳам наздиктарро бо Худо, ба шарофати тарси муқаддаси ӯ гирифтанд. Рӯҳулқудс ба ман нишон дод, ки муҳофизати писарони мо, дар итоаткории боғайратонаи мо бо Лиза ба иродаи Ӯ аст.

Акнун, пас аз солҳо, ҳар яке аз писарони мо дар хизматгузории “Messenger International” камаш 9 сол боз аст, ки кор мекунанд. Ду нафари онҳо китобҳои худро нашр мекунанд, ҳамаи онҳо пешво ҳастанд ва аз ҳама муҳимаш, ҳамаи онҳо дар тарси муқаддаси Худо қадам мезананд. Одамон ҳамеша аз ман мепурсанд, ки мо барои ба воя расонидани мардони худотарс чӣ кор кардем. Рости гап, ин ба хирадмандии мо ягон дахолате надорад, лекин дар бораи хатогиҳои зиёди мо чун падару модарон, ҷилдҳои пурраи китобҳо навиштан мумкин буд. Аммо, он чизе ки мо кардем, дуруст буд ва ин он чизест, ки мо дар сатҳи баланди тарси муқаддас қадам мемондем.

Вақте ки писаронамон дар айёми наврасӣ гумроҳ шуданд,

мо бо Лиза ба Худованд нидо мекардем, ки ваъдаҳои Худро дар писаронамон тасдиқ кунад ва мо дар тарси муқаддас зиндагӣ карданро давом медодем. Мо ҳеҷ гоҳ имонро аз даст намедодем ва шумо низ набояд онро аз даст диҳед. Худо ба шумо, онҳое, ки аз Худованд метарсанд, ваъда медиҳад, ки фарзандони шумо "дар замин тавоно" хоҳанд буд (Забур 111:2,ТНР).

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** "Фарзандонат мисли ниҳолҳои зайтун дар гирди суфраи ту. Инак, марди тарсгори Худованд чунин баракат хоҳад ёфт" (Забур 127:3, 4).

**Маъно.** Вақте ки шумо дар тарси муқаддас ҳастед, чизи муҳиме ба насли шумо мегузарад. Онҳо на танҳо бонуфуз хоҳанд буд, балки шумо ба воситаи онҳо баракатёфта хоҳед монд.

**Мулоҳиза.** Ман ба фарзандони худ (ё фарзандони оянда) чӣ гуна нигоҳ мекунам? Оё ман бораи ояндаи онҳо хавотирам? Оё ман онҳоро пурра ба Худованд Исо бахшидам? Оё ман дар назди онҳо дар тарси муқаддас мегардам? Оё ман мувофиқи рафтори ҳозираи онҳо ё ин ки ваъдаҳои Каломи Худо дарк мекунам, дуо ва сухан мегӯям?

**Дуо.** Худованди азиз, Каломи Ту мегӯяд, ки агар ман дар тарси муқаддас гардам, мероси абадӣ хоҳам гирифт. Ман ба ваъдаи Ту боварӣ дорам, ки фарзандони ман дар рӯи замин тавоно, бонуфуз, муваффақ хоҳанд шуд ва номи Ту ва маро ҷалол хоҳанд дод. Ман ваъда медиҳам, ки минбаъд ҳам барои иҷрои ин ваъдаҳо боҷуръатона дуо хохам кард. Ман инро ба исми Исо хоҳиш мекунам. Омин.

**Эътироф.** Фарзандони ман дар рӯи замин тавоноанд, дар ҳама ҷо муваффақанд ва дарвозаи душманони худро соҳибӣ хоҳанд кард.

Вақте, ки муайян мекунем,
ки ҳикмати ҳақиқии инсон
аз чӣ иборат аст,
муносибтарин калима – он
аст, ки тарси Худоро
равшан баён кунад.

– АВГУСТИН ГИППОНСКИЙ

# 39| АЗ ҲАМА МУҲИМТАРИН

Мавзӯе, ки мо дар ин боб баррасӣ хоҳем кард, чунон васеъ аст, ки танҳо дар бораи он як китоби пурра навиштан мумкин аст. Аммо, агар мо онро як сӯ гузорем, ин паём нопурра хоҳад буд. Аз ин рӯ, ба ин боб ҳамчун муқаддима ба як ҷанбаи муҳими тарси муқаддас муносибат кунед.

Ба ин суханоне, ки аз дили Офаридгори мо меояд бодиққат гӯш диҳед – суханони ҳаёт, сухани ҳақиқат, суханоне, ки ҳифз мекунанд, кадоме, ки аз офтобу моҳу ситорагон бартарӣ хоҳанд дошт, аз замине, ки мо дар он истодаем, боэътимодтар аст:

> “Хушо касе ки ҳикмат пайдо кардааст, ва касе ки ба хирад ноил шудааст <…> ва *ҳеҷ чизи* дилхоҳи ту ба он баробар нест” (Масалҳо 3:13, 15).

Дар ин дунё *ҳеҷ чизе* нест, ки бо ҳикмати Худо баробар шуда тавонад. Ин аҷиб аст – *ҳеҷ чиз*! Ана барои ҳамин, ба мо мегӯянд: “Аз ҳама асосӣ – ҳикмат аст: пас ҳикмат ба даст овар” (Масалҳо 4:7) ва вақте, ки онро меёбӣ, “он туро бо роҳҳои аҷиб хоҳад бурд; ҳама роҳҳояш хуш аст”(Масалҳо 3:17 тарҷума аз англисӣ).

Мо бояд дар ҳар як қарори худ ҳикмати Худоро ҷустуҷӯ кунем. Зеро ба мо гуфта шудааст: “Онро қадрдонӣ намо, ва он туро *баланд хоҳад бардошт*” (Масалҳо 4:8). Чӣ ваъдаи олиҷаноб! Ибораи яҳудии “баланд бардошан” маънои “бардоштан, болобардор кардан, бузург хондан” – ро дорад. Вақте ки Худо баланд мебардорад, ҳеҷ кас ва ҳеҷ ягон шароитҳо паст карда наметавонанд! Аз ин рӯ, ҳикмат – ин роҳ ба сӯи аҳамияти доимӣ аст.

Ҳикматро бояд ёфт; он ниҳон аст, вале ба он ноил гардидан мумкин аст. Вақте ки онро меёбанд, он фоидаи бузург меорад. Онро чӣ тавр бояд ёфт?

> “Тарси Худованд – *ибтидои* ҳикмат аст” (Забур 110:10; Масалҳо 9:10).

Калимаи ибронии “ибтидо” маънои муҳим дорад. Он дар ояти аввали Китоби Муқаддас дида мешавад: “Дар *ибтидо* Худо осмон ва заминро офарид”. Ин калима маънои “нуқтаи оғоз”–ро дорад. Тарси муқаддас – ин *ҷои пайдоиши* ҳикмат аст. Ба худ расми зеринро тасаввур кунед: анбори пур аз ҳикмат, ки ба шумо барои муваффақияти устувор лозим аст. Аммо, танҳо як дар ва як калид ҳаст, ки метавонад онро ба шумо дастрас намояд, – тарси муқаддас. Ишаъё менависад: “Фаровонии <…> ҳикмат ва рӯъё; тарси Худованд *калиди* ин ганҷҳо мебошад” (Ишаъё 33:6, тарҷума аз англисӣ).

Аслан, бе тарси Худованд ҳикмати доимӣ вуҷуд надорад. Тарси муқаддас – сарчашмаи он аст, аммо манфиатҳои он аз ҳадди “нуқтаи ибтидоӣ” мебароянд:

> “Худотарсӣ *чашмаи* ҳаёт аст, ва аз *домҳои* мамот дур мекунад” (Масалҳо 14:27).

Ман мехоҳам ду калимаи калидиро таъкид намоям: *чашма* ва *домҳо*. Калимаи ибронии “*чашма*” дар худ маънои “ҷараён” ё ин ки “чашмаи доимиро” дорад. Зиндагии хуб натиҷаи қарорҳои хуби тасодуфии нест, балки як ҷараёни доимии қарорҳои оқилона аст, ки натиҷаҳои устувор медиҳанд.

Калимаи дуюм, “дом”, ки маънояш “доми шикорчӣ” ё “тӯъмаи ҷалбкунанда” аст. “Фаҳмиши дурусти ин калимаи ибронӣ – тӯъмаи доми шикорӣ ё тӯъмаи ҷалбкунандаи қапқони шикорчӣ аст”. Ҳар як шикорчӣ медонад, ки барои хуб кор кардани доми шикорчӣ он бояд ду ҷузъ дошта бошад. Он бояд тавре пинҳон карда шавад, ки ҳайвон нафаҳмад ин дом аст ва дар он бояд тӯъмаи ҷалбкунандае бошад, то ҳайвонро ба даҳони марговараш кашад. Бо дарки хуби ин калимаҳои асосӣ, биёед порчаи дигареро мебинем, ки ба гуфтаҳои болоӣ равшании бештар меандозад:

> “Худотарсӣ *интизоми* ҳикмат аст” (Масалҳо 15:33).

Ҳақиқатҳои ин ду порчаро якҷоя карда, мо дармеёбем, ки тарси муқаддас – ин сарчашма – ҷараёни доимии – омӯзиши ҳикмати Худост.

Ин як мушовири ҳамеша ҳузурдошта аст, ки на ғанаб мезанад ва на хоб мекунад, балки ба мо таълим медиҳад, ки дар зиндагӣ қарорҳои оқилона қабул кунем.

Инсонияти ба ҳоли худ гузошташуда, аз ҳикмати Худо ҷудошуда, дар тӯли ҳазорсолаҳо собит менамуд, ки мо қарорҳои харобиовар қабул мекунем, дар баробари ин фикр мекунем, ки қарорҳои дуруст қабул мекунем. Чаро ин рӯй медиҳад? Чунки роҳҳои маргу харобӣ ниҳон ва дилфиреб аст, аз доми шикорчӣ фарқе надорад. Он чизе, ки хуб, оқилона, муфид ва гуворо ба назар мерасад, аксар вақт танҳо як тӯъмаи ҷалбкунандаест, ки шуморо ба он чизе ҷалб мекунад, ки оқибаташ нокомӣ, беақлӣ, харобиовар ва ғамангез хоҳад буд. Тарси Худованд моро аз ин рӯз ҳифз мекунад ва *пайваста моро аз ин домҳо дур мекунад*.

Агар шумо ба ҷомеаи муосир назар андозед, шумо мебинед, ки мардону занони аҷиб ва оқил қарорҳое қабул мекунанд, ки боиси марги нафароне мегардад, ки ба онҳо нуфуз доранд. Дар баробари ин, одамони дигар, нисбати аблаҳии онҳо нобино ҳастанд. Навиштаҳо мегӯяд, ки “хаёлоти онҳо ботил, ва дили бефаросаташон тира шуд; худашонро оқил номида, ақли худро гум карданд” (Румиён 1:21, 22). Вақте ки ақл тира мешавад, бинои низ хира мешавад ва ин танҳо масъалаи як вақт аст, ки онҳо ба домҳои пинҳонӣ ва домҳои пур аз тӯъмаи ҷалбкунандаи марг меафтанд.

Бо вуҷуди ин, баръакси он низ дуруст аст. Вақте ки мо тарси муқаддасро ба таври қатъӣ қабул мекунем, мо як мушовири доимӣ ва ҳамеша амалкунандаи ҳикмат дорем, ки ба мо қобилияти қабул кардани қарорҳои баркашидашуда ва дурустро медиҳад. Ҳатто вақте ки мо аз домҳои марговари пинҳонӣ огаҳӣ надорем, ин сарчашма пайваста моро ҳифз мекунад ва намегузорад, ки мо барои худ номаълум ба қапқон афтем.

Биёед ин принсипро тавассути мисоли марде бубинем, ки бо Худо аҳд надошт, аммо бо вуҷуди он аз Ӯ метарсид. Ин подшоҳ Абималик аз Ҷарор буд. Ӯ Соро, зани Иброҳимро ба ҳарами худ гирифт. Дере нагузашта, Худо шабона назди ӯ меояд ва мегӯяд: “Инак, ту мемирӣ аз боиси ин зан, ки гирифтаӣ; зеро ки вай зани шавҳардор аст” (Ҳастӣ 20:3).

Абималик нидо мекунад: «Худоё! <…> Ба соддадилӣ ва покдастии худ ин корро кардам” (оят. 4, 5). Вобаста ба калимаи “Худоё”, ки дар ин ҷо истифода шудааст, гуфта мешавад, ки «дар асл ин калима маънои “Худованди ман”–ро дорад». Тарси ӯ назди Худо, ҳам дар муроҷиаташ ба Ӯ ва ҳам дар ҷавобаш комилан аён аст. Акнун гӯш кунед, ки Худо ба ӯ чӣ мегӯяд:

> “Ман низ медонистам, ки ба соддадилии худ ин корро кардӣ, ва Ман низ *туро нигоҳ доштам, то ки пеши Ман гуноҳкор нашавӣ*; аз ин сабаб нагузоштам, ки ба вай даст бирасонӣ” (Ҳастӣ 20:6).

Тарси Худованд барои ӯ як мушовир буд, ки ӯро аз ба доми марговар афтодан бояд нигоҳ медошт, ки дар бораи он ӯ гумон намекард. Дом дар фиреб ниҳон буд, вақте ки Соро ҳамчун хоҳари Иброҳим ба подшоҳ муаррифӣ шуд, аммо тарси муқаддас ӯро муҳофизат кард. Чӣ гуна шуд, ки ин подшоҳи ғайрияҳудӣ, ки аҳдро бо Худо намедонист ва каломи навиштаи Худоро надошт, аз фикри гирифтани зани каси дигар ба ларза афтод? Мо ҷавобро дар номаҳои Павлус меёбем: “Зеро, ҳар гоҳ халқҳое ки шариат надоранд, табиатан фармудаҳои шариатро ба ҷо меоваранд, онҳо шариат надошта бошанд ҳам, худашон барои худ шариат ҳастанд: рафторашон нишон медиҳад, ки амали шариат дар дилашон навишта шудааст; виҷдон ва афкорашон низ, ки якдигарро гоҳе айбдор ва гоҳе сафед мекунанд, дар ин бобат гувоҳӣ медиҳанд” (Румиён 2:14, 15).

Ғайр аз ин, чаро ин подшоҳи ғайрияҳудӣ, аз фикри он, ки метавонад зани каси дигарро ба худ бигирад, ба ларза меояд, вақте, ки пастори ботаҷриба ё шахсе, ки солҳои зиёд ба Калисо меояд, зани каси дигарро барои зино мегирад ва чунин ҳолатҳоро мо бо мурури замон бештару бештар мебинем? Ин риёзиёти олӣ нест. Гарчанде ки ин пешво ё аъзои Калисо бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ӯ ба Исо тааллуқ дорад, дар ӯ тарси Худо нест. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст:

> “Ва ман дарьёфтам, ки зан аз мамот талхтар аст, ки вай домҳост, ва дилаш – дом, ва дастҳояш – завлонаҳост. Касе, ки дар назари Худо нек аст, аз вай раҳо хоҳад шуд, валекин *гунаҳкор* ба доми вай хоҳад афтод” (Воиз 7:26, ТНР).

Навиштаҳо намегӯянд, ки “*шарирон* ба даст хоҳанд афтод”, аммо *гунаҳкор* – касест, ки аз сабаби набудани тарси муқаддас ба дом намеафтад. Ба осонӣ он касе низ шуда метавонад, ки масеҳиятро эътироф мекунад. Яъқуб ба одамони имондор менависад: “Дастҳои худро бишӯед, эй *гуноҳкорон*, ва дилҳои худро пок кунед, зеро садоқати шумо байни Худо ва ҷаҳон тақсим шудааст” (Яъқуб 4:8, тарҷума аз англисӣ).

Хушхабари васеъ паҳншудаи ғарбии мо ба таври мунтазам тарси Худоро аз дилҳои мо тавассути таълимоти файзи *қалбакӣ* берун мекунад, ки ба мо ғайр аз ҳикмати Худо чизҳои дигареро таълим

медиҳад. Он як манбаи носолими маслиҳатҳои нодурустро эҷод мекунад, ки қувваеро, ки моро аз гуноҳ бозмедорад ва муҳофизат мекунад, аз байн мебарад. Аммо, файзи ҳақиқӣ ба тарси муқаддас мухолифат намекунад.

> “Зеро файзи Худо, ки барои ҳамаи одамон наҷотбахш аст, зоҳир шудааст ва моро таълим медиҳад, ки маъсият ва шаҳавоти дуньёро рад намуда, дар ин дуньё бо исмат, адолат ва парҳезгорӣ зиндагӣ кунем” (Титус 2:11, 12).

Мо файзи ҳақиқии Худоро аз тарси муқаддаси Худо ҷудо карда наметавонем. Онҳо яканд ва ҳарду ба мо *таълим медиҳанд,*– ки моро пайваста аз домҳои марг дур созанд.

Ин эпидемияи рафтори ношоиста дар байни имондороне, ки бо Худо дар аҳд ҳастанд чизи нав нест. Дар тӯли таърихи Исроил ва Калисо мо як тасвирро мебинем, аммо он дар рӯзҳои охир шиддат мегирад, ки Исо оиди онҳо гуфт, ки бо фиреб ба қайд гирфта мешаванд. Аз даст додани тарси муқаддас дилҳо ва рӯҳҳои одамонро ба маслиҳатҳои харобиовар мекушояд, ки танҳо ба назар рост аст, аммо дар асл ба таври ноаён ба гуноҳ ва марг оварда мерасонад.

Дар айни замон дар ҷамъияти мо қувваи вайронкорӣ бо суръати тез паҳн шуда истодааст. Гӯё мо дар болоравии хатти экспоненсиалӣ ҳастем. Агар файзи қалбакии ба таври васеъ қабулшуда, тарси муқаддасро аз дили имондорон берун карданро давом диҳад, масеҳиёни зиёд ба доми фиреби шарорат гирифтор хоҳанд шуд. Ба мо эҳёи тарси муқаддас зарур аст, зеро он моро доимо аз гумроҳӣ муҳофизат мекунад. Ӯ дили моро дар ҳақиқат нигоҳ медорад, ҳатто вақте ки аксари одамон рӯҳафтода мешаванд.

Тарси муқаддасро ҳамчун ганҷи бузурги худ қабул кунед. Онро бо ҷидду ҷаҳд бештар аз миллионҳо долларҳо, гаронбаҳотарин ганҷҳо ё хонаи зеботарин, муҳофизат кунед. Мо ин сарватҳои қиматбаҳоро дар бонкҳо, анборҳо, сейфҳои аз тарафи давлат суғурташуда нигоҳ медорем ва системаҳои сигнализатсия насб мекунем, аммо бузургтарин ганҷи мо –ин тарси Худованд аст. Бинобар ин ба мо навишта шудааст: “Бештар аз ҳар чизи ҳифзталаб дили худро маҳфуз дор, зеро ки зуҳуроти ҳаёт аз он аст” (Масалҳо 4:23).

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “Оё ҳикмат даъват наменамояд? Оё хирад овози худро намебарорад? <…> Зеро касе ки маро ёфта бошад, ҳаётро ёфтааст, ва аз ҷониби Худованд ҳусни таваҷҷӯҳ хоҳад ёфт. Валекин касе ки аз ман дур шавад, ба ҷони худ ҷафо мекунад; ҳамаи онҳое ки аз ман нафрат доранд, мамотро дӯст медоранд” (Масалҳо 8:1, 35, 36).

**Маъно.** Муҳимтарин чизе, ки мо ҳамчун пайравони Масеҳ карда метавонем, – ин ба даст овардани ҳикмат аст. Тарс аз Худованд – сарчашмаи ҳикмат аст, он моро аз домҳои марг муҳофизат мекунад.

**Мулоҳиза.** Оё ман дар рег хат кашидам? Оё ман равшан гуфтам, ки чӣ ғайри қобили қабул аст? Оё ман қарор додам, ки ба ҳикмати ҷомеа, ки хилофи гуфтаҳои Каломи Худост, муроҷиат накунам? Оё ман тайёрам, ки барои имон ба Каломи Ӯ ва итоаткорӣ ба Ӯ, дучори таъқибот шавам? Чӣ тавр ман метавонам роҳе пайдо кунам, ки дар ҷустуҷӯи ҳикмати Исо, дар қарорҳои ҳаррӯзаи худ бештар ҷидду ҷаҳд дошта бошам?

**Дуо.** Падари азиз, ба исми Исо, ман ба ҳикмат ва фаҳмиши Ту муроҷиат мекунам. Аз Ту хоҳиш мекунам, ки чашму гӯшҳои маро кушо, то онҳоро қабул кунам. Ман намехоҳам, ки аблаҳ бошам, дар ҳукмҳои худ доно бошам. Ман қадр мекунам ва ба ҳикмати Худованди худ Исои Масеҳ бештар аз он чизе, ки ин ҷаҳон пешкаш мекунад, такя хоҳам кард. Ман итоаткориро интихоб мекунам, ҳатто агар барои эътиқод ё итоаткорӣ таъқиб шавам. Омин.

**Эътироф.** Ман тасмим гирифтаам, ки дар ҳар як қарори худ ҳикмати Худованди ман Исоро ҷустуҷӯ кунам.

Тарс аз Худо
ба фурӯтанӣ
мувофиқат мекунад

– АВГУСТИН ИППОНИЙСКИЙ

ҲАФТАИ 6 – рӯзи 5

# 40| ҲАЁТИ МУВАФФАҚ

Дар байни ҳикматҳои китоби Масалҳо чизе ҳаст, ки ба ман онҳоро “дугоникҳои қудрат” номидан маъқул аст. Ин ду фазилат даст ба даст, аксар вақт якдигарро дар Навиштаҳо пурра намуда, меоянд. Дар ояти оянда мо оиди онҳо мехонем:

> “*Фурӯтании ҳақиқӣ ва Тарс назди Худо,* ба сарват ва ҷалол ва умри дароз мебаранд” (Масалҳо 22:4 тарҷума аз англисӣ).

Фурӯтании ҳақиқӣ ва тарси муқаддас аз ҳамдигар вобастаанд. Шумо ҳеҷ гоҳ касеро нахоҳед вохӯрд, ки аз Худо метарсад ва ҳамзамон дар ҳақиқат фурӯтан нест ва дар баробари ин чунин шахсеро, ки дар ҳақиқат фурӯтан аст ва аз Худо наметарсад. Калимаи “ҳақиқат” маънои муҳим дорад, зеро шаклҳои гуногуни фурӯтании қалбакӣ мавҷуданд. Мо дар ин бора дар боби оянда муфассалтар сухан меронем.

Биёед кӯтоҳ се ваъдаи номбаршуда назар андозем: сарват, шараф ва умри дароз. Калимаи ибронии сарват – “озер” – маънои “сарват, фаровониро дорад. Он ҳама намудҳои сарватро тавсиф мекунад – аз ҷумла замин, молу мулк, чорво ва насл” Маънои он равшан аст ва ин ягона ваъда оид ба тарси муқаддас нест. Забурнавис инчунин менависад:

> “Хушо касе ки аз Худованд метарсад; ба аҳкоми Ӯ бисьёр шавқ дорад.<…> *Фаровонӣ ва сарват* дар хонаи ӯст, ва адолати ӯ то абад қоим аст” (Забур 111:1, 3, ТНР).

Ин ҷо ҳамон калимаи ибронии “озер” аст, ки маънояш “фаровонӣ ва сарват” аст. Он ихтилофи эҳтимолиро ба миён меорад. Баъзеҳо соҳиби сарват ва ободӣ буданро, ҳамчун ба чизе, ки хилофи парҳезгорӣ буда нигоҳ мекунанд. Аммо, агар мо ба хотири анъанаҳои

худ ҳақиқатҳои равшани Навиштаҳоро аз назар дур кунем, оё ин нишонаи ғурур нест, ки бешубҳа пурра ба тарси муқаддас комилан мухолиф аст?

Ба ман лозим омад, ки чандин сол пеш бо ин рӯ ба рӯ шавам. Дар солҳои аввали хизматгузорӣ, мо бо Лиза шоҳиди он будем, ки хизматгузорон башорати пешравиро таълим медоданд, ки бисёриҳоро ба он водор месохт, ки аз паи айшу ишратҳои вайроншуда даванд. Самараи ин зиёновар буд ва бисёриҳоро ба тамаъ, яъне бутпарастӣ овард. Шумораи зиёди одамон аз имони ҳақиқӣ дур шуда, ғаму андӯҳҳои гуногунро ба сари худ овардаанд. Ин талафотро дида, мо бо он ба онҳо ҷавоб додем, ки раққосакро ба самти муқобил ҷунбонидем. Мо ба ҳар таълимоте, ки дар бораи сарват, ободӣ ва пешравӣ қайд карда мешуд, беэътиноӣ кардем. Дар ниҳоят, Рӯҳулқудс кмбудии моро ислоҳ кард. Ба мо лозим омад, ки бо он ҳақиқате рӯ ба рӯ шавем, ки шахсе, ки дар ҳақиқат аз Худо метарсад, бо сарват дуруст муносибат мекунад ва ба доми тамаъ намеафтад.

Мақсади сарват ва фаровонӣ чист? Онҳо ҳамчун воситаи баракати дигарон хизмат мекунанд. Дар лаҳзаи навиштани ин китоб, мо дар хизматгузории худ мо 53 миллион захираҳои моддии – китобҳо ва курсҳои омӯзишии – байни пасторон ва пешвоёни 130 кишвари ҷаҳон ба 118 забон, паҳн кардем. Мо инчунин барномаеро таҳти унвони MessengerX эҷод кардем ва ба он маводҳои таълимиро ба 122 забон ворид кардем, ки барои зеркашӣ дар 230 кишвари ҷаҳон дастрас аст ва барои истифодаи он маблағ наситонидем. Арзиши ин лоиҳаҳо даҳҳо миллион долларро ташкил медиҳад.

Чӣ мешавад, агар мардон ва заноне, ки ин лоиҳаҳоро дастгирӣ мекунанд, чунин меҳисобиданд, ки парҳезгорӣ ин синоними камбизоатӣ ё қашшоқӣ аст? Агар ин тавр мебуд, мо имони миллионҳо одамонеро, ки онҳоро тавонистем дастрас намоем, мустаҳкам карда наметавонистем.

Байни хасисӣ ва соҳиби сарват будан, баҳри таъсир расонидан ба ҳаёти одамон, фарқияти калон вуҷуд дорад. Одамоне, ки аз Худо самимона метарсанд, ин фарқиятро медонанд ва ба он пайравӣ мекунанд. Дар Аҳди Ҷадид пас аз маслуб шудани Исо мо мехонем:

> “Ва чун шом шуд, Юсуф ном *давлатманде*, ки аз аҳли Ҳаромот ба ҷои қатл омад. Ӯ низ аз *шогирдони Исо* буд. Юсуф назди Пилотус рафта, ҷасади Исоро талаб кард” (Матто 27:57, 58, ТНР).

Юсуф сарватманд буд ва Навиштаҳо ӯро шогирди Исо номидаанд. Аммо, тааҷҷубовар ин аст, ки аксари пайравони Исо гурехта пинҳон

шуданд. Бо вуҷуди ин, ин марди сарватманд ҷасорате дошт, ки аз тарси муқаддаси ӯ ҷорӣ мешуд, то ки ба таҳдидҳои пешвоёни яҳудӣ ва қудрати Рум аҳамият надода, ба Пилотус наздик шавад ва Ҷасади Исоро талаб кунад. Чӣ марди шуҷоъ!

Лутфан маро нодуруст нафаҳмед. Агар шахс камбағал бошад, оё ин маънои онро дорад, ки ӯ тарси Худоро надорад? Умуман не! Дар Навиштаҳо – мардону занони зиёде ҳастанд, ки соҳиби неъматҳои моддӣ набуданд. Оё аз ин парҳезгории онҳо камтар мешуд? Умуман не! Боигарии ҳақиқӣ на бо пулу мол, балки бо қобилияти ба дигарон кӯмак кардани мо чен карда мешавад. Ана ин ваъдаи мост:

> “Аз Худованд тарсед, эй муқаддасони Ӯ, зеро ки тарсгорони Ӯро ҳеҷ камӣ нест. Шерони ҷавон бенаво шудаанд ва гуруснагӣ мекашанд, аммо толибони Худовандро аз ҳеҷ чизи хуб камӣ нахоҳад буд” (Забур 33:10, 11, ТНР).

Ин хоҳиши илҳомбахш аст, ки ба дигарон ба хотири Салтанат таъсир расонидан, хоҳ тавассути дуо, ғизо, молия, таълим, дастурдиҳӣ дар шогирдӣ, меҳмоннавозӣ ё хизматгузорӣ. Захираҳои фаровон доштан, барои ноил гардидани ҳамаи он чизе, ки барои рисолати Илоҳии мо лозим аст, хуб аст. Одамони парҳезгор барои ин саъю кӯшиш мекунанд ва дар натиҷа онҳо баракатҳои шахсиро ба даст меоранд. Мағрурон, диндорон ва ҳасадбарон қувваи худро барои баҳс сарф мекунанд, ки чаро имондорон бояд камбағал бошанд ва дар эътиқодҳое, ки аз Навиштаҳои Муқаддас асос нагирифтаанд устувор бошанд.

Подшоҳ Сулаймон дар подшоҳии худ халқро дар тарси Худованд роҳбаладӣ мекард ва таълим медод. Дар он вақт “тамоми Яҳудо ва Исроил дар сулҳу амният зиндагӣ мекарданд. Аз Дон то шимол, то Беэр–Шобаъ – *ҳар як оила хона ва боғи худро дошт”* (3 Подшоҳон 4:25, тарҷума аз англисӣ). Ба мо ҳамчунин гуфта мешавад, ки мардум “мехӯрданд, менӯшиданд ва хурсандӣ мекарданд” (3 Подшоҳон 4:20). Истед ва дар бораи ин суханон фикр кунед: *“ҳар оила хона ва боғи худро дошт”*. Дар тамоми мамлакат касе ба имтиёзҳои иҷтимоӣ эҳтиёҷ надошт, бекорӣ ва қашшоқӣ вуҷуд надошт – ҳама чиз фаровон буд! Тарс аз Худованд ҳикматеро медиҳад, ки ба ҳамаи онҳое, ки зери таъсири он қарор доранд, фоида меоварад; дар ҳолати мазкур, сухан дар бораи як халқи том меравад. Чӣ мешуд, агар пешвоёни мо дар тарси Худованд мегаштанд?

Дар хотима, иҷозат диҳед бигӯям, ки ин ваъда – на он аст, ки мо бояд барои он дар дуо мубориза барем, чӣ хеле ки ба Исҳоқ лозим омад, ки барои кушода шудани батни Ривқо мубориза барад. Исо ба мо ваъда медиҳад: “Аммо аввал Малакути Худо ва адолати Ӯро биҷӯед, ва ҳамаи

ин чизҳо ба шумо ба таври илова дода хоҳад шуд” (Матто 6:33).

Биёед ваъдаи навбатӣ – *шарафро* дида бароем. Калимаи ибрии “шараф” дар ояти аввали мо ба монанди “кабод” садо медиҳад, ки маънояш “шаъну шараф, шӯҳрат, бузургӣ, сарват аст”. Мо дар яке аз бобҳои қаблӣ дидем, ки ин айнан ҳамин калимаро Мӯсо, вақте ки аз Худо хост, ки ҷалоли Худро ба ӯ нишон диҳад, истифода бурда буд. Он дар худ вазн ва нуфузро дорад, аммо аз унвон ё мансаб барнамеояд, балки ба хислат вобаста аст. Ҳамин тариқ, мо боз як бартарии аҷиби тарси муқаддасро дарёфт мекунем: шарофат. Он шуморо ба одами арзанда ва шарафманд табдил медиҳад. Масалҳо - на ягона китобе, ки ин фазилатро баён мекунад; забурнавис вақте, ки дар бораи онҳое, аз Худо метарсанд сухан меронад, айнан ҳамон калимаи иброниро истифода мебарад: “Онҳо *нуфуз* ва шараф хоҳанд дошт” (Забур 111:9, тарҷума аз англисӣ).

Зани некхоҳро аз китоби Масалҳо дида мебароем. Вай дорои ин хислатҳои бузург аст. Вай боэътимод, доно, боғайрат, чаққон, меҳнатдӯст, муваффақ, сарватманд, меҳрубон аст, ба ниёзмандон кӯмак мекунад ва бечорагонро муҳофизат мекунад. Хусусияти дигари барҷастаи ӯ, ки баъзан аз назар дур мегузоранд, аммо он барои муҳокимаи мо муҳим аст, ин аст, ки – вай “бо қувват ва шаъну шараф либос мепӯшад” (Масалҳо 31:25, ТНР). Яъне шарафро чун либосе мепӯшад, ки аз либоси мо тафовуте надорад, – шарафи ӯ дар тамоми ҳузураш ба ҳама намоён ва назаррас аст. Охирин фазилати ӯ чист?

> “Латофат назарфиреб ва ҳусну ҷамол ҳеҷу пуч аст; зане ки аз Худованд *метарсад*, сазовори ситоиш аст” (Масалҳо 31:30, ТНР).

Ин тарси муқаддас аст! Ин аст воқеияти аҷибе, – ки шарофат ва шаъну шараф ба ин зан нисбат дода шудааст, барои ҳар мард ё зане, ки аз Худо метарсад, дастрас аст. Дар тӯли тамоми солҳои сафарам бо бисёр пешвоён ва шахсиятҳои барҷаста вохӯрдам. Бисёре аз онҳо ба ҷомеа таъсири бузург расонидаанд, аммо он чизе, ки диққати маро бештар аз он чизҳое, ки онҳо сохтаанд, ҷалб мекунад, – ин вақте ки ман мард ё занеро вохӯрам, ки дорои шаъну шарафанд. Дар ҳузури онҳо ҳисси вазн вуҷуд дорад. Онҳо нур, муҳаббат, шаъну шараф ва шарофат мепошанд. Фарзандонашон онҳоро дӯст медоранд ва эҳтиром мекунанд ва ба ҳамкорону дӯстонашон дар бари онҳо будан хуш аст. Ҷолиб он аст, ки аксари онҳо – ба ҳеҷ ваҷҳ ходимони ҷамъиятӣ нестанд. “Корти тиҷоратии”–и онҳо чист? Онҳо аз Худо метарсанд!

Ваъдаи сеюм дар ояти аввали мо – *ҳаёти тӯлонӣ* ё дарозумрӣ аст. Он бо фурӯтании ҳақиқӣ зич алоқаманд аст. Мо дар ин бора дар бобиояндаи худ мулоҳиза мекунем.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “Худотарсӣ — аз бадӣ нафрат доштан аст <…> Дӯстдорони худро дӯст медорам, ва онҳое, ки маро меҷӯянд, маро хоҳанд ёфт. Сарват ва ҷалол,ганҷи бақодор ва хайр бо ман аст” (Масалҳо 8:13, 17, 18, ТНР).

**Маъно.** Тарси муқаддас ва фурӯтанӣ сарват, шаъну шараф ва умри дарозро ваъда медиҳад. Боигарӣ на бо миқдори пул ё дороиҳо, балки бо қобилияти ба дигарон кӯмак кардани мо, чен карда мешавад. Шаъну шараф дар хислати мост, на дар унвону мансаби мо.

**Мулоҳиза.** Оё ман сарватро дар нури ҳақиқӣ мебинам? Оё ман сӯи он, аз сабаби ба худ эътимод надоштан, тарс ва тамаъҷӯӣ кӯшиш дорам? Оё беҳтар мешуд, ки сӯи он аз тарси муқаддас кӯшиш карда, ба ваъдаи фаровонӣ бовар намоям, то ба дигарон таъсир расонам? Барои ман “ба бар намудани либоси бошараф” чӣ маъно дорад?

**Дуо.** Падари азиз, ман аз ту хоҳиш мекунам, ки ваъдаи Худро оиди он иҷро намоӣ, ки дар кӯшишҳои худ ба фурӯтании ҳақиқӣ ва тарси муқаддас, ман сарват, шаъну шараф ва умри дароз, ки барои иҷрои рисолати илоҳии хизматгузорӣ ба дигарон, ба даст хоҳам овард. Ба номи Исо. Омин.

**Эътироф.** Агар ман тарси муқаддас ва фурӯтании ҳақиқиро риоя кунам, аз тарафи Падари Осмонии ман ба ман сарват, шаъну шараф ва умри дароз ваъда дода шудааст.

Шахси хирадманд бо
роҳи рост меравад.

– МАСАЛҲО 15:21

# 41| МАРҲИЛАИ ХОТИМАВӢ

Мо масъалаи чӣ гуна зиндагии худро хуб гузарониданамонро ба таври пурра муҳокима карда наметавонем, агар оиди чӣ тавр хуб анҷом додани зиндагӣ фикр кунем. Дар боби 18 мо ба мавзӯи дарозумрӣ дахл кардем, аммо дар ин боб мо давом медиҳем ва дида мебароем, ки тарси Худованд ва фурӯтанӣ, чӣ гуна нақши муҳимро мебозанд.

> “Фурӯтании ҳақиқӣ ва тарси Худованд ба сарват, шараф в *умри дароз* мебаранд” (Масалҳо 22:4 тарҷума аз англисӣ).

Нафъи аҷиби тарси муқаддас – ин рӯзҳои дарозкардашуда аст. Мо дар Навиштаҳо мехонем: “Худотарсӣ айёмро меафзояд” (Масалҳо 10:27, ТНР). Чӣ гуна ваъда! Ва ин на як бор гуфта шудааст, зеро дар ҷои дигар мо бори дигар дар бораи ҳикмати тарси муқаддас мехонем, ки ба воситаи он “айёми ту зиёд хоҳад шуд ва солҳои умри ту хоҳад афзуд” (Масалҳо 9:11, ТНР). Ба мо на танҳо ваъдаи дароз кардани солҳои умр дода шудааст, аммо инчунин дар бораи он, ки рӯзҳои мо боз ҳам пурмаҳсултар мегарданд.

Бо як тасдиқоти инро, дар яке аз Даҳ Аҳком ёфтан мумкин аст. Тарс аз Худованд моро водор месозад, ки падару модари худро бечунучаро эҳтиром кунем ва агар ин тавр кунем, ба мо ваъда дода шудааст: “То ки некӯаҳвол бошӣ ва бар замин умри дароз бинӣ” (Эфсӯсиён 6:3). Мо боз на танҳо дарозумрӣ, балки фоидаро низ меёбем. Ин ваъдаҳоест, ки мо метавонем онҳоро дар дуо хоҳиш кунем.

Бояд қайд кард, ки бе сифати зиндагӣ, лаззат аз солҳои иловашуда

коҳиш меёбад. Сулаймон дар солҳои пессимистии худ навиштааст: “Рӯзи мамоти ту беҳ аз рӯзи таваллуди ту аст” (Воиз 7:1, тарҷума аз англисӣ). Маълум аст, ки вай ҳангоми навиштани ин суханон аз ҳаёт лаззат намебурд. Сифати ҳаётро чӣ таъмин мекунад? Фурӯтании ҳақиқӣ ва тарс назди Худованд.

Солҳои зиёд пеш ҳангоми дуо, ман хондам:

> “Дар соле ки подшоҳ Узиё вафот кард, Худовандро дидам, ки бар курсии баланд ва олӣ нишаста буд, ва *домони* Ӯ маъбадро пур карда буд” (Ишаъё 6:1).

Ишаъё Худовандро бо тамоми ҷалоли Ӯ дид. Чуноне ки дар боби қаблӣ зикр шуда буд, ӯ Худои Муттаъол дар тахти Ӯ дид ва фариштагони азимеро, ки аз нидоҳои онҳо пояҳои дарвозаҳо меларзиданд. Пас аз ин эҳсосот ҳаёти ӯ куллан тағйир ёфт.

Пас аз хондани ин ҳикоят ман фарёд задам: “Худовандо, ана ба ман чӣ лозим аст – рӯъёи тару тоза дар бораи Исо!”

Рӯҳулқудс дар дили ман пичиррос зад: “Ман ин оятро нодуруст оғоз кардам. Баргард ва онро дубора бихон”.

Ман дар гумроҳӣ будам, аммо ба ҳар ҳол чӣ хеле, ки Ӯ фармуд, ҳамон тавр кардам ва дар ин даъфа суханони “дар соле ки подшоҳ Узиё вафот кард” аз саҳифа ба рӯи ман париданд.

Сипас ман шунидам: “Пеш аз он, ки Ишаъё метавонист Маро боз бубинад, Узиё бояд вафот мекард”.

Дар он вақт ман дар бораи Узиё кам медонистам, танҳо он ки ӯ яке аз подшоҳони зиёди Исроил ва Яҳудо буд. Аммо вақте ки ман ба таҳқиқи ҳаёти ӯ шурӯъ кардам, ман далелҳои аҷиберо кашф кардам. Вақте ки ӯ подшоҳи Яҳудо эълон шуд, ӯ ҳамагӣ шонздаҳсола буд, ки баъдан панҷоҳу ду сол ҳукмронӣ кард. (Барои муқоиса, дар лаҳзаи навиштани ин китоб, ман дар панҷоҳу ду соли охир, ман дар ҳокимияти даҳ Президентони Иёлоти Муттаҳида зиндагӣ кардам.) Узиё аллакай муддати зиёде дар сари қудрат буд.

Вай дар синни шонздаҳсолагӣ аз болои миллионҳо одамон қудрат пайдо карда, оқилона амал мекард – ба Худо муроҷиат мекард. Ана он чизе ки мо мехонем: “Ва дар рӯзҳое ки Худовандро ҷӯё буд, Худо ӯро комьёб мегардонид” (2 Вақоеънома 26:5). Вой! Чӣ тавр ӯ муваффақ шуд! Ҳикмати Худо ӯро ба бузургии аҷибе расонд. Вай иқтисодиётро мустаҳкам кард, шахрҳоро аз нав барқарор кард, ҳарбии тавоно ташкил кард ва ҳудудҳоеро, ки гузаштагонаш аз даст дода буданд, аз нав ба даст овард. Ин аст, он чизе ки мо мехонем: “Номи ӯ то ҷойҳои

дурдаст шӯҳрат ёфт, зеро ки Худованд ба кӯмаки аҷибе дод ва ӯ бағоят қавӣ гардид" (2 Вақоеънома 26:15, тарҷума аз англисӣ).

Аммо, мисли Сулаймон, тарси Худованд ганҷи ӯ набуд. Мутаассифона, мо мехонем:

> "Ва ҳангоме ки ӯ қавӣ шуд, дилаш то ба дараҷаи бадкирдорӣ *мутакаббир* гардид" (2 Вақоеънома 26:16).

Дар кадом лаҳзае ӯ фурӯтанӣ ва тарси муқаддасеро, ки бо он оғоз карда буд, аз даст дод. Ин аст ҳақиқати муҳим: ин фазилатҳои – "дугоник" дар як лаҳза барои иҷроиш таккони эҷод хоҳанд дод, ки ин маънои онро дорад, ки муваффақият ҳатто вақте ки фазилатҳое, ки онро оғоз кардаанд ва ба ҳаракат даровараданд, гум шаванд ҳам, идома хоҳад ёфт. Он чизе, ки мо дар давомаш мехонем хеле ҷолиб аст:

> "Ба Худованд Худои худ хиёнат қард, ва ба маъбади Худованд даромад, то ки бухур бар қурбонгоҳи бухур бисӯзонад" (2 Вақоеънома 26:16).

Рӯҳулқудс аз ман пурсид: "Писарам, оё Узиё вақте ки дилаш баланд шуд, *бештар* рӯҳонӣ шуд ё *камтар* рӯҳонӣ шуд?" Ман дарҳол фаҳмидам, ки ҷавоб ғайричашмдошт хоҳад буд. Ман ҳамеша чунин меҳисобидам, вақте ки ғурур ба дили инсон ворид мешавад, камтар рӯҳонӣ мешавад. Аммо Узиё ба маъбад даромад, то дар назди Худованд як амали рӯҳонӣ анҷом диҳад. Агар Рӯҳулқудс ба ман савол намедод, ман инро намефаҳмидам.

Ман ҳайрон шуда, бо овози баланд хитоб кардам: "Ӯ *бештар* рӯҳонӣ шудааст!"

Рӯҳулқудс ба дилам пичиррос зад: "Рӯҳи ғурур ва рӯҳи диндорӣ даст ба даст рафта, якдигарро мустаҳкам мекунанд ва якдигарро пинҳон мекунанд". Мағрурӣ намегузорад, ки инсон иқрор шавад, ки ӯ диндор шудааст, аммо дин бо рафтори рӯҳонии худ ғурурро рӯйпӯш мекунад.

Он гоҳ ман дар бораи фарисиёни замони Исо фикр кардам. Мисли Узиё, ин роҳбарон эҳтимол бо муҳаббати самимӣ ва тарси муқаддас нисбат ба Яҳува сар карда буданд, вале дар кадом лаҳзае ба дилҳои онҳо ғурур ворид шуд. Онҳо аз Худо дур шуданд, вале иштироки онҳо дар корҳои рӯҳонӣ шиддатнок мешуд.

Коҳинон Узиёро маҳкум карданд ва рафтори ӯро, ки мувофиқи Навиштаҳои Муқаддас набуд, сарфи назар намекарданд. Узиё дар ҳақиқат маҳкум шуда, ба коҳинон хашмгин шуд (инчунин нишонаи аз даст додани фурӯтанӣ). Ногаҳон дар пешонии ӯ махав пайдо шуд.

Боқимондаи зиндагии ин шоҳ фоҷиабор буд; ба ӯ лозим меомад, ки дар хонаи алохида зиндагӣ кунад. Писари ӯ ба идораи қасри подшоҳӣ шурӯъ кард, аммо ӯ бошад то охири умраш махавӣ монд.

Биёед ба ин бо чашми одами оддӣ назар кунем. Ягона воқеияти возеҳ барои сокинони Яҳудо ва Ерусалим дар он буд, ки подшоҳи онҳо ба бемории махав гирифтор шуд. Оё шумо тасаввур карда метавонед, ки шабакаҳои иҷтимоӣ чӣ гуна ба таркиш меомаданд? Шарҳҳо онҳоро пур мекарданд: “Оҳ не! Подшоҳи мо гирифтори махав аст; чӣ фоҷиа!” Ҳеҷ кас намедонист, ки паси ин бемори чӣ аст. Аммо барои мо Рӯҳулқудс пардаи ботиниро боз кард – гап дар сари аз даст додани тарси муқаддас ва фурӯтанӣ буд.

Инро дида, ман аз Худованд дар бораи рӯзҳои мо пурсидам. Дилам аз сукути ин қадар пешвоёни зиёде, ки дар ҳаётам дидаам, мешикаст. Аксар вақт ин як робитаи берун аз никоҳ аст, аммо баъзан – майзадагӣ, нашъамандӣ, тамаъкорӣ, дигар кирдорҳо ва рафтори номуносиб. Ман бо андӯҳ менигаристам, пешвоёне ки пеш аз мо, ҳамзамон бо мо ва ҳатто баъд аз мо ба хизматгузорӣ шурӯъ мекарданд, сукут мекарданд. Ҳар яке аз онҳо бо ҷидду ҷаҳди бузург ба ҷалол додани Исо шурӯъ карданд. Чӣ тавр онҳо ин қадар нафратовар рафтор карда метавонистанд? Магар надидаанд, ки дигарон низ ба ҳамин гуна ибрат пайравӣ мекунанд?

Рӯҳулқудс боз ба ман гуфт: “Писарам, мушкилии ин пешвоёни сукутнамуда, дар гормонҳо набуд, мушкилӣ дар ғурур буд”. Мо ҳама шоҳиди онем, ки махав дар баданашон пайдо шуда буд, – ин маҳз алоқаҳои пинҳонӣ, бадахлоқӣ ё рафтори дигаре, ки онҳоро ба сукут оварда расонид. Он чизеро, ки мо надидем – ин ғурур буд, ки ҷои тарс ва фурӯтании муқаддаси онҳоро гирифта буд. Дар кадом лаҳза ин рӯй медиҳад – танҳо Худо медонад. Ҳатто пешво низ намедонад, зеро ки ғурур курбонии худро аз аён дидан боздошта, ӯро кӯр мекунад.

Ба шарофати суръате, ки муваффақиятро ба вуҷуд меорад, мо метавонем ба осонӣ он чизеро, ки моро ба он ҷо овард, фаромӯш кунем: фурӯтании боғайратона ва тарси муқаддас назди Худо. Аз ин рӯ, хеле муҳим аст, ки дар вақти муваффақият мо суханони Исоро дар пеши назари худ нигоҳ дорем: “Зеро ки бе Ман ҳеҷ коре наметавонед” (Юҳанно 15:5).

Дар асл, Рӯҳулқудс он рӯз ба ман гуфт: “Ҷон, то кадом андозае, ки мағрурӣ мемирад, ба ҳамон андоза, ту дар бораи Исо рӯъёи нав хоҳӣ дошт”. Тағйирот зарур аст ва мо бе рӯъёи нав дар бораи Исо имконияти бештар ба Ӯ монанд шуданро аз даст медиҳем. Бисёр мардону занони олиҷаноб оқибати хуб надоштанд, вале онҳо боварӣ доштанд, ки

метавонанд аз оқибатҳои ногузири гум кардани фурӯтанӣ ва тарси муқаддас канорагирӣ кунанд. Фирефта нашавед – фурӯтании ҳақиқиро маҳкам нигоҳ доред, ба Исо пурра таваккал кунед ва тарси муқаддасро ганҷи худ гардонед. Инро иҷро кунед ва Худо сарват, шараф ва дарозумририро ваъда медиҳад.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** "Маро бишнав ва чуноне, ки ман мегӯям, ҳамон тавр рафтор кун— ва умри ту афзун ва хуб хоҳад буд" (Масалҳо 4:10 тарҷума аз англисӣ).

**Маъно.** То андозае, ки мағрурӣ дар он мемирад, дар ҳамон андоза мо дар бораи Исо рӯъёи нав хоҳем дошт. Фурӯтании ҳақиқӣ дар тарси муқаддас ниҳон аст. Ин маънои онро дорад, ки бидонед, ки бе Исо мо ҳеҷ кор карда наметавонем. Аз ин рӯ, мо интихоб мекунем, ки комилан ва ҷудонашаванда аз Ӯ вобаста бошем.

**Мулоҳиза.** Оё фурӯтанӣ дар ҳаёти ман воқеият аст? Оё соҳаҳое ҳастанд, ки ман мавқеъи ман чунин аст, ки *ҳама чизро худам иҷро мекунам*? Оё ман бе маслиҳати Худованд нақшаҳо месозам? Оё ман ба шаҳодати Ӯ муроҷиат нанамуда, қарор қабул мекунам? Агар ҳа, чӣ тавр ман метавонам, чунин муносибатро тағйир диҳам? Чӣ тавр миннатдорӣ ба ман кӯмак мекунад, ки ҳамзамон далер ва фурӯтан бошам?

**Дуо.** Падари азиз, ба исми Исо, маро барои мағруриам дар соҳаҳои зерини ҳаётам бубахш: (*онҳоро номбар кунед*). Ман аз ин вобастагӣ ва аз он ки худро аз дигарон болотар меҳисобам, тавба мекунам. Маро бо хуни Исо пок гардон. Ман худро дар назари Ту фурӯтан мекунам ва интихоб мекунам, ки дигаронро аз худам муҳимтар бубинам. Омин.

**Эътироф**. Ман фурӯтанӣ ва тарси Худовандро интихоб мекунам, барои роҳнамоии ҳаёти худ.

Ман самимона аксар вақт
дуо мегӯям: “Худовандо,
эҳёи тавба ва тарси Худоро
бифирист, ки дар тамоми
қитъа паҳн мегардад,
то ки мо наҷот ёбем ва Туро
эҳтиром карда тавонем!”

– А.У. ТОЗЕР

# 42| БА ДАСТ ОВАРДАНИ ГАНҶ

(Эзоҳ ба хонанда: Ин боб барои дуруст анҷом додани паём аз маъмулӣ дарозтар хоҳад буд. Барои онҳое, ки ҳамарӯза мехонанд, ин бобро ба ду қисм тақсим кардам: хониши саҳарӣ ва бегоҳӣ.)

**Хониши саҳарӣ.**
**Тавсифи мухтасари афзалиятҳо**

Доираи афзалиятҳое, ки тарси муқаддас медиҳад, барои як китоб хеле зиёд аст. Муҳокимаи муфассали онҳо ҷилдҳои калонро талаб мекард. Ман тақрибан се даҳсола боз таҳқиқ мекунам ва то ҳол, пеш аз он чизе, ки Рӯҳулқудс дар Навиштаҳо ба ман ошкор мекунад, ман тарси ботакбирро эҳсос мекунам. Пас, биёед ин китобро бо шарҳи кӯтоҳи якчанд ваъдаҳо ба итмом расонем. Ҳар яки онҳоро ҳамчун муқаддима ба ҷустуҷӯҳо ва кашфиёти минбаъдаи худ баррасӣ кунед. Ин ваъдаҳоро дар дили худ гиред. Кӯшиш накунед, ки онҳоро мадди назар кунед ё бо шарҳи рӯякӣ соф шавед. Ба Худо муроҷиат кунед. Барои онҳое, ки аз Худо метарсанд, ин сангҳои қимматбаҳоест, ки шумо бояд онҳоро пайдо кунед ва аз онҳо маҳкам доред.

> “*Хушо* ҳар тарсгори Худованд, ки бо роҳҳои Ӯ меравад! Аз меҳнати кафҳои худ хоҳӣ хӯрд; ту *хушбахт* ҳастӣ, ва *некӯӣ* бо туст!” (Забур 127:1, 2).

Аҳамият диҳед, ки решаи калимаи “хуш” чанд маротиба дар ду байт омадааст! Ва шахсе, ки дар ҳақиқат аз Худо метарсад, пур аз хушбахтӣ

аст. Яке аз ҷиҳатҳои бевосита ифодаёфтаи хушбахтӣ – меҳнати мост. Ман як воқеаеро, ки ба ҳаёти ман таъсир кардааст, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам. Ин вақте рӯй дод, ки ман дар аввали солҳои 1980–ум ба ҳайси муҳандис дар IBM кор мекардам. Мо дар он ҷо сию ҳашт солагии фаъолияти яке аз ҳамкасбони худро ҷашн мегирифтем. Дар оғози рӯзи корӣ дар утоқи кории ӯ қариб даҳ нафар одамон ҷамъ омада буданд.

Дар як лаҳза марде, ки мо табрик мекардем, ғазаб кард: "Ман аз ҳар рӯзи ин сию ҳашт соле, ки вориди ин бино мегардидам, нафрат доштам". Дигарон хандиданду бо ишораи розигӣ сар ҷунбонданд.

Ман ҳамагӣ чанд моҳ дар вазифаи худ будам, ҷавон ва камтаҷриба будам, аммо ҳоло дар парешонӣ ҳастам. Ман пурсидам: "Пас барои чӣ шумо ин корро мекардед?"

Симои ӯ якбора тағйир ёфт аз хурсанд ба хашмгин, ӯ ба ман ва дигарон, ки утоқи корӣ будем рӯй оварда, писханд зада гуфт: — "Ҷон, инро: кор мегӯянд! Барои харидани хӯрок ва либос кор кардан лозим аст". Аз баёни чеҳраи дигарон фаҳмидам, ки онҳо ҳам ақидаи ӯро доранд. Медонистам, ки минбаъд сӯҳбатро идома додан бамаврид нест, зеро дар байни одамони боҳикмат набудам.

Ягона сабабе, ки ман кори муҳандисиро меомӯхтам, ин тарси наёфтани кори маошаш баланд буд. Эроди ӯ тарси нопоки маро маҳкум кард. Ман он рӯз тасмим гирифтам, ки баъд аз сию ҳашт сол айнан ҳамон чизро гуфтан намехоҳам. Ин тарс ҳаёти маро идора нахоҳад кард, ман ба Худо боварӣ мекунам. Бо камоли хурсандӣ гуфта метавонам, ки аз он вақт инҷониб аз самараи меҳнатам баҳра мебарам ва ин ваъда ба ҳамаи онҳое, ки аз Худо метарсанд, дода мешавад.

Забурнавис идома медиҳад:

> "Занат мисли токи борвар андаруни хонаи туст, фарзандонат мисли ниҳолҳои зайтун дар гирди суфраи ту. Инак, *марди тарсгори Худованд чунин баракат хоҳад ёфт*" (Забур 127:3, 4).

Аз самараи меҳнататон лаззат мебаред, ҳамсаратон шукуфон мешавад ва фарзандони қобили шумо ба майл бо шумо вақт мегузаронанд. Ба аксарияти одамон аз он чизе, ки дар ин порчаҳо тасвир ёфтаанд кифоягӣ намекунад; аслан ин ҷо, он чизе муайян мегардад, ки ба аксарияти ҷамъияти мо намерасад. Бисёр одамон, ҳатто агар маоши хуб ба даст оранд ҳам, аз зиндагӣ лаззат намебаранд. Онҳо бо ҳамсарашон муросо намекунанд ва фарзандонашон бо оила ягон чизи умумӣ доштан намехоҳанд. Оилаҳои онҳо ба ҷои нашъунамо кардан, аз байн меравад, аммо умеди илоҳӣ вуҷуд дорад.

Умеди дар ин ваъда гузошташуда, мушаххас ва комилан аҷиб аст. Он на барои ҳар касе, ки ба калисо меравад ё ҳатто бо Исо муносибатро эътироф мекунад. Дар ин ҷо рӯирост тасдиқ мешавад: "Чунин баракатёфта мешавад, шахсе, ки аз Худованд метарсад!"

Хонандагони мӯҳтарам, шумо тавассути ин паём сафари худро қариб ба анҷом расонидед. Пас аз тай намудани ин қадар роҳи дароз, шумо тасмим гирифтед, ки аз Худо битарсед, бинобар он, ин ваъдаест, ки оиди он, шумо метавонед дар дуо хоҳиш кунед. Мисли Исҳоқ ба Худо нидо кунед, то ки иҷроиши ин ваъдаҳои тарси муқаддасро бубинед. Мо моҳҳои зиёдеро доштем, ки ин ваъдаҳо дар хонаамон амалӣ намегардид; нишонаҳое буданд, ки онҳо метавонанд иҷро нашаванд, вале мо аз умед ва ваъдаҳои Худо маҳкам дошта, барои онҳо дар дуо мубориза мебурдем. Акнун метавон гуфт, ки онҳо дар оилаи мо, тӯли солҳои зиёд иҷро шуда истодаанд.

Биёед ба таронаи дигаре муроҷиат кунем, ки дар бораи онҳое, ки аз Худо метарсанд, муфассалтар нақл карда шудааст:

> "*Хушо касе* ки аз Худованд метарсад; ба аҳкоми Ӯ бисьёр шавқ дорад. Зурьёти ӯ дар замин зӯровар хоҳанд буд; насли росткорон баракат хоҳанд ёфт" (Забур 111:1, 2).

Бори дигар мебинем, ки калимаи "хушо" бо тарси муқаддас алоқаманд аст. Хушҳолӣ — ин як қувваи рӯҳонӣ аст, он аз шароитҳо вобаста нест, ба монанди хушбахтӣ. Ба хушҳолӣ дар Каломи абадии Худо асос ёфтааст; ин қувваи мост. Он моро бештар сермаҳсул ва самаранок мегардонад.

Инчунин, дар ин оят мо мебинем, ки тарси муқаддас ба насли мо таъсири сахт мерасонад. Мо на танҳо худ муваффақ мешавем, балки ба фарзандони мо низ чунин ваъда дода шудааст. Идома медиҳем:

> "Фаровонӣ ва сарват дар хонаи ӯст; ва адолати ӯ то абад қоим аст <...> Зеро ки ҳаргиз фурӯ нахоҳад ғалтид: одил то абад зикр хоҳад ёфт. Аз овозаи бад наметарсад; дилаш қавист, ба Худованд таваккал мекунад. Дилаш матин аст, наметарсад; то даме ки нокомии адӯёнашро бубинад" (Забур 111:3, 6–8).

Чанде пеш бо як имондор сӯҳбат карда будам ва ӯ гуфт, ки рӯзе, вақте ки мо ин дунёро тарк мекунем, абадияти мо оғоз мешавад. Ман зуд норозӣ шудам: "Не, барои касоне аз мо, ки аз нав таваллуд шудаанд, абадият аллакай оғоз шудааст". Кори имрӯзаи мо барои ҷон, абадан давом мекунад. Аммо онҳое, ки тарси муқаддас надоранд,

чунин ваъдаро надоранд. Дар асл, барои онҳо ҳамаш баръакс аст: "Ҳам муҳаббаташон, ҳам нафраташон ва ҳам рашкашон барбод рафтааст ва дигар то абад барои онҳо аз ҳар коре, ки дар таҳти офтоб карда мешавад, насибае нахоҳад буд" (Воиз 9:6).

Онҳое, ки аз Худо метарсанд, аз хабари бад наметарсанд. Дар давраи мо ҳукмронии шабакаҳои иҷтимоӣ, ВАО–и анъанавӣ ва бисёр дигар шабакаҳои хабарҳову иттилоот, хабарҳои бад ва ғайбат бештар маъмул мешаванд. Бисёриҳо пеши он чизе, ки рӯй медиҳад, тарсро эҳсос мекунанд. Аммо барои онҳое, ки аз Худо метарсанд, ҳеҷ даҳшат ва тарс назди оянда нест; онҳо ба худ боварӣ доранд ва нотарсанд. Ва боз ба мо мегӯянд:

> "Дар худотарсӣ қалъаи мустаҳкаме ҳаст ва вай барои фарзандонаш паноҳгоҳ мешавад" (Масалҳо 14:26).

Тарси муқаддасро эътимоди ботинӣ ҳамроҳӣ мекунад. Он чизест, ки бисёриҳо орзу мекунанд, аммо ба зудӣ мефаҳманд, ки он ба назар дастнорас менамояд. Ман як дӯсте дорам, Ҷон Ҳейҷи, дар Техас пастори басо обрӯманд аст. Ӯ мисли ҳар пешвое, ки ман онҳоро ягон вақт вохӯрда будам, сахт аз Худо метарсад. Соли 1973 як нафаре вориди хизматгузории ӯ шуд. Чӣ хеле шуд, ки ӯ дар масофаи якчанд метр аз Ҷон истод ва аз таппончаи калибраш 38, ҳамаи 6 тирашро ба сӯи ӯ холӣ кард. Пастор Ҷон дилпурона меистод ва ҳаракат намекард. Ҳамаи шаш тир ба ӯ нарасида гузашта рафтанд. Пас аз 50 сол, дар лаҳзаи навиштани ин китоб, ӯ зинда аст ва мавъиза кардани Инҷилро идома медиҳад. Дар чунин вазъият, аксари одамон ҳама намуди худдориро аз даст медоданд, фарёд мезананд, ба фарш меафтиданд ё паноҳгоҳ меҷустанд. Ҷон аз ҷои худ наҷунбид, вале дилпурона нигоҳашро ба тирандоз нигоҳ медошт. Ба мо гуфта шудааст:

> "Фариштаи Худованд дар гирду пеши тарсгорони Ӯ ҳозир аст ва онҳоро халосӣ медиҳад" (Забур 33:8).

Фариштагон барои муҳофизат намудани онҳое, ки аз Худо метарсанд, даъват шудаанд. Баъдтар, ташхис муайян кард, ки тирҳо айнан шаш сантиметр аз чап ва рости тани пастор Ҷон гузаштаанд. Тирандоз аз ду метр ба ҳадаф нарасид! Ҳатто тирандозони камтаҷриба дар шаш кӯшиш аз ду метр ба нишон мерасиданд. Шубҳае нест, ки ин Фариштаи Худо буд, ки тирҳоро аз пастор дур кард.

Подшоҳи Яҳудо Еҳӯшофот марде буд, ки дилаш "дар роҳҳои Худованд фахр менамуд" (2 Вақоеънома 17:6). Дар соли сеюми

ҳукмронии худ ӯ ба ҳар шаҳри давлати худ коҳинонро фиристод, то ки онҳо Каломи Худоро ба мардум таълим диҳанд. Мо мехонем:

> "Ва тарси Худованд ҳамаи салтанатҳои кишварҳоеро, ки дар гирду пеши Яҳудо буданд, фаро гирифт, ва онҳо бо Еҳӯшофот ҷанг накарданд"(2 Вақоеънома 17:10).

Ба даст овардани тарси муқаддас — ин муҳофизати бузург аст. Мисоли дигари Китоби Муқаддас Яъқуб аст, ки ба оилааш дастур медод, ки аз Худо битарсанд ва бутҳоро фаромӯш кунанд. Вақте ки онҳо ин корро карданд, мо мехонем:

> "Ва кӯч карданд [аз Шакем]. Ва ваҳми Худо бар шаҳрҳои гирду пеши онҳо буд, ва банӣ-Яъқубро таъқиб накарданд" (Ҳастӣ 35:5).

Ба онҳое, ки ба тарси Худо дода шудаанд, ваъдаҳои зиёде дода шудааст. Ба ин суханон нигаред:

> "Бигзор дили ту аз гуноҳкорон ҳасад набарад, балки аз онҳое ки ҳамеша тарсгори Худованд бошанд, чунки дар ҳақиқат *оқибате ҳаст* ва *умеди* ту барбод нарафтааст" (Масалҳо 23:17, 18).

Ба ду калимаи таъкидшуда диққат диҳед. Аввалан, дар замони мо, вақте, ки *умед* кам аст, бисёре аз пешвоёни рӯҳонӣ ба илҳом бештар диққат дода, ба Каломи Худо бошад ҳамчун чизи дуюмдараҷа муносибат мекунанд. Барои ором намудани шунавандагони ҷиддӣ, аз Навиштаҳо як-ду навиштаҷот меоранд, аммо диққати асосӣ ба ҳикояҳое дода мешавад, ки онҳоро рӯҳбаланд мекунанд. Гарчанде ки ин ҳикояҳо ба одамон дар муддати кӯтоҳ манфиат оварда, ба вақти кӯтоҳмуддат таъсир расонанд ҳам, ба монанди ҳама филмҳои илҳомбахши Ҳолливуд, онҳо *ояндаи* дарозмуддати ваъдашударо, ки тарси муқаддас пешкаш мекунад, нахоҳанд дод.

Тарси Худо моро аз бисёр ҷиҳат мукофот медиҳад: хоҳишҳои иҷрошуда (ниг. Забур 144:19), дӯстони бовафо (ниг. Забур 118:63, 74, 79), шифоёбии бадан (Масалҳо 3:7, 8), шахсият (Забур 60:4) ва муайян намудани самт дар ҳаёте, ки бисёриҳо ташнаи он ҳастанд.

> "Кист он касе ки аз Худованд метарсад? Варо ӯ ба роҳе ки интихоб намудааст, ҳидоят хоҳад кард. Ҷони вай дар некӣ сокин хоҳад шуд ва зурёти вай ворисӣ замин хоҳанд буд" (Забур 24:12, 13).

Ба ақл нофаҳмо аст, ки чаро касе тарси муқаддасро қадр намекунад! Ман самимона орзу мекунам, ки қадру қиммати онро бубинед ва онро дар худ нигоҳ надоред, балки мисли подшоҳ Еҳӯшофот бошед, ки ба тамоми одамони зери нуфузи ӯ буда, тарси Худоро таълим додааст.

## Хониши бегоҳӣ.
## Пайдо кардани тарси муқаддас

Зиёда аз сӣ сол пеш Худованд ба ман гуфта буд, ки амали ниҳоии Худо дар ин аср таъкид кардани тарси муқаддас хоҳад буд. Некии бузурги ин бедоршавӣ, иҷроиши тавсифи ягонаи Китоби Муқаддас арӯс аст, ки Исо барояш бармегардад. Ин калисои "бонуфуз" нест, гарчанде ки таъсиррасонӣ, барои гумшудагонро ноил гардидан, муҳим аст. Ин калисои "пешвоӣ" нест, гарчанде ки пешвоӣ барои сохтани калисои пурқувват нақши муҳим дорад. Ин "калисои ҷамоатӣ" нест, гарчанде ки ҷомеа ҳаётан муҳим аст, зеро ҳеҷ кас набояд танҳо бошад. Ана он ягона тавсифи арӯс, ки Ӯ барояш бармегардад:

> "... ба ҳузури Худ Калисоро дар ҷалоле тақдим кунад, ки на доғе дошта бошад, на нуқсоне, на чизе монанди ин, балки муқаддас ва беайб бошад" (Эфсӯсиён 5:27).

Ин калисои муқаддас аст! Хонандагони азиз, азбаски қудсият дар тарси Худо ба камол мерасад, Худованд самимона хоҳиш менамояд, ки шумо яке аз сарчашмаҳои бонуфузи ин бедоршавии бузург бошед. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки сӯҳбати моро бо саволе анҷом дод, ки чӣ гуна тарси муқаддаси худро афзун кунем?

Иҷозат диҳед ба хизматгузории аҷиб ва ҳаяҷоновар дар Малайзия баргардам. Дар вақти ҳузури бузург ва тавоноии Ӯ тарсону ларзон будам ва ба худ фикр мекардам: *"Ҷон Бивер, ягон калимаи нодурустро ба забон наовар ва як ҳаракати хато накун".*

Вақте ки ман дар бораи ин фикр карда, дар саҳна пешу қафо мегаштам, чизе аз даҳонам баромад, ки гӯшҳоям онро бори аввал, танҳо ҳангоми гуфтанам шуниданд. Ман ҳеҷ гоҳ пештар дар ин бора фикр намекардам. Ман далерона гуфтам: "Ин аст Рӯҳи тарси Худованд!"

Ногаҳон ба сарам омад. Ман ботинан шод шудам: *«Ана, ин аст, ана ин аст — яке аз зуҳуроти Рӯҳулқудс!»*

Ман ҳеҷ гоҳ дар ин ҷо робитаи мустақимро намедидам, аммо дар Навиштаҳо ба мо дар бораи Исо гуфта мешавад:

> “Ва бар Ӯ Рӯҳи Худованд — Рӯҳи ҳикмат ва [Рӯҳи] ақл, Рӯҳи машварат ва [Рӯҳи] қудрат, Рӯҳи дониш ва [Рӯҳи] тарси Худованд ва тарси Ӯ барои шодии Ӯ истифода хоҳад шуд” (Ишаъё 11:2, 3 ТНР).

Номгӯи ҳафт роҳе вуҷуд дорад, ки дар он Рӯҳулқудс зоҳир мешавад ва Исо дар пуррагии ҳамаи онҳо роҳ мегашт, аммо тарси муқаддас ба шодии Ӯ буд. Пас саволе ба миён меояд: мо чӣ гуна *Рӯҳи тарси Худовандро* ба даст орем? Исо ба мо ҷавоб медиҳад:

> “Пас, агар шумо, ки шарир ҳастед, ба фарзандони худ додани инъомҳои некро медониста бошед, пас Падари шумо, ки дар осмон аст, чанд маротиба зиёдтар ба онҳое ки аз ӯ металабанд, Рӯҳулқудсро хоҳад дод” (Луқо 11:13).

Мо танҳо бояд аз Падари Осмонӣ бипурсем. Аммо ин як дархости оддӣ нест, балки як фарёди ҷон аст, ки радшавиро намепазирад. Бевосита пеш аз ин суханон Ӯ ба мо мегӯяд:

> “Биталабед, ба шумо дода хоҳад шуд, биҷӯед, хоҳед ёфт” (Луқо 11:9).

Дар ин ҷо ба суботкорӣ таъкид карда мешавад.

Биёед ба соли 1994, ба конфронс бармегардем, вақте ки ман дар бораи тарси Худованд сухан мегуфтам, пастор маро ислоҳ кард. Субҳи рӯзи дигар дар майдони сохтмон ман дуо гуфтанро сар кардам ва аз худ мепурсидам: “Ман чиро нодуруст кардам?”, аммо дар охир сахт ба тарси муқаддас фарёд кардам. Ин дархости мушаххасе буд, ки раднопзир буд. Ман он вақт аҳамияти ин лаҳзаро дарк намекардам, аммо ҳоло онро яке аз рӯйдодҳои муҳимтарин ва дигаргунсозандаи ҳаёти худ мешуморам. Ҳатто ҳоло, ман қариб ҳар рӯз аз Падари Осмонии худ бо дилсӯзӣ хоҳиш мекунам, ки бо Рӯҳи Муқаддас тарси Худовандро пур кунад. Боз як порчаеро аз Навиштаҷот, ки барои мавзӯи мо аҳамияти бузург хоҳад дошт, дида мебароем.

> “Эй писарам! Агар гуфтаҳои маро бипазирӣ ва аҳкоми маро дар худ маҳфуз дорӣ, Ба тавре ки гӯши худро ба шунидани ҳикмат роғиб ва дили худро ба хирад моил гардонӣ; Агар донишро даъват намоӣ ва овози худро сӯи хирад баланд кунӣ; Агар онро мисли нуқра орзу кунӣ ва мисли ганҷҳо ҷустуҷӯ намоӣ, Он гоҳ худотарсиро хоҳӣ фаҳмид ва дониши Худоро хоҳӣ ёфт” (Масалҳо 2:1–5).

Инҷо набояд илтиҷо – фарёд дар пайвастагӣ бо ҷустуҷӯи боғайрати

тарси муқаддас бошад, ба монанди он, ки ангуштарини никоҳии гумшудаи алмосдор ё ҷавоҳироти тиллоиро меҷӯянд. Эҳтимол шумо барномаҳо ё филмҳоеро дар бораи шикорчиёни ганҷ тамошо кардаед, ки ҳамеша эҳсоси матонати беинтиҳои ҷӯяндаро бедор мекунанд. Дар байни онҳо филми бадеии "Ганҷи Миллӣ" аз соли 2004 мебошад. Он дар бораи як шахс Бенҷамин Гейтс нақл мекунад, ки тамоми умри худро ба ҷустуҷӯи ганҷе, ки дар солҳои 1700–ум пинҳон карда шудааст, бахшидааст. Ӯ тамоми вақт ва қуввати худро барои ёфтани он сарф мекард, ҳатто обрӯю озодии худро таҳти хавф гузошта. Ҳарчанд он чи ки ӯ меҷуст, рӯзе аз байн меравад, матонати бемайлони ӯ бояд моро рӯҳбаланд гардонад.

Агар мо ба Каломи Худо, ба ҳикмати Ӯ, маслиҳати Илоҳӣ ва тарси муқаддас бо чунин азм муносибат мекардем, мо аз ҳама баракатёфта мебудем. Мо барои он чизе, ки ҳеҷ гоҳ аз байн намеравад, нидо мекунем, ин ганҷи Худост. Вай инро *на аз мо, балки барои мо* ниҳон дошт. Ӯ моро ташвиқ мекунад, ки онро пайдо кунем ва вақте ки мо пайдо мекунем, шодӣ мекунад. Вақте ки мо неъматҳои Ӯро мегирем, Ӯ ҳамчунин шод мешавад.

Ман самимона умед дорам, ки бо ёрии Рӯҳи Муқаддас он чизе, ки он субҳ дар майдончаи сохтмон дар ман пайдо шуд, аллакай дар шумо низ тавлид шудааст – гуруснагии беандоза ба тарси Худованд. Онро нигоҳ доред ва онро маҳкам доред, гӯё ки он бузургтарин дороии шумо бошад. Дар ин сурат шумо он чиро, ки Худо дӯст медорад, дӯст медоред ва он чиро, ки Худо аз он нафрат дорад, шумо низ бад мебинед; он чизе, ки барои Ӯ муҳим аст, барои шумо низ муҳим мешавад. Шумо одамонро беохир дӯст медоред ва аз гуноҳе, ки онҳоро нобуд мекунад, сахт нафрат хоҳед кард. Шумо ҷаҳонро дар доираи нуфузи худ тағйир медиҳед ва аз он то абадан шодӣ мекунед.

Дар хотир доред, ки *на он муҳим аст, ки мо марраро чӣ гуна оғоз мекунем, балки он аст, ки мо онро чӣ гуна ба анҷом мерасонем*. Барои тасдиқи ин суханон метавон ду порчаеро овард, ки умеди бузург мебахшад:

> "Ва Ӯро, ки қодир аст шуморо *аз фурӯ ғалтидан нигоҳ дорад* ва дар шодӣ беайб ба ҳузури ҷалоли Худ биистонад" (Яҳудо 24).

> "Ки Ӯ низ *шуморо то ба охир устувор хоҳад кард,* то ки дар рӯзи Худованди мо Исои Масеҳ беайб бошед" (1 Қӯринтиён 1:8).

Хуб анҷом додан – муҳимтарин ҷанбаи зиндагии хуб аст ва Худо барои ба даст овардани он, ба мо тарси муқаддас додааст. Барои ман

шараф буд, ки шуморо бо ин ганҷ шинос намоям. Лутфан онро танҳо барои худ нигоҳ надоред, он барои ҳама кофӣ аст. Ин паёмро бо атрофиёни худ мубодила кунед. Агар шумо ин корро кунед, мо дар рӯзҳои наздик талафоти камтар ва калисои солимтарро мебинем.

Интихоби худро ҳозир кунед, то як қисми ҳаракати пурқуввати дигаргункунандаи тарси муқаддас бошед, ки арӯсро барои бозгашти Домоди мо омода мекунад. Нозир намонед. Тарси муқаддасро қабул карда, шумо бо Домоди мо наздикии амиқ хоҳед ёфт, наҷоти шумо ба камол мерасад, шумо хеле пурсамар хоҳед буд ва мероси абадӣ хоҳед эҷод кард.

## Инро шахсӣ кунед

**Ояти Китоби Муқаддас.** “Ва Ӯро, ки қодир аст шуморо аз фурӯ ғалтидан нигоҳ дорад ва дар шодӣ беайб ба ҳузури ҷалоли Худ биистонад, яъне Худои ҳакими якто ва Наҷотдиҳандаи моро, ба воситаи Исои Масеҳи Худованди мо, ҷалол ва шавкат, қудрат ва салтанат бод аз азал ва дар замони ҳозира ва то абад. Омин” (Яҳудо 24, 25).

**Маъно.** Хуб анҷом додан — муҳимтарин қисми зиндагии хуб аст. Худо ба воситаи бахшоиши тарси муқаддас, шуморо то охир қавӣ ва беайб нигоҳ хоҳад дошт.

**Мулоҳиза.** Ман бояд чӣ кор кунам, то ки тарси муқаддасро дар ҳаёти худ зиёд кунам? Оё ман ташнаам ва аз ин рӯ монда нашуда тарси муқаддасро ҳамчун ганҷ меҷӯям? Оё ман онро ҳамчун яке аз фазилатҳои арзишманд нигоҳ медорам? Барои нигоҳ доштани он ман бояд мунтазам чӣ кор кунам?

**Дуо.** Падари азиз, ман ба Ту фарёд мекунам, ки маро бо Рӯҳи Худованд, Рӯҳи ҳикмат, Рӯҳи фаҳмиш, Рӯҳи маслиҳат, Рӯҳи қувват, Рӯҳи дониш ва Рӯҳи тарси Худованд пур намо. Маро то охир қавӣ нигоҳ дор, то ки дар Рӯзи Масеҳ беайб ёфта шавам. Ба исми Исо ман дуо мегӯям. Омин.

**Эътироф.** Тарси Худованд — ганҷи ман аст.

ЗАМИМА

# НАЗАРЕ БА БУЗУРГИИ ХУДО

Боре дар таърихи Исроил, Худо кӯшиш мекунад, ки тарси муқаддаси халқи Худро бо чунин савол тақвият диҳад:

> “Пас, Маро ба кӣ монанд мекунед, то ки Ман ба вай баробар бошам?” (Ишаъё 40:25).

Агар мо дар таърих давраеро ҷустуҷӯ кунем, ки дар бораи ин масъала чуқур андеша кардан лозим аст, аммо зимнан ба он дахл накунем, пас ин замони имрӯза аст. Дар ин рӯзу соат дар шабакаҳои иҷтимоӣ, расонаҳо, телевизион ва дигар минбарҳо “бузургӣ”–и инсоният пайваста пахш мешавад. Варзишгарони боистеъдод, ситораҳои зебои Ҳолливуд, навозандагони боистеъдод, гуруҳои тиҷорат, пешвоёни харизматик ва дигар шахсиятҳои барҷастаро ҳамеша ситоиш мекунанд. Онҳо аз ҳар ҷиҳат ҷалол медиҳанд ва ҳарчанд ин безарар ба назар мерасад, чунин ҷалоли пайвастаи инсон моро аз андеша дар бораи ҳақиқати ҷалоли Худо дур мекунад.

Мо бо Лиза бо ин тақрибан бисту панҷ сол пеш ҳангоми тарбияи чор писарамон дучор шуда будем. Он вақт чунин ҷараёни иттилоот вуҷуд надошт, зеро мо барномаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ надоштем. Аммо ҳатто дар он вақт мо мушоҳида кардем, ки писарони мо ба як баскетболбози касбӣ аз ҳад зиёд таваҷҷӯҳ доранд. Дар он лаҳза ӯ маъмултарин варзишгар дар Амрико буд. Бисёриҳо ӯро бутпарастӣ мекарданд ва ҳатто баъд аз даҳсолаҳо шӯҳраташ паст нашудааст.

Оилаи мо дар соҳили Шарқӣ хизматгузорӣ мекард ва мо дар меҳмонхонае дар соҳили уқёнус қарор гирифтем. Мо худи ҳозир пас

аз чанд соати дар соҳил будан, ба ҳуҷраи баргаштем. Писарбачаҳоро дар мавҷҳои пуртӯфони уқёнуси Атлантика печутоб медод ва онҳо аз қувваи он шоду мафтун буданд.

Ман бо се писарони калониамон барои сӯҳбат кардан нишастам. Ба дарҳои шишагини лағжанда ишора карда пурсидам: “Бачаҳо, уқёнус бузург аст, ҳамин тавр не?”

Онҳо якдилона ҷавоб доданд: “Ҳа, падар”.

Ман идома додам: “Шумо танҳо якчанд милро мебинед, аммо дар асл уқёнус ҳазорҳо мил тӯл мекашад”.

Бачаҳо, ки бо сачоқҳои гарм печонида шуда буданд, ҷавоб доданд: “Ваҳ!”

«Ва ин уқёнус ҳатто бузургтарин уқёнус нест; боз якто ҳаст, боз ҳам азимтар, ки онро укьёнуси Ором меноманд. Ва ғайр аз инҳо ду, боз ду то ҳаст”.

Писаронамон бо тааҷҷуб хомӯшона сар ҷунбонданд ва мо шунидани садои пурқудрати мавҷҳоро паси дарҳои кушода, идома додем.

Дар рафти сафари мо мусобиқаи ҷоирии пас аз мавсимии NBA дар авҷ буд. Матбуот, телевизиони кабелӣ, писарони мо ва дӯстони онҳо дар бораи комьёбиҳои ин ситораи баскетбол пайваста муҳокима мекарданд. Писарони маро, он чи ки ӯ бо як даст тӯби баскетболро ба осонӣ нигоҳ медошт, таассурот бахшид. Чун медонистам, ки писаронам то чӣ андоза бузургии оберо, ки ман дар боло тавсиф карда будам, фаҳмиданд, ман пурсидам: “Бачаҳо, оё шумо медонед, ки Худо тамоми оберо, ки шумо мебинед, ва инчунин ҳар чизе, ки ман тавсиф кардам, дар мушти Худ андоза намудааст?” (ниг. Ишаъё 40:12). Дар чеҳраҳои онҳо ҳайрати ҳақиқӣ зоҳир шуд.

Баъд ман боибораҳои оддитарин на танҳо дар бораи андозаҳо, балки дар бораи қувваи уқёнус низ сухан рондам. Ман ба писаронамон гуфтам, ки агар метеорити паҳнои як мил ба уқёнуси Атлантикӣ дар чандсад мил дуртар аз соҳили Ню-Йорк афтад, он мавҷи ба қадри кофӣ калонеро ба вуҷуд меорад, ки барои аз рӯи Замин несту нобуд кардани ҳамаи сохтмони соҳилибаҳрии ҷанубии Америкаро дар ҳавзи Кариб ва қисми зиёди соҳилибаҳрии Атлантикии Америкаи Ҷанубӣ, кофӣ аст! Ва ин ҳоло ҳамааш нест! Ин мавҷ аз уқёнус гузашта, якчанд шаҳрҳои соҳили Европа ва Африқоро несту нобуд мекунад. Бо вуҷуди ин, он аз сабаби чуқурии бузурги Атлантика он қадар баланд нахоҳад буд. Баъд ман пурсидам: “Агар тамоми массаи обҳои уқёнус ба сари инсоният афтад, чӣ рӯй медод? Дар уқёнусҳои ҷаҳонӣ қудрати бузурге вуҷуд дорад, аммо Худо ҳар як қатраи ин обро дар кафи дасташ баркашидааст!”

Пас аз он ман ба муҳокимаи осмони шаб гузаштам. Ман аз бачаҳое, ки ин дар ин лаҳза, комилан аз нақл мафтун гардида буданд, пурсидам: “Оё шумо медонед, ки Китоби Муқаддас дар бораи бузургии Худо боз чӣ мегӯяд?” – “Чӣ, падар?”

“Дар он гуфта шудааст, ки Худо метавонад афлокро бо ваҷаби худ чен кунад” (Ишаъё 40:12). Дастамро назди онҳо дароз карда нишон додам, ки ваҷаб – ин масофа аз нӯги ангушти калон то нӯги ангушти хурд аст.

Он рӯз ман аз писарони худ пурсидам, ки ҳоло аз шумо чиро мепурсам: “Шумо боре дар бораи андозаи афлок фикр кардаед?” Ин берун аз қобилиятҳои равонии мо аст. Шояд агар мо як лаҳза кӯшиш кунем, ки бузургии афлокро ҳис кунем, мо ба он наздик мешавем, ки ақалан каме ҷалоли Ӯро дарк кунем.

Он чизе ки ман навиштан мехоҳам, то андозае хусусияти техникӣ дорад, аммо ман шуморо ба он даъват мекунам, ки хонданро идома диҳед, ҳоло, ман кӯшиш мекунам, ки ҳама чизро содда ва фаҳмо баён кунам, чунон ки барои писаронамон кардам. Вақте, ки ки мо дар бораи ин далелҳо мулоҳиза мекунем, онҳо моро аз бузургии Ӯ бо ҳисси тарс пур мекунанд, зеро ба мо гуфта шудааст:

> “Осмонҳо ҷалоли Худоро эълон мекунанд” (Забур 18:2).

Аз рӯи тахмини олимон, ки дар Афлок миллиардҳо галактика мавҷуд аст, ки ҳар кадоми онҳо тақрибан 100 миллион ситора доранд. Андозаи ин галактикаҳо нисбат ба фазои байни онҳо хеле хурд аст.

Офтоби мо дар яке аз ин галактикаҳо вокеъ аст. Галактикаи мо чунон бузург аст, ки вақте ки шумо ба осмони шаб нигоҳ мекунед, шумо тамоми Афлокро намебинед, балки танҳо галактикаи хурдеро (нисбат ба Афлок), ки мо дар он зиндагӣ мекунем, мебинед. Онро Роҳи Каҳкашон меноманд. Агар фикрро минбаъд инкишоф диҳед, пас шумо ҳатто на ҳамаи Роҳи Каҳкашонро мебинед, балки танҳо як қисми онро мебинед. Охир, аксарияти ситораҳои галактикаи мо хеле дуранд, ки бо чашми оддӣ онҳоро дидан номумкин аст.

Аз ин рӯ, биёед танҳо дар бораи он ситораҳое сухан гӯем, ки ҳар шаб мо *метавонем* бо чашми оддӣ бубинем. Ситораи наздиктарин ба сайёраи мо, ба истисноӣ Офтоб, дар масофаи ҳамагӣ 4,3 соли рӯшноӣ аз мо ҷойгир аст. Ин барои аксари одамон амалан ҳеҷ чизе нест, бинобар ин ман мефаҳмонам. Нур бо суръати 186,282 мил дар як сония – на дар як соат, балки дар *як сония* мегузарад. Ин тақрибан 670 миллион мил дар як соат аст. Ҳавопаймоҳои мо бо суъати дар як

соат қариб 500 миль парвоз мекунанд. Ҳамин тавр, чунон ки шумо мебинед, он бениҳоят тез аст!

Барои фаҳмидани он, ки ин чӣ қадар тез аст, биёед тасаввур кунем, ки мо метавонем бо ҳавопаймои реактивӣ ба Офтоб парвоз кунем. Вақте ки ман ба Осиё парвоз мекунам, ки дар тарафи муқобили хонаи ман, дар курраи замин ҷойгир аст, ба ман тақрибан бисту се соат вақт лозим аст. Агар ман бо худи ҳамон ҳавопаймо ба сӯи Офтоб беист парвоз мекардам, ба ман қариб бисту як сол лозим мешуд! Дар бораи он фикр кунед, ки шумо бисту як сол пеш дар куҷо будед ва сипас тасаввур кунед, ки шумо тамоми вақти байни он лаҳза ва то имрӯзро дар ҳавопаймо гузаронидед (умедворам ҷои шумо назди иллюминатор аст). Барои онҳое, ки мошинро афзалтар медонанд... Хуб, ин имконнопазир нест, зеро барои ин тақрибан дусад сол лозим мешуд, бе ба ҳисоб гирифтани таваққуфҳо барои истироҳат ва харидани сӯзишворӣ. Акнун биёед бипурсем, то ба Замин расидани нур чанд вақт лозим аст? Ҷавоб – ҳамагӣ 8 дақиқаю 20 сония аст!

Биёед Офтобро мегузорему, ба ситораи наздиктарин мегузарем. Мо аллакай медонем, ки он аз Замин дар масофаи 4,3 соли рӯшноӣ ҷойгир аст. Агар мо модели миқёси Замин, Офтоб ва ситораи наздиктаринро созем, он чунин менамояд. Дар таносуб, Замин ба андозаи донаи мурч хурд мешуд ва Офтоб ба андозаи як тӯби диаметраш каме бештар аз 20 см мешуд. Дар чунин ҳаҷм, масофа аз Замин то Офтоб тақрибан бисту чор метрро — чоряк дарозии майдони футболро ташкил медод. Аммо, дар хотир доред, ки барои ин масофаи бисту чор метрро тай намудани як ҳавопаймое, ки ба ҳаҷми зарури мутобиқ гардонида шудааст, бештар аз 21 сол лозим аст.

Инак, агар ин моделҳои Замин ва Офтоб бошанд, оё шумо тахмин карда метавонед, ки ситораи наздиктарин аз мурчи мо дар кадом масофа ҷойгир мешуд? Шумо фикр мекардед: як километр, ду ё шояд як мил? Новобаста аз он ки чӣ тавр аст! Наздиктарин ситораи мо аз мурч чор ҳазор мил дуртар ҷойгир хоҳад буд! Ин маънои онро дорад, ки агар мо Замин-мурчи моро дар Ню-Йорк гузорем, пас Офтобе, ки то ба он расидан бисту як соли парвоз лозим аст, дар Ню-Йорк аз он бисту чор метр дуртар хоҳад буд, аммо наздиктарин ситораи модели миқёси мо дар ягон ҷое берун аз Лос–Анҷелес, дар 1000 мили қаъри уқёнуси Ором хоҳад буд! Саёҳат ба ин ситораи наздиктарин тавассути ҳавопаймо тақрибан 51 *миллиард* солро дар бар мегирад, агар бе таваққуф парвоз кунем! Ин 51 000 000 000 сол аст! Дар баробари ин, нури ин ситора ба Замин ҳамагӣ дар 4,3 сол мерасад!

Мавзӯъро инкишоф медиҳем. Аксари ситораҳое, ки шумо шабона

бо чашми оддӣ мебинед, дар масофаи аз сад то ҳазор солҳои рӯшноӣ ҷойгиранд. Аммо, чанд ситорае ҳастанд, ки онҳоро бо чашми оддӣ дар масофаи то чор ҳазор соли рӯшноӣ дидан мумкин аст (хотиррасон мекунем, ки инҳо ҳатто ситораҳои на он қадар дуртарини галактикаи хурдакаки мо ҳастанд). Ман ҳатто кӯшиш намекунам ҳисоб кунам, ки барои бо ҳавопаймо ҳатто ба яке аз ин ситораҳо расидан, чӣ қадар вақт лозим аст. Аммо шумо танҳо фикр кунед: вақте ки шумо шабона ба кӯча мебароед ва ба яке аз ин ситораҳое нигоҳ мекунед, ки дар масофаи 4000 соли рӯшноӣ ҷойгир аст, дар асл ба нуре нигоҳ мекунед, ки ин ситораро тақрибан дар давраи издивоҷи Иброҳим бо Соро тарк кардааст ва кадоме, ки аз он вақт бо суръати 670 миллион мил дар як соат, суст нагардида, ҳаракат мекард ва ҳоло то ба Замин мерасад!

Дар хотир доред, ки инҳо танҳо ситораҳои галактикаи хурдакаки мо бо номи Роҳи Каҳкашон мебошанд. Мо ҳатто ба миллиардҳо галактикаҳои дигар назар накардем! Ва фаромӯш накунед, ки байни галактикаҳо фазои бузурге вуҷуд дорад! Масалан, мо як галактикаи ҳамсояи хеле наздик дорем, ки Андромеда ном дорад. Масофа аз мо то он тақрибан 2,3 миллион соли рӯшноӣ аст! Танҳо фикр кунед: нуре, ки бо суръати 670 миллион мил дар як соат ҳаракат мекунад, барои расидан ба Замини мо аз ин галактика, зиёда аз ду миллион сол лозим аст! Ва ин ҳамсояи наздиктарини мост. Аммо миллиардҳо галактикаҳои дигар вуҷуд доранд! Мо ҳоло аз чорчӯбаҳои имкониятҳои дарккунии худ берун набаромадем?

Бори дигар хотиррасон мекунам: Ишаъё мегӯяд, ки Худо ин афлоки азимро бо ваҷаби худ — аз ангушти калон то ангушти хурд чен кардааст! Зиёда аз он, Сулаймон бо Рӯҳи Худо мегӯяд: “Оё дар ҳақиқат Худо бар замин сокин хоҳад шуд? Охир, осмон ва фалакулафлок наметавонад Туро гунҷоиш диҳад!” (3 Подшоҳон 8:27). Шумо ақалан камтар дарк мекунед, ки мо Киро муҳокима мекунем?

Баъд аз он, ки мо ба писаронамон ин ҳамаро нақл кардем, ба онҳо нуқтаи назари дуруст дар бораи мақоми суперситораи NBA баргашт. Онҳо пас аз мулоҳиза кардан дар бораи бузургии Офаридгори мо, дигар ба истеъдодҳои ӯ, ҳайрати носолим эҳсос намекарданд.

Аммо барои шумо, хонанда, ман мехостам боз каме дуртар равам. Падари Осмонии мо на танҳо чизҳои аҷиби миқёс ва таносуби боварнокарданӣ офарид. Нозукиҳои ин офаридаҳо низ аз ҷалоли Ӯ хабар медиҳанд. Илм барои омӯхтани фаъолияти ин олами табиӣ, солҳо ва маблағҳои калон сарф мекунад. Аммо то кунун вай танҳо як қисми андакеро аз он ҳикмате, ки дар офариниши Ӯ ҷойгир шудааст, ошкор кардааст. Бисёр саволҳое боқӣ мондаанд, ки ба онҳо ҷавоб

вуҷуд надорад. Тарҳҳо ва унсурҳои сохтории Ӯ мисли пештара моро дар ҳайрат мегузоранд.

Дар асоси тамоми шаклҳои ҳаёт ҳуҷайраҳо. Ҳуҷайраҳо — блокҳои сохтмонии бадани инсон, наботот, ҳайвонот ва дигар мавҷудоти зинда мебошанд. Бадани инсон, ки худ як мӯъҷизаи муҳандисӣ аст, тақрибан 100 000 000 000 000 000 ҳуҷайраро дар бар мегирад (шумо ин рақамро дарк карда метавонед?!) ва ин ҳуҷайраҳо хеле гуногунанд. Худо бо ҳикмати худ ин ҳуҷайраҳоро барои иҷрои вазифаҳои мушаххас тарҳрезӣ кардааст. Онҳо мувофиқи ҷадвали дақиқ — калон мешаванд, афзоиш меёбанд ва ниҳоят мемиранд.

Гарчанде ки ҳуҷайраҳо ба чашми оддӣ ноаёнанд, онҳо зарраҳои на аз ҳама хурдтарини ба инсон маълум мебошанд. Ҳуҷайраҳо аз бисёр сохторҳои хурде, ки молекулаҳо ном доранд, ва молекулаҳо аз сохторҳои аз он ҳам хурдтар, ки элементҳо номида мешаванд, иборатанд. Ва дар дохили элементҳо сохторҳои аз он ҳам хурдтар мавҷуданд, ки атомҳо номида мешаванд.

Атомҳо чунон хурд ҳастанд, ки дар нуқтаи охири ин ҷумла, онҳо беш аз як миллиард адад вуҷуд доранд. Новобаста аз он ки атом чӣ қадар хурд аст, он қариб пурра аз фазои холӣ иборат аст. Қисми боқимондаи атом аз протонҳо, нейтронҳо ва электронҳо иборат аст. Протонҳо ва нейтронҳо дар як ядрои хурд ва хеле зич гурӯҳбандӣ шудаанд, ки дар худи маркази атом ҷойгиранд. Нурҳои хурди энергия, ки электрон ном доранд, дар атрофи ин ядро бо суръати рӯшноӣ давр мезананд. Инҳо элементҳои асосии сохторӣ мебошанд, ки ҳама чизро якҷоя нигоҳ медоранд.

Пас, атом энергияи худро аз куҷо мегирад? Ва кадом қувва зарраҳои энергетикии онро якҷоя нигоҳ медорад? Олимон инро қувваҳои *электромагнитӣ* ва қувваи *ядери* меноманд. Инҳо танҳо истилоҳҳои илмии мӯдӣ мебошанд, ки чизеро тавсиф мекунанд, ки ҳанӯз пурра шарҳ додани онҳо имконнопазир аст. Охир, Худо аллакай гуфта буд, ки “ҳама чизро бо каломи қуввати Худ нигоҳ медорад” (Ибриён 1:3). Ва дар китоби Қӯлассиён (1:17) гуфта шудааст: “Ҳама чиз дар Ӯст”.

Таваққуф карда, дар ин бора фикр кунед. Ана ин аст Офаридгори пурҷалоле, ки мо Ӯро Падар меномем ва Кадомеро, ки ҳатто афлок дар бар гирифта наметавонад. Вай метавонад афлокро бо ваҷаби Худ чен кунад, аммо ҳамзамон Ӯ нақшаи худро дар бораи сайёраи хурди мо ва мавҷудоти дар он зиндагикунанда, то ба ҳадде хурдтарин тафсилот андеша кард, ки шумораи зиёди саволҳое боқӣ мондаанд,

ки илми муосир то ҳол, ҳатто пас аз таҳқиқоти чандинсола ҷавоб дода наметавонад. Тааҷҷубовар нест, ки забурнавис чунин мегӯяд:

> “Вақте ки ба осмони Ту менигарам, ки санъи ангуштони Туст, ва ба моҳ ва ситорагоне ки Ту офаридаӣ, — Пас чист инсон, ки ӯро ёд кунӣ, ва фарзанди одам, ки ӯро тафаққуд намоӣ?” (Забур 8:4, 5).

Ман фикр мекунам, ки мо метавонем дар ин ҷо хотима бахшем. Агар ба ман тахмин кардан лозим мешуд, ман мегуфтам, ки забурнавис эҳтимол фикрҳои яке аз фариштаҳои бузургеро, ки тахти Худоро иҳота кардаанд, ифода мекунад. Онҳо ба хотири бузургии бепоёни Ӯ, оиди муқаддасӣ фарёд заданро идома медиҳанд. Худи ҳамин махлуқот дидаанд, ки чӣ гуна Ӯ як олами азимеро бо тамоми мураккабияш офарид ва сипас офариниши одамонро назора карда, хитоб карданд: “Инаш боз чист? Барои чӣ Худо ба ин одамони кӯчак дар ин сайёраи хурдакак ин қадар таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад?”

Пас аз сӯҳбат кардан бо ман, писаронам дигар аз шӯҳрати шахсиятҳои маъруфи замони мо маст намешуданд, фикру хаёли онҳо пурра ба он набуд. Бачаҳо фаҳмиданд, ки ҳама чизи бузург дар сайёраи мо, дар муқоиса бо бузургии Худои мо, пажмурда мегардад.

Умедворам, ки ин замима ба шумо низ чунин таъсир расонид. Оиди он фикр кунед, ки шумо дар партави саволе, ки Худо ба халқи Худ тавассути Ишаъёи набӣ дода буд, чӣ хондед: “Пас, Маро ба кӣ монанд мекунед, то ки Ман ба вай баробар бошам? (Ишаъё 40:25).

Албатта, дар бораи мӯъҷизот ва ҳикмати офариниши Ӯ на як китоб навиштан мумкин аст. Аммо дар ин ҷо ман дар назди худ чунин мақсад намегузорам. Ман мехоҳам, ки аз офариниши дастони Ӯ тааҷҷуб ва мафтуниро бедор кунам, зеро онҳо ҷалоли бузурги Ӯро эълон мекунанд!

# ДОМИ ШАЙТОН

*Ҳаёт дар озодӣ аз доми марговари набахшидан*




“Доми шайтон” яке аз ҳама домҳои маккорро, ки душман барои дур кардан имондорон аз иҷрои иродаи Худо истифода мебарад, рӯи об мебарорад: ин васвасаҳо. Аксарияти одамон дар қайди ин дом ҳастанд ва ҳатто дар ин бора хабар ҳам надоранд.

Фирефта нашавед! Масеҳ гуфтааст: “Ҳеҷ мумкин нест, ки васвасаҳо ба миён наоянд” (Луқ. 17:1). Шумо наметавонед интихоб кунед, ки фиребхӯрда бошед ё набошед, лекин шумо метавонед қарор кунед, ки чӣ тавр ба ин даъват ҷавоб гардонед. Агар шумо ба васвасаҳо дуруст аксуламал кунед, шумо боқувват, на ин ки афсурдахотир, мешавед. Танҳо аксуламали дуруст ба шумо имконият медиҳад, ки муносибатҳои бемонеа бо Худо дошта бошед.

Тавассути ин нома Ҷон Бивер шуморо таълим медиҳад, ки чӣ тавр пайравони иродаи Худо бимонед, ва аз гумонбарӣ ва нобоварӣ озод шавед. Шумо метавонед аз фикри худро қурбоншуда шуморидан раҳоӣ ёбед, ва бе бори мушкилиҳо ва ноумедиҳои барзиёд умр ба сар баред. Вақте ки шумо дараҷаи олитарини итоат ба Худоро ошкор месозед, ҳаёти шумо аз бахшиш, сулҳу осоиштагӣ ва шодии бе ҳадду канор пур хоҳад гашт.

Дар **MessengerX.com** дастрас аст

# X: ПОТЕНСИАЛЕРО, КИ ХУДО БА ШУМО ДОДААСТ, АФЗУН КУНЕД




Оё шумо боре худро дар Подшоҳии Худо ҳамчун тамошобин ҳис кардаед? Эҳтимол, шумо медонед, ки ягон кореро бояд ба иҷро расонед, вале фаҳмида наметавонед, ки ин чӣ коре аст. Бисёре аз моён бо ҳаёти худ таъсири бузург расонидан мехоҳанд, вале, шояд, шумо саволҳои беҷавобе доред, ба мисли:

- Чӣ тавр фаҳмидан мумкин аст, ки ман иродаи Худоро барои ҳаёти худ аз даст надода истодаам?
- Истеъдодҳои нотакрори ман дар бунёди Подшоҳии Худо то кадом дараҷа аҳамият пайдо карда метавонанд?
- Ман чӣ гуна дилпур буда метавонам, ки потенсиали ба ман додаи Худоро истифода мебарам?
- Агар ман дар "хидматгузорӣ" набошам, оё даъвати ман камаҳамият аст?
- Чӣ тавр тавозунро дар байни оромиш ёфтан дар файзи Худо ва амал кардан барои Подшоҳии Ӯ нигоҳ дошта метавонам?
- Чӣ тавр ҳатто дар ҳолати дудилагӣ ва хатар тарсро аз худ дур карда, ба пеш ҳаракат карда метавонам?

Дар ин китоби пурмазмун муаллиф Ҷон Бивер ба омӯзиши ҳамаҷонибаи Китоби Муқаддас такя мекунад ва қиссаҳои аҷоибро истифода мебарад, то ки барои ба таври дигар фикр кардани шумо оиди даъвати худ ва барои фаҳмидани он, ки чаро он барои Худо муҳим аст, кӯмак кунад. Ин китобро хонда истода, шумо афзун кардани атоҳои худодода ва истифода бурдани потенсиали худро ёд мегиред!

Дар **MessengerX.com** X дастрас аст

# МУКОФОТ БАРОИ ЭҲТИРОМ




Оё шумо боре худро дар Подшоҳии Худо ҳамчун тамошобин ҳис кардаед? Ягон масеҳӣ намехоҳад, ки Худоро маҳдуд созад, аммо бисёре аз мо нафаҳмида,  бо инкор кардани принсипи бисёр муҳими рӯҳонӣ - шараф, амалҳои Ӯро дар ҳаётамон маҳдуд мекунем.

Шараф – ин мафҳуме, ки дар маданияти мо умуман гум шудааст; аммо, чи хеле ки шумо дар саҳифаҳои ин китоб хоҳед дид, он барои озодкунии подшоҳии Худо дар тамоми соҳаҳои ҳаётамон асосӣ мебошад.

Дар китоби "Мукофот барои эҳтиром" муаллифи шоҳасарҳо Ҷон Бивер ошкор месозад, ки даъват ба шарафро қабул намуда, шумо ба системаи арзишҳои Худо мутобиқ омаданро сар мекунед ва ҳамаи он чизеро, ки Ӯ барои шумо муайян кардааст, ба даст меоред.

Принсипҳои амиқи библиявиро бо ҳодисаҳои таъсирбахш, ки онҳоро дар амал нишон медиҳанд, якҷоя карда, ин китоб ба шумо назари тару тоза ба ин накӯкори фаромӯшшуда медиҳад, ва, муҳимтар аз он, кӯшиши ба ҳамаи соҳаҳои ҳаётатон овардани онро медиҳад.

Дар **MessengerX.com** дастрас аст

# MessengerX

*Роҳ ба шогирдӣ барои ҳар кас, дар ҳар ҷо*




- **Ройгон бо бештар аз 125 забонҳо**
- Ҳамчун барнома ва онлайн дастрас аст
- Маводҳое, ки барои такомули рӯҳонии шумо нигаронида шудаанд
- Саргузашти ҳаёт ва роҳи шогирдии худро тадқиқ кунед






Китобхонаи пурраи маводҳоро барои шогирдсозии Messenger дастрас мекунед – китобҳои электронӣ, дарсҳои видео ва аудиоӣ, аудиокитобҳо, Китоби Муқаддас... Дар тамоми дастгоҳҳои худ тамошо кунед, хонед ва шунавед.

**MessengerX.com**

Зеркашӣ дар App Store

Инро гиред Google Play

Дар тамоми ҷаҳон дар App Store ва Google Play дастрас аст.

# Тарс аз Худо чӣ маъно дорад?

Оё шумо ташнаи муносибатҳои боз ҳам наздиктар бо Офаридгори худ ҳастед? Оё Ӯ ба назар дур, ҳатто дастнорас аст? Ҷон Бивер моро итминон медиҳад, ки Худо — наздик аст, аммо, шояд, дар муошырати шумо бо Ӯ, як чизи хеле муҳим намерасад — тарси Худованд.
Дар китоби "Тарс назди Худо", Ҷон Бивер шуморо ба он даъват мекунад, ки бо тарсу ларз наҷоти худро амалӣ намудан чӣ маъно дорад, бо нигоҳи нав назар андозед. Ин фазилати дар бисёр чиз фаромӯшшуда — роҳи ғайриоддӣ ба сӯи ҳаёти комил ва пурсамар аст. Шумо мефаҳмед, ки тарси муқаддас

- барои муносибатҳои наздик бо Худо ҳаётан муҳим аст;
- моро аз ҳама тарсу ҳаросҳои дигар озод мекунад;
- майлу хоҳиш ваниятҳои ботинии моро пок месозад;
- моро ба ҳикмати ҳақиқӣ, фаҳмиш ва дониш мебарад.

Тарсгории муқаддас ҳаётеро боз мекунад, ки Худо барои мо пешбинӣ кардааст. Танҳо тавассути инкишоф додани ин фазилат дар худ, мо оромӣ, амният ва шодмонӣ пайдо мекунем, ки ба бисёриҳо онҳо дастнорас менамоянд. Ба ҷои назди Офаридгори мо аз тарс фишурда шудан, тарси Худоро қабул кунед, ки шуморо ба сатҳи баландтари зиндагӣ мебардорад ва ҳамешагӣ шуморо тағйир медиҳад.



**ҶОН БИВЕР —** хизматгузоре, ки бо муносибати далерона ва бегузашти худ ба каломи Худо машҳур аст. Ӯ ҳамчунин муаллифи шоҳасарҳои байналмиллалӣ аст, китобҳои ӯ миллионҳо нусха фурӯхта шудаанд ва ба беш аз 125 забонҳо тарҷума шудаанд. Ҷон ва зани ӯ Лиза — муассисони "Мессенҷер Интернэшнл" мебошанд, ки ҳадафи он — ба таври қатъи таъсир расонидан ба шогирдӣ дар тамоми ҷаҳон, тарбия намудани пайравони боғайрат ва матини Масеҳ аст.

MessengerX

Барои сабткуниҳои ройгон ва сабти видеоии пайдарҳам ба **MessengerX.com** ташриф оред.

Бисёртар донистан мехоҳед?
Аз ин ҷо скан кунед:

Messenger INTERNATIONAL

Ин китоб аз ҷониби муаллиф тӯҳфа аст.
На барои фурӯш.